ISSN 2414 9217

https://www.gospravacheloveka.tnu.tj

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научно-практический журнал**

**№ 3 (27)**
**2022**

**ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

**№ 3 (27)**
**2022**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 196/МҶ-97 аз 12 апрели соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.**
**Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**
**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир:** | **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Муовини сармуҳаррир:** | **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Котиби масъул:** | **Салоҳидинова С.М. – н. и. ҳ.** |

**Ҳайати таҳририя:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ф., профессор** |
| **Маҳмудзода М.А.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Авакян С.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Зоир Ҷ.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. и. с., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Раҳмон Д.С.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ҷамшедов Ҷ.Н.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Камолзода И.И.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Павленко Е.М.** | **н. и. ҳ., дотсент** |

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Наимов Б.Ғ., Сафарзода Н.Ф.**

**ISSN 2414 9217**

**ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА**
**Научно-практический журнал**

**№ 3 (27)**
**2022**

**Издание зарегистрировано в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 196/МЧ-97 от 12 апреля 2021 года.**
**Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Журнал выходит с 2016 года, издается 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***

| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **Салохидинова С.М. – к. ю. н.** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ф. н., профессор** |
| **Махмудзода М.А.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ю. н., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Авакьян С.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоир Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. п. н., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Джамшедов Дж.Н.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Камолзода И.И.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Павленко Е.М.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Наимов Б.Г., Сафарзода Н.Ф.**

**ISSN 2414 921**

# МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

## НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)


| | | |
|---|---|---|
| **Насриддинзода Э.С., Абдулхайрзода Ҷ.** | Механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **7** |
| **Миралиев И.Қ., Зокирова Н.И.** | Ташкилёбӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистони то замони Истиқлолияти давлатӣ | **25** |
| **Шарифзода С.Ш.** | Ҳифзи амнияти миллӣ ҳамчун асоси устувории соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | **39** |
| **Азиззода У.А., Калонов Ф.М.** | Мавқеи таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар афкори сиёсӣ-ҳуқуқии Шарқ | **48** |
| **Аҳадзода А.А.** | Мафҳум ва моҳияти ҷарима: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ | **60** |
| **Ашуриён Ш.Р.** | Баъзе падидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи империӣ ва инъикоси онҳо дар осори академик Тоҳиров Ф.Т. | **71** |
| **Миралиев И.Қ.** | Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили ҳуқуқии рушди ҷомеа | **78** |
| **Қурбонова Ш.Х.** | Мафҳуми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак: таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ | **94** |
| **Холиков Н.А.** | Правовые нюансы принципа «одно государство, две системы» в современном мире: перспективы и проблемы | **105** |


## ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)


| | | |
|---|---|---|
| **Диноршоҳ А.М., Саиданваров Қ.Ҷ.** | Кафолатҳои ҳуқуқии гурезаҳо тибқи қонунгузории ҷумҳурии тоҷикистон | **115** |
| **Murodzoda U.U., Azimov S.Sh.** | The role of the constitutional court in resolving constitutional-legal disputes | **124** |


## ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)


| | | |
|---|---|---|
| **Соҳибзода М.М., Тоҷидинов М.А.** | Мафҳуми гирифтани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин | **130** |
| **Бобохонов Ҳ.З.** | Нақши Кодекси граждании Ҷумҳурии | **145** |

| | | |
|---|---|---|
| | Тоҷикистон дар танзими муносибатҳои молу мулкӣ ва такмили меъёрҳои он чун тақозои замон | |
| **Қодирқулов Х.Р., Саломов И.И.** | К вопросу о применении категория оговорка о публичном порядке в трудовых отношениях с иностранным участием | **153** |
| **Кабутов Э.Д.** | Заключение договора по итогам торгов | **163** |
| **Буриев А.Р.** | Мафҳум ва хусусиятҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар танзими ҳуқуқи гражданӣ | **171** |
| **Каримов Х.С.** | Доир ба баъзе масъалаҳои мафҳум ва мавзуи ҳуқуқи асъор | **190** |
| **Давлатов Н.М.** | Баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол | **199** |
| **Абдуллозода А.Р.** | Дурнамои рушди шартномаҳои консессионӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон | **207** |


**ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ (ИХТИСОС: 12.00.04) – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.04)**

| | | |
|---|---|---|
| **Буриева Д.Т.** | Объекти андозбандии андози замин | **221** |


**ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 12.00.05) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.05)**

| | | |
|---|---|---|
| **Махмадуллозода Н.Р.** | Становление и развитие правового регулирования миграционных процессов в Республике Таджикистан | **238** |
| **Бобокалонова С.Ғ.** | Хусусияти танзими ҳуқуқии меҳнати занон ва шахсони дорои уҳдадории оилавӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи меҳнатӣ | **256** |


**ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)**

| | | |
|---|---|---|
| **Давлатзода К.Д.** | Таҳқиқоти ҳуқуқии ҷиноятии мафҳуми киберҷиноятҳо | **266** |
| **Қурбонзода Б.Ш.** | Терроризм ва экстремизм – ҷиноятҳои фаромиллӣ | **273** |
| **Камолов Х.С.** | Институти масъуниятҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста ба амали қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар макон | **281** |
| **Қурбонов С.** | Масоили муайн кардани объекти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам | **294** |
| **Хоҷазода Ф.Ф.** | Таърихи пайдоиш ва ташаккули институти даст задан ба ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ | **305** |


**ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНО-**

**ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)**

| | | |
|---|---|---|
| **Искандаров З.Х., Абдуллозода П.С.** | Некоторые вопросы направление запроса о выдаче лица, находящегося на территории иностранного государства (на примере постсоветских государств) | **318** |

**ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)**

| | | |
|---|---|---|
| **Asoev D.B.** | The juridical aspects of Russian soft and hard power in Central Asia | **329** |

**КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 12.00.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)**

| | | |
|---|---|---|
| **Давлатзода К.Д.** | Проблемаҳои мукамалгардонии батанзимдарории ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ | **348** |

| | |
|---|---|
| **Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд** | **361** |
| **Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»** | **362** |

# НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСӢ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ ПРАВОВЫХ И ПОЛИТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)

## МЕХАНИЗМҲОИ ҲИФЗ ВА ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** +992 902557555
**E-mail:** nasriddinzoda66@mail.ru

**Абдулхайрзода Ҷамила,**
аспиранти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**E-mail:** abdulkhayrzoda@mail.ru
**Тел:** (+992) 935-57-55-55

**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ – механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Кафили бевоситаи ҳифз ва татбиқи меъёрҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак мақомоти вакалотдори давлат ба ҳисоб меравад. Танҳо дар сурати таҳияи механизмҳои пешқадам, самаранок ва ташкили механизми ягонаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, ки ҳамаи сохторҳои он якҷоя амал мекунанд, шароити мусбати риояи ҳуқуқи кӯдакро муқаррару таъмин намудан мумкин аст. Мафҳуми механизми ҳифзи ҳуқуқи кӯдак низоми воситаҳои таъсиргузорӣ, муштараки иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дарназар аст, ки барои таъмини татбиқи ҳуқуқи кӯдак ба кор бурда мешавад. Ин ҷо ҳадаф, сухан дар бораи воситаҳои муштараки иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак меравад. Маҷмуи чораҳои иқтисодӣ, созмондиҳӣ ва ҳуқуқие, ки тавассути давлат бо мақсади рафъи мушкилоти иҷтимоӣ кафолат дода шудаанд, ҳифзи иҷтимоиро ташкил медиҳад. Мафҳуми «ҳифзи иҷтимоӣ» нисбат ба мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқӣ» маънои васеътарро ифода менамояд, чунки ҳифзи

ҳуқуқӣ ҷузъи категорияи ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Зеро «воситаҳои ҳуқуқӣ» ҷузъи системаи иҷтимоии танзим ва таъсиррасонӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар робита ба масоили ҳифз ва ҳимояи шахсият маҳсуб мешаванд.

Дар мақола метавон натиҷагирӣ намуд, ки истифодаи воситаҳои педагогӣ дар фаъолияти марбут ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак боиси афзоиши муассирияти фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ дар заминаи ҳифзи ҳуқуқ мегардад. Ҳифзи ҳуқуқи ноболиғон аз лиҳози иҷтимоӣ ва педагогӣ истифодаи шаклу методҳои мухталифи ҳуқуқӣ, аз қабили соҳаи маориф, кормандони соҳаи иҷтимоӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони ташкилоту созмонҳои иҷтимоиро пешбинӣ ва тақозо менамояд.

**Калидвожаҳо:** Механизмҳои ҳуқуқӣ, механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқи кӯдак, кӯдакон, манфиятҳои кӯдак, қонунгузорӣ, ноболиғ, қонунгузории байналмилалӣ, ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон, адолатнокӣ, ҳифзи судӣ, адолати судӣ, мурофиаи судӣ, инсондустӣ, арзишҳои умумиинсонӣ, баробарҳуқуқӣ, васоят ва парасторӣ, ҳамкории байналмилалӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таъсиррасонӣ, воситаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## МЕХАНИЗМЫ ЗАЩИТЫ И ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРАВ РЕБЁНКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Насриддинзода Эмомали Сайфиддин,**
член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** +992 902557555
**E-mail:** nasriddinzoda66@mail.ru

**Абдулхайрзода Джамиля,**
аспирант кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 935-57-55-55
**E-mail:** abdulkhayrzoda@mail.ru

**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация.** Статья посвящена одному из важнейших вопросов юриспруденции – механизмы защиты и обеспечения прав ребёнка в

Республике Таджикистан. Уполномоченные государственные органы являются непосредственными гарантами защиты и реализации норм по защите прав ребёнка. Создание и обеспечение позитивных условий для соблюдения прав ребёнка возможно только в случае разработки передовых и эффективных механизмов и создания единого механизма защиты прав ребёнка, в котором все его структуры работают сообща. Концепция механизма защиты прав ребёнка представляет собой систему эффективных совместных социально-правовых средств, которые используются для обеспечения реализации прав ребёнка. Цель, рассказать о совместных социально-правовых средствах защиты прав ребенка. Комплекс экономических, организационных и правовых мер, гарантированных государством для решения социальных проблем, составляет социальную защиту. Понятие «социальная защита» имеет более широкое значение, чем понятие «правовая защита», так как правовая защита входит в категорию социальной защиты. Потому что «правовые средства» являются частью социальной системы регулирования и воздействия на общественные отношения, в том числе применительно к вопросам личной охраны и защиты.

В статье можно сделать вывод о том, что использование педагогических средств в деятельности, связанной с защитой прав ребёнка, приводит к повышению эффективности деятельности социальных институтов в контексте защиты прав. Защита прав несовершеннолетних с социально-педагогической точки зрения с использованием различных правовых форм и методов предусматривает и требует социальных работников, образования, правоохранительных органов и представителей общественных организаций

**Ключевые слова:** Правовые механизмы, национальные механизмы защиты прав ребёнка, международные механизмы защиты прав ребёнка, права ребёнка, дети, интересы ребёнка, законодательство, несовершеннолетний, международное законодательство, защита прав ребёнка, справедливость, судебная защита, правосудие, судебный процесс, гуманность, общечеловеческие ценности, равноправие, опека и попечительство, международное сотрудничество, социальная защита, влияние, социальные и правовые средства, защита прав человека, законодательство Республики Таджикистан.

## MECHANISMS TO PROTECT AND ENSURE THE RIGHTS OF CHILDREN IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Nasriddinzoda Emomali Saifiddin,**
Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone.:** +992 902557555

**E-mail:** nasriddinzoda66@mail.ru

**Abdulkhairzoda Jamila,**
postgraduate student of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, National University of Tajikistan
**Phone:** (+992) 935-57-55-55
**E-mail**: abdulkhayrzoda@mail.ru

**Reviewer:** Sa’dizoda J., PhD in Law, Associate Professor

**Annotation.** The article is devoted to one of the most important issues of jurisprudence - the mechanisms for protecting and ensuring the rights of children in the Republic of Tajikistan. The direct guarantee of the protection and application of the rule of protection of the rights of the child is the authorized body of the state. Only in the case of the presentation of high-quality, effective mechanisms and the organization of a unified mechanism for the protection of the rights of the child, with the joint action of all structures, it is possible to establish and ensure positive conditions for the observance of the rights of the child.

The concept of a mechanism for protecting the rights of the child is a system of joint social and legal instruments that is used to ensure the realization of the rights of the child. Here the goal is to tell about joint social and legal means of protecting the rights of the child. The complex of economic, organizational and legal measures guaranteed by the state to solve social problems constitutes social protection. The concept of “social protection” has a broader meaning than the concept of “legal protection”, since legal protection is included in the category of social protection. Because “legal means” are part of the social system of regulation and influence on public relations, including in relation to issues of personal protection and protection.

The article can conclude that the use of pedagogical tools in activities related to the protection of children's rights leads to an increase in the effectiveness of social institutions in the field of legal protection. Protection of the rights of minors from a socio-pedagogical point of view, the use of various legal forms and methods provides for and requires social workers, education, law enforcement agencies and representatives of public organizations.

**Keywords**: Legal mechanisms, national mechanisms for the protection of the rights of the child, international mechanisms for the protection of the rights of the child, the rights of the child, children, the interests of children, legislation, minor, international law, protection of the rights of the child, international law, justice, judicial protection, justice, trial , humanity, universal values, equality, guardianship and guardianship, international cooperation, social protection, influence, social and legal means, protection of human rights, legislation of the Republic of Tajikistan.

Кӯдакон ҳамчун қисми таркибии ҷомеа ба ҳимоя, пуштибонии махсуси давлат ниёз доранд. Барои татбиқи меъёр ва принсипҳои муқарраршуда дар соҳаи ҳифзу ҳимояи ҳуқуқи кӯдак ва шахсони ноболиғ бояд механизми муассири таъмини риояи ҳуқуқи кӯдак вуҷуд дошта бошад.

Кафили бевоситаи ҳифз ва татбиқи меъёрҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак мақомоти вакалотдори давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак аз соли 1989[1] муқаррароте пешбинӣ шудааст, ки он давлатҳои узви ин санади муҳимро ба эҷоди механизми муассири таъмини ҳуқуқи кӯдак уҳдадор мекунад. Аз ҷумла, дар қ. 2, м. 2-и он омадааст: «Давлатҳои аъзои Конвенсия барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак аз тамоми шаклҳои табъиз ё ҷазо бар асоси мақом, фаъолият, баёну эътиқод, падару модар ва парасторони қонунии кӯдак ва дигар аъзои оила» чораҳои лозимро қабул менамоянд.

Принсипҳои амали механизми таъмини ҳуқуқи кӯдак дар м. 3 Конвенсия муайян шудаанд: «Дар тамоми фаъолият ва амалҳо нисбат ба кӯдакон, ки аз сӯйи муассисаҳои давлатӣ ва хусусии машғул ба масъалаҳои таъмини иҷтимоии кӯдакон, мақомоти судӣ, идорӣ ва қонунгузорӣ анҷом дода мешаванд, таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба масъалаи таъмини пурраи манфиатҳои кӯдакон дода мешавад» (қ. 1 м. 3). «Давлатҳои аъзои Конвенсия бо таваҷҷуҳ ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар, парасторон ва дигар шахсони масъули қонунии нигоҳубини кӯдак уҳдадоранд барои таъмин ва риояи ҳуқуқи кӯдак ғамхорӣ зоҳир намоянд ва бо ин мақсад тамоми чораҳои дахлдори идорӣ ва қонунгузориро андешанд» (қ. 2. м. 3).

«Давлатҳои аъзои Конвенсия уҳдадоранд фаъолияти муассисаҳо, хадамот ва мақомотеро, ки масъули нигоҳубин ва ҳимояи кӯдакон мебошанд, тавре таъмин намоянд, ки он ба меъёрҳои муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор, алалхусус аз ҷиҳати бехатарӣ, солимӣ, миқдор, коршоямии кадрҳо ва назорати лозим» ҷавобгӯ бошад (қ. 3. м. 3). Ҳамчунин, давлатҳои аъзои Конвенсия уҳдадоранд бо истифода аз воситаҳои муассир шахсони калонсол ва кӯдаконро ба таври васеъ бо принсип ва муқаррароти Конвенсия ошно созанд (м. 42).

Нуқтаи муҳим дар ин робита дар банди зерини Конвенсия таъкид шудааст: «Давлатҳои аъзои Конвенсия барои татбиқи ҳуқуқи кӯдак тамоми иқдомоти лозим ва дахлдори вобаста ба қонунгузорӣ, идорӣ ва ғайраро, ки дар санади мазкур эътироф шудаанд, амалӣ месозанд. Дар робита ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ давлатҳои аъзои Конвенсия бо назар гирифтани имконоти дар ихтиёрдошта ва дар сурати лозим, дар чаҳорчӯби ҳамкории байналмилалӣ чораҳои лозимро амалӣ месозанд» (м. 4). Мақсад аз он маҷмуи васеи воситаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ шароит ва равишҳоест, ки дар маҷмуъ онро механизми ҳифзи ҳуқуқи кӯдак меноманд.

[1] Ниг.: Международные акты о правах человека. // Сборник документов. – М., 2000. – С. 306-323.

Худи маънои калимаи «механизм» – «низом» ва ё дастгоҳест, ки тартиб ва низоми фаъолияти мушаххасеро муайян менамояд[2].

Бояд ёдовар шуд, ки зери мафҳуми механизми ҳифзи ҳуқуқи кӯдак низоми воситаҳои таъсиргузорӣ, муштараки иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дарназар аст, ки барои таъмини татбиқи ҳуқуқи кӯдак ба кор бурда мешавад. Ин ҷо ҳадаф аз сухан гуфтан дар бораи воситаҳои муштараки иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак мебошад. Маҷмуи чораҳои иқтисодӣ, созмондиҳӣ ва ҳуқуқие, ки тавассути давлат бо мақсади рафъи мушкилоти иҷтимоӣ кафолат дода шудаанд, ҳифзи иҷтимоиро ташкил медиҳад. Мафҳуми «ҳифзи иҷтимоӣ» нисбат ба мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқӣ» маънои васеътарро ифода менамояд, чун ҳифзи ҳуқуқӣ ҷузъи категорияи ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Зеро «воситаҳои ҳуқуқӣ» ҷузъи системаи иҷтимоии танзим ва таъсиррасонӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар робита ба масоили ҳифз ва ҳимояи шахсият маҳсуб мешаванд[3]. Мафҳуми ҳифзи ҳуқуқиро метавон ҳамчун ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ бо истифода аз воситаҳои ҳуқуқӣ маънидод намуд. Ба ақидаи Р.В. Морозов, унсурҳои умуми-ҳуқуқи механизми танзими ҳуқуқӣ хусусиятҳои механизми ҳифзи ҳуқуқии шахсониноболиғро ташкил медиҳанд: «Механизми ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон аз унсурҳои таркибии зерин: меъёрҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои фардӣ, огоҳӣ ва маърифати ҳуқуқӣ иборат мебошад»[4].

Низоми механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудан мумкин аст:

а) механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак;

б) механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак.

Таҳти мафҳуми механизми миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак роҳҳо ва муносибатҳое фаҳмида мешавад, ки дар қонунгузории миллӣ муқаррар ва сирф барои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак равона шудаанд. Танҳо дар сурати таҳияи механизмҳои пешқадам, самаранок ва ташкили механизми ягонаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, ки ҳамаи сохторҳои он якҷоя амал мекунанд, шароити мусбати риояи ҳуқуқи кӯдакро муқаррару таъмин намудан мумкин аст. Азбаски механизми миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар санадҳои меъёрии миллӣ (Конститутсия ва қонунҳои ҶТ) ифода ёфтааст, онҳоро механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак мегӯянд.

Механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, дар навбати худ, аз унсурҳо иборат аст. Мақомот, ташкилот ва шахсони мансабдори онҳо ба сифати субъектони амалисозандаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ба шумор мераванд. Вобаста ба самти фаъолият, муносибат бо рукнҳои ҳокимият ва нақши

---

[2]Ниг.: Немытина М.В. Защита прав несовершеннолетних в России: системный подход // Правовая политика и правовая жизнь. – 2004. – № 2. – С. 45.

[3]Ниг.: Морозова Р.В. Правовые и организационные основы защиты прав несовершеннолетних в деятельности милиции общественной безопасности: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 34.

[4]Ниг.: Садовникова М.Н. Механизм защиты прав несовершеннолетних // Правовое образование: организация внеурочной работы. Региональный опыт. – М., 2002. – С. 133.

доштаашон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро ба 3 унсури асосӣ ҷудо менамоянд:

1. Ҳифзи судии ҳуқуқи кӯдак;
2. Ҳифзи ғайрисуди (маъмурӣ)-и ҳуқуқи кӯдак;
3. Ҳифзи ғайриҳукуматии ҳуқуқи кӯдак.

Ин се унсури миллии механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, ки дар боло зикр намудем, ҳарчанд умумиятҳои зиёд доранд, аммо бо мундариҷа, принсипҳои ташкилшавӣ ва методҳои таъсиррасонӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Таъиноти асосии механизми ҳифзи судии ҳуқуқи кӯдак дар амалисозии адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ифода меёбад. Адолати судӣ, ки мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи қонун сурат мегирад, мурофиа ном дорад. Мавриди зикр аст, ки адолати судӣ аз ҷониби судҳо тавассути гузаронидани мурофиаи судии ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ ва конститутсионӣ амалӣ мегардад. Навъҳои ин мурофиаҳо бо кодексҳо ва қонунҳои алоҳида, масалан, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ (аз 03.12.2009), Кодекси мурофиавии гражданӣ (аз 05.01.2008), Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (аз 31.12.2008), Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 26.07.2014) танзими худро ёфтааст.

Унсури судии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар асоси принсипи маъмули адолати судӣ амалӣ мегардад. Ба ин принсипҳо ҷиҳатҳои демократӣ ва инсондустӣ хос буда, ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак мусоидат менамоянд. Принсипи демократии адолати судӣ ба ҳар касе, ки ҳуқуқҳояшро вайронгардида меҳисобад, имконият медиҳад, то дар мурофиаи ошкоро ва баробари судӣ бо овардани далелҳои асоснок мавқеи худро ҳимоя намояд ва ҳақ будани худро исбот намояд. Дар навбати худ суд адолати судиро дар арзёбии беғаразии дархостҳо ва пешниҳодот амалӣ гардонида, бар асоси муътақидии ботинии худ бо назардошти донишҳои ҳуқуқӣ санади судӣ қабул менамояд.

Мисоли гуфтаҳои болоро дар якчанд моддаҳои КО ҶТ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак дидан мумкин аст. Масалан, мутобиқи қ. 2 м. 68 КО ҶТ, агар суд муқаррар намояд, ки на падару модар ва на шахсоне, ки кӯдак дар наздашон мебошад, ба тарбияи сазовори ӯ қодир нестанд, он гоҳ суд кӯдакро барои бо таълиму тарбия фаро гирифтан ба мақомоти васоят ва парасторӣ медиҳад. Инчунин, бо ҳамин мақсад барои ҳифзи ҳуқуқи алиментии кӯдак қ.1 м. 96 КО ҶТ муқаррар менамояд, ки набераҳои ноболиғи муҳтоҷи ёрӣ дар сурати аз падару модари худ гирифта натавонистани таъминот ҳуқуқ доранд ба тартиби судӣ аз бобою бибии (модаркалони) худ, ки дорои маблағи зарурӣ мебошанд, алимент гиранд.

Дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ба муошират бо волидон қ. 4 м. 155 КО ҶТ муқаррар менамояд, ки васӣ ва парастор ҳуқуқ надоранд, ки барои муоширати кӯдаки таҳти васоят ва парасториашон қарордошта бо падару

модару хешовандони дигараш, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин муоширaт ба манфиати кӯдак нест, монеъ шаванд[5]. Аммо агар онҳо ба муоширати кӯдак монеъ шаванд, кӯдак ва ашхоси манфиатдор метавонанд ба суд мурочиат намоянд. Ба ин монанд боз якчанд моддаҳое ҳастанд, ки ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро бо роҳи судӣ муайян менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки мақомоти васоят ва парасторӣ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо дар амалигардонии васоят ва парасторӣ мусоидат менамоянд.

Вазифа ва функсияҳо оид ба васоят ва парасторӣ нисбат ба кӯдакон аз ҷониби комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак), тибқи қонунгузории ҶТ амалӣ карда мешаванд. Мақомоти васоят ва парасторӣ аз ҷумлаи сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, фаъолияти худро дар асоси КО ҶТ ва КГ ҶТ, ҳамчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак” ва Низомномаи мақомоти васоят ва парасторӣ ба роҳ мемонад.

Дар Низомномаи мазкур тамоми ҷанбаҳо вобаста ба масъалаи васоят ва парсторӣ дар 7 қисм ва 93 банд пурра инъикоси худро ёфтааст, аммо ин натиҷаи ниҳоӣ нест. Метавон гуфт, ки шояд масъалаҳое низ бошанд ё пайдо шаванд, ки дар низомнома ҳаллу фасл нагардида бошад. Ба ҳар ҳол айни замон он санаде мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро то як андоза дар ин самт ба танзим медарорад.

Яке аз унсурҳои механизми миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ин ҳифзи ғайриҳукуматии ҳуқуқи кӯдак мебошад. Механизмҳои ғайриҳукуматии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак тавассути созмонҳои ғайриҳукуматӣ амалӣ гардонида мешавад. Давлат барои ҳал намудани мушкилоти ҷомеа ҳукумат ва дигар сохторҳоро ташкил намудааст. Аммо ҳолатҳое низ ҳастанд, ки созмонҳо дар баробари ҳукумат масъалаҳои ҷамъиятиро ба манфиати он амалӣ менамоянд. Ин созмонҳо ба тbabri ихтиёрӣ таъсис дода шуда, ташкилоти ғайритиҷоратии пайрави арзишҳои умумибашарӣ мебошанд.

Баъзе аз ин созмонҳои ғайриҳукуматӣ мониторинги иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ба зимма гирифтаи ҳукуматро амалӣ менамоянд. Дар робита ба ин боз созмонҳои ғайриҳукуматие ҳастанд, ки ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи инсонро мақсади худ қарор додаанд. Ин гуна созмонҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр мебошад, аз ҷумла – «Бюрои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният», «Ҷавонон ва тамаддун», «Маркази таҳлилии машваратӣ оид ба ҳуқуқи инсон», «Маркази рушди ҳуқуқи инсон ва ҷомеа».

Созмонҳои ғайриҳукуматӣ низ дар таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак метавонанд саҳмгузор бошанд. Масалан, дар Ҷумҳурии

[5] Ниг.: Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1998.

Тоҷикистон Иттиҳоди миллии «Маъюбони Тоҷикистон» фаъолият менамояд, ки на танҳо маъюбони калонсол, балки ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакони маъюбро низ дар қаламрави кишвар ҳимоя менамояд.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми ҳифзи ҳуқуқи кӯдак аз низоми чандгонае иборат аст, ки дар сурати истифодаи муштараки оптималии он ҳуқуқу озодиҳои кӯдак ба таври пурра таъмин мегардад.

Дар ҷараён ва ҳангоми ҳифзи ҳуқуқи кӯдак тамоми воситаҳои ташкилдиҳандаи механизми таъминкунандаи танзими муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба шахсони ноболиғ бояд ба кор бурда шавад. Таъмини ҳуқуқи кӯдак ва таркиби он бегумон дорои ҷанбаи комплексӣ мебошад. Лозим аст, то асосҳои ташкили чунин механизм мавриди баррасӣ қарор гирад. Фаъолияти давлат бидуни поя ва асоси иқтисодӣ, ки низоми муносибатҳои иқтисодӣ (истеҳсолӣ) ва шаклҳои моликияти мавҷуд дар онро дар бар мегирад, имконнопазир аст. Аз бисёр ҷиҳат, таҳкурсии он ба пойдор ва асосҳои моливу иқтисодии мавҷуди давлатӣ вобаста мебошад[6].

Функсия ва рисолати иқтисодии давлат дорои ҷанбаи зиддибуҳронӣ буда, ҳадафи он эҷоди иқтисоди бозаргонии иҷтимоии меҳвар бо назардошти манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва масрафкунандагон ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон бо ин, давлат иҷрои вазифаи иҷтимоии таҳияи қонунгузорӣ оид ба нафақа, муқаррар намудани кумакпулӣ барои афроди бекор, таъини маоши ҳаддиақал ва дигар чораҳои дахлдори иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои осебпазири ҷомеаро ба уҳда мегирад. Ҳадафи аслии пешбинии функсияи иҷтимоӣ, рафъ ва коҳиши ташаннуҷи эҳтимолии иҷтимоӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, аз байн бурдани фосилаҳои мавҷуд миёни вазъи иҷтимоии шахс, инкишофи тандурустӣ, таҳсил ва фарҳанг ҳадафҳои дигари функсияи иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳадафи асосии сиёсати иҷтимоии давлат дар ин самт пеш аз ҳама, дар фароҳам овардани зиндагии муносиб барои инсон, инкишофи озодонаи шахсият, ҳифзи оила, адолат ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон инъикос меёбад[7]. Илова ба ин тавре Ф.М. Раянов қайд менамояд, бо роҳи таъмини ҳамкории муштарак байни давлат ва иқтисод тавассути «ҷомеаи шаҳрвандӣ» метавон ин ҳамкории мутақобиларо ба таври дуруст танзим намуд[8]. Дар шароити муосир зарурати кӯмак ва пуштибонии доимии давлат аз инкишофи соҳаи тандурустӣ, таҳсили ройгон, ҳимояи оила ва модару кӯдак як амри табиӣ ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади идоракунӣ ва пешбурди фаъолиятҳои лозим дар соҳаҳои ёдшуда, давлат муассисаву мақомоти дахлдорро ташкил ва маблағгузорӣ менамояд. Бо ин тартиб унсури аввалини механизми ҳифз ва таъмини

---

[6]Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. проф. В.М. Корельского и проф. В.Д. Перевалова. – М. Издательство: НОРМА, 2000. – С. 123–124.
[7]Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. проф. В.М. Корельского и проф. В.Д. Перевалова. – М. Издательство НОРМА, 2000. – С. 152–153.
[8]Ниг.: Раянов Ф.М. Проблемы теории государства и права (Юриспруденции): учебный курс. – М.: Право и государство, 2003. – С. 202.

ҳуқуқи кӯдак механизми иқтисодӣ маҳсуб мешавад. Механизми мазкур маблағгузории чорабиниҳо, пешниҳоди имтиёзҳои дахлдор ва таъмини базаи моддӣ-техникии мақомот ва муассисоти масъули ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро дар бар мегирад. Самаранок будани механизми иқтисодӣ аҳамияти зиёд дорад. Аз ин ҷост, ки дар тавсияҳои ниҳоии Кумитаи дахлдори СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак ба таври махсус таъкид шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд раванди қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқиеро, ки тавассути онҳо маблағгузории мақомоти дахлдор барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи модар ва кӯдак фароҳам мегардад, ба анҷом расонад. Механизми иқтисодӣ заминаи воқеӣ ва амалии дигар унсурҳоро фароҳам меоварад.

Ҳокимияти давлатӣ яке аз аломатҳои муҳим ва зарурии давлат ба ҳисоб меравад. Ҳокимияти давлатӣ бо таҷассум ёфтан дар фаъолияти муассисаҳо ва мақомоти давлатӣ зоҳир мегардад. Ба таври дигар, он ба қувваи воқеие табдил меёбад, ки ба давлат имкон медиҳад, то сиёсати худро амалӣ созад[9].

Бо дар ихтиёр доштани неруи воқеӣ, яъне механизми иҷроияи давлат ҳокимиятро амалӣ месозад. Механизми мавриди назар таҷассуми предметӣ ва сохтории давлат ба ҳисоб меравад ва ба ин тартиб, механизми давлат ҳамчун системаи иерархии пурраи мақомот ва муассисаҳои давлатӣ муайян мегардад, ки амалан ҳокимияти давлатӣ, вазифа ва функсияҳои давлатро татбиқ менамояд[10]. Бинобар ин, механизми ташкилӣ-идоракуниро унсури дигари механизми ҳифз ва таъмини ҳуқуқикӯдак бояд донист. Ин унсури механизм асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатиро дар заминаи татбиқи сиёсат доир ба ҳифзи ҳуқуқикӯдакдар бар мегирад.

Давлат ва ҳокимияти давлатӣ, бо танзими ҳуқуқӣ, ба он ҷанбаи легитимӣ ва қонунӣ мебахшад. Давлат ва ҳуқуқ аз ҳам ҷудонопазиранд ва робитаи байни онҳо комилан ошкор аст. Аз назари илми ҳуқуқшиносии муосир, соҳаҳои асосии таъсири давлат ба ҳуқуқ, коркарду таҳияи ҳуқуқ ва махсусан, татбиқу амалисозии ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд. Аслан, машғули таҳияву коркарди ҳуқуқ шудан вазифаи давлат нест, балки он аз лиҳози ҳуқуқӣ он чиро танзиму муқаррар менамояд, ки он дар ҷомеа ба шакли эҳтиёҷоти объективӣ, идеалҳои ҳуқуқӣ-ахлоқӣ ва дигар омилҳои муҳим ташаккул меёбад. Ба ин ё он шакл, давлат ба ҳуқуқ хусусияти муҳим, яъне шакли мушаххас ва ҳатмӣ будан медиҳад.

Ҳуқуқ дар навбати худ, ба давлат ҷанбаи ҳуқуқӣ мебахшад, тамоми самтҳои асосии фаъолияти онро ба танзим медарорад, аз ин тариқ, ба давлат ва фаъолиятҳои он қонуният мебахшад, он тартиби ташаккули мақомоти давлатро муайян менамояд, ваколатҳои онҳоро мушаххас месозад, робитаи байни онҳоро танзим менамояд, фаъолияти давлатро тобеи режими муайяни ҳуқуқӣ мегардонад, ҳудуди дахолати давлат ба

[9]Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. проф. В.М. Корельского и проф. В.Д. Перевалова. – М. Издательство: НОРМА, 2000. – С. 120.
[10]Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. проф. В.М. Корельского и проф. В.Д. Перевалова. – М. Издательство НОРМА, 2000. – С. 157.

кори ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳаёти шахсии шаҳрвандонро мушаххас месозад. Бо кумаки ҳуқуқ намуд ва чораҳои маҷбуркунии давлатӣ муайян карда мешаванд, дар натиҷа ҷанбаи ҳуқуқӣ ва назоратшавандагӣ ба худ мегиранд[11].

Мақомоти қонунгузор ва судӣ дар ҷараёни робитаи мутақобил миёни давлат ва ҳуқуқ нақши муҳим мебозанд. Мақоми қонунгузорӣ – Парламент вазифаи қонунгузориро иҷро мекунад ва он ба меъёрҳои ҳуқуқ шакли моддӣ мебахшад. Мақомоти судӣ дар навбати худ, меъёрҳои ҳуқуқиро дар амалия татбиқ намуда, баҳсҳои дар робита ба истифодаи меъёрҳои қонунгузорӣ бударо ҳаллу фасл мекунанд.

Принсипҳои ҳуқуқ ва стандартҳои меъёри ҳуқуқи инсон имкони ҳимояи ҳуқуқи поймолшударо тавассути мақомоти судӣ фароҳам месозанд[12]. Моддаҳои 5, 17, 19, 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи афзалиятноки конститутсионии адолати судиро, ки ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст, муқаррар намудааст. Ба ин тартиб, механизми ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак, ба таври куллӣ, танзими ҳуқуқӣ, ҳалли баҳсҳо ва таъини чораҳои дахлдорро дар сурати қонуншиканӣдар бар мегирад.

Давлат зимни мувофиқ будан ба танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ҳуқуқ ва озодиҳои аслии инсон уҳдадориҳои муайянеро ба зиммаи худ мегирад. Ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқи кӯдак ҳадафи чунин уҳдадориҳо мебошанд ва тавассути давлат дар ҳаёт татбиқ мегарданд. Вале раванди татбиқ ва амалисозии уҳдадориҳои базиммагирифтаи давлат бояд аз сӯйиҷомеаи байналмилалӣ назорат шавад. Ин яке аз вижагиҳои усулӣ ва махсуси танзими байналмилалии ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад.

Бояд тасаввур кард, ки механизм аз маҷмуи унсурҳое иборат аст, ки фаъолияти ҳар кадоме аз онҳо дигареро ба худ ҷалб менамояд; моҳияти амали механизм дар он инъикос меёбад, ки унсури ба таври ҷудогона интихоб намуда, унсури дигарро водор ба амал мекунад ва ин унсур маҷмуи унсурҳои дигарро ба худ «мекашад». Бо чунин мафҳум ва аз ин нигоҳ механизми ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон бо ду далел, ба истилоҳ, «меланагад».

Масоили ин самтро бояд мақомоти дахлдори ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти маориф, тандурустӣ, васояту парасторӣ, кор ба ҷавонон, шуғли аҳолӣ, корҳои дохила ошкору бартараф намоянд. Кори назорат ба иҷрои қонунҳо, фаъолияти муассисаҳои масъули пешгирӣ аз бесарпарастӣ ва қонуншикании шахсони ноболиғ, тавассути мақомоти прокуратура сурат мегирад (қ. 3. м. 10). Парвандаҳои марбут ба шахсони ноболиғ тавассути судяҳои дорои тахассуси махсус баррасӣ мегарданд.

[11]Ниг.: Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. проф. В.М. Корельского и проф. В.Д. Перевалова. – М. Издательство НОРМА, 2000. – С. 131.
[12]Ниг.: Диноршоев А.М., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Права ребёнка: учебное пособие. – Душанбе, 2013. – С. 133.

Лозим ба қайд аст, ки дараҷаи якум – сатҳи ҳимояи байналмилалии ҳуқуқии кӯдакон ба ҳисоб меравад. Дар ин самт санадҳои муҳимми байналмилалии ҳуқуқӣ, аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (1948), Эъломияи ҳуқуқи кӯдак (1959), Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак (1989), Қоидаҳои минималии стандарти СММ (1985), Эъломияи ҷаҳонӣ оид ба ҳаёт, ҳифз ва инкишофи кӯдакон (1990) ба тасвиб расидаанд, ки мавриди амал қарор доранд.

Кӯдакон аз лаҳзаи таъсиси СММ, яъне соли 1945 дар мадди назари ин созмон қарор дошта, яке аз санадҳои аввалини Ассамблеяи Генералии СММ оид ба таъсис додани Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) мебошад, ки айни замон сохтори асосии кумаки байналмилалӣ ба кӯдакон ба ҳисоб меравад. Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки аз ҷониби Созмони Милали Мутаҳид соли 1948 қабул шудааст, қайд мешавад, ки кӯдакон бояд объекти махсуси ғамхорӣ ва кумак бошанд.

Дар муқоиса бо Эъломияи ҳуқуқи кӯдак, ки соли 1959 қабул шуда, дар он 10 принсипи кӯтоҳи дорои хусусияти эъломиявидошта дарҷ гашта буд, Конвенсиия аз моддаҳо иборат буда, қариб ҳама ҷанбаҳои вобаста ба ҳаёт ва вазъи кӯдаконро дар ҷомеа фаро мегирад. Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак на танҳо муқаррароти Эъломияи ҳуқуқи кӯдакро тақвият ва мушаххас намуд, балки бо тасдиқи он ки давлатҳое, ки ба он ҳамроҳ мешаванд, дорои масъулияти ҳуқуқӣ буда, барои амалҳои худ нисбати кӯдакон масъуланд, мукаммалтар гардонида шуд.

Конвенсия барои тамоми халқҳо дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон аҳамияти баробар дорад. Сарфи назар аз он ки Конвенсия меъёрҳои умумиро муқаррар мекунад, дар он воқеиятҳои гуногуни фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳои алоҳида ба инобат гирифта шудааст, ки ба ҳар як давлат имкон медиҳад, то усули миллии худро барои татбиқи ин меъёрҳо дар асоси ҳуқуқи умумӣ барои ҳама интихоб намояд, бинобар ин, Конвенсия хусусияти универсалӣ дорад.

Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Конвенсия баҳои баланд дода шуда, он ҳамчун ҳуҷҷати барҷастаи инсондӯстона дар замони имрӯза шуморида мешавад. Конвенсия ҳуҷҷати арзишмандтарини педагогӣ буда, ҳам калонсолон ва ҳам кӯдаконро барои муносибат намудан ба воситаи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба гуманизм ва демократизм, эҳтиром ва ғамхорӣ ба шахсияти кӯдак ва фикру ақидаи онҳо асос ёфтааст, даъват менамояд. Меъёрҳои Конвенсия бояд асоси педагогика, тарбия ва барҳамдиҳии қатъии тарзи авторитарии муносибат байни калонсолон ва кӯдакон, муаллим ва мактаббачаҳо бошад. Ҳамзамон, Конвенсия зарурати ташаккули фаҳмиши дурусти насли наврасро дар бораи қонунҳо, ҳуқуҳои дигар шахсон ва муносибати боэҳтиромона нисбати онҳоро қайд менамояд. Мақсад ва ё идеяи асосии Конвенсия таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак мебошад ва меъёрҳои он ба чор принсипи асосии бунёдӣ, ки бояд тавассути онҳо ҳуқуқи кӯдакон таъмин гарданд, яъне зинда

мондан, рушд ёфтан, ҳимоя ва таъмини иштироки фаъолона дар ҷомеа мебошад.

Конвенсия як қатор принсипҳои муҳимми ҳуқуқӣ-иҷтимоиро қайд мекунад, ки асоситарини онҳо эътирофи кӯдак ҳамчун шахси пурарзиш ва комилҳуқуқ мебошад. Сабаби чунин эътирофнамоӣ дар он аст, ки кӯдакон бояд дорои ҳуқуқи инсонӣ ҳамчун ҳуқуқи худ бошанд, на чун қисме аз оила, волидайн ё шахсони онҳоро ивазкунанда.

Муқаррароти Конвенсия вобаста ба таъмини беҳтарини манфиатҳои кӯдак ба зарурати дар навбати аввал таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба манфиатҳои кӯдак нигаронида шудааст. Яъне, дар ҳамаи амалҳо нисбат ба кӯдакон, сарфи назар аз он ки онҳо аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ё хусусии машғул ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ, суд, мақомоти маъмурӣ ё қонунгузорӣ андешида мешаванд, ба таъмини ҳарчи хубтари манфиатҳои кӯдак бояд диққати аввалиндараҷа дода шавад. Тибқи моддаи мазкур, давлатҳои аъзо уҳдадор мешаванд, ки бо назардошти ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модари кӯдак, васиҳо ё дигар шахсони мутобиқи қонун барои ӯ масъулбуда ба кӯдак чунин ҳимоя ва ғамхориеро таъмин намоянд, ки барои беҳбудии ӯ заруранд ва бо ин мақсад тамоми тадбирҳои дахлдори қонунгузорӣ ва маъмуриро меандешанд.

Мутобиқи моддаи 6 Конвенсия ҳуқуқ ба ҳаёт, зинда мондан ва инкишофи кӯдакон аз ҷониби давлатҳои аъзо бояд дар ҳадди аксари имконпазир таъмин гардад. Истилоҳи дар ин модда истифодашавандаи «инкишоф»-ро ба маънии васеъ, бо назардошти ҷанбаи сифатии он бояд тафсир кард, яъне ҳадафи меъёри нишондодашуда на танҳо нигоҳдошти саломатии ҷисмонӣ, ҳамчунин таъмини инкишофи равонӣ, ақлонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кӯдак мебошад.

Яке аз принсипҳои дигари Конвенсия (моддаи 12) ба назар гирифтани ақидаҳои кӯдак мебошад. Мутобиқи ин принсип ба кӯдакон бояд ҳуқуқи озодона баён кардани ақидаҳои худ оид ба ҳамаи масъалаҳои ба онҳо дахлдор дода шавад. Зимнан, ба ақидаҳои кӯдак «мутобиқи синну сол ва камолоти кӯдак» бояд диққати зарурӣ зоҳир гардад. Ин принсип ба кӯдакон ҳуқуқи баён кардани фикри худ ва ба таври ҷиддӣ ба назар гирифтани ақидаҳои онҳо, аз ҷумла дар ҷараёни ҳама гуна муҳокимаҳои судӣ ё маъмурии ба кӯдак дахлдоштаро дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, Конвенсия механизми назоратии онро низ ба инобат гирифта, бо мақсади баррасӣ намудани пешравиҳо аз ҷониби давлатҳои иштирокчӣ дар таъмини иҷрои ҳуқуқи кӯдак Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шудааст. Сохтор ва функсияҳои он дар моддаҳои 43-45 Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак муайян карда шудааст.

Конвенсия эътироф мекунад, ки на ҳама давлатҳо дорои захираҳои зарурӣ барои таъмини фаврии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, Конвенсия онҳоро вазифадор мекунад, ки ба ин

ҳуқуқҳо аҳамияти аввалиндараҷа дода, таъмини риояи онҳоро ба ҳадди аксари имконпазир бо захираҳои мавҷуда таъмин намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ) яке аз аввалинҳо шуда, 26 октябри соли 1993 Конвенсияи мазкурро ба тасвиб расонид ва он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 1993 эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуд. Ба ғайр аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ду протоколи иловагӣ ба Конвенсияро, ки яке ба манъи фурӯши кӯдакон, фоҳишагии кӯдакон ва порнографияи кӯдакон дахл дорад ва дигараш ба пешгирии иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона вобаста аст, ба тасвиб расонидааст.

Маърузаи аввалини Тоҷикистон дар бораи рафти иҷрои Конвенсия ба Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдаки СММ соли 1998 пешниҳод гардид. Ғайр аз ин, тибқи муқаррарот Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 ва бори охир соли 2017 ба Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдаки СММ маърузаҳои даврии худро пешниҳод намудааст. Маълумоти дар маърузаҳо инъикосёфта қариб ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётии кӯдаконро фаро мегирад. Масалан, ҳуқуқи кӯдакон ва санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳсилот; ҳуқуқи кӯдакони ятим ва кӯдакони бесарпараст; ҳуқуқи кӯдакони маъюб; пешгирии ҷинояткории кӯдакон; ҳифзи саломатии кӯдакон ва ғайра.

Тоҷикистон чун давлатҳои дигари иштирокчии Конвенсия уҳдадор аст, ки ҳуқуқи дар Конвенсия таҳкимбахшидашудаи кӯдаконро таъмин ва ҳифз кунад. Бо мақсади таъмини ҳифзи кӯдакон дар сатҳи давлатӣ, сохторҳои дахлдор бо проблемаҳои кӯдакон машғул шуда, ба татбиқи муқаррароти Конвенсия дар доираи салоҳиятҳои худ фаъолият мекунанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуд, афзалияти меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалиро нисбат ба меъёрҳои қонунгузории миллӣ эътироф менамояд. Механизми мустақими ҳифз аз ҳуқуқи кӯдак дар фаъолиятҳои Суди байналмилалии СММ, Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак, Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак инъикос ёфтааст. Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак пайваста аз давлатҳои аъзои Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак таъсис ва ташкили мақомот, муассисаҳо ва хадамоти мустақилро барои ҳифзи риояи ҳуқуқи кӯдак тақозо менамояд.

Сатҳи байналмилалии минтақавии ҷомеа сатҳи дуюми механизми ҳифзи ҳуқуқикӯдакро ташкил медиҳад (дар санадҳои минтақавӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ҷойгир карда шавад).

Дараҷаи сеюм ба механизмҳои дохилидавлатии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак марбут аст. Дар асоси тақсими маъмулии ҳокимият ба се шоха шартан метавон онҳоро ба системаҳои мустақили ҳамзамон ба шакли амудӣ амалкунанда тақсим намуд: қонунгузор, иҷроия, судӣ.

Зимни таҳлили таносуби равишҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар асоси қонунгузориҳои миллӣ, В.В. Кулапов таъкид менамояд, ки

«сатҳи дохилидавлатӣ дар ин замина саҳнаи боафзалият ба ҳисоб меравад ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакон бояд дар чаҳорчӯби он татбиқу амалӣ гарданд. Ҳуқуқи байналмилалии муосир воситаҳои муассири ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро дар ихтиёри мақомот ва созмонҳои байналмилалӣ қарор намедиҳанд. Дар айни замон, мавҷудияти механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, кафолати ҷиддӣ дар роҳи татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ба ҳисоб меравад[13].

Ба як хусусияти механизми ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ менамоем. Ин механизм на фақат тақсими вазифаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқикӯдакро дар миёни мақомот ва муассисаву ташкилотҳо пешбинӣ мекунад. Ин вазифаҳо, ҳамчунин аз рӯи дараҷаи механизми таҳқиқ, яъне байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ низ тақсим мегарданд[14]. Дар сатҳи ҳар кадом аз ин механизмҳо вазифаҳои ҳаҷман мухталиф доир ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва манфиатҳои он ҳаллу фасл мегарданд. Ваколати мақомоти мухталиф тавассути санадҳои меъёрӣ ва қонунгузориҳои махсус оид ба ҳуқуқи кӯдак муайян мешавад. Зиёд будани миқдори субъектҳое, ки дар заминаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак фаъолият мебаранд, аҳамияти ҳамоҳангии фаъолиятҳои муштарак оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кӯдаконро афзоиш медиҳад. Дар ғайри ин сурат, ноил шудан ба беҳбудии вазъи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон хоҳад буд[15].

Самтҳои зерини фаъолияти давлат оид ба ҳуқуқи кӯдак муҳим ба назар мерасанд:

- санадҳои қонунгузорие қабул мешаванд, ки дар онҳо кафолат ва меъёрҳои амалисозии кафолатҳо муайян мегарданд;

- эҷоди механизм ва ниҳодҳои муайян барои таъмини татбиқи меъёр ва кафолатҳои мазкур;

- таҷриба, меъёр ва ниҳодҳо такмил меёбанд, шароити иловагӣ, ки бинобар тағйир ёфтани чораҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра фароҳам меоянд, зеро ҳифзи ҳуқуқ раванди дар ҳоли рушд ва таҳаррук мебошад[16].

Дар марҳилаи муосир на танҳо зарурати эҷоди меъёрҳои ҳуқуқии ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак, балки зарурати ҳамкории муштарак миёни ниҳодҳои иҷтимоииҷомеа рӯзмарра ва актуалӣ ба назар мерасад. Дар ин миён лозим ба зикр аст, ки ниҳодҳои нисбатан муҳим ва калидии ҷомеа оила, мактаб, таҳсилот, фарҳанг ва ғайра боқӣ мемонанд.

Механизми ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ иборат аст аз:

- чораҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар ҷараёни фаъолиятҳои вобаста ба таълиму тарбия;

---

[13]Ниг.:Кулапов В.В. Защита субъективных прав и законных интересов детей в РФ. – Саратов 2004. – С. 76.

[14]Ниг.:Макеева А.А. Реализация международно-правовых норм в сфере защиты прав детей // Российского права. – 2011. – № 9. – С. 100–106.

[15]Ниг.:Троицкий А.А. Некоторые особенности процессуальной дееспособности несовершеннолетних детей // Семейное и жилищное право. – 2013. – № 3. – С. 9–11.

[16] Ниг.: Никитина Е.М. Актуальные проблемы охраны прав детства в современной России, пути решения этих проблем // Вопросы юстиции. – 2007. – № 2 (11). – С. 21–34.

- ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак ба ҳифзи саломатӣ, ки тавассути ироаи кумаки ройгони тиббӣ ва ташхиси тиббӣ татбиқ мегардад;

- ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак оид ба омодасозии касбӣ фаннии ноболиғон;

- ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак ба тандурустӣ ва тавонбахшӣ;

- ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон ҳангоми таъсиси сохторҳои иҷтимоӣ, истифодаи мақсадноки сохторҳои мазкур;

- ҳифзи кӯдакон аз иттиллоот, таблиғот ва ташвиқоте, ки ба саломатӣ ва рушди ахлоқиву маънавии кӯдак зиён мерасонад;

- ҳифзи ҳуқуқи кӯдаконе, ки дар шароити душвори иқтисодӣ қарор доранд, тавассути тавонбахшии иҷтимоӣ, ҳимояи судӣ бо мақсади таъмини дифои шахсӣ ва иҷтимоии кӯдак.

Ҳадафи ҳифз ва таъмини ҳуқуқи иҷтимоиву педагогии кӯдак дар Тоҷикистон, васеъ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ-маънавӣ, эътироф намудани арзишҳои инсондӯстӣ, принсипҳои озодӣ ва кафолати ҳуқуқи кӯдак ба ҳисоб меравад. Ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқ эътироф намудани кӯдак, арзишҳи олӣ эълон намудани ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдак, аз хусусиятҳои фарққунандаи механизми иҷтимоӣ-педагогии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак маҳсуб мешаванд[17].

Ҳамин тавр, метавон натиҷагирӣ намуд, ки истифодаи воситаҳои педагогӣ дар фаъолиятҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак боиси афзоиши муассирияти фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ дар заминаи ҳифзи ҳуқуқ мегардад. Ҳифзи ҳуқуқи ноболиғон аз лиҳози иҷтимоӣ ва педагогӣ, истифода аз шаклу методҳои мухталифи ҳуқуқии кормандони соҳаи иҷтимоӣ, маориф, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони ташкилоту созмонҳои иҷтимоиро пешбинӣ ва тақозо менамояд.

**Адабиёт:**


1. Васильева И.В. Защита прав несовершеннолетних при организации образовательного // Законность. – 2014. – № 7. – С. 27.
2. Диноршоев А.М., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Права ребёнка: учебное пособие. – Душанбе, 2013. – С. 133.
3. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1998.
4. Кулапов В.В. Защита субъективных прав и законных интересов детей в РФ. – Саратов, 2004. – С. 76.
5. Макеева А.А. Реализация международно-правовых норм в сфере защиты прав детей // Российского права. – 2011. – № 9. – С. 100-106.
6. Международные акты о правах человека. Сборник документов. – М., 2000. – С. 306-323.
7. Морозова Р.В. Правовые и организационные основы защиты прав несовершеннолетних в деятельности милиции общественной безопасности: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 34.


[17]Ниг.: Васильева И.В. Защита прав несовершеннолетних при организации образовательного // Законность. – 2014. – № 7. – С. 27.

8. Немытина М.В. Защита прав несовершеннолетних в России: системный подход // Правовая политика и правовая жизнь. – 2004. – № 2. – С. 45.

9. Никитина Е.М. Актуальные проблемы охраны прав детства в современной России, пути решения этих проблем // Вопросы юстиции. – 2007. – № 2 (11). – С. 21-34.

10. Раянов Ф.М. Проблемы теории государства и права (Юриспруденции): учебный курс. – М.: Право и государство, 2003. – С. 202.

11. Садовникова М.Н. Механизм защиты прав несовершеннолетних // Правовое образование: организация внеурочной работы. Региональный опыт. – М., 2002. – С. 133.

12. Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. проф. В.М. Корельского и проф. В.Д. Перевалова. – М. Издательство: НОРМА, 2000. – С. 123-124.

13. Троицкий А.А. Некоторые особенности процессуальной дееспособности несовершеннолетних детей // Семейное и жилищное право. – 2013. – № 3. – С. 9-11.

# ТАШКИЛЁБӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ СУДҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ТО ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Миралиев Исфандиёр Қарахонович,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 908483869
**E-mail:** isfand88@mail.ru

**Зокирова Нодира Иномҷоновна,**
доктор Phd-и курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 105-02-00-00
**E-mail:** nodirazokirova300@gmail.com

**Фишурда:** Мақолаи мазкур масъалаи рушди низоми фаъолияти судҳои иқтисодиро аз нуқтаи назари таърихӣ шарҳ дода, фаъолияти ин низоми судиро дар Тоҷикистони то замони Истиқлолияти давлативу баъди он ва инчунин дар васеъ шарҳ додани функсия, фаъолият ва салоҳиятҳои судҳои иқтисодӣ ва инчунин комилан дарк намудани таркиб ва сохтори онро мавриди зикр қарор медиҳад. Албатта дар низоми идоракунии давлатӣ ҳеҷ як давлат бе ниҳоди судӣ арзи вуҷуд карда наметавонад, зеро ба он чун воситаи таъмини адолату ҳақиқат ниёз дорад. Аз ин рӯ, ҳар як давлат дар ин ё он шакл низоми судии худро ҳамчун сохтори муҳим ва таркибии худ ба роҳ мемонад. Суд шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, мувозинати шохаҳоро бо истифодаи принсипи мувозинат ва боздорӣ таъмин намуда, намегузорад, ки ҳеҷ як шохаи дигар ваколати ҳокимияти худро сӯистифода намояд. Бинобар ин, мавзуи тадқиқотии мазкур ҳамчун асоси рушди системаи судӣ, аз он ҷумла судҳои иқтисодӣ ва воситаи муҳими барқарор намудани адолат, махсусан дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи муносибатҳои характери иқтисодӣ дошта, эътироф карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** Таърихи судҳои иқтисодӣ, таърихи ташаккулёбии судҳои иқтисодӣ, роҳҳои ташаккулёбии судҳои иқтисодӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, ҳокимияти судӣ, шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, низоми судӣ, сохтори судӣ, адолати судӣ, волоияти қонун, инсондӯстӣ.

# СТАНОВЛЕНИЕ И ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ СУДОВ В ТАДЖИКИСТАНЕ ДО ОБРЕТЕНИЯ НЕЗАВИСИМОСТИ

**Миралиев Исфандиёр Карахонович,**
доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук
**Тел.:** (+992) 908483869
**E-mail:** isfand88@mail.ru

**Зокирова Нодира Иномджоновна,**
доктор Phd 2-го курса очного отделения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 105-02-00-00
**E-mail:** nodirazokirova300@gmail.com

**Аннотация:** В данной статье описывается развитие системы экономических судов с исторической точки зрения, деятельность этой судебной системы в Таджикистане до и после обретения независимости, а также дается широкое разъяснение функций, деятельности и полномочий экономических судов и полное представления об их состава и структуры. Конечно, в системе государственного управления ни одно государство не может существовать без судебного института, потому что он необходим как средство обеспечения справедливости и истины. Поэтому каждое государство так или иначе поддерживает свою судебную систему как важную и целостную структуры. Суд является самостоятельной ветвью государственной власти, обеспечивает равновесие ветвей, используя принцип сбалансированности и сдержанности, и не допускает злоупотребления своей властью какой-либо другой ветвью.

**Ключевые слова:** История экономических судов, история становления экономических судов, пути развития экономических судов, экономические отношения, судебная власть, ветви государственной власти, судебная система, судебный строй, правосудие, законность, гуманность.

# FORMATION AND MAIN STAGES OF DEVELOPMENT OF ECONOMIC COURTS IN TAJIKISTAN BEFORE INDEPENDENCE

**Miraliev Isfandiyor Qarakhonovich**,
docent of the department of the law faculty of the Tajik national university Department of Human Rights and

Comparative Law, Faculty of Law of Tajik National University
**Phone:** (+992) 908-48-38-69
**E-mail:** isfand88@mail.ru

**Zokirova Nodira Inomjonovna,**
2nd year full-time doctor Phd of the department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law of Tajik National University
**Phone:** (+992) 105-20-00-00
**E-mail:** nodirazokirova300@gmail.com

**Annotation:** This article describes the development of the system of economic courts from a historical point of view, the activities of this judicial system in Tajikistan before and after independence, and also provides a broad explanation of the functions, activities and powers of economical courts, as well as a complete understanding of their composition and structure. Of course. In the system of public administration, no state can exist without a judicial institution, because it is necessary as a means of ensuring justice and truth. Therefore, each state in one way or another maintains its judicial system as an important and integral structure. The Court is an independent branch of state power, ensures the balance of and branches, using the principle of balance and restraint, and does not allow any other branch to abuse its power.

**Key words:** The history of economic courts, the history of the formation of economic courts, the development of economic courts, economic relations, the judiciary, branches of goverments, the judiciary justice, legality, humanity.

Ҳокимияти судӣ солҳои зиёд аст, ки дар ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳимояи қонуният ва адолат буда, дар ин давра роҳу пайраҳаҳои пурпечутоби ҳаёти сиёсии мамлакатро паймуда, барои устувор намудани амнияти милливу давлатӣ, оромии авзои ҷомеа, пойдории сулҳу субот саъю кӯшиш ба харҷ додааст. Адолати судӣ сохти ҷамъиятӣ, давлатӣ, тамоми шаклҳои моликият, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқҳои сиёсӣ ва дигар ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсии шаҳрвандон, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни моликиятро аз ҳама гуна сӯиқасд муҳофизат мекунад. Соли 1991 бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон марҳилаҳои нави таърихӣ, ки ба рушди ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ мусоидат мекунанд, пайдо шуданд. Маҳз дар ҳамин давраи таърихӣ раванди демократикунонӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули механизми идоракунии давлатӣ, азназаргузаронии арзишҳои маънавӣ ва маданӣ ба миён омаданд. Тӯли 20 соли мустақилияти худ Тоҷикистон дар ин самт муваффақиятҳои зиёдро ба даст овардааст.

То замони шӯравӣ баҳсҳои иқтисодӣ аз ҷониби қозӣ дар асоси меъёрҳое, ки дар Қуръон, ҳадис ва дигар қонунгузории исломие, ки оид ба

ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои вайронгаштаи шахсонро танзим менамуд, ҳал карда мешуд[18].

Таъсиси судҳо ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти онҳо дар давраи басо ҳассос ва мураккаби муборизаҳои сиёсӣ роҳандозӣ мегардид. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи сиёсии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳанӯз хеле нигаронкунанда буд. Ин ҳолат яке аз омилҳои асосии авҷи қонуншиканиҳо ва ҷинояткорӣ гашта, мақомоти махсусгардонидашудаи назоратӣ бобати таъмини қонуният ва риояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ташаккул наёфта буданд. Мавриди зикр аст, ки фаъолияти мақомоти судии Тоҷикистон баъди ғалабаи Инқилоби Октябр дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ оғоз гардидааст. Хусусияти муҳими давраи аввали фаъолияти Суди Олии ҶШС Тоҷикистон ба вуҷуд омадан ва тараққӣ кардани вазифаи нозирии судии вай буд.

Бо мурури замон миқдори судҳо дар ҶШС Тоҷикистон меафзуд ва ба ҳолати 1 январи соли 1930 дар ҷумҳурӣ 34 суди халқӣ фаъолият мекард. Он вақт дар Тоҷикистон низоми дузинагии судӣ – суди халкӣ ва Суди Олии Тоҷикистон арзи ҳастӣ дошт ва Суди Олӣ нисбат ба суди халкӣ мақомоти болоӣ ҳисобида шуда, баҳсҳоро дар шакли кассатсионӣ ҳал мекард. Дар он давра сохтор, тартиби таъсис, салоҳият ва принсипҳои фаъолияти мақомоти судии ҷумҳурӣ дар заминаи сохти судии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба тартиб андохта мешуд.

Мақомоти судии кишвар тӯли солҳои сипаришуда рушду такомул ёфта, чандин маротиба ба тағйиротҳои сохторию кадрӣ дучор гашт, вале моҳият ва муҳтавои фаъолияташ, ки аз таъмини адолати судӣ, волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсону шаҳрванд ва давлату ҷомеа иборат буд, тағйирнопазир боқӣ монд. Воқеан пойдории давлат ва бақои он ба адолати судӣ эҳтиёҷ ва пайвастагии ногусастанӣ дошта, ин омили муайянкунанда водор месозад, ки пайваста ҳокимияти судӣ таҳким ва густариш ёбад. Таърихи таъсиси марҳилаҳои асосии мақомоти судии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба давраи баъди Инқилоби Октябр марбут аст. Маҳз дар ҳамин ҳол, давраи ташаккул ва рушди мақомоти судӣ аз соли 1924 ибтидо гирифта, манфиатҳои аҳли меҳнатро ҳимоя ва дар байни мардум фаъолияти тарбияи ҳуқуқиро пеш мебурд.

Асоси ҳалли як қатор масъалаҳои ба самти мазкур алоқаманд ин зарурияти ба расмият даровардани низоми судии нав дар Тоҷикистон буд, чунки баъди солҳои барҳамхурии Иттиҳоди Шуравӣ талафоти зиёде дар низоми судӣ ба назар мерасид. Аз ин рӯ, мавриди тадқиқот қарор додани таърихи рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мубрамияти хосро касб менамояд. Махсусан таърихи рушди ҳокимияти судӣ қисми асосии раванди ҷамъиятӣ-сиёсиро, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихи ҷомеаи миллати тоҷик ба миён меояд, муаррифӣ мекунад. Мутобиқи моддаи 19 Конститутсияи

[18] Буриев И.Б. Становление и развитие государственности на территории Таджикистана (досовесткий период). – Душанбе, 2007. – С.45

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

Пайдо шудани судҳои иқтисодӣ – ин натиҷаи мустақим ва қонунии (табиии) ислоҳоти асосии иқтисодиёт ва системаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вайроншавии тез, қариб барқвори иқтисодиёти нақшавии ба моликияти давлатӣ асос шуда, аз як тараф, зарурати муҳими бурдани баррасии судии баҳсҳо ва муноқишаҳои иқтисодии иқтисоди бозоргонии ташкил ёфта истодаро, ки аллакай ба моликияти омехта, аз он ҷумла моликияти хусусӣ низ асос шуда буд, ба вуҷуд овард, аз дигар тараф бошад, арбитражи давлатӣ ва идоравиро бекор гузошт. Роҳи баромад дар он дида шуд, ки арбитражи давлатӣ, инчунин идоравӣ низ барҳам дода шуда, дар базаи кадрӣ ва моддии онҳо системаи ягона ва томи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуданд.

Баъд аз эълон намудани соҳибихтиёрӣ дар ҳудуди давлати шӯравии пошхӯрда, давлатҳо ба гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ, ки натиҷаи он, аз ҷумла қабули қонунҳои нави мутобиқ ба талаботи замони истиқлолият буд, шурӯъ намуданд. Ҳамзамон, дар ин давлатҳо як қатор барномаҳои гуногуни ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Тибқи барномаи мазкур ба мақомоти олии ҳокимияти судии давлатҳои соҳибистиқлол нақши муҳим вогузор карда шуд[19].

Бо мақсади амалӣ намудани барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ҷиҳати дар низоми судии кишвар ворид намудани ниҳоди нав – «коромӯз-судя» ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Вобаста ба такмили қонунгузории низоми судҳои иқтисодӣ дар санаи 5 январи соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мурофиаи судии иқтисодӣ» қабул карда шуд, ки мутобиқи он Кодекси мазкур аз 1 апрели соли 2008 мавриди амал қарор дода шуд. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои куллиеро дар роҳи демократикунонии мурофиаи судии иқтисодӣ, таъмини мустақилияти иштирокчиёни мурофиа ва ба таври мубоҳисавӣ гузаштани мурофиаи суди иқтисодӣ, зиёд намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиа ва таъмини кафолати истифодаи самараноки ин ҳуқуқу уҳдадориҳо, баланд бардоштани нақши судҳоро дар мавриди ба амал

[19] Ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1997, № 692 “Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе 1997. — № 3-4. – С. 85; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2007. – С. 186; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.01.2011, № 976 “Дар бораи барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013” // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон . – Душанбе, 2011. – № 1-3. – С.146.

баровардани адолати судӣ, таъмини бемайлони мустақилияти судяҳоро пешбинӣ намудааст.

Инкишофи системаи судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тағйир додани мақомотҳои арбитражи давлатӣ ба судҳои ҳакамӣ ва аз он ба судҳои иқтисодӣ анҷом ёфт, раванди ташаккули ҳокимияти судии мустақил ва самаранокро инъикос менамояд. Таърих дар бораи муносибати гуногуни ҳалли баҳси байни субъектони фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. То соли 1931 баҳси байни корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ аз тарафи комиссияҳои арбитражӣ ҳал карда мешуд, ки бо қарори КИМ ва СКХ ИҶШС ташкил карда шуда, фаъолияташон асосан бо Низомномаи Комиссияи арбитражии назди Совети меҳнат ва мудофиаи ИҶШС аз 6 майи соли 1924 ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешуд. Комиссияҳои арбитражӣ парвандаҳоро дар ҳайати се аъзо бо иштироки ҳатмии ҳуқуқшинос ва корманди роҳбарикунандаи хоҷагидор баррасӣ мекарданд. Парвандаҳо аз рӯи қоидаҳои муқарраркардаи Кодекси мурофиавии гражданӣ ба истиснои баъзе қоидаҳое, ки аз хусусияти комиссияҳои арбитражӣ бармеоянд, баррасӣ карда мешуданд. Инкишофи арбитраж ба ҷорӣ намудани муносибатҳои ҳисоби хоҷагӣ ва ба расмият даровардани алоқаҳои хоҷагидорӣ дар асоси шартномавӣ алоқаманд аст. Бо қарорҳои КИМ ва СКХ ИҶШС, ки моҳи марти соли 1931 қабул шуданд, ҳамаи мақомотҳои давлатӣ, хоҷагидорӣ ва кооперативӣ, корхонаҳо вазифадор буданд, ки муносибатҳои ҳамдигариашонро оиди маҳсулотсупорӣ, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ бо бастани шартномаҳо ба расмият дароранд ва барои иҷро накардани онҳо бо тартиби муқарраркардаи қонун ҷавобгар бошанд.

Дар моҳи майи соли 1931 дар системаи мақомотҳои идоракунии давлатӣ арбитражи давлатӣ ташкил карда шуд, ки барои ҳал намудани баҳси амволии байни муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои хоҷагии сотсиалистӣ дар самти мустаҳкам намудани интизоми шартномавию нақшавӣ ва ҳисоби хоҷагӣ равона карда шуда буд. Низомномаи аввалин дар бораи арбитражи давлатӣ бо Қарори КИМ ва СКХ ИҶШС аз 3 майи соли 1931 тасдиқ шуд. Аз лаҳзаи ташкилшавиаш арбитраж дар ду намуд – давлатӣ ва идоравӣ амал мекард. Дар арбитражи давлатӣ баҳси байни корхонаҳо ва ташкилотҳои тобеияти гуногуни маъмурӣ, дар арбитражи идоравӣ бошад баҳси байни корхонаҳо ва ташкилотҳои тобеи як идора (вазорат, кумита ва ғ.) ҳал карда мешуданд.

Дар таърихи шастсолаи мавҷудияти арбитражи давлатӣ (аз моҳи майи соли 1931 то моҳи марти соли 1992) аз тарафи давлат чанд маротиба кӯшиши навсозии сохтор ва фаъолияти он, мувофиқа намудан ба шароитҳои иқтисодии тағйирёбанда, баланд бардоштани нақши он дар хоҷагии халқ карда мешуд. Ба зиммаи арбитраж вазифаҳои нав ба нав гузошта мешуданд. Дар соли 1960 Совети Вазирони ИҶШС Низомнома дар бораи Арбитражи давлатӣ аз соли 1931-ро бекор кард ва Низомномаи

навро дар бораи Арбитражи давлатии назди Совети Вазирони ИҶШС тасдиқ кард. Дар моҳи августи соли 1970 Совети Вазирони ИҶШС қарор "Дар бораи баланд бардоштани нақши мақомотҳои Арбитражи давлатӣ ва арбитражи вазоратҳою идораҳо дар хоҷагии халқ"-ро қабул кард, ки мувофиқи он арбитраж бояд ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, такмили алоқаҳои хоҷагидорӣ, мустаҳкам намудани нақши шартномаҳо дар муносибатҳои хоҷагидорӣ кӯмак мекард. То соли 1974 арбитражҳои поёнӣ ба арбитражҳои болоӣ итоат намекарданд, балки дар назди мақомотҳои иҷроия буданд, яъне система бе тобеият буд. 17 январи соли 1974 Арбитражи давлатии ИҶШС ба мақоми иттифоқӣ-республикавӣ табдил дода шуд ва Низомномаи нав дар бораи Арбитражи давлатии назди Совети Вазирони ИҶШС тасдиқ карда шуд. Давраи охирини инкишофи арбитражи давлатӣ бо қабул намудани қонунгузорӣ дар бораи он баъди қабули Конститутсияи ИҶШС соли 1977 алоқаманд аст. Арбитраж мақоми давлатӣ эътироф мешуд, ки мақоми он бо Конститутсияи ИҶШС муайян карда шуда буд.

Ташкил ва тартиби фаъолияти мақомотҳои арбитражи давлатӣ аввалин маротиба дар Қонун "Дар бораи арбитражи давлатӣ дар ИҶШС", ки аз тарафи Совети Олии ИҶШС 30 ноябри соли 1979 қабул шуд, сабт ёфт. Дар асоси ин қонунгузорӣ Низомнома дар бораи Арбитражи давлатии назди Совети Вазирони ИҶШС ва қоидаи баррасии баҳсҳои хоҷагӣ аз тарафи арбитражҳои давлатӣ қабул шуда буданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арбитражи давлатӣ дар фаъолияти худ Низомнома дар бораи мақомоти Арбитражи давлатиро, ки бо Қарори Совети Вазирони ИҶШС Тоҷикистон тасдиқ шуда буд, ба роҳбарӣ мегирифт. Баъди соҳибихтиёр эълон шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 ислоҳоти асосии иқтисодиёт ба амал омада, шаклҳои гуногуни моликият ба вуҷуд омаданд. Ҷои муносибатҳои амудии идоракуниро алоқаҳои мӯътадили уфуқии хоҷагидорӣ ва мубодилаи молию пулӣ гирифт. Ҷои нақшаро шартнома ишғол намуд, аз тарафи давлат мустақиман идоракунии марказонидашудаи иқтисодиёт ба танзими қонунгузории иқтисодиёт иваз шуд. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки пеш фаъолияти арбитражӣ ва тартиби ҳал намудани баҳсҳои хоҷагидориро ба тартиб меандохтанд, ба таври пурра ба шароити нав номутобиқ шуда монданд.

Бо барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ марҳилаи нав дар рушди давлатдорӣ дар фазои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон оғоз шуд. Ташаккули давлатдорӣ дар ҷумҳуриҳои иттиҳоди хеле мураккаб мегузашт. Дар ин замина истиқлолияти сиёсӣ ва гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ низ ба вуқӯъ мепайваст. Масоилҳои ба миён омада аз бисёр ҷиҳат аз он бармеомаданд, ки тағйиротҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ нобаробар ҷо ба ҷо буданд. Барои Тоҷикистон ҳолати мураккаби ҷустуҷӯи роҳҳои баромадан аз бӯҳрон ва рӯ ба рӯ гаштан бо ҷанги шаҳрвандӣ монеаи хеле ҷиддӣ дар барқароршавии ҳокимияти судӣ гардид. Мубориза барои ҳокимият ва

бесарусомониҳои сиёсӣ-ҳуқуқии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, инчунин масоилҳои зиёдеро дар сохтмони ҳокимияти дурусти судӣ ба миён овард. Дар чунин шароитҳои ғайриоддӣ роҳбарияти сиёсии ҷумҳуриҳои мустақил бояд масъалаҳои азнавсозии низоми судиро ҳал менамуданд, ки дар шароитҳои ноустувории сиёсӣ, низои дохилӣ, буҳрони сиёсӣ ва иқтисодӣ, болоравии сатҳи ҷинояткорӣ ва ғайра бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегаштанд.

Мавриди зикр аст, ки пеш аз барҳамхӯрии ИҶШС моҳи октябри соли 1991, Шӯрои Олии ҶШСФР бо қарори худ гузаронидани ислоҳоти судиро шарти зарурии амалкунии ҶШСФР ҳамчун давлати демократии ҳуқуқбунёд ҳисобид.[20]

Вобаста ба роҳи муносибати бозоргониро интихоб намудани ҷумҳурӣ муносибатҳои дигар ба шаклҳо ва методҳои фаъолият, баланд бардоштани нақши арбитраж, васеъкунии салоҳияти ӯ, баланд бардоштани обрӯи он зарур шуда монд. Аз ин рӯ, 10 марти соли 1992 Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи додгоҳҳои ҳакамии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби ҳалли баҳсҳои хоҷагӣ дар додгоҳҳои ҳакамии Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро қабул кард, ки дар онҳо ба ғайр аз равшан намудани масъалаҳои вобаста ба вазифаҳо, мақом, фаъолияти додгоҳҳои ҳакамӣ алоқаманд, тартиби ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ низ инъикоси худро ёфтанд. Қонунҳо мақомотҳои арбитражиро ба додгоҳҳои ҳакамӣ – мақомотҳои босалоҳияти мустақил, соҳибихтиёр, ки қобилияти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектони хоҷагидориро сарфи назар аз шакли моликият доранд, табдил дод. Қабули қонунҳои дар боло зикргардида маънои ивази оддии арбитражҳоро ба судҳои иқтисодӣ надошт. Ин қадами дарк кардашуда ва асоснок карда шудаи давлат оиди ташкили шохаи мустақили ҳокимияти судӣ буд. Чунин қадам пешакӣ барои бо шароитҳои нави иқтисодӣ муайян карда шуда буд, ки дар онҳо танзимгари асосии муносибатҳои иқтисодӣ қонун ва шартнома мешуданд.

Бинобар ин, зарурати ташкили судҳое лозим буд, ки бо баҳисобгирии таҷрибаи мусбии андухтаи арбитражҳои давлатӣ, дар асоси қатъии мурофиавӣ баҳси шарикони корчаллон, инчунин баҳси корчаллонҳоро бо мақомотҳои давлатӣ ҳал мекарданд, зимнан ба тарафҳои баҳскунанда имкониятҳои баробари ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои вайронкардашуда ё мавриди баҳс қароргирифта медод. Якчанд вақт баъдтар додгоҳҳои ҳакамӣ ба судҳои иқтисодӣ табдил дода шуданд. Мақоми онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, баён ёфтааст. Дар ин шароит танзимкунандаи асосии муносибати моликият, истеҳсолот ва мубодилаи байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи маҳсулоту молҳо қонун ва

[20] Ниг.: Постановление Верховного Совета РСФСР “О концепции судебной реформы в РСФСР” от 24 октября 1991 г. № 1801-1 // Лебедов В.М., Корчагин А.Ю., Свечникова Л.Г. Верховный суд России. — Пятигорск: Снег, 2012. – С. 354.

шартнома дар ягонагии онҳо ва алоқаҳои байниҳамдигарии бозоргонӣ мешаванд.

Маҳз бо ташкил ёфтани муносибатҳои бозоргонӣ талабот ба ташкилкунии системаи судии мустақил, ки махсус барои баррасӣ намудани баҳсҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидорӣ мувофиқ гардонида шудаанд, ба миён омад. Заруријати такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиавии хоҷагӣ дар соли 1995 ба кор карда баромадан ва қабули ду санади нав: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда расонд, ки асоси ҳуқуқии системаи сохтори судӣ ва мурофиаи судии судҳои иқтисодӣ гаштанд. Онҳо табдил ёфтани собиқ арбитражҳои давлатиро ба мақомотҳои комили пурраи ҳокимияти судӣ ифода менамуданд ва бори аввал салоҳияти баамалбарории адолати судиро аз рӯи парвандаҳои хоҷагӣ ба зиммаи мақомоти судӣ гузоштанд. Идомаи такмили қонунгузории низоми судии кишвар соли 2001 ба қабули Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» оварда расонид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти аҳамияти бузурги нақши мақомоти судӣ дар кори мустаҳкам кардани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, муҳофизати ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, дар тамоми давраи Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ ба фаъолияти мақомоти судӣ диққати махсус медиҳанд. Дар ин бора он далел низ шаҳодат медиҳад, ки дар давоми солҳои охир силсилаи санадҳое ба тасвиб расиданд, ки онҳо ба мустаҳкам намудани фаъолияти мақомоти судӣ нигаронида шудаанд. Ҳанӯз дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2007 қайд карда шуда буд, ки «Яке аз омилҳои муҳими таъмини афзои босуботи ҷомеа таҳкими ҳокимияти судӣ мебошад». Илова бар ин тадбирҳои то имрӯз андешидашуда, Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ таҳия гардидааст, ки дар он роҳҳо ва мӯҳлатҳои мушаххаси таҳким ва рушди минбаъдаи мақомоти судӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар шароити давлатдории мустақил дар навбати аввал қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи сохтори судӣ» ва «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва инчунин дар мувофиқа бо Конститутсияи нав дар ҷумҳурӣ як қатор қонунҳои конститусионӣ «Дар бораи сохтори судӣ», «Дар бораи мақоми судяҳо» қабул шудааст, ки муҳлати ваколати судяҳо, маҳакҳои интихоби онҳоро ба мансабҳои судяҳои зинаҳои судӣ, принсипҳои амалисозии адолати судӣ ва ҳуқуқи дахлнопазирии судҳоро муайян намуда, таъсиси судҳои фавқулодда ва ғайраро манъ намудааст.

Масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини мустақилияти судяҳо иҷроиши иловагии худро дар Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 14 апрели соли 1997, № 692 «Дар бораи баъзе чораҳо доир ба таъминоти мустақилияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайдо намуданд[21].

«Таъмин намудани қонуният ва адолат аз ҷониби ҳокимияти судӣ шарти муҳимтарини пешрафти мамлакат ва расидан ба мақсадҳои ниҳоие мебошад, ки дар назди худ гузоштаем». Дар ин асос бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ тасдиқ карда шуд, ки тадбирҳои мушаххас бобати амалӣ намудани ислоҳоти судию ҳуқуқиро дар бар мегирад. Ин Барнома бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи он дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, таъмини ҳамаҷонибаи қонунияту адолат қабул шудааст. Мутобиқи талаботи Барномаи мазкур истеҳсолоти иҷро аз тобеияти Шӯрои адлия ва судҳои ҷумҳурӣ ба тобеияти Вазорати адлия гузаронида шуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» 20 марти соли 2008 аз ҷониби Президенти мамлакат ба имзо расида, аз 1 апрели ҳамон сол мавриди амал қарор гирифт.

Бояд гуфт, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд меъёри асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ эълон шуда, дар асоси тақзияи ҳокимият тартиби ташкил, салоҳият ва ҳамкории байни мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дақиқ танзим гардид. Дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидани тақзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ яке аз муҳимтарин дастоварди давраи соҳибистиқлолӣ мебошад. Судҳои иқтисодӣ ҳам самараи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон буда, дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти асосии иқтисодиёт ва низоми давлатии Ҷумҳурии Тоҷикстон ба миён омаданд. Дар замони ҳозира вусъати бемисли рушди бахшҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, тамаддуну фарҳанги ҷаҳони муосир, хусусан дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ, инкишофи робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалии соҳибкорӣ ва ҷараёни сармоягузорӣ дар назди судҳои иқтисодӣ вазифа гузошта шудааст, ки вобаста ба таъмини босуботи фаъолияти низоми судӣ, баамалбарории адолати судӣ ва ҳимояи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ чораҳои зарурӣ андешанд. Мақсади асосии судҳои иқтисодӣ ин устуворгардонии қонуният ва адолат дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули эҳтиром нисбат ба қонун ва таъмини фаъолияти давлати ҳуқуқбунёд мебошад.

Судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи начандон тӯлонӣ доранд, лекин муносибатҳои молӣ, пулӣ, тиҷоратӣ аз замони пайдоиши моликияти хусусӣ падид омада чун шакли мураккабтарини робитаҳои

[21] Ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1997, № 692 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии тоҷикистон. – Душанбе, 1997. № 3-4. – С. 85.

байни аҳли ҷомеа боқӣ хоҳад монд. Таъмини адолати иҷтимоӣ аз таъмини адолати иқтисодӣ сарчашма гирифта, дар ин ҷода зарур аст, ҳифзи ҳуқуқу вазифаҳои харидору фурӯшанда, корфармову корманд, муштариву соҳибкорро риоя намуд. Роҳу равиши ҳаллу фасл, тарзи баррасии ин мушкилот дар гузашта дар сатҳи девон, вазорату давлатдориҳо мавқеи ҷиддӣ дошт ва дар осори гаронбаҳои адибони классик, пешвоёни давлативу сиёсатмадорон низ таъкид шудааст. Баҳсҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ, ки бештар мавзуъҳои тақсими замин, молу амволи тиҷоратӣ ва соҳибкориро дар бар мегирифт то як андоза аз тарафи ҳокимону мубадон, қозиҳо дар заминаи дастурҳо, фатвҳо, фароизу суннатҳои динӣ ҳаллу фасл ва дар мизони адлу инсоф қиёс мешуданд.

Бо соҳибистиқлол гардидани кишвар зарурати барқарор намудани фаъолияти ҳамаи зинаҳои сохтору мақомоти фалаҷшудаи давлатӣ ва таъсиси низоми самарабахши мақомоти ҳокимият ба миён омада, сохторҳои давлатӣ, низоми судӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аз нав ташкил карда шуданд ва ислоҳоти идораи давлатӣ оғоз гардид, ки он то ба ҳол идома дорад. Дар даврони истиқлолият низоми самараноки мақомоти ҳокимияти иҷроия ташкилу такмил ёфта, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти онҳо фароҳам оварда шуданд. Дар ин давра низоми муосири ҳокимияти судӣ таъсис дода шуда, ба сифати шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф гардид ва се барномаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ қабул гардид, ки татбиқи онҳо ба таҳкими ҳокимияти судӣ, такмили қонунгузории соҳа ва кафолати амалишавии меъёри конститутсионии баробарии ҳама дар назди қонун мусоидат кард.

9-уми сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлол эълон гардид ва дар натиҷа ислоҳоти бунёдии иқтисодиёт ҷараён гирифта, шаклҳои гуногуни моликият ба вуҷуд омаданд. Ҷои муносибатҳои маъмурию идоракуниро муносибатҳои муътадили хоҷагидорӣ ва муносибатҳои молию пулӣ гирифт. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки пеш фаъолияти арбитраж ва тартиби ҳалли баҳсҳои хоҷагидориро ба танзим медароварданд, ба таври пурра ба шароити нав номутобиқ гардиданд. Мавриди қайд аст, ки дониши ҳуқуқӣ чи дар марҳилаи зардуштию чи исломӣ ва то имрӯз заминаи дарёфти мақоми волои шахс дар ҷомеа маҳсуб гардида, махсусан дар ду марҳилаи аввали давлатдории тоҷикон, ҳуқуқшиносон, аз он ҷумла қозию доварон ҷузъи фаъолтарин ва пешқадами элитаи сиёсии ҷомеаро ташкил медоданд, ки дар равандҳои рушди ҷомеа ва давлат саҳми бориз доштанд. Маҳз аз ин лиҳоз, омӯзиши таърихи низоми судӣ таҳлили вазъияти табақаҳои ҷомеа низ ҳаст, ки дар сиёсати давлатию рушди ҷомеа таъсиргузор буданд [22].

Бо қарори Маҷлиси Олии ҶТ аз 4-уми ноябри соли 1995 таҳти № 103 Дар хусуси мавриди амал қарор додани Қонуни конститутсионии

[22] Боголюбов А.С. Пресечение и наказание в мусульманском праве (VIII-IX вв.) // Ислам. Религия, общество, государство. – М.: Наука, 1984. – С. 221.

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии ҶТ» расман судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуданд. Бо ин қарор шумораи умумии судяҳои судҳои иқтисодии ҶТ 38 нафар ва шумораи кормандони дастгоҳи судҳои иқтисодии ҶТ 67 нафар муқаррар карда шуданд. Идомаи такмили қонунгузории низоми судии кишвар солҳои 2001 ва 2014 ба қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар гардид. Илова бар ин, дар давоми ин солҳо силсилаи санадҳое, ки ба тавсиб расиданд, ки онҳо ба мустаҳкам намудани фаъолияти ҳокимияти судӣ нигаронида шудаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми ҳамасолаи худ қайд менамоянд, ки яке аз омилҳои муҳими таъмини фазои босуботи ҷомеа таҳкими ҳокимияти судӣ мебошад. Илова бар ин тадбирҳои то имрӯз андешидашуда, барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ таҳия гардидаанд, ки дар он роҳҳо ва муҳлатҳои мушаххаси таҳким ва рушди минбаъдаи ҳокимияти судӣ пешбинӣ гардидааст. Дар ин замина бо Фармонҳои Президенти ҶТ барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ тасдиқ гардидаанд, ки тадбирҳои мушаххас бобати амалӣ намудани ислоҳоти судию ҳуқуқиро дар бар гирифтанд. Барномаҳои мазкур бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи он дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, таъмини ҳамаҷонибаи қонунияту адолат тасдиқ гардиданд.

Вобаста ба такмили қонунгузории низоми судҳои иқтисодӣ Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва аз 1-уми апрели соли 2008 мавриди амал қарор гирифт. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти куллиеро дар роҳи демократикунонии мурофиаи судии иқтисодӣ, таъмини мустақилияти иштирокчиёни мурофиа ва ба таври мубоҳисавӣ гузаштани мурофиаи суди иқтисодӣ, васеъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиа ва таъмини кафолати истифодаи самараноки ин ҳуқуқу уҳдадориҳо, баланд бардоштани нақши судҳоро дар мавриди ба амал баровардани адолати судӣ, таъмини бемайлони мустақилияти судяҳоро пешбинӣ намуд. Бинобар ин дар шароити кунунӣ адолати судиро дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди иқтисодии шаҳри Душанбе ва вилоятҳо амалӣ менамоянд.

Ниҳодҳои адолати судӣ таърихи қадима дошта, қадимтарин ниҳодҳои ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравaнд. Ғайр аз ин, тафриқа ва таҷзияи ниҳодҳои нави адолати судӣ дар тӯли таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна, нав ва навтарин тадриҷан амалӣ гардида, имрӯз низоми судии кишварҳои ҷаҳон – Суди конститусионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, арбитраж, Суди ҳарбӣ, Трибуналҳо, Судҳои тиҷоратӣ ва савдо, Суди одатӣ, Суди ҳакамӣ, Суди оилавӣ, Суди ювеналӣ, Суди маъмурӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Ҳар яки ин ниҳодҳо таърихи таъсису рушд,

таҷриба, ваколату масъулият, тобеъияту моҳияти фаъолияти хоси худро доранд ва омӯзиши таърихию ҳуқуқии онҳо барои гирифтани сабақи таърихӣ ва истифодаи дастовардҳои онҳо барои ташаккули ниҳодҳои амалкунандаи адолати судӣ имрӯз ва дар оянда, аз ҷумла дар Тоҷикистони соҳибистиқлол низ хизмат мекунанд.

Дар паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст: «Пеш аз ҳама зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ ҳамчун ягона мақоми баамалбарорандаи адолати судӣ ҷоннок карда шавад. Зеро, суд мақомест, ки танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба он ҳуқуқи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон иҷозат дода шудааст»[23]. Воқеан, раванди ташаккули ягон давлати муосирро бе фаъолияти самараноки мақомоти судӣ, ки асоси таъминкунандаи адолати иҷтимоӣ мебошад, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар партави ислоҳоти судию ҳуқуқӣ кӯшиши қонунгузор ва муҳаққиқон ба он равона карда шудааст, ки баҳсҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори судӣ ва танҳо дар мурофиаи судӣ баррасӣ гардад. Дар шароити муосир то кадом дараҷа ба талаботи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мувофиқ будани мувофиқ будани мавҷудияти мақоми судҳо масъалаи ҳалталаб аст, чунки ҳанӯз Ш. Монтескё ҷамъ омадани ваколати иҷроияви ва судиро дар як мақомот сабаби вайрон шудани мизони таҷзияи ҳокимият ва маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон шуморида буд[24].

Дар низоми ниҳодҳои таъсисёфтаистодаи таърихи давлатдорӣ ниҳодҳои адолати судӣ мавқеи муҳимро доштанд ва доранд. Ниҳодҳои судӣ ҳамчун механизми ҳаллу фасли баҳсҳои даъвоҳои байни аъзои ҷомеа ва қавму қабила пайдо гардида, бо ташаккулу рушди башарият ҳар чӣ бештар ба талаботу ниёзи ҷомеа мутобиқ мешуданд ва ҳамчунин, дар фаъолияти худ ғоя ва таҷрибаи навро фаро гирифта, мураккабтар гардида, такмил меёфтанд. Зарурати муқаррар кардани танзими иҷтимоиро барои ҳамзистии осоишта ва меҳнати муштараки худи одамон дарк карда, ҷамоаҳои аввалия ҳар гуна механизмҳои ҳаллу фасли баҳсу мухолифат ва даъвоҳоро таҳия намуданд. Аз ҷумла, таҳияи қоидаҳо ва муқаррар кардани онҳо барои ҷомеа оғоз ёфт, ки ҳамагон мебоист ба он итоат мекарданд. Дар сурати вайрон кардани қоидаҳои ҷамъиятии рафтор ё ҳангоми ба вуқӯъ омадани баҳсҳое, ки ба устуворию суботи тартиботи муқарраршуда таҳдиди мекарданд, тарзу усулҳои барои ҷомеаи ибтидоӣ хоси баррасии баҳсҳо ва ҷазодиҳии вайронкунандагони он татбиқ карда мешуд. Қобили қайд аст, ки андешаи адолат ва додгоҳи адолатпеша дар тамаддуни шарқию ғарбӣ ба вуҷуд меоянд. Дар таълимоти ҳуқуқшиноси римӣ Улпиан

---

[23] Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон (маҷмӯи паёмҳо). — Хуҷанд: Хуросон, 2019. – С. 604.
[24] Монтеске. Ш. О духе законов. – М.: РИПОЛ классик, 2018. – С. 151.

чунин гуна муносибатро дар муайян кардани мафҳуми ҳақ ва адл дидан мумкин аст. Ба андешаи ин ҳуқуқшинос, «Қарори қабулкардаи ҳар шахс асос барои он аст, ки нисбати ӯ низ қабули чунин қарор ҷоиз шавад»[25].

Рушди тасаввуроти динӣ, инчунин асоси ташкили механизми нави баамалбарории адолати судӣ – санҷишҳо гардид, ки бар амали қувваҳои фавқуттабиӣ асос ёфтаанд. Санҷиш дар ҷомеаи ибтидоӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ бо калимаи «важ» маълум буда, ҳангоми баррасии даъвою баҳсҳои байни одамон васеъ истифода мешуд. Иттилоот дар бораи ин механизми баамалбарории адолати судӣ шаҳодат медиҳад, ки дар амалисозии адолати судӣ ҳар гуна тарзҳои истифодаи санҷишҳо, ки ҳам дар Авасто ва ҳам дар сарчашмаҳои дигари ҳуқуқии қадимии тоҷикон ба танзим дароварда шудааст, татбиқ карда мешуданд.

Дар адабиёти илмӣ дуруст қайд шудааст, ки ҳокимияти судӣ барои ҳимояи ҷомеа аз рафтору кирдори ғайриҳуқуқии шахсони алоҳида ва ташкилот, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, назорат бар фаъолияти шохаҳои ҳокимият, ки қонунӣ будани амалҳою қарорҳои онҳоро таъмин месозанд, таъсис ёфтааст. Маҳз барои ҳифзи ҷомеа аз рафтору кирдори ғайриҳуқуқии шахсони мансабдорони алоҳида, яъне намояндагони ҳокимияти оммавӣ ниҳоди судӣ таъсис дода шуда буд. Суд адолати судиро тавассути баррасии парвандаҳои граждане, ҷиноятӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ дар ҷаласаҳои судӣ амалӣ мегардонад. Ягона шакли ба амал баровардани адолати судӣ маҷлиси судӣ мебошад. Яке аз вижагиҳои адолати судӣ дар он мебошад, ки санадҳои судӣ, аз он ҷумла ҳукм, ҳалнома, таъиноти суд аз номи давлат қабул карда мешавад. Адолати судӣ ҳамаи фаъолияти мурофиавии судҳоро дар бар гирифта, аз самтҳои зерин иборат аст:

1. Фаъолияти пешбурди мурофиавӣ оид ба омодасозии парванда ва баррасии он;
2. Фаъолияти амалигардонии адолати судӣ, яъне, қабули санад;
3. Фаъолияти таъмини иҷрои санади судӣ ва масъалаҳои ба он вобаста[26].

Дарки адолати судӣ бо ин мазмун комилан ба ташаккули адолати судӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон мувофиқ аст, чунки он ҳамаи се унсури номбаршударо дар бар гирифта, на танҳо масоили омодасозии парванда, қабули қарор ё ҳукм, балки масоили вобаста ба иҷрои қарор ё ҳукми қабулшударо низ фаро мегирад. Бо эълон гардидани истиқлолияти Тоҷикистон дар фазои қонунгузории кишвар санадҳои меъёрию ҳуқуқии аз ҷониби мақомоти давлатии Иттиҳоди Шӯравии собиқ қабулгардида амал мекарданд. Таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати вобаста ба низоми давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохтори иҷтимоӣ таҳияву қабули санадҳои нави қонунгузории мутобиқ ба талаботи замонаро ба миён оварда, ҳамзамон масоили мураттабсозӣ, ҳамоҳангсозӣ

[25] Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник для вузов. – М., 2005. – С. 28.
[26] Черниловский З.М. Всеобщая история государства и права. – М., 2001. – С. 34.

ва қабули санадҳои бо ҳамдигар мухолифатнадоштаро мубрам гардонид. Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 19 феврали соли 2011 таҳти № 1021 қабул шудааст, вазифаи афзалиятнокро дар ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии амалишаванда дар васеъ намудани ваколатҳои суд оид ба баррасии парвандаҳо ва таъсиси судҳо пешбинӣ мекунад.

**Адабиёт:**

1. Боголюбов А.С. Пресечение и наказание в мусульманском праве (VIII-IX вв.) // Ислам. Религия, общество, государство. – М.: Наука, 1984. – 252 с.
2. Буриев И.Б. Становление и развитие государственности на территории Таджикистана (досовесткий период). — Душанбе, 2007. — 180 с.
3. Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник для вузов. – М., 2005. –150 с.
4. Монтеске Ш. О духе законов. – М.: РИПОЛ классик, 2018. – 190 с.
5. Черниловский З.М. Всеобщая история государства и права. – М., 2001. – С.170.

**Санадҳои ҳуқуқӣ**

1. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1997, № 692 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии тоҷикистон. – Душанбе, 1997. № 3-4. – С. 85.
2. Постановление Верховного Совета РСФСР «О концепции судебной реформы в РСФСР» от 24 октября 1991 г. № 1801-1 // Лебедов В.М., Корчагин А.Ю., Свечникова Л.Г. Верховный суд России. — Пятигорск: Снег, 2012. – С. 354.
3. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон (маҷмӯи паёмҳо). — Хуҷанд: Хуросон, 2019. – С. 604.

# ҲИФЗИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН АСОСИ УСТУВОРИИ СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шарифзода Саъдӣ Шариф,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 918-99-59-09
**E-mail:** Sadi_m_90@mail.ru

**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба масъалаи ҳифзи амнияти миллӣ ҳамчун асоси устувории соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Соҳибихтиёрии давлат ва ҳифзи амнияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ мебошад, зеро ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият ва нигоҳ доштани соҳибихтиёрии давлатӣ аз таъмини амнияти миллӣ вобаста аст.

Солҳои охир ба масъалаи таъмини амнияти миллӣ ва нақши давлат дар ҳалли ин масъала диққати махсус дода мешавад. Бинобар ҳамин, давлатҳои соҳибистиқлол ҳамеша манфиатҳои миллиро ҳифз менамоянд. Айни замон амнияти миллӣ – ҷузъи амнияти ҷаҳон аст. Аз ин рӯ, давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон амнияти миллии хешро таъмин намуда, дар як вақт дар таъмини амнияти ҷаҳон саҳм мегузорад. Ба ибораи дигар, таъмини амнияти миллӣ ва амнияти ҷаҳонӣ аз ҳам ҷудо нестанд. Табиист, ки дар чунин шароит нақш ва нуфузи давлат чи дар дохили кишвар ва чи дар арсаи байналхалқӣ баланд мешавад. Раванди ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ зарурати ҳимояи манфиатҳои миллиро тақозо мекунанд. Соҳибихтиёрии ҳар як давлат бо дарназардошти мубрамияи манфиатҳои миллӣ таъмин карда мешавад. Ҳодисаҳо ва равандҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла буҳрони раванди неолибералӣ, рақобати давлатҳои абарқудрати Ғарб бо Россия, Хитой ва давлатҳои дигар, вусъати хатарҳо ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ собит менамоянд, ки таҳкими соҳибихтиёрии давлат танҳо тавассути ҳимояи манфиатҳои миллӣ имконпазир мегардад. Дар мақолаи мазкур муаллиф фикру андешаҳои олимону муҳаққиқонро таҳлил намуда, андешаҳои худро оид ба мафҳуми соҳибихтиёрӣ, соҳибихтиёрии давлатӣ, манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи амнияти миллӣ иброз намудааст.

**Калидвожаҳо:** Мафҳум, соҳибихтиёрӣ, соҳибихтиёрии давлатӣ, андешаҳо, назарияҳо, амният, манфиатҳои миллӣ, ҳифзи амнияти миллӣ, намудҳои амнияти миллӣ, санади меъёрии ҳуқуқӣ.

# ЗАЩИТА НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ КАК ОСНОВА СТАБИЛЬНОСТИ СУВЕРЕНИТЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Шарифзода Саъди Шариф,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 918-99-59-09
**E-mail:** Sadi_m_90@mail.ru

**Рецензенты:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Данная статья посвящена вопросу защиты национальной безопасности как основы стабильности суверенитета Республики Таджикистан. Государственный суверенитет и защита национальной безопасности в условиях глобализации и новых глобальных угроз являются одними из актуальных научных и практических вопросов, ведь защита Родины, защита интересов государства, укрепление независимости и поддержание государственного суверенитета зависят от обеспечения национальной безопасности.

В последние годы особое внимание уделяется вопросу обеспечения национальной безопасности и роли государства в решении этого вопроса. Поэтому суверенные государства всегда защищают национальные интересы. В настоящее время национальная безопасность является частью мировой безопасности. Поэтому независимое государство Таджикистан обеспечивает свою национальную безопасность и в то же время способствует безопасности мира. Иными словами, обеспечение национальной безопасности и глобальной безопасности неразделимы. Естественно, в таких условиях возрастает роль и влияние государства как внутри страны, так и на международной арене. Процесс глобализации, угрозы и новые глобальные риски требуют необходимости защиты национальных интересов. Суверенитет каждого государства обеспечивается с учетом важности национальных интересов. События и процессы мирового сообщества, в том числе кризис неолиберального процесса, конкуренция западных сверхдержав с Россией, Китаем и другими странами, экспансия новых глобальных рисков и угроз доказывают, что укрепление суверенитета государства возможно только через защиту национальных интересов. В данной статье автор проанализировал мнения ученых и исследователей и высказал свое мнение о понятиях суверенитета, государственного суверенитета, национальных интересов и защиты национальной безопасности.

**Ключевые слова:** Понятие, суверенитет, государственный суверенитет, мысли, теории, безопасность, национальные интересы, защита

национальной безопасности, виды национальной безопасности, нормативный правовой акт.

**Sharifzoda Sadi Sharif,**
Candidate of Laws, Associate Professor of the Department Of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Tel.:** (+992) 918-99-59-09
**E-mail:** Sadi_m_90@mail.ru

# PROTECTION OF NATIONAL SECURITY AS A BASIS FOR STABILITY OF THE SOVEREIGNTY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Reviewers:** Azizzoda U.A., Doctor of Law, Professor

**Annotation;** This article is devoted to the issue of protecting national security as the basis for the stability of the sovereignty of the Republic of Tajikistan. State sovereignty and protection of national security in the context of globalization and new global threats are one of the topical scientific and practical issues, because the defense of the Motherland, the protection of the interests of the state, the strengthening of independence and the maintenance of state sovereignty depend on ensuring national security.

In recent years, special attention has been paid to the issue of ensuring national security and the role of the state in resolving this issue. Therefore, sovereign states always protect national interests. At present, national security is part of world security. Therefore, the independent state of Tajikistan ensures its national security and at the same time contributes to the security of the world. In other words, ensuring national security and global security are inseparable. Naturally, in such conditions, the role and influence of the state both within the country and in the international arena increases.

The process of globalization, threats and new global risks require the need to protect national interests. The sovereignty of each state is ensured considering the importance of national interests. The events and processes of the world community, including the crisis of the neoliberal process, the competition of Western superpowers with Russia, China and other countries, the expansion of new global risks and threats prove that strengthening the sovereignty of the state is possible only through the protection of national interests. In this article, the author analyzed the opinions of scientists and researchers and expressed his opinion on the concepts of sovereignty, state sovereignty, national interests and the protection of national security.

**Keywords:** Concept, sovereignty, state sovereignty, thoughts, theories, security, national interest, national security protection, types of national security, normative legal act.

*Бо ифтихору қаноатмандӣ иброз медорам, ки даврони соҳибистиқлолӣ барои мардуми сарбаланди мо давраи саъю кӯшишҳои ватандӯстона ва заҳмату талошҳои созанда ба хотири ҳифзи истиқлолияту озодии Тоҷикистон, пешрафти давлат ва ободии Ватан ба ҳисоб меравад.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Солҳои охир ба масъалаи таъмини амнияти миллӣ ва нақши давлат дар ҳалли ин масъала диққати махсус дода мешавад. Роҳи муҳими ҳалли ин масъала - пешбарии назарияи амнияти миллӣ, муайян намудани мафҳуми амнияти миллӣ аст. Аз ин хотир таҳлилҳои назариявии имрӯза ба ҳамин масъала бештар нигаронида шудаанд. Масалан, О.В. Дамаскин зери мафҳуми таъмини амнияти миллӣ «фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ, ашхоси мансабдор ва шаҳрвандон оиди ошкор намудан ва пешгирии таҳдидҳо ба амнияти шахсӣ, ҷомеа ва давлат, ҳамчунин муқобилият ба ин таҳдидҳо фаҳмида мешавад»[27]. Профессор Р.Ш. Шарофзода қайд мекунад, ки ҳокимияти давлатӣ дар заминаи боварии аҳолӣ, ҳисси эҳтироми ҳокимият аз ҷониби шаҳрвандон, анъанаҳои миллӣ, сатҳи баланди шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ, шуури сиёсӣ ва ахлоқии шаҳрвандон амалӣ мешавад. Ҳокимияти давлатӣ хусусияти миллӣ ё дохилидавлатӣ дорад, бо дарназардошти ҳалафҳои идоракунии босамар ва рушди ҷомеа, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти миллӣ ташкил ва амалӣ мешавад[28]. Шарифзода С.Ш. дар монографияи худ қайд менамояд, ки яке аз функсияҳои хориҷии давлат ин функсияи таъмини сулҳ, амният ва тартиботи ҳуқуқии ҷаҳонӣ мебошад[29]. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» амнияти миллӣ ин ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохиливу берунӣ мебошад[30].

Дар асоси ин мафҳумҳои назариявӣ метавон гуфт, ки таъмини амнияти миллиро бе давлат тасаввур кардан ғайриимкон аст, аммо асоси устувории давлатҳои соҳибихтиёрро дар шароити ноороми ҳарбиву сиёсӣ, ки имрӯз минтақа ва ҷаҳонро фаро гирифтааст ин ҳифзи амнияти миллӣ ташкил медиҳад. Дар ин замина, баланд намудани нақши давлат чун субъекти таъмини амнияти миллӣ – яке аз роҳҳои муҳими таъмини амнияти миллӣ эълон мешавад. Иҷрои ҳамаи вазифаҳои давлат бо назардошти таъмини амнияти миллӣ сурат мегирад. Аз ин хотир давлати Тоҷикистон - субъекти таъмини амнияти миллӣ аст.

Айни замон амнияти миллӣ – ҷузъи амнияти ҷаҳон аст. Аз ин рӯ давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон амнияти миллии хешро таъмин намуда, дар як вақт дар таъмини амнияти ҷаҳон саҳм мегузорад. Ба ибораи

[27] Ниг.: Дамаскин О.В. Обеспечение национальной безопасности в условиях глобализации // Современное право. – М., 2003 с. № 7. – С. 18-19.
[28] Қонуни ЧТ «Дар бораи амният». – 2011. – М.1.
[29] Шарифзода С.Ш. – Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ. // Монография. – Душанбе, 2020. – С.45.
[30] Қонуни ЧТ «Дар бораи амният». – 2011. – М.1.

дигар, таъмини амнияти миллӣ ва амнияти ҷаҳонӣ – аз ҳам ҷудо нестанд. Табиист, ки дар чунин шароит нақш ва нуфузи давлат чи дар дохили кишвар ва чи дар арсаи байналхалқӣ баланд мешавад.

Бо мақсади таъмини амнияти миллӣ дар кишварҳои ҷудогона консепсияҳо ва қонунҳои амнияти миллӣ қабул мешаванд. Дар Тоҷикистон Қонун «Дар бораи амният», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунанд, ки асосҳои ҳуқуқии амнияти шахс, ҷомеа ва давлатро муайян мекунад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», амният «ҳолати муҳофизаи манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад». Истиқлолият ва тамомияти арзии он яке аз объектҳои асосии амниятро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрӣ дар шароити афзоиши хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ муҳимтарин шарти баланд бардоштани мақоми сиёсию ҳуқуқӣ ва нишонаи ҷудонашавандаи ҳокимияти давлатдории воқеист. Академик М.А. Маҳмудзода дуруст қайд менамоянд, ки Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун дастоварди бузург ва воқеаи нодиру фараҳбахши таърихӣ барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар дар роҳи давлатсозиву давлатдории навин фазои мусоидро фароҳам овард[31]. Акнун Тоҷикистонро чун давлати соҳибихтиёр дорои забон, фарҳангу тамаддун, парчам, нишон, суруди миллӣ, Конститутсия, ҳудуди муайян ва ғ. ҷомеаи ҷаҳонӣ мешиносанд, эътироф мекунанд ва ташаббусҳои созандаи давлату ҳукумати моро дар самтҳои гуногун, аз ҷумла ҳифзи амнияти ҷаҳонӣ амалӣ месозанд.

Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳибихтиёрӣ, истиқлолият, ҳифзи амният ва манфиатҳои миллӣ барои халқ ва миллати тоҷик аз ҳама боло меистад. Акнун абадан нигоҳ доштани соҳибихтиёрии давлатӣ ва ҳифзи амнияти миллӣ вазифаи ҳар як шаҳрванд ва халқи тоҷик мебошад. Чунончи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид месозад: «Орзуи ба даст овардани мустақилияти миллӣ амалӣ гашт. Ва дар асл чунин осон ба даст омадани озодӣ ва Истиқлолро касе ҳам тасаввур надошт. Ин истиқлолият ҳадяи бебаҳои таърих буда, устувору пойдор нигоҳ дошта тавонистани он масъулияти таърихии наслҳои имрӯза мебошад»[32]. Ҳамзамон дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид гардидааст, киояндаи дарозмӯҳлати кишварамон ин нигоҳдории ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, беҳсозии некӯаҳволии мардум ва ҳамзамон пешрафти минбаъда ин бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол, шукуфон, аз лиҳози иқтисодӣ ва сиёсӣ босубот мебошад[33]. Дар ин хусус профессор А.Ғ. Холиқзода ҳақиқатнигорона таъкид менамояд, ки барои мо муҳим он аст, ки аз камбуду норасоиҳои гузашта сабақи дуруст бардорем ва ба қадри Истиқлолият расем. Ва ҳаргиз нагӯем, ки озодии сиёсӣ ба мо ба

---

[31] Маҳмудзода М.А. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқи миллӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо) – Душанбе, 2014. – С. 64.
[32] Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих – Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – С. 104.
[33] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С.12.

осонӣ ба даст омадааст, зеро то ба имрӯз расидан модари тоҷик ва фарзандони ӯ дар масири таърих хориҳои зиёд дида, халқи решабатаърихи тоҷик аз доштани давлати хеш қарнҳо маҳрум будааст[34].

Имрӯз мафҳумҳои соҳибихтиёрӣ, истиқлолият, амнияти миллӣ, манфиатҳои миллӣ ва м.и. дар Конститутсияи ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам шудаанд. Ҳамзамон, олимону муҳаққиқони ватанӣ низ ба таҳлили мафҳум ва фаҳмиши соҳибихтиёрӣ, таъмини амният ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ машғул шуда, фикру андешаҳои худро иброз менамоянд. Чунончи, профессор Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) мафҳуми зеринро пешниҳод мекунад: "Давлат ташкилоти соҳибихтиёр, ҳудудӣ ва муташаккили ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки идоракунии ҷомеаро бо мақсади таъмини тартибот, назму субот ва рушди ҷомеа амалӣ мекунад[35].

Профессор Э.С. Насриддинзода ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, соҳибихтиёрии давлатро чун сарварии ба давлат хос дар ҳудуди худ ва мустақилият дар муносибатҳои байналмилалӣ маънидод менамояд[36].

А. Имомов соҳибихтиёрии давлат, соҳибихтиёрии халқ ва соҳибихтиёрии миллатро ҷудо намуда, менависад, ки миллати тоҷик «қисми таркибии халқи Тоҷикистон буда, дорои хусусиятҳои ба худ хос аст». Истиқлолияти давлатӣ ҷузъи соҳибихтиёрии давлатӣ (дар баробари ҳокимияти олии давлатӣ ва ваҳдати он) эътироф мешавад[37].

С.Ш. Шарифзода бештар ба масоили соҳибихтиёрӣ, Истиқлолияти давлатӣ ва дарку фаҳмиши он таҳқиқоти илмӣ анҷом медиҳад, ки дар он оид ба мафҳум ва хусусиятҳои соҳибихтиёрӣ андешаҳои худро иброз намудааст[38].

Соҳибихтиёрии давлат одатан бо нишонаҳои ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла имконияти мустақилона муайян намудани самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат муайян карда шуда, мустақилияти ҳокимияти давлатӣ танҳо бо арсаи байналмилалӣ маҳдуд карда мешавад. Ҳамзамон бо ин, профессор Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) мафҳуми соҳибихтиёрии давлатро бо ду хусусияти муҳимми ҳокимияти давлатӣ – волоият ва мустақилияти ҳокимият муайян намуда, таъкид мекунад, ки волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили кишвар, мустақилияти ҳокимият бошад, дар дохил ва хориҷи кишвар зоҳир мешавад[39].

Дар илми ҳуқуқи Россия соҳибихтиёрии давлатӣ дар асоси муқаррароти Конститутсияи Федератсияи Россия таҳлил шуда, ҳамчун моликият ва салоҳияти давлат барои мустақилона, бидуни дахолати беруна, бо риояи қонунҳо, сиёсати дохилӣ ва берунии худро бо дарназардошти ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, шаҳрванд, ҳифзи ҳуқуқҳои

[34] Холиқзода А.Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2021. – С. 28.
[35] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2014. – 720 с.
[36] Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 23.
[37] Имомов А. Соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 1997. № 1. – С. 8-9.
[38] Шарифзода С.Ш. – Мафҳуми соҳибихтиёрии давлат дар робита бо нуктаҳои назари гуногуни илм // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - № 1 (41), 2021 январ – март. – С. 5-9.
[39] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Асари ишрашуда. – С. 141.

ақаллиятҳои миллӣ ва риояи ҳуқуқи байналмилалӣ муайян мекунад"[40]. К.Э. Гарибян қайд мекунад, ки яке аз принсипҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ тибқи муқаррароти Конститутсияи Федератсияи Россия ин соҳибихтиёрии давлатии Федератсияи Россия мебошад[41]. Дар асоси принсипи соҳибихтиёрии давлатӣ метавон гуфт, ки амали меъёрҳои ҳуқуқ дар қаламрави давлат номаҳдуд, бечунучаро ва мутлақ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳокимияти давлатӣ дар асоси қонун расмӣ мегардад. Аз ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ, тарзҳои ташкили ҳокимияти олии давлатӣ (шакли идоракунӣ), ташкили ҳудудии ҳокимияти давлатӣ (шакли сохти давлатӣ), тарзу усулҳои ҳокимияти давлатӣ ва низоми мақомоти ҳокимияти давлатиро муайян мекунад. Дар асоси қонунҳои дигари ҶТ, аз қабили Қонунҳои конститутсионӣ ҶТ "Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ", "Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ", "Дар бораи раъйпурсӣ" ва диг. расмӣ будани ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешавад. Бинобар ҳамин соҳибихтиёрӣ хусусияти муҳими ҳокимияти давлатӣ маҳсуб мешавад, зеро танҳо ҳокимияти давлатӣ дар дохили кишвар воло ва дар хориҷи кишвар мустақил буда метавонад. Волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили кишвар имкон медиҳад, ки нуфузи ҳокимият, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тадбирҳои ҳокимият таъмин гардад. Мустақилияти ҳокимияти давлатӣ дар арсаи ҷаҳонӣ заминаи амалӣ шудани самтҳои сиёсати хориҷӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои баробар бо давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ мебошад.

Солҳои охир таҳким ва ҳимояи соҳибихтиёрии давлат бо дарназардошти таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ ба маддӣ аввал баромада истодааст. Раванди ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ зарурати ҳимояи манфиатҳои миллиро тақозо мекунанд. Соҳибихтиёрии ҳар як давлат бо дарназардошти мубрамияи манфиатҳои миллӣ таъмин карда мешавад. Ҳодисаҳо ва равандҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла буҳрони раванди неолибералӣ, рақобати давлатҳои абарқудрати Ғарб бо Россия, Хитой ва давлатҳои дигар, вусъати хатарҳо ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ собит менамоянд, ки таҳкими соҳибихтиёрии давлат танҳо тавассути ҳимояи манфиатҳои миллӣ имконпазир мегардад. Таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа зарари ҷиддӣ мерасонанд.

Тавре профессор Р.Ш. Шарофзода қайд мекунад, таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ сатҳ ва шаклҳои гуногуни зуҳурот дошта, дар робита бо истифодаи технологияҳои нав зарари бештар мерасонанд. Чунончи, таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонии иттилоотӣ ба амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла ба соҳибихтиёрии давлат, амнияти миллӣ ва истиқлолияти иттилоотии Тоҷикистон хатари калон доранд[42].

---

[40] Проблемы суверенитета в Российской Федерации – М.: Республика, 1994. – С. 4.

[41] Гарибян К.Э. Теоретические проблемы государственного суверенитета Российской Федерации // Дис.… канд. юрид. наук. – Москва. 2003. – С. 75.

[42] Оид ба амнияти иттилоотӣ, истиқлолияти иттилоотӣ, манфиатҳои миллӣ ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Концептуальные основы познания глобальных вызовов в контексте развития цивилизационной теории А.

Дар асоси мафҳумҳо ва таҳлилҳои зикршуда, ба хулоса омад, ки амнияти миллӣ (амнияти иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҷамъиятӣ, ҳарбӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва амнияти дохилию хориҷӣ) бо мақсади ҳифзи манфиатҳои миллӣ таъмин карда мешавад. Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, инҳо мебошанд:

- таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат;
- рушду устувории иқтисодиёти кишвар;
- тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ;
- пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият;
- тағйирнопазирии сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он;
- фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо;
- таъмини муҷаҳҳазгардонӣ ва омодагии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ;
- таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси ҳамшарикӣ.

**Адабиёт:**


1. Гарибян К.Э. Теоретические проблемы государственного суверенитета Российской Федерации // Дис…. канд. юрид. наук. – Москва. 2003. – 187 с.
2. Дамаскин О.В. Обеспечение национальной безопасности в условиях глобализации // Современное право. – М., 2003. – № 7. – С. 18-19.
3. Имомов А. Соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлат ва ҳуқуқ. Душанбе, 1997. – № 1. – С. 8-9.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011. – №721 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳӯрии Тоҷикистон. – 2011. – №6, Мод. 434; 2014. – № 11, мод.646; 2016. – №3, мод.136; 2018. – № 7-8, мод.524. - м.1.
5. Маҳмудзода М.А. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқи миллӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). –Душанбе, 2014. – 596с.


Тойнби // Правовая жизнь. - 2018. - №2 (24). - С. 15-29; Его же. Информационный суверенитет Республики Таджикистан и его обеспечение в условиях глобальных информационных вызовов и угроз // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. - 2019. - №1. - С. 52-68; Сативалдыев Р.Ш. Функционирование правоохранительной системы в условиях глобализации // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2020. № 1 (45). С. 77-83; Шарофзода Р.Ш. (Сативалдыев Р.Ш.). Деятельность современного государства в условиях усиления информационных вызовов и угроз // Юридическая наука: история и современность. – Санкт-Петербург, 2021. - № 10. - С. 175-188; Шарофзода Р.Ш. (Сативалдыев Р.Ш.). Ҳифзи амнияти иттилоотӣ – вазифаи мубрами давлати Тоҷикистон // Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷуцмхурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 9-уми марти соли 2022. – Душанбе, 2022. – С. 5-18.

6. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 224 с.

7. Сативалдыев Р.Ш. Концептуальные основы познания глобальных вызовов в контексте развития цивилизационной теории А. Тойнби // Правовая жизнь. – 2018. – № 2 (24). – С. 15-29.

8. Сативалдыев Р.Ш. Информационный суверенитет Республики Таджикистан и его обеспечение в условиях глобальных информационных вызовов и угроз // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2019. – №1. – С. 52-68.

9. Сативалдыев Р.Ш. Функционирование правоохранительной системы в условиях глобализации // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2020. – № 1 (45). – С. 77-83.

10. Шарофзода Р.Ш. (Сативалдыев Р.Ш.). Деятельность современного государства в условиях усиления информационных вызовов и угроз // Юридическая наука: история и современность. – Санкт-Петербург, 2021. – № 10. – С. 175-188.

11. Шарофзода Р.Ш. (Сативалдыев Р.Ш.). Ҳифзи амнияти иттилоотӣ – вазифаи мубрами давлати Тоҷикистон // Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷуцмҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 9-уми марти соли 2022. – Душанбе, 2022. – С. 5-18.

12. Проблемы суверенитета в Российской Федерации – М.: Республика, 1994, – С.4.

13. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе, 2009. – 704с.

14. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2014. – 720 с.

15. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 87с.

Холиқзода А.Г. Мафкраи миллӣ ва ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2021. – Душанбе, 2021. – 588с.

16. Шарифзода С.Ш. – Мафҳуми соҳибихтиёрии давлат дар робита бо нуктаҳои назари гуногуни илм // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – №1 (41), 2021 январ – март. – С.5-9

17. Шарифзода С.Ш. – Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ. // Монография. – Душанбе, 2020. – 240с.

18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният”. – Душанбе, 2011.

# МАВҚЕИ ТАЪЛИМОТИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ДАР АФҚОРИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚИИ ШАРҚ

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел:** (+992) 907-81-12-85.
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Калонов Фатҳиддин Мирзошарифович,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносиии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
**Тел.:** (+992) 9070331
**E-mail:** kalonovfathiddin@gmail.com

**Фишурда:** Дар доираи мақолаи мазкур муаллиф кушидааст ҷойгоҳи таълимоти муттафакир Мир Сайид Алии Ҳамадониро дар афкори сиёсӣ-ҳуқуқии густурдаи Шарқ мавриди баррасӣ қарор дода бошад.

Муаллиф самтҳои таълимоти муттафакир, нуқтаҳои назари ӯро оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, давлатӣ, ахлоқӣ, одату анъана баррасӣ намуда, мафҳум ва моҳияти раъият, вазъи ҳуқуқии табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ, ҳолати ҳуқуқӣ, доираи ҳуқуқу озодиҳои одамони табақаҳои гуногуни ҷамъиятро аз нигоҳи муттафакир ва умуман низоми ҳуқуқи исломӣ, қонунгузории замон ва меъёрҳои дигари иҷтимоии давр таҳқиқ намудааст.

**Калидвожаҳо:** Таълимот, мактаби ҳуқуқӣ, вазъи ҳуқуқӣ, раъият, принсип, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи исломӣ, адолат, инсондӯстӣ, баробарии иҷтимоӣ, чораи ҳуқуқӣ.

# МЕСТО УЧЕНИЙ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДОНИ В ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫХ УЧЕНИЯХ ВОСТОКА

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
доктор юридических наук, профессор, заведущей кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.
**Тел** (+992) 907-81-12-85
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Калонов Фатхиддин Махмадшарифович,**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 9070331
**E-mail:** kalonovfathiddin@gmail.com

**Аннотация:** В рамках данной статьи автором рассматриваются место и особенности учений Мир Сайида Али Хамадони в обширной политико-правовых учениях Востока.

Автор пытается раскрыть основные направления учений мыслителя, его точки зрения о проблемах права, государства, этики, обычаи и традиции, а также понятия и особенности подданных в мусульманском обществе, их правовой статус и место в обществе в целом. Также исследуются права и обязанности лиц принадлежащих разным слоям общества и их месторасположения согласно учениям мыслителя и в системе исламского права, законах и в других социальных нормах.

**Ключевые слова:** Учение, правовая школа, правовой статус, подданные, принцип, источники права, исламское право, справедливость, гуманизм, социальное равенство, правовые меры.

## THE PLACE OF THE TEACHINGS OF MIR SAYYID ALI HAMADONI IN THE POLITICAL AND LEGAL TEACHINGS OF THE EAST

**Azizzoda Ubaidullo Abdullo,**
doctor of juridical science, professor, head of the Department of Theory and History of State and Law of the Faculty of Law of the Tajik National University
**Phone.:** (+992) 907-81-12-85.
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Kalonov Fathiddin Mirzosharifovich,**
applicant of the human rights and comparative law department of law faculty of the Tajik National University
**Тел.:** (+992) 9070331
**E-mail:** kalonovfathiddin@gmail.com

**Annotation:** In the frame work of the present article the author examines the peculiarities of legal status of the homagers in Islamic society in the studies of Eastern thinker Mir Said Ali Hamadoni.

The author tries to reveal the concept and characteristics of homagers in Muslim society, their legal status and their role in society. It is also analyzed the rights and obligations of the persons belonging to the various strata of society, as well as their location in accordance with both in the thinker's studies and in Muslim society in general.

**Keywords:** Studies, legal school, legal status of homagers, principle, sources of law, Islamic society, justice, humanism, social equality, legal measures.

Ҷойгоҳ ва мақоми Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба сифати мутафаккири бузург дар ташаккули фарҳанги тафаккур, аз он ҷумла маърифати ҳуқуқии форсзабонон хеле бузург аст. Дар осор ва таълифоти вай масъалаҳои умури давлатдорӣ, сиёсат ва тартиботи ҳуқуқӣ (фиқҳ), идоракунӣ, ва ахлоқ мавқеи хосса доранд. Масъалаҳои ҳуқуқӣ дар осори ин муттафакир, аз қабили «Захират-ул-мулук», «Даво-ул-кулуб», «Минҳоҷ-ул-орифин», «Чиҳиласрор», «Одоб-ул-машоих» ва ғайра мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд. Ин ва дигар асарҳои Алӣ Ҳамадонӣ на танҳо дар бахши илми фалсафа, балки низоми ҳуқуқию давлатӣ ва сиёсӣ, адолати судӣ, гиромидошти инсон ва ҳуқуқҳои вай, ташаккул ва такомули низоми ҳуқуқии классикӣ (анъанавӣ) низ мубрамияти худро то кунун аз даст надоданд[43].

Мутафаккир дар доираи андешаҳои инсонпарваронаи хеш соҳибони давлат, қудратмандону мансабдорон, хоссатан фақеҳони фасодкорро ба риояи ҳуқуқҳои раъият ва ҳифзу нигаҳдории амнияти давлат даъват намудааст[44]. Механизми ҳуқуқмуайянкунии ӯ асосан тавассути уҳдадор сохтани мардум ва кулли ҷомеа дар доираи рафтору амалҳои мушаххасу муайян амалӣ мегардад. Зеро дар натиҷаи амалӣ сохтани муносибат ва масъулияти муайян, қонунҳои давлат, ҳамзамон ҳуқуқи аъзоёни дигари ҷомеа низ риоя ва ҳифз карда мешаванд.

Дар маҷмеъ осори Алӣ Ҳамадонӣ саршор аз масъалаҳои дорои хусусияти ҳуқуқию давлатӣ ва ахлоқӣ буда, дар шакли ягонаи се илм: ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқ баён гаштаанд. Таълимоти ӯ паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоиро фаро гирифта, хоси танзими ҳуқуқии соҳаҳо ва институтҳои гуногуни ҳуқуқии ҷомеа мебошанд[45].

Таълимоти давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар асоси ин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ, динӣ ва адабӣ бунёд ёфтаанд. Ӯ ҳама гуна қарори оқилона, ҳалли мушкилоти ҳуқуқиро бо ёрии муқаррароти адабиёти илмӣ ва таълифоти муттафакирони давр асоснок карда, баррасӣ

---

[43] Султонзода М. Ҳикмати ирфонии Алии Ҳамадонӣ // Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб (иборат аз чаҳор ҷилд). Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1995. – С. 6.

[44] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Феҳристи осор ва адабиёт доир ба ӯ / Мураттибон Ш. Комилзода, С. Иброҳимова / Муҳар. Қ. Буриев. – Душанбе: Аржанг, 2015. – 128 с.; Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Замони ӯ ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ / Мураттибон А. Раҷабов, М. Каримзода. – Душанбе, 2015. – 757 с.

[45] Султанов М. К характеристике мировоззрения Али Хамадани: онтологические и гносеологические аспекты // Материалы юбилейных конференций молодых ученых Академии наук Таджикской ССР (общественные науки). –Душанбе, 1976. –С.110-114.

ва ҳал намудааст. Ҳамчунин дар самти таҳқиқи ҳуқуқҳои раъият ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқ барои ӯ доктринаи ҳуқуқи мусулмонӣ (иҷма, иҷтиҳод, фатво, қиёс), санадҳои ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ, асарҳои олимону муттафакирони давр ва ғайра хизмат мекарданд. Ӯ меъёрҳои ҳуқуқиеро, ки дар сарчашмаҳои номбурда инъикос ёфтаанд, инчунин ақидаҳои асосгузорони мактабҳои мазҳабию ҳуқуқӣ ва асарҳои дигар фақеҳони исломро дар бораи меъёрҳои ҳуқуқ таҳлил намуда, дар ин асос қоидаҳои рафтори нисбатан мукаммали одамонро коркард карда, муносибатҳои ҳуқуқии онҳоро асоснок сохтааст.

Мутафаккир дар асарҳои худ муқаррароти заминавии ҳуқуқи раъиятро баён карда, проблемаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти давлатро шарҳ додааст, ки онҳо пурра бо проблемаҳои муосири назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқат менамоянд. Низоми ҳуқуқии раъият, ки аз ҷониби ин муттафакири бузурги Шарқ коркард ва пешниҳод шудааст, ниҳоят ҷолиб мебошад.

Бо мақсади нишон додани асоси ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии раъият ӯ амалан ҳамаи бахшҳои ҳуқуқ ва соҳаҳои он, хусусан, ҳуқуқи давлатӣ, андоз, ҷиноятӣ, граждани, тиҷоратӣ, оилавӣ ва ғайраро таҳлил ва пешниҳод кардааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мутобиқ ба талаботи низоми ҳуқуқии даврони худ асосҳои назариявии ҳуқуқи раъиятро ба низом даровардa, таъкид сохтааст, ки «ҳуқуқи раоё ду навъ аст, зеро ки раият ду қисманд: мӯъмин ва кофир. Ва аҳкоми ҳуқуқи эшон ба ҳасби куфр ва ислом мухталиф мегардад. Аммо раияти мусулмононро бар подшоҳ ва ҳоким бист ҳақ аст. Ва қиём ба адои ин ҳуқуқ бар ҳоким ва подшоҳ воҷиб аст»[46].

Мутафаккир зери мафҳуми «мӯъмин» шахсони пайравони динеро медонист ва дар иртибот ба мафҳуми «кофир» одамонеро мешинохт, ки ба ҳеҷ дине робита надошта, дар доираи ақидаҳои ҷудогона зиндагӣ менамоянд. Хоссатан «раъияти мусулмонон», ки мавзуи таҳлили ҳуқуқии Алӣ Ҳамадонӣ қарор дошт, дорои ҳуқуқҳое мебошанд, ки дар сарчашмаҳои номбурда баён гаштаанд ва сарчашмаи ҳуқуқии мусулмонӣ меъёрҳои рафтори аҳли раъият мебошанд. Ӯ дар доираи таълифоти хеш дар пайравӣ ба низоми ҳуқуқи исломӣ ва фарҳанги исломӣ мақом, манзалат, вазъи иҷтимоию ҳуқуқӣ ва доираи ваколату иродаи сокинони ҷомеаи мусулмононро мавриди шарҳу таҳлил қарор додааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба мақсади рушду такомули шуури ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, фаҳмиши (идроки) ҳуқуқӣ, инчунин поён овардани шиддати «нодонии ҳуқуқӣ» (нигилизми ҳуқуқӣ)-и аъзоёни ҷамъият диққати ҷиддӣ зоҳир намудааст.

Аз таълимоти ӯ доир ба ҳуқуқҳои раъият ва бист ҳуқуқҳои онҳо нисбат ба роҳбари давлат бо сароҳат маълум мешавад, ки вай ҷонибдори

[46] Асозода Х., Турдиев К. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 129.

адолати иҷтимоӣ ва судӣ мебошад[47]. Муттафакир бо баёни ин бист «ҳақ» тамоми андешаҳои худро дар бораи адолати иҷтимоӣ ба адолатнокии подшоҳ, объективии ҳокимияти судӣ ва муносибати беғаразонаи фаъолияти ҳокимияти иҷроия нисбати раияти худ бурда мерасонад.

Ҳуқуқи якуми раъият (шаҳрванд) аз он иборат аст, ки «бо ҳама аҳли ҷомеа бо тавозӯъ бошад ва ба сабаби ҳукумат ва вилоят бар ҳеҷ мусулмон такаббур накунад ва яқин донад, ки Худованд душман медорад мутакаббиронро»[48].

Бо истифода аз фазилатҳои ахлоқӣ ба хотири оромии ҷомеа, таъмини амнияти шахсӣ Алӣ Ҳамадонӣ раъиятро дар такя ба ҳадисҳо ба «фурутанӣ», дур шудан аз «кибр»-у «такаббур», «ғурур», «фахр»-и беҷой ва ғ., ки ин ба ваҳдат ва ягонагии уммат таъсири манфӣ гузошта, раъиятро дар муқобили якдигар ва шикасту фалаҷии низоми қонунӣ мебарад, даъват менамояд.

Ҳуқуқи дуввуми раъият он аст, ки «сухани авомро дар ҳаққи якдигар нашнавад, чи охири он ба фитна ва надомат кашад, хосса сухани фосиқонро ва соҳибғаразонро ва ҳасудонро ва таммоонро, зеро ки таммоъ халқеро ба тамаи луқмае биранҷонад ва ҳасуд ҷумлаи ҳунарҳоро айб донад. Ва уламо гуфтаанд: Ҳар ки айби дигаронро ба ту расонад, бешак, айби туро ба дигарон барад»[49].

Чи тавре аз муҳтавои ин бахш бармеояд, Алӣ Ҳамадонӣ ба воситаи ҳуқуқи шариатӣ ва ваҳйи «шореъ» ба мардум тавассути меъёрҳои он манъ мекунад ва ғайриқонунӣ ва боадолатии иҷтимоӣ медонад, ки раъият ба «суханчин»-и хабаркаш, ки дар замони мо нақши бузург дошта, хеле пеш рафтааст, фош кардани «айби» мардум машғул шаванд. Ин коре аст, ки ба он «фосиқон», «соҳибғаразон», «туҳматгарон», «ҳасудон», ки шахсони фитнаҷӯй ва надоматгар буда, аз меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳои давлатӣ даст кашидаанд ва ҷамъиятро ба гурӯҳҳои бо ҳам муқобил ҷудо меандозанд, то фоидаеро ба даст биёранд.

Алӣ Ҳамадонӣ бо мақсади тақвият бахшидан ба андешаҳои худ мисоли чанде меорад: «Нақл аст, ки шахсе пеши амиралмӯъминин Алӣ (р) бар бад гуфтани мусулмоне машғул шуд. Амиралмӯъминин гуфт: Эй мард, мо ин суханро хоҳем пурсид. Агар рост гуфтӣ, ба сабаби суханчинӣ туро дашном хоҳем гирифт ва агар дурӯғ гуфтӣ, уқубатат хоҳем кард ва агар тавба хоҳӣ кард, афв хоҳем кард. Он шахс гуфт: Тавба кардам, эй амиралмӯъмин»[50].

Ё ин ки дар ҷои дигаре таъкид мекунад, ки «аз Муҳаммад бинни Каъби Куразӣ (р) пурсиданд, ки аз хислатҳои подшоҳон кадом накӯҳитар? Гуфт: Бисёр гуфтан ва сирри мамлакатро бо ҳар кас дар миён ниҳодан ва сухани ҳар кас шунидан»[51].

---

[47] Шамолов А. А. Баъзе масоили ҳикмати амалии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Фарҳанг. – 1995. – № 1-3, – С. 7-10.
[48] Асозода Х., Турдиев К. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 129.
[49] Ҳамон ҷо. – С. 129-130.
[50] Ҳамон ҷо. – С. 130.
[51] Ҳамон ҷо. – С. 130.

Ҳуқуқи севвум доир ба масъалаи авф гуноҳи инфиродии ҳар як аъзои ҷомеа буда, ба қавли Алӣ Ҳамадонӣ «чун ба ҷиҳати зиллате ё тақсире бар мусулмоне ғазаб кунад ва ваҷҳи имкони афв бошад, аз се рӯз зиёда таъхири афв накунад, магар ғазаб ба ҷиҳати амре карда бошад, ки дар он нуқсони дин бошад. Чун дар ин маънӣ ҳама умр ӯро маҳҷур гардонад, раво бувад. Аммо дар умури дунявӣ афв авлотар»[52].

Чи тавре мебинем, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз самтҳои асосии идеологияи замони худро дар инсонпарварӣ, авфи гуноҳони якдигарӣ ва бахшояндагӣ мебинад. Ба хотири амнияти саросарии ҷомеа ва пирӯзии адолати судӣ роҳбарони давлат, мансабдорон, шахсиятҳои алоҳида ва сохторҳо, институтҳои дахлдорро бе гузашти гуноҳҳои якдигарӣ даъват менамояд. Барои исботи андешаи худ дар масъалаи авф ва бахшидани гуноҳи якдигарӣ аз ҷониби аҳли ҷомеа, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, мисолеро аз Юсуф Пайғамбар овардааст, ки мутобиқи он: «Худованд ваҳӣ кард ба Юсуф (а) ки: Эй Юсуф, бад-он ки бародарони худ афв кардӣ, номи туро баланд гардонидам»[53].

Ин худ як навъ ҳимоя аз манфиатҳои инсонӣ аст. Воқеан дар тамоми асарҳои мутафаккир манфиатҳои инсон ба назар гирифта шудаанд. Онҳо аз нуқтаи назари инсондӯстӣ, баробарҳуқуқӣ, адолатнокӣ таҳлилу таҳқиқ гаштаанд. Вай зери мафҳуми манфиатҳои инсон он арзишҳоеро дар назар дорад, ки ҷомеаи исломӣ ва умуман инсон бояд ҳамеша ба он кӯшиш намояд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ӯ манфиатҳои инсонро ба якчанд навъҳо таснифбандӣ намудааст: ба манфиатҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра.

Ҳаққи чаҳор ба он масъала бахшида шудааст, ки мутобиқи он адолату эҳсони роҳбар бояд ҳам неконро ва ҳам бадонро дар бар гирад: «Ҳаққи чаҳорум он, ки файзи адл ва эҳсон бар ҷамеи раоё ом гардонад ва дар нашри осори эшон миёни аҳл ва ноаҳл тамиз накунад»[54], зеро донотарин ва «фозилтарин ақл баъди имон дӯстӣ кардан аст бо халқ ва некӣ кардан аст бо некон ва бадон»[55].

Чи тавре мебинем муттафакир дар асарҳои худ проблемаҳои фарҳангию ахлоқии инсонро бардоштааст, ки ҳалли қатъии худро надоранд. Онҳо ба ҳамаи инсонҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи он дахл доранд, ки имрӯз ба масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон мубаддал гаштаанд. Вай ҷабҳаҳои гуногуни мустаҳкамнамоии ҳуқуқии имтиёзҳо ва манфиатҳои инсонро баррасӣ намуда, зери мафҳуми «манфиатҳои инсон» дар маҷмӯъ низоми арзишҳои умумиинсонии исломиро дар назар доштааст. Дар асл манфиатҳои инсон бо роҳи амалигардонии имкониятҳои онҳо таъмин карда мешаванд, бинобар ин, дар бораи ҳуқуқҳои инсон танҳо баъди ба

---

[52] Ҳамон ҷо. – С. 130.
[53] Ҳамон ҷо. – С. 130.
[54] Ҳамон ҷо. – С. 130.
[55] Ҳамон ҷо. – С. 131.

ҳисоб гирифтани ин муқаррароти муҳим метавон таъкид сохт, ки онҳо аз идеали ҳуқуқӣ ба амалия табдил ёфтанд[56].

Дар доираи ҳуқуқҳои раъият Алӣ Ҳамадонӣ баъзе масъалаҳои муҳиме, ки ба амнияти шахс, молу мулк ва озодиҳои ӯ бахшида шудаанд, диққати хеле муҳим зоҳир кардааст. Масалан, дар бахши ҳуқуқи панҷум овардааст, ки «ба сабаби таҷаббури ҳукумат ба истило назар дар ҳарами мусулмонон накунад ва бе истизон дар манозил ва махозини раоё наравад». Агар иҷозат додандӣ, даромадӣ, вагарна бозгаштӣ ва наранҷидӣ». Ин амал худ маънеи се бор иҷозат хостан дошт: «Бори аввал, бишнаванд, бори дуюм, худро ва ҷойро рост созанд, бори савум, ба ҷиҳати маслаҳат иҷозат диҳанд ё манъ кунанд»[57].

Ҳадаф аз ин гуфтаҳои мутафаккир аз он иборат аст, ки дар ҷомеаи исломӣ бояд ба масъалаҳои рушду инкишофи шуури ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқӣ аҳамияти бузург дода шавад. Ҳамин аст, ки вай ба ҳадисҳо рӯй оварда, онҳоро ба сифати ганҷинаи меъёрҳои рафтори раъият баҳо медиҳад ва аҳли ҷомеаро (аз шоҳ то раъият) барои иҷрои бечуну чарои онҳо даъват месозад.

Дар ҳамин шакл мутафаккир вазъи ҳуқуқии раъиятро бо тартибу мантиқи муайян баён сохта, дар ҳуқуқи шашуми раъият таъкид мекунад: «Ҳаққи шашум он, ки мухотаба ва муомала бо аснофи халқ бар қадри маротиб ва дараҷоти ҳар кас бувад. Аз аҷлоф ва авбош иборати латиф чашм надорад ва аз ҷуҳҳоли омма фасоҳат ва балоғат наҷӯяд ва аз кӯҳӣ ва биёбонӣ адаби маҷлиси ашроф наталабад. Ва таклифи ҳар кас ба қадри ҳоли ӯ кунад ва ҳар қавмро дар мартабаи ӯ маъзур дорад ва аз мувоҷаҳати ҳеҷ кас истинкоф накунад»[58].

Дар ин бахш Алии Ҳамадонӣ шоҳон ва давлатдоронро ба иҷрои меъёрҳои рафтор, ки моҳиятан худ меъёрҳои ҳуқуқ мебошанд, даъват намуда, пешниҳод месозад, ки на ҳама мардуми салтанат дорои фарҳанги маънавӣ ва модӣ мебошанд. Зеро ҳар кадоми онҳо аз табақоти мухталиф, гурӯҳи нобаробар иборат мебошанд. Аз ин рӯ, аз мардуми houздпеша ва авбош талаб кардани «иборати латиф», аз мардуми омма «фасоҳат ва балоғати» забонӣ, аз кӯҳистониён ва кӯчиёни биёбон ахлоқу «одоби маҷлиси ашроф» талабидан ғайриимкон аст. Бояд ҳар қавму гурӯҳро дар мартабаи худаш пазируфт ва дар ин самт аз меъёрҳои ҳуқуқии онҳо баробар дифоъ кард. Ин ҷо муттафакир бо истифода аз асосҳои динию дунявие, ки муносибати байни шоҳу раъиятро муайян месозанд рӯ меорад. Ӯ мехоҳад бо ин роҳ масъалаҳои муҳими рафтори аҳли ҷомеаро ба танзим дарорад.

Дар доираи ҳуқуқи ҳафтум Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аҳли раъиятро ба он даъват менамояд, ки «дар маҷлис ва маҳозир пиронро ҳурмат ва

---

56 Дар ин хусус мухтасар ниг.: Ҷаббор Ш. Сиёсати мулкдорӣ ва масъулияти ҳокимон аз диди назари Алии Ҳамадонӣ // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ. – 1994. – №1. – С. 62-65

57 Асозода Х., Турдиев К. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 131.

58 Ҳамон ҷо. – С. 131–132.

тифлонро ба чашми шафқат нигаранд», чунки Пайғамбар фармудааст, ки: «он, ки пирони уммати маро ҳурмат надорад ва бар тифлони уммати ман раҳм накунад»[59] аз зумраи мо нестанд.

Яке аз ҷанбаҳои алоҳидаи таълимоти мутафаккир дар бораи ҳуқуқҳои инсон ақидаҳои ӯ дар бораи ҳуқуқҳои пирон ва кӯдакон ба ҳисоб меравад, ки дар асарҳояш хеле ҷолиб пешниҳод гардидаанд. Дар онҳо панду ҳикматҳои зиёд дар бораи қоидаҳои рафтор бо калонсолон ва кӯдакон, дар бораи уҳдадориҳои волидайн нисбат ба фарзандони худ, хешовандон ва калонсолон, дар муносибат бо бародарзодагону хоҳарзодагон ва хурдсолон мавҷуд аст, ки бо мисолҳо мустаҳкам карда шудаанд.

Дар банди ҳаштуми ҳуқуқҳои раъият муттафакир ростӣ ва вафоро дар ҳаёти рӯзмараи мусулмонон дар қатори аввал мегузорад. Вай ба хотири дастгирии ҳуқуқи аҳли ҷомеа тазаккур додааст, ки «ҳар мусулмонро, ки ба чизе ваъда кунад, он ваъдаро вафо кунад ва хилофи он, албатта, раво надорад». Барои қувват бахшидани мавқеи худ аз ҳаёти Зулқарнайн мисол меорад, ки вай дар подшоҳӣ ба сабаби се хислат нуфуз ёфт: «Аввал он, ки чун сухан гуфтӣ, рост гуфтӣ ва чун касеро ваъда кардӣ, хилоф накардӣ ва ҳар мол, ки пеши ӯ овардандӣ, дарвақт онро сарф кардӣ ва ба фардо нагузоштӣ ва дар хизона наниҳодӣ»[60].

Ба ибораи дигар ваъдахилофӣ сабаби беэътибории инсон, ноумед сохтани дигарон, шиддат ёфтани дурӯғ ва фиреб гашта, ба зиддияти аъзоёни ҷомеа мебарад. Дар иртибот ба ин ҳамчун роҳи ҳалли масъала ҳаққи нуҳумро ба масъалаи нексуханӣ бо инсонҳо мебахшад: «… дар ҳукм сухан ба унф нагӯяд ва бо вазеъ ва шариф рӯй кушода дорад ва бо заифон сухан ба вифқ гӯяд»[61].

Чи тавре қаблан қайд намудем, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ масъалаҳои ахлоқиро аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таҳлил намуда, оромии ҷомеаро вобаста ба амалҳои ахлоқии аҳли ҷамъият вобаста медонад, ки он худ ба иҷрои қонунҳо ва аз тариқи қонунҳо амалӣ сохтани идеологияи сиёсии давлатро нишон медиҳад.

Ҳаққи даҳумро ба усули меъёрӣ-ахлоқии «Бо дигарон ҳамон кун, ки дуст дорӣ бо ту кунанд» бахшидааст. Ин усул дар пандномаҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии қариб тамоми динҳо инъикоси худро ёфта, бо мақсади нишон додани баъзе баробарии инсонҳо дар назди қонун мебошад: «Дар мансаби ҳукумат риояти инсон кунад. Чунон ки инсофи худ аз халқ талаб мекунад, инсофи халқ низ аз нафси худ талаб кунад ва бо мусулмонон чунон муомила кунад, ки агар он муомила бо ӯ кунанд, писандад»[62].

Яке аз масъалаҳои муҳими дигар ин сулҳ ва бародарӣ дар байни мусулмонон, яъне аъзоёни ҷомеа мебошад, ки муттафакир ба он диққати ҷиддӣ додааст. Ба андешаи ӯ сулҳ байни ду нафар ин худ пирӯзии қонун

---

[59] Асозода Х., Турдиев К. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 131.
[60] Ҳамон ҷо. – С. 132.
[61] Ҳамон ҷо. – С. 131- 133.
[62] Ҳамон ҷо. – С. 132.

бар ҷаҳолат ва некӣ бар бадӣ аст. Сулҳ ин пояи мустаҳками давлат ва пешравии ҷомеа аст: «Ҳаққи ёздаҳум он, ки мубодарати ислоҳи зоталбайни бар худ воҷиб донад ва таъхир дар фасли хусумати мусулмонон раво надорад ва дар ҳукми мухосамат чандон таваққуф накунад, ки моддаи ҳиқд ва адоват гардад ва ба фасод анҷомад», зеро ба қавли Пайғамбар «хабар кунам шуморо аз амале, ки он беҳтар бошад аз рӯза ва намоз ва садақа? Гуфтанд: Бале. Гуфт: Сулҳ кардан миёни ду мусулмон»[63].

Бо истифода аз сарчашмаҳои маъмулӣ Алии Ҳамадонӣ дар ҳимояи ҳуқуқҳои «раъияти заъиф» ва «норанҷонидани» аҳли раъият, поён овардани шиддати хавфу хатар аз ҷониби халқ ва пӯшидани айбҳои он пешниҳод месозад дар бисёр масъалаҳо гузашт карда шавад.

Дар иртибот ба масъалаи дастгирии халқ дар бисёр масъалаҳое, ки ба амнияти ома таъсири бузург намерасонанд, «ҳаққи дувоздаҳум»-ро мебахшад: «Ҳаққи дувоздаҳум он, ки дар истикшофи гуноҳони мусулмонон саъй накунад ва ба ҳар зиллате раияти заифро наранҷонад ва аз ҳафавоти халқ ба қадри имкон таҷовуз кунад ва айбҳои халқро пӯшида дорад»[64].

«Ҳақи сездаҳум он, ки ба иртикоби шубаҳот халқро ба маосӣ далер нагардонад ва ба ҷиҳати дафъи райбат аз мавозеи тӯҳмат эҳтироз кунад ва агар аҳёнан ба маъсияте мубтало гардад, онро мастур ва пӯшида дорад, чи оммаи халқ дар салоҳ ва фасод тобеи ҳоким ва подшоҳанд. Агар ҳокимро бар наҳҷи салоҳ бинанд, ҳама дар салоҳ рағбат намоянд ва савоби он ҳама ба девони аъмоли ӯ роҷеъ шавад ва агар аз ӯ фасоде мушоҳида кунанд, яъне он подшоҳ ва ҳоким фосиқ бошанд, ҳама мардумон дар фисқ ва фасод кӯшанд ва он гуноҳ тамом ба девони амали он подшоҳ ва ҳоким бозгардад»[65].

Дар бисёр ҳолатҳо «шафоат» кардани гуноҳ ва ҷиноятҳои содиршуда, инчунин шафоат дар «ҳоҷатҳои халқ» боиси оромии ҷомеа, қатъ гаштани хунрезӣ аз кори бад ва ҷиноятҳои вазнин нигоҳ доштани халқ мебарад, ки ин худ ба ҷомеа ва давлат манфиатҳои бузург меорад. Дар ин самт як «шафоати ҳоким» кифоя ҳаст бузургтарин мушкилиҳои халқ ҳал шаванд: «Ҳаққи чаҳордаҳум он, ки чун қазои ҳоҷоти мусулмоне ба калимаи шафоати ҳоким мавқуф бувад, ба шафоат он муҳим кифоят кунад ва эҳмоли он раво надорад. Ва аз хосияти ҳукумат яке он аст, ки корҳои хатир ва муҳиммоти бузург ба як сухани эшон кифоят шавад ва саодати ин савобро ғанимат шумурад»[66].

Чи тавре аз ҳаққҳои охир маълум мешавад Алӣ Ҳамадонӣ дар доираи таълимоти худ дар атрофи бисёр масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки ба ҳимояи ҳуқуқҳои раъият ва ё шаҳрвандӣ бахшида шудаанд, мехоҳад мушкилоти раъиятро аз мавқеи инсонпарварӣ ҳал намояд. Вай зери мафҳуми ҳуқуқии халқ, раъият он қисмати аъзами аҳолиеро дар назар дорад, ки ҳаётдиҳандаи ҷомеа, қишри асосии он буда, нигаҳбони ҷомеа ба ҳисоб

---

[63] Асозода Х., Турдиев К. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 131.
[64] Ҳамон ҷо. – С. 132.
[65] Ҳамон ҷо. – С. 133.
[66] Ҳамон ҷо. – С. 135.

меравад ва аҳкоми диниро риоя менамояд. Аз ин рӯ, ба ақидаи мутафаккир, ҳуқуқ ва вазифаҳои раъият бояд дар баъзе ҳолатҳо аз «ақвиё ва ағниё» (дорандагон) ва бо ҳуқуқ ва вазифаҳои дигарон дар ҷамъияти исломӣ мутаносиб бошад. Ба ақидаи вай халқ дар ҷамъияти исломӣ бо дигарон баробарҳуқуқ ба ҳисоб меравaнд, аммо чунин муносибатҳои ҳуқуқие вуҷуд доранд, ки дар онҳо ба ҳар ҳол ҳуқуқҳои вай маҳдуд карда мешаванд. Халқ ҳамеша дар ҷамъият мақоми сазовори худро ишғол менамоянд.

«Ҳаққи понздаҳум он, ки ҷониби масокин ва зуафоро бар ҷониби аҳли дунё, аз ақвиё ва ағниё роҷеҳ дорад ва бештар муҷоласат бо фуқаро ва аҳлуллоҳ дорад ва ҳар рӯз як бор оинаи дили худро бо мавоиз ва насоеҳи сулаҳо ҷило диҳад, чи мубошарати ҳукумат ва ихтилоти халқ дилро торик гардонад. Чун ин ду торикӣ бар дил мустамир гардад, хавфи хатари дин бувад, ки мӯҷиби гирифтории абадӣ ва ҳирмони сармадист»[67].

Алии Ҳамадонӣ «тавонгарон»-ро «мурдагон» ном бурда аз ҳар ҷиҳат онҳоро маломат мекунад, ки ҳуқуқҳои «мискинон»-ро нодида мегиранд ва бо чашми ҳақорат ба онҳо менигаранд. Ба қавли мутафаккир «ин ғофилони ҷоҳил», ки «гирифтори азоби абадӣ» гаштаанд, аз зиёдии «зулмоти исрор», ки ҳама шикасти меъёрҳои ахлоқӣ ва қонунҳои давлатӣ мебарад, аз «тақлиди русум ва одат»-и халқи худ даст кашидаанд. Худ ва дорои худро, ки чашмонамонро кӯр кардааст дар муқобили давлат ва раъият гузошта, «манҳумони мардум» гаштаанд: «Дар хабар аст, ки Сулаймон (а) чун аз тахт бархостӣ, ба масҷид даромадӣ ва назар кардӣ ва ҳар ҷо, ки мискине нишаста буд, пеши ӯ рафтӣ ва биншастӣ ва гуфтӣ: Мискине бо мискине нишинад»[68].

Дар «ҳаққи шонздаҳум», ки ба «аҳволи аҳли фақирон ихтисос дода шудааст, дар доираи талаботи меъёрҳои мавҷуда пешниҳод месозад, ки «нафақаи ятимон», ҳаққи «фурумондагон», ки иҷрои он воҷиб аст бояд аз ҷониби ҳукуматдорон ва ҳамсоягону наздикон саривақтӣ амалӣ шаванд[69]. «Ҳаққи шонздаҳум он, ки аз аҳволи аҳли фақирон ғофил набошад ва дар садди фақирон, заифон ва фурӯмондагон тақсир раво надорад ва нафақаи ятимон бар худ воҷиб донад ва аз бозхост бияндешад, ки дар рӯзе, ки молу мулк фарёдрас набошад, ин ҳама мустаҳаққон аз ҳоким талаби ҳуқуқи худ хоҳанд кард. Имрӯз, ки метавонад дар халоси зиммати хеш кӯшад»[70].

Чи тавре аз таҳқиқи осори муттафакир маълум мегардад, Алии Ҳамадонӣ дар тамоми бандҳои «ҳаққи раъият» аз он ҷумла ҳаққи шонздаҳум аввал меъёрҳои ҳуқуқии шариатро оварда, сипас онҳоро шарҳ дода, баъдан кӯшиш намудааст, ки ба онҳо тафсири худро диҳад. Метавон бо сароҳат таъкид кард, ки мутафаккир таълимоти худро дар бораи меъёрҳои ҳуқуқ ҳамаҷониба ва пайдарҳам коркард кардааст ва дар натиҷа

[67] Ҳамон ҷо. – С. 135-136.
[68] Ҳамон ҷо. – С. 135.
[69] Мирзоев А., Абдураҳимов Қ. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар бораи муносибатҳои оилавӣ. Ба ифтихори ҷашни 680-солагии Ҳамадонӣ // Маърифат. – 1994. – №3-4. – С. 60-63.
[70] Асозода Х., Турдиев К. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 135.

таълимоти ҳуқуқи исломиро дар бораи меъёрҳои ҳуқуқӣ ғанӣ гардонидааст.

Ҳаққи ҳабдаҳумро низ ба масъалаҳои ҳуқуқи раъият бахшида, таъкид мекунад, ки «роҳҳои мусулмононро аз хавфи роҳзанон ва дуздон ба сатвати сиёсат эмин дорад ва ҳар кас, ки дар роҳе ба изо ва тааҳҳуде мутаарризи мусулмонон шавад, бо уқубат ӯро ибрати дигарон гардонад ва дар вилоят ҳар ҷо, ки маҳалли хавф бувад, агар имкони иморат бувад, иморат кунад ва агар маҳалли иморат набувад, нигоҳбонон боз дорад»[71].

Ба ибораи дигар ҳар ҳокиме, ки мехоҳад ки роҳҳои гардиши мусулмононро аз роҳзанон, дуздӣ ва дигар кирдорҳои ҷиноятӣ эмин дорад, ӯ бояд аз амри сиёсат, ки сирри ҳукумат аст, истифода намояд. Ҳар ҳоким бо гирифтани закот вазифадор аст молу мулки онҳоро эмин дорад.

Ҳаққи ҳаждаҳумро муттафакир ба сохтмони пул дар ҷои лозимӣ ва «ҳаққи нуздаҳумро» ба сохтмони масҷиду мадраса бахшида, ин амалҳоро ҳам аз нигоҳи ахлоқи динӣ ва ҳам ҳуқуқи шаҳрвандӣ баҳои бузург додааст. Масалан, «дар ҳама маҳалҳои мусулмонон масҷиде бино кунад ва имом ва муаззини онро таъин кунад ва асбоби маишати эшонро муҳайё гардонад, ки ба фароғат мувозабати авқоти намоз тавонанд кард ва ба ҷиҳати талаби қут иқомати ин амр ба эшон мутааззир нашавад[72].

Ҳуққи бистум, масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки мутобиқи он аслу моҳияти дин «насиҳат» кардан аст. Инчунин мутафаккир дар таълимоти ҳуқуқии худ аз аҳкоми шариат асос гирифта, барои таҳқиқ ва ошкор намудани амалҳои иҷозатдодашуда (ҳалол), манъшуда (ҳаром) ва мамнӯъшуда (макрӯҳ), амри амалҳои иҷозатдодашуда ва манъи амалҳои манъшуда, дастур дар бораи иҷроиши амалҳои иҷозатдодашуда ва боздошти амалҳои манъшуда, дар бораи муносибатҳои ҷинсии қобили қабул ва манъшуда, дар бораи итоаткорӣ ва дурӣ ҷустан аз гуноҳ кӯшиш кардааст.

Ҳамин тариқ, масъалаҳои кашф ва муайян сохтани манбаҳои ҷаҳонбинӣ ва пояҳои илмии ҳар як мутафаккир воқеан имкон медиҳанд самтҳои асосии ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии вай аз он шаҳодат медиҳанд, ки осору таълифот ва андешаҳои ӯ бо ҷомеаи инсонӣ чӣ гуна робитаи маънавӣ ва зеҳнӣ доштааст. Ин дар навбати худ дар маҷмуъ раванди рушду инкишофи иҷтимоӣ ва тафаккури илмиро муайян мекунад.

Ҷои шубҳа нест, ки дар ин раванди таҳқиқот зарурати он ба миён меояд, ки бунёди фарҳанги тафаккур ва зеҳнии миллат ва ё халқияти муайян ва ё кишвару минтақаҳои хоссаро дар иртибот бо шароитҳои мушаххаси таърихӣ ва як силсила хусусиятҳои дигари иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ возеҳ ва равшан сохт. Онҳо аз нигоҳи табиату муҳтаво, сатҳи рушду тараққиёт, ғановату ҳуввият ҳамеша якрангу якнаво набуда, дорои рамзу хусусияти хеш мебошанд. Ин раванд дар ин ё он шакл ба

[71] Асозода Х., Турдиев К. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 136.
[72] Ҳамон ҷо. – С. 136.

ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа хоссатан, уламо, ҳакимон ва дар маҷмуъ аҳли қалам таъсири худро мегузорад.

Бо ҷаҳонбинии Алӣ Ҳамадонӣ низ ҷараёнҳои илмӣ-фалсафӣ ва динии даврони вай хеле назаррас мебошад. Мутафаккир фақеҳи расмӣ набуд ва ақидаҳои ҳуқуқии вай зери таъсири илмҳои динӣ ва дунявӣ ташаккул ёфтаанд[73].

**Адабиёт:**


1. Асозода Х., Турдиев К. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 372 с.
2. Асозода Х. Сайид Али Хамадони. Шомае аз «Захират-ул-мулук»: Мурат.: Раджаб и Хотам Асозода. – Куляб, 1991. – 62с.
3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Замони ӯ ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ/ Мураттибон А.Раҷабов, М.Каримзода. – Душанбе, 2015. – 757 с.
4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Феҳристи осор ва адабиёт доир ба ӯ/ Мураттибон Ш.Комилзода, С.Иброҳимова/ Муҳар. Қ.Буриев. – Душанбе: Аржанг, 2015. – 128 с.
5. Мирзоев А., Абдураҳимов Қ. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар бораи муносибатҳои оилавӣ. Ба ифтихори ҷашни 680-солагии Ҳамадонӣ // Маърифат. – 1994. – №3-4. – С. 60-63.
6. Назаров Х. Афкори сиёсии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ. – 1994. – №1. – С. 43-46.
7. Султанов М. К характеристике мировоззрения Али Хамадани: онтологические и гносеологические аспекты // Материалы юбилейных конференций молодых ученых Академии наук Таджикской ССР (общественные науки). – Душанбе, 1976. – С. 110-114.
8. Султонзода М. Ҳикмати ирфонии Алии Ҳамадонӣ// Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб (иборат аз чаҳор ҷилд). Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1995.
9. Ҷаббор Ш. Сиёсати мулкдорӣ ва масъулияти ҳокимон аз диди назари Алии Ҳамадонӣ // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ. – 1994. – №1. – С. 62-65.
10. Шамолов А.А. Баъзе масоили ҳикмати амалии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Фарҳанг. 1995. – №1-3. – С. 7-10.


[73] Назаров Х. Афкори сиёсии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ. – 1994. – №1. – С. 43-46.

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҶАРИМА: ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

**Аҳадзода Аслиддин Аҳад**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** +992 909493345
**Email:** ahadzodaaa@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқии мафҳум ва моҳияти ҷарима мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқоти назаривӣ-ҳуқуқӣ, андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро ба инобат гирифта, мафҳум ва моҳияти ҷаримаро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ муайян кардааст. Муаллиф, ба чунин хулоса омадааст, ки оид ба мафҳум ва моҳияти ҷарима дар байни муҳаққиқон гуногунандешӣ ҷой дошта, мафҳум ва моҳияти умумиэътирофшудаи ҷарима пешбинӣ нагардидааст. Бинобар ин, ба андешаи мо ҷарима ҷазои ҷиноятиест, ки ҳуқуқи моликиятии маҳкумшударо маҳдуд мекунад, зеро дар ин ҳолат як қисми молу мулки ӯ дар шакли пули нақд ба фоидаи давлат ситонида мешавад. Моҳияти ҷарима дар хусусияти молумулкӣ доштани он ифода мегардад.

**Калидвожаҳо:** Мафҳум, моҳият, ҷарима, таҳқиқот, назариявӣ-ҳуқуқӣ, ҷазои ҷиноятӣ, моҳияти молумулкӣ.

# ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ШТРАФА: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ

**Ахадзода Аслиддин Ахад**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета ТНУ
**Тел.:** +992 909493345
**Email:** ahadzodaaa@mail.ru

**Аннотация:** В данной статье рассматривается теоретико-правовое исследование понятия и сущности штрафа. Автор в ходе теоретико-правового исследования учел мнения отечественных и зарубежных ученых и определил понятие и сущность штрафа как уголовного наказания. Автор пришел к выводу, что среди исследователей существуют разногласия относительно понятия и сущности штрафа, а общепризнанного понятия и сущности штрафа не существует. Поэтому, на наш взгляд, штраф является уголовным наказанием, ограничивающим имущественные права осужденного, так как в этом случае часть его имущества взыскивается в

денежной форме в пользу государства. Сущност штрафа выражается в его имущественном характере.

**Ключевые слова:** Понятие, сущность, штраф, исследование, теоретико-правовое, уголовное наказание, имущественном характер.

## THE CONCEPT AND ESSENCE OF THE FINE: THEORETICAL AND LEGAL STUDY

**Ahadzoda Asliddin Ahad**
competitor of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, TNU
**Phone.:** +992 909493345
**Email:** ahadzodaaa@mail.ru

**Annotation:** This article discusses the theoretical and legal study of the concept and essence of a fine. The author, in the course of theoretical and legal research, took into account the opinions of domestic and foreign scientists and defined the concept and essence of a fine as a criminal punishment. The author came to the conclusion that there are disagreements among researchers regarding the concept and essence of a fine, and there is no generally accepted concept and essence of a fine. Therefore, in our opinion, a fine is a criminal punishment that limits the property rights of the convict, since in this case part of his property is collected in cash in favor of the state. The essence of the fine is expressed in its property character.

**Keywords:** Concept, essence, fine, research, theoretical and legal, criminal punishment, property character.

Ҷарима яке аз ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, имрӯзҳо дар аксари кишварҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҷарима ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ аз замони пайдоиши аввалин сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бисёре аз кишварҳо яке аз маъмултарин ҷазоҳо ба ҳисоб меравад. Бояд тазаккур дод, ки ҳамчун навъи ҷазои ҷиноятӣ ҷарима падидаи нав набуда, ҳанӯз дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон амал мекард[74]. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ доир ба мафҳум ва моҳияти ҷарима андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Чунин андеша дар таҳқиқоти дигар олимон ба назар мерасад. Масалан, ба андешаи Г.К. Буранов, С.О. Зарубежнова, масъалаҳои моҳияти ҷарима дар ҳуқуқи

[74] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 100-104; Периханян А.Г. Общество и право Ирана в Парфянский и Сасанидский периоды. – М.: Наука, 1983. – С. 252; Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 361-362; Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 31.

ҷиноятӣ, яке аз масъалаҳои баҳснок ба ҳисоб меравад[75]. З.А. Тадевосян ҷаримаро ба ҷазоҳои дорои хусусияти молумулкӣ рабт дода, чунин мешуморад, ки моҳияташ аз он иборат аст, ки таъсири тарбиявӣ ва пешгирикунанда бо маҳрум кардан аз озодӣ алоқаманд нест. Дар баробари ин маҳкумшуда маҷбур мешавад, ки ба даромади давлат маблағи муайяне диҳад[76].

А.А. Абдурашидов қайд мекунад, ки ҷарима ҷазои дорои хусусияти молумулкӣ мебошад, ки қонунгузории ҷиноятӣ бо назардошти вазнинии ҷинояти содиршуда ва вазъи молу мулкии он муқаррар кардааст. Қонунгузории нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи ҷаримаро васеъ намуда, онро дар 232 санксия ва танҳо барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна (инро дар бораи таҷрибаи судӣ гуфтан мумкин нест, ки дар он камтар аз 12 фоиз) пешбинӣ шудааст[77]. Ба андешаи С.Э. Баҳриддинзода, ҷарима бештар ба ашхосе, ки дар соҳаи иқтисодиёт ҷиноят содир кардаанд, ҳамчун шакли алтернативии ҷазо истифода мешавад. Агар ҷинояткор ҷиноят содир карда, ба зарардида зарари иқтисодӣ расонида бошад, пас нисбат ба ӯ ҷазои «иқтисодӣ» бояд татбиқ карда шавад[78]. А.А. Абдурашидов қайд менамояд, ки барои шахсе, ки ҷинояти дуздӣ содир кардааст, ҷарима аз кори ислоҳӣ дида ҷазои сахттар мебошад. Таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳад, ки судҳо на ҳама вақт қобилияти пурра татбиқ кардани ҷаримаро доранд, зеро бисёре аз ҷинояткорон кор намекунанд ва барои пардохти ҷарима даромад надоранд[79]. Дар ин хусус З.А. Камолов дуруст қайд намудааст, ки ҷарима ҳамчун чораи ҷазои ҷиноятӣ ба далели он ки ин ҷазо дар нисбати афроди дорои сатҳи баланди зиндагӣ таъсирбахш нест, хеле эҳтиёткор бояд буд. Ҳамзамон, татбиқи ҷарима ба қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашудаи аҳолӣ ғайривоқеист, зеро онҳо наметавонанд ҷаримаро пардохт кунанд[80]. Н.А. Беляев қайд мекунад, ки «... таъсири тарбиявии ҷарима ба маҳкумшуда бо додани маблағи муайян маҳдуд намешавад. Ислоҳ ва аз нав тарбия кардани маҳкумшуда бо ягон амали якдафъаина ба даст намеояд, ин раванди каму беш тӯлонии азнавсозии шахсияти маҳкумшуда мебошад»[81]. Ба андешаи М.С. Дикаева, моҳияти ҷарима на танҳо дар пур кардани хазинаи давлат,

---

[75] БурановГ.К. Понятие штрафа и его место в системе уголовных наказаний // Современная наука: теоретический и практический взгляд : Сборник научных статей / Научный редактор Д.В. Фурсова. – Москва : Издательство "Перо", 2018. – С. 134.

[76] Тадевосян З.А. Сущность штрафа как меры наказания. – Ереван: Изд-во АН АрмССР, 1978. – С. 72, 75.

[77] Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 97.

[78] Бахридинов С.Э. Штраф как альтернатива наказанию в виде лишения свободы / Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 97-98.

[79] Абдурашидов А.А.Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 101.

[80] Камолов З.А. Исправительные работы – альтернативный вид уголовного наказания / Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 89.

[81] Беляев Н.А. Цели наказания и средства их достижения в исправительно-трудовых учреждениях. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1963. – С. 5.

балки дар он аст, ки маҳкумшуда як қисми пули дар даст доштаашро аз даст дода, имконияти «ба манфиати худ ё ба манфиати аъзои оилаи худ истифода бурдани онро маҳдуд мекунад»[82].

Муҳаққиқони муосир, ба монанди Б.Х. Агноков, И.Н. Лемперт бар чунин андешаанд, ки моҳияти ҷарима дар ҷазои молумулкӣ будани он ифода меёбад, ки бо ҳукми суд дар шакли миқдори муайяни пул таъин шудааст ва маҳкумшуда бояд онро пардохт намояд[83]. Ба андешаи С.Т. Мирзоев ҳангоми муайян намудани ҷарима дар назар бояд дошт, ки ин намуди ҷазои ҷиноятие мебошад, ки дар баробари хусусиятҳои ба он хос ҳамаи аломатҳои ҷазоро ҳамчун институти ҳуқуқи ҷиноятӣ доро мебошад. Вобаста ба ин, ҷаримаро ҳамчун намуди ҷазо шакли татбиқшавии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳисобидан зарур аст, ки дар маҳдуд намудани манфиатҳои молу мулкии шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор мебошад, зоҳир мегардад. Ҷаримаро дар мазмуни чораи ҷавобгарии ҷиноятӣ он вақте фаҳмидан зарур аст, ки он ба шахси мушаххас барои аз ҷониби ӯ содир намудани кирдор таъин гардидааст[84]. С.С. Уткина моҳияти ҷаримаро чунин равшан мекунад: ин ҷазои пулӣ нест, балки ҷазои молумулкӣ дар шакли пул аст. Сабаб дар он аст, ки предмети ҷарима на танҳо пул, балки ҳуқуқи моликияти маҳкумшуда (ҳуқуқи гирифтани нафақа, стипендия, маош ва ғайра) низ мебошад[85]. Чунин ба назар мерасад, ки дар бораи чунин андешаҳо баҳс кардан мумкин аст. Тафсири ҷарима ҳамчун ҷазои пулӣ, ки бо ифодаи пулӣ ифода ёфтааст, имкон медиҳад, ки ба предмети он ҳуқуқи минбаъдаи молумулкии маҳкумшуда – гирифтани музди меҳнат, нафақа ё дигар даромади маҳкумшуда мансуб карда шавад. Таъин кардани молу мулки оянда, ки ҳанӯз мавҷуд нест (ва на он, ки он вуҷуд хоҳад дошт) дуруст ҳисобида намешавад. Илова бар ин, ҳуқуқҳои моликият танҳо бо даъво ба пул маҳдуд нестанд. Аммо ҷаримаро на танҳо бо пул, балки ба ҳама гуна молу мулк вобаста кардан хилофи ақли солим аст[86]. Ҳамзамон, бо он розӣ шудан мумкин нест, ки ҷарима танҳо манфиатҳои молумулкии шахсро маҳдуд мекунад, зеро ҷарима на танҳо манфиатҳои молумулкӣ, балки дигар ҳуқуқу озодиҳои ҷинояткорро ҳам ба андозаи муайян маҳдуд мекунад. Чунин

---

[82] Дикаева М.С. Уголовное наказание в России и зарубежных странах. – М.: Юрлитинформ, 2017. – С. 161.

[83] Агноков Б.Х. Штраф как вид уголовного наказания по действующему уголовному законодательству: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2007. – С. 6-7; Лемперт И.Н. Правовая характеристика штрафа как вида уголовного наказания: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Красноярск, 2004. – С. 3.

[84] Мирзоев С.Т. Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 65.

[85] Уткина С.С. Уголовное наказание в виде штрафа: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Томск, 2004. – С. 6.

[86] Буранов, Г. К. Понятие штрафа и его место в системе уголовных наказаний / Г. К. Буранов, С. О. Зарубежнова // Современная наука: теоретический и практический взгляд: Сборник научных статей / Научный редактор Д.В. Фурсова. – Москва: Издательство "Перо", 2018. – С. 134.

нуқтаи назарро А.В. Куртс қайд намудааст[87]. Аммо дигар муҳаққиқон қайд мекунанд, ки "равшан аст, ки ба давлат додани пул танҳо як чиз – маҳдуд кардани ҳуқуқи моликияти маҳкумшуда мебошад[88].

Бояд тазаккур дод, ки дар айни замон, андешаҳои мухолиф низ вуҷуд доранд, ки ҷарима набояд ҷазои молумулкӣ ҳисобида шавад. В.К. Дуюнов дар ин хусус мавқеъи худро бо он асоснок мекунад, ки «таъсири бевосита дар иҷрои ин ҷазо на ба ҳуқуқҳои молу мулкӣ ё моликият, балки ба манфиатҳои молии маҳкумшуда таъсир мерасонад»[89]. Дар пайравии ин андеша А.В. Звонов, С.М. Зайнулабидова, И. Подройкина, С.В. Розенко таъкид мекунанд, ки маҳдудияти ҷарима ба маҳдудияти молиявӣ асос ёфтааст, ки аз маҳдудиятҳои муайяни манфиатҳои молумулкии маҳкумшуда иборат мебошад[90]. Эътироф кардан мумкин аст, ки муносибат ба ҷиҳати молиявии масъала маҳдуд мешавад. Аммо бояд ба назар гирифт, ки маблағ як қисми амволро ташкил медиҳад, мутаносибан манфиатҳои молиявӣ қисми манфиатҳои амволӣ мебошанд. Аз ин мавқеъ дар ҷарима муайян кардани яке ба воситаи дигаре мантиқан нодуруст аст. Дар як вақт М.Э. Синиская ва А.Л. Светинович баён кардаанд, ки «...ҷарима ҷазоест, ки ҳуқуқи моликияти маҳкумшударо маҳдуд мекунад, зеро дар ин ҳолат як қисми молу мулки ӯ бо пули нақд ба давлат ситонида мешавад»[91]. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, ҷаримаро тавассути масъалаҳои ҳуқуқи моликият баррасӣ кардан ғайримантиқӣ аст, зеро дар он на хусусияти ҷазо, балки тарафи ҳуқуқи граждании масъала таъкид мешавад[92]. А.С. Михлин хусусияти ҷаримаро таҳлил намуда, ба «аз маҳкумшудагон ба фоидаи давлат гирифтани маблағи муайян» диққати махсус додааст[93]. Чунин андеша моҳияти ҷаримаро чандон дақиқ тавсиф намекунад, зеро ҷарима на ҷамъоварии маблағ аз маҳкумшуда, балки ситонидани онҳо мебошад. Мафҳумҳои мазкурро муқоиса намуда, И.М. Сокуева ба хулосае меояд, ки «ҷамъоварӣ» ва «ситонидан» мафҳумҳои якхела нестанд. Ҷамъоварии маблағ ин интиқоли воқеӣ, фаврӣ, як маротиба аз шахси маҳкумшуда ба

---

[87] Курц А.В. Штраф как вид уголовного наказания по законодательству России и зарубежных стран: дис. … канд. юрид. наук. – Йошкар-Ола, 2001. – С. 10-11.

[88] Буранов Г.К. Понятие штрафа и его место в системе уголовных наказаний / Г. К. Буранов, С. О. Зарубежнова // Современная наука: теоретический и практический взгляд: Сборник научных статей / Научный редактор Д.В. Фурсова. – Москва : Издательство "Перо", 2018. – С. 134.

[89] Дуюнов В.К. Проблемы уголовного наказания в теории, законодательстве и судебной практике / В.К. Дуюнов. – Курск, 2000. – С. 135.

[90] Зайнулабидова С.М. Штраф как уголовное наказание и проблемы его применения: по материалам Республики Дагестан: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Махачкала, 2006. – С. 7; Подройкина И.А. Штраф как вид уголовного наказания в современном уголовном праве: дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004. – С. 195-197; Уголовное наказание: социально-правовой анализ, систематизация и тенденции развития / под ред. В.Ф. Лапшина. – М.: Юрлитинформ, 2018. – С. 233-234.

[91] Синицкая М.Е. Ограничение прав личной собственности как элемент уголовного наказания / М.Е. Синицкая, А.Л. Цветинович // Проблемы совершенствования законодательства об охране прав граждан в сфере борьбы с преступностью. – Ярославль: Изд-во Яросл. ун-та, 1984. – С. 110-129.

[92] Буранов, Г. К. Понятие штрафа и его место в системе уголовных наказаний / Г. К. Буранов, С. О. Зарубежнова // Современная наука: теоретический и практический взгляд: Сборник научных статей / Научный редактор Д.В. Фурсова. – Москва: Издательство "Перо", 2018. – С. 134.

[93] Михлин А.С. Исполнение наказаний, не связанных с лишением свободы / А.С. Михлин // Российская юстиция. – 2001. – № 6. – С. 41.

давлат мебошад. Ситонидан мувофиқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ метавонад каме вақт гирад, метавонад ба таъхир андохта шавад ё бо мурури замон паҳн карда шавад[94].

Як қатор муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки ҷарима ҷазои пулӣ мебошад ва ҳамчун ҷазои пулӣ як қисми манфиатҳои молумулкии маҳкумшуда – манфиатҳои молиявии ӯро маҳдуд мекунад. Ин аст моҳияти ҷарима. Маҳкумшуда аз як қисми молу мулкаш, ки бо маблағи муайян ифода ёфтааст, маҳрум карда мешавад[95]. Чунин далел, ки ҷарима ҷазои сабук аст, боиси баҳсҳои зиёд мегардад. Ҳуқуқшиносон аксар вақт чунин ақидаро баён мекунанд, ки ҷарима нисбат ба маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, маҳрум кардан аз унвонҳои махсус, ҳарбӣ ё фахрӣ, рутбаи дараҷавӣ ва мукофотҳои давлатӣ, корҳои ҳатмӣ ва меҳнатӣ вазнинтар мебошад. Ба сифати далели хулосаи худ онҳо ҳисобҳои гуногуни арифметикиро меоваранд[96]. Ба андешаи Г.К. Буранов, ҳисобҳо танҳо ҷиҳати молиявии таносубро бе амалӣ кардани муқоисаи тамоми мазмуни ҷазоҳо инъикос мекунанд. Ҷарима бар хилофи дигар ҷазоҳо ҳамчун ҷазое, ки ба маҳдуд кардани ҳуқуқҳои истисноии молумулкии маҳкумшуда нигаронида шудааст, бо пули нақд ифода карда мешавад. Дигар намудҳои ҷазо ба маҳдуд кардан ва маҳрум кардани дигар ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ нигаронида шудаанд, ки мутаносибан онҳоро сахттар тавсиф мекунад[97]. Бояд гуфт, ки ҷарима бо муносибати дуруст ба таъини он ҷазои хеле муассир буда, сабуктарин ҷазои пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ мебошад. Онро бояд як намуди ҷазои молумулкие, ки манфиатҳои моддии маҳкумшударо маҳдуд намуда, аз ҷазои пулӣ ба андозаи муқаррарнамудаи ҳукми суд иборат аст, фаҳмидан лозим аст[98].

Ҳангоми таъини ҷарима қонунгузор ба судҳо ҳуқуқ додааст, ки вазъи моддии ӯ, доштани фарзандони ноболиғ, волидони пиронсол ва ғайраро муайян кунанд. Дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ ҳангоми баҳодиҳии вазъи амвол масъалаҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд: музди меҳнати маҳкумшуда дар ҳамаи шаклҳои он; даромад аз дигар фаъолияте, ки қонун манъ накардааст; даромад аз замини наздиҳавлигӣ; даромад аз коғазҳои қиматнок; фоизҳое, ки аз рӯи пасандозҳои бонкӣ гирифта шудаанд; мавҷудияти моликияти манзил ва дигар амволи ғайриманқул ба ҳуқуқи моликияти шахсӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ;

---

[94] Цокуева И.М. Уголовные наказания имущественного характера (виды, эволюция, перспективы): дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 1997. – С. 85.

[95] Буранов Г. К. Понятие штрафа и его место в системе уголовных наказаний / Г. К. Буранов, С. О. Зарубежнова // Современная наука: теоретический и практический взгляд: Сборник научных статей / Научный редактор Д.В. Фурсова. – Москва: Издательство "Перо", 2018. – С. 135.

[96] Ҳамон ҷо. – С. 135.

[97] Буранов Г.К. Уголовное право. Общая часть: в 2 кн. Кн. II: Наказание и иные меры уголовно-правового характера / Г.К. Буранов. – Ульяновск: УлГУ, 2017. – С. 27.

[98] Буранов, Г. К. Понятие штрафа и его место в системе уголовных наказаний / Г. К. Буранов, С. О. Зарубежнова // Современная наука: теоретический и практический взгляд: Сборник научных статей / Научный редактор Д.В. Фурсова. – Москва: Издательство "Перо", 2018. – С. 135-136.

маҳкумшуда дорои шахсони вобаста (масалан, кӯдакони ноболиғ, маъюбоне, ки дар парастории ӯ мебошанд) дошта бошад[99]. Албатта, оид ба муқаррароти мазкур мо ихтилофи назар надорем, зеро принсипи инсондӯстӣ бояд дар ҳолати татбиқи ҷазо ба инобат гирифта шавад. Аммо ихтилофи назари мо дар он аст, ки чаро суд дар вақти таъини ҷазои ҷарима тамоми паҳлуҳои зиндагии маҳкумшавандаро мавриди назар қарор медиҳад, вале ба ҳолати зиндагии ҷабрдидаро таваҷҷуҳ намекунад? Ҳол он ки ҷинояти содиршуда ба ҷабрдида ва зиндагии ӯ оқибатҳои номусодиро ба бор овардааст.

Маврид ба зикр аст, ки аҳамияти иҷтимоии ҳама гуна ҷазо, аз ҷумла ҷарима бо талаботи он ба амалияи ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Ҷарима ҷазои пулӣ мебошад, ки аз ҷониби суд бо тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ таъин карда мешавад. Асоси мавҷудияти ҷазо дар шакли ҷарима қобилияти ба даст овардани даромад ба давлат мебошад. Манфиати мақомоти давлатиро ба ин ҷазо ва талаби он ҳамеша дар ҳамин маънидод мекунанд. Дар давраи муосир ғояҳои инсондӯстонаи ҷазои ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, таваҷҷӯҳи ҷомеаро ба ҷарима, ки дар тӯли асрҳои зиёд мавҷудияти худро исбот кардааст, ҷалб намудааст. Аҳамияти иҷтимоии ҷарима дар он аст, ки шахсоне, ки ба ин ҷазо маҳкум шудаанд, дар озодӣ мемонанд ва минбаъд ба ҷиноятгкорӣ даст намезананд. С. Хилсман, М. Норвал, М. Тонри, ки дар охири солҳои 80-ум дар Олмон, Англия, Шветсия, Фаронса таҷрибаи ситонидани ҷарима ва иҷрои ҷазоро омӯхтаанд, бар ин назаранд, ки ҷарима нисбат ба дигар ҷазоҳо самараноктар ба рафтори маҳкумшуда ва ба пешгирӣ кардани ҷиноятҳои нав мусоидат мекунад[100].

Ба андешаи аксари ҳуқуқшиносон, ҷарима нисбат ба дигар ҷазоҳо нисбатан кам саркӯбкунанда аст, зеро он озодии ҳаракати маҳкумшуда, ҳуқуқи ӯро барои иваз кардани ҷойи истиқомат ё ҷойи кораш бо салоҳдиди худ маҳдуд намекунад. Татбиқи ҷарима танҳо боиси вайрон кардани вазъи моддии маҳкумшуда ва мавҷудияти доғи судӣ ҳамчун оқибати ҳуқуқии ҷазои ҷиноятии аз ҷониби суд барои ҷинояти содиршуда таъингардида мебошад[101]. Дар ин хусус андешаи дигаре низ вуҷуд дорад. Масалан, О.В. Старков ва С.В. Милюков чунин мешуморанд, ки ҷарима нисбат ба корҳои ислоҳӣ ҷазои сахттар аст, зеро барои он тамоми маблағи пулиро яквақта додан лозим аст, ки ин ба вазъи моддии маҳкумшуда ва аъзоёни оилаи ӯ таъсир нарасонда наметавонад. Ҳангоми иҷрои корҳои ислоҳӣ ҳар моҳ аз музди меҳнат ба муҳлати муайянкардаи суд нигоҳ дошта мешавад ва ин барои маҳкумшуда ва оилаи ӯ чандон гарон нест[102]. Чунин андешаро К.

[99] Абдурашидов А.А.Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 98.

[100] Васильева Т.В. Назначение и исполнение уголовного наказания в виде штрафа: дис. ... канд. юрид. наук. – Рязань 2004. – С. 74.

[101] Ҳамон ҷо. – С. 62.

[102] Старков О.В., Милюков С.В. Наказание: уголовно-правовой и криминопенологический анализ. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – С.155.

Сич низ дастгирӣ карда, қайд мекунад, ки ҷарима аз корҳои ислоҳӣ ва ҳатмӣ ҳамчун ҷазои сахттар мебошад[103].

Маълум аст, ки моҳияти сазои ҷазои ҷиноятӣ дар маҳрум кардани шахси гунаҳкор дар содир намудани ҷиноят ифода меёбад. Хусусияти сазои ҷарима бошад, бо шикасти манфиатҳои молумулкии шахси маҳкумшуда алоқаманд аст, аз ин рӯ ин ҷазоро одатан молумулкӣ меноманд. И.Я. Фойниский чунин меҳисобад, ки «... дар зери ситонидани молумулкӣ аз гунаҳкор ҳамчун ҷазо ситонидани моликияти ӯ барои кирдори ҷиноятии содиркардааш фаҳмида мешавад». Аммо ҷарима эквиваленти пулии ягон манфиати шахсӣ ё моддӣ нест. Ин чораи ҷазои ҷиноятӣ мебошад, ки аз ҷониби қонунгузор ва суд барои ҷинояткор муайян карда мешавад[104]. Баъзе олимон ин нуктаи назари пешниҳодшударо баҳснок меҳисобанд, зеро муаллифони номбурда он нуктаро ба назар нагирифтаанд, ки доираи хусусиятҳои ҷазои корҳои ислоҳӣ ва ҳатмӣ бо қисман ё пурра нигоҳ доштани маблағи маҳкумшуда маҳдуд намешавад, балки хеле васеътар мебошад. Аммо қонунгузор тамоми хусусиятҳои ҷазои корҳои ислоҳӣ ва ҳатмиро ба назар гирифта, аз ҳамин сабаб ҷаримаро ҳамчун ҷазои сабуктарин дар «нардбон»-и низоми ҷазоҳо муайян кардааст[105]. Ба андешаи Н. Беляев, ҷарима ба чунин мақсадҳои ҷазо, монанди ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирӣ кардани ҷиноятҳои нав ноил шуда наметавонад[106]. Т.В. Василева ин нуктаро ҷонибдорӣ накарда, изҳор намудааст, ки ин мавқеъ, ба фикри мо, баҳснок мебошад. Аввалан, қонунгузор барои ҳамаи намудҳои ҷазо мақсадҳои якхела муқаррар кардааст. Сониян, ҷарима, чунон ки таҷриба нишон медиҳад, бештар ба шахсоне таъин карда мешавад, ки бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна содир кардаанд, ки ин имкон медиҳад, ки ин ҷазо ба ҷинояткор, ба ҳисси масъулиятшиносии ӯ таъсири равонӣ расонад, маҷбур созад, ки маҳкумшуда барои рафтори ношоистааш ба ҷамъият ҷавоб гуфта, рафторашро аз нав дида барояд ва аз содир кардани ҷиноят худдорӣ намояд[107]. Аммо дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ҳамин навъи муҷозот васеъ паҳн нашудааст. Ин бо як қатор омилҳо шарҳ дода мешавад. Якум, ин афзоиши шумораи бекорон, ки манбаи даромади доимӣ надоранд, дуюм, мавҷуд набудани низоми самараноки назорат аз болои даромадҳои моддии ашхосе, ки дар соҳаи «тиҷорат» машғуланд. Мавҷудияти ин омилҳо боиси коҳиши татбиқи ҷазо дар шакли ҷарима гардидааст. Ҷарима бояд дар амалияи судӣ, махсусан дар ҷомеаи имрӯза, дар шароити муносибатҳои бозорӣ бояд яке аз ҷазои маъмултарин бошад, зеро он метавонад дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна

---

[103] Сыч К.А. Уголовное наказание и его состав: теоретико-методологические аспекты исследования: автореф. дис. ... д-ра. юрид. наук. – Рязань, 2001. – С. 45.

[104] Васильева Т.В. Назначение и исполнение уголовного наказания в виде штрафа: дис. ... канд. юрид. наук. – Рязань 2004. – С. 61.

[105] Ҳамон ҷо. – С. 63.

[106] Ҳамон ҷо. – С. 64.

[107] Ҳамон ҷо. – С. 64.

дар соҳаи иқтисодиёт нақши муҳим бозад[108]. Масалан, дар Ҷопон нисбат ба 95%-и маҳкумшудагон ҷазои ҷарима таъин карда мешавад[109].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили назариявӣ-ҳуқуқии мафҳум ва моҳияти ҷарима ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки оид ба мафҳум ва моҳияти ҷарима дар байни муҳаққиқон гуногунандешӣ ҷой дошта, мафҳум ва моҳияти умумиэътирофшудаи ҷарима пешбинӣ нагардидааст. Бинобар ин, ба андешаи мо ҷарима ҷазои ҷиноятиест, ки ҳуқуқи моликиятии маҳкумшударо маҳдуд мекунад, зеро дар ин ҳолат як қисми молу мулки ӯ дар шакли пули нақд ба фоидаи давлат ситонида мешавад. Моҳияти ҷарима дар хусусияти молумулкӣ доштани он ифода мегардад.

2. Ҳангоми таъини ҷарима қонунгузор ба судҳо ҳуқуқ додааст, ки вазъи моддии ӯ, доштани фарзандони ноболиғ, волидони пиронсол ва ғайраро муайян кунанд. Дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ ҳангоми баҳодиҳии вазъи амвол масъалаҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд: музди меҳнати маҳкумшуда дар ҳамаи шаклҳои он; даромад аз дигар фаъолияте, ки қонун манъ накардааст; даромад аз замини наздиҳавлигӣ; даромад аз коғазҳои қиматнок; фоизҳое, ки аз рӯи пасандозҳои бонкӣ гирифта шудаанд; мавҷудияти моликияти манзил ва дигар амволи ғайриманқул ба ҳуқуқи моликияти шахсӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ; маҳкумшуда дорои шахсони вобаста (масалан, кӯдакони ноболиғ, маъюбоне, ки дар парастории ӯ мебошанд) дошта бошад. Дар ин хусус мо чунин ихтилофи назар дорем, ки чаро суд дар вақти таъини ҷазои ҷарима тамоми паҳлуҳои зиндагии маҳкумшавандаро мавриди назар қарор медиҳад, вале ба ҳолати зиндагии ҷабрдида таваҷҷуҳ намекунад? Ҳол он ки ҷинояти содиршуда ба ҷабрдида ва зиндагии ӯ оқибатҳои номусодиро ба бор овардааст.

3. Маврид ба зикр аст, ки аҳаммияти иҷтимоии ҳама гуна ҷазо, аз ҷумла ҷарима бо талаботи он ба амалияи ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Ҷарима ҷазои пулӣ мебошад, ки аз ҷониби суд бо тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ таъин карда мешавад. Асоси мавҷудияти ҷазо дар шакли ҷарима қобилияти ба даст овардани даромад ба давлат мебошад. Манфиати мақомоти давлатиро ба ин намуди ҷазо ва талаби он ҳамеша бо ҳамин мақсад маънидод мекунанд. Дар давраи муосир ғояҳои инсондӯстонаи ҷазои ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, таваҷҷӯҳи ҷомеаро ба ҷарима, ки дар тӯли асрҳои зиёд мавҷудияти худро исбот кардааст, ҷалб намудааст. Аҳаммияти иҷтимоии ҷарима дар он аст, ки шахсоне, ки ба ин ҷазо маҳкум шудаанд, дар озодӣ мемонанд ва минбаъд ба ҷинояткорӣ даст намезанд.

[108] Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 102

[109] Антонян Е.А. Наказания, не связанные с лишением свободы: правовая природа, назначение и исполнение: Учеб. пособ. – Рязань: Академия права и управления Минюста России, 2005. – С. 41.

**Адабиёт:**

1. Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.
2. Агноков Б.Х. Штраф как вид уголовного наказания по действующему уголовному законодательству: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2007. – 23 с.
3. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе – 2015. – 414 с.
4. Антонян Е.А. Наказания, не связанные с лишением свободы: правовая природа, назначение и исполнение: Учеб. пособ. – Рязань: Академия права и управления Минюста России, 2005. – С. 41.
5. Бахридинов С.Э. Штраф как альтернатива наказанию в виде лишения свободы / Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 97-98.
6. Беляев Н.А. Цели наказания и средства их достижения в исправительно-трудовых учреждениях / Н.А. Беляев. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1963. – 186 с.
7. Буранов Г.К. Уголовное право. Общая часть: в 2 кн. Кн. II: Наказание и иные меры уголовно-правового характера / Г.К. Буранов. – Ульяновск: УлГУ, 2017. – 151 с.
8. Буранов Г.К., Зарубежнова С.О. Понятие штрафа и его место в системе уголовных наказаний / Г. К. Буранов, С. О. Зарубежнова // Современная наука:теоретический и практический взгляд: Сборник научных статей / Научный редактор Д.В. Фурсова. – Москва: Издательство “Перо”, 2018. – С. 133-137.
9. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 31.
10. Васильева Т.В. Назначение и исполнение уголовного наказания в виде штрафа: дис. ... канд. юрид. наук. – Рязань, 2004. – 211 с.
11. Дикаева М.С. Уголовное наказание в России и зарубежных странах / М.С. Дикаева. – М.: Юрлитинформ, 2017. – 216 с.
12. Дуюнов В.К. Проблемы уголовного наказания в теории, законодательстве и судебной практике / В.К. Дуюнов. – Курск, 2000. – 277 с.
13. Зайнулабидова С.М. Штраф как уголовное наказание и проблемы его применения: по материалам Республики Дагестан: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Махачкала, 2006. – 26 с.
14. Камолов З.А. Исправительные работы – альтернативный вид уголовного наказания / Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 89.
15. Курц А.В. Штраф как вид уголовного наказания по законодательству России и зарубежных стран: дис. …канд. юрид. наук. – Йошкар-Ола, 2001. – 203 с.

16. Лемперт И.Н. Правовая характеристика штрафа как вида уголовного наказания: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Красноярск, 2004. – 23 с.

17. Мирзоев С.Т. Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 199 с.

18. Михлин А.С. Исполнение наказаний, не связанных с лишением свободы / А.С. Михлин // Российская юстиция. – 2001. – № 6. – С. 41-43.

19. Периханян А.Г. Общество и право Ирана в Парфянский и Сасанидский периоды. – М.: Наука, 1983. – С. 252.

20. Подройкина И.А. Штраф как вид уголовного наказания в современном уголовном праве: дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004. – 220 с.

21. Синицкая М.Е. Ограничение прав личной собственности как элемент уголовного наказания / М.Е. Синицкая, А.Л. Цветинович // Проблемы совершенствования законодательства об охране прав граждан в сфере борьбы с преступностью. – Ярославль: Изд-во Яросл. ун-та, 1984. – С. 110-129.

22. Старков О.В., Милюков СВ. Наказание: уголовно-правовой и криминопенологический анализ. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – С. 155.

23. Сыч К.А. Уголовное наказание и его состав: теоретико-методологические аспекты исследования: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Рязань, 2001. – С. 45.

24. Тадевосян З.А. Сущность штрафа как меры наказания / З.А. Тадевосян. – Ереван: Изд-во АН АрмССР, 1978. – 98 с.

25. Уголовное наказание: социально-правовой анализ, систематизация и тенденции развития / Под ред. В.Ф. Лапшина. – М.: Юрлитинформ, 2018. – С. 233-234.

26. Уткина С.С. Уголовное наказание в виде штрафа: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Томск, 2004. – 24 с.

27. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 361-362.

28. Цокуева И.М. Уголовные наказания имущественного характера (виды, эволюция, перспективы): дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 1997. – 189 с.

# БАЪЗЕ ПАДИДАҲОИ ДАВЛАТӢ ВА ҲУҚУҚӢ ДАР ҲУҚУҚИ ИМПЕРӢ ВА ИНЪИКОСИ ОНҲО ДАР ОСОРИ АКАДЕМИК ТОҲИРОВ Ф.Т.

**Ашуриён Шоҳвалӣ Раҷаб,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 985513501
**E-mail**: ashurovshohvali1994@gmail.com

**Роҳбари илмӣ:** Раҳмон Д.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз**: Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақола омӯзиши падидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ дар аҳди қадим ва инъикоси онҳоро дар давраҳои гуногуни таърихӣ бо дарназардошти воқеияти низоми ҳуқуқи ҷории Тоҷикистони тошӯрави (тоинқилоби) мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муайян карда шудааст, ки онҳо ба се марҳила ҷудо шудаанд. Дар замони томустамликадорӣ дар сарзамини Тоҷикистони имрӯза, ки ҳамон вақт ба ҳайати давлатҳои феодалӣ-теократӣ: аморати Бухоро ва хонии Қӯқанд дохил мешуд, ҳуқуқи мусулмонӣ ва унсурҳои ҳуқуқи муқаррарӣ амал мекарданд.

Нимаи дуюми асри XIX Россияи подшоҳӣ, сиёсати берунии мустамликадорӣ ва экспансиониро ба амал бароварда, ноҳияҳои паҳновари Осиёи Миёнаро ба империяи Россия ҳамроҳ намуда, хонигарии Қӯқандро барҳам дод ва аморати Бухоро ва хонии Хиваро ба худ мутеъ кард.

Аммо баъди ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна дар Тоҷикистони Шимолӣ, ки ба ҳайати генерал-губернатории Туркистони соли 1867 ташкилшуда дохил буд, қонуни империя низ маъмул мегардад. Бояд тазаккур дод, ки дар он давра Россияи подшоҳӣ, қонунҳои умумиимпериявии худро дар тамоми кишвар паҳн карда ва барои давлати Туркистон меъёрҳои нав ба нави ҳуқуқиро ташаккул дода, сиёсати мустамликадоронаи худро дар амал татбиқ менамуд, муносибатҳои муҳимтаринро роҷеъ ба ҳукмронии синфӣ, сохту фаъолияти дастгоҳи давлатии мустамликадорӣ тақвият медод ва танзим мекард.

**Калидвожаҳо:** Падида, таърих, ҳуқуқ, қонун, ҳокимияти подшоҳӣ, мустамликадорӣ, империя, экспансия, синф, сиёсат, давра, ҳуқуки мусулмонӣ, меъёрҳои нав.

# НЕКОТОРЫЕ ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ ЯВЛЕНИЯ В ПРАВЕ ИМПЕРИИ И ИХ ОТРАЖЕНИЕ В ТРУДАХ АКАДЕМИКА ТАХИРОВА Ф.Т.

**Ашуриён Шохвали Раджаб,**
Соискатель кафедры кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 985513501
**E-mail:** ashurovshohvali1994@gmail.com

**Научный руководитель**: Рахмон Д.С., д.ю.н, профессор
**Рецензент:** Саъдизода Ҷ., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В статье анализируется изучение государственно-правовых явлений в древнем мире и их отражение в разные исторические периоды с учетом реалий действующей правовой системы постреволюционного Таджикистана. Установлено, что они делятся на три стадии. В доколониальный период на территории современного Таджикистана, входившего в то время в состав феодально-теократических государств: Бухарского эмирата и Кокандского ханства, практиковалось мусульманское право и элементы обычного права.

Во 2-й половине 19 в. царская Россия проводила внешнюю политику колонизации и экспансии, присоединила к империи обширные районы Средней Азии, упразднила Кокандское ханство, подчинила себе Бухарский эмират и Хивинское ханство.

Однако после присоединения Средней Азии к России право империи стало популярным и в Северном Таджикистане, входившем в состав Туркестанского генерал-губернаторства, образованного в 1867 году.

Следует отметить, что в этот период царская Россия распространяла на всю страну свои общеимперские законы и формировала новые правовые нормы для Туркестанского государства, осуществляла свою колониальную политику, имела важнейшие отношения с классовым господством, структурой и функционированием государственный аппарат укреплял и регулировал колониализм.

**Ключевые слова:** Институт, история, право, закон, царская власть, колониализм, империя, экспансия, класс, политика, период, мусульманское право, новые нормы.

# SOME STATE-LEGAL PHENOMENA IN THE LAW OF THE EMPIRE AND THEIR REFLECTION IN THE WORKS OF ACADEMICIAN TAKHIROV F.T.

**Ashuriyon Shohvali Rajab,**
Competitor of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Faculty of Law of the Tajik National University
**Tel.:** (+992) 985513501
**E-mail:** ashurovshohvali1994@gmail.com

**Supervisor:** Rahmon D.S., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Sa'dizoda, candidate of law, associate professor

**Annotation:** The article analyzes the study of state-legal phenomena in the ancient world and their reflection in different historical periods, taking into account the realities of the current legal system of post-revolutionary Tajikistan. It is established that they are divided into three stages. In the pre-colonial period, on the territory of modern Tajikistan, which at that time was part of the feudal-theocratic states: the Emirate of Bukhara and the Kokand Khanate, Muslim law and elements of customary law were practiced. However, after the accession of Central Asia to Russia, the right of empire became popular in Northern Tajikistan, which was part of the Turkestan Governor-General, formed in 1867. It should be noted that during this period, tsarist Russia extended its general imperial laws to the whole country and formed new legal norms for the Turkestan state, carried out its colonial policy, had the most important relationship with class domination, the structure and functioning of the state apparatus strengthened and regulated colonialism.

**Keywords:** Institute, history, right, empire, law, royal power. colonialism, empire, expansion, class, politics, period, Muslim law, new norms

Давлат ва ҳуқуқ яке падидаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеа маҳсуб ёфта, дар давоми ҳазорсолаҳо тахти таҳқиқоти олимону муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ ва дигар бахшҳои ба онҳо алоқаманд қарор гирифтаанд ва то имрӯз доранд. Оид ба падидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ назарияҳои гуногун дар ҷаҳон пешбинӣ шудаанд. Дар қисмати зиёди ҷаҳон падидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти илмӣ арзи ҳастӣ дошт ва то ба имрӯз низ дорад. Вобаста ба ин ҳаминро бояд тазаккур дод, ки, таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқон ва шахсони сарсупурда ва фидоии ҷодаи илму маърифати муосири ватанӣ низ ба ин падидаҳои ҳаётан муҳим баръало мебошад.

Устоди пуркор ва донишманди фарҳехта академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Тоҳиров Фозил Тоҳирович аз зумраи ҳамин гуна шахсони сарсупурда ва фидоии ҷодаи илму маърифат маҳсуб меёбанд.

Аз ин хотир, вай ба паҳлуҳои то ба ӯ наомӯхтаву таҳқиқнамудаи илми ҳуқуқшиносӣ, хусусан пайдоиш ва ташаккули низоми ҳуқуқиву давлатдорӣ дар Тоҷикистон рӯ оварда, тадқиқотҳои илмиро дар ин мавзуъ дар меҳвари фаъолияти муҳаққиқии хеш қарор додааст.

Сабаби асосии таваҷҷуҳи бепоёни академик Фозил Тоҳиров ба давлат ва ҳуқуқ дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихӣ дар он аст, ки ӯ давлат ва ҳуқуқро ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсонӣ ҳисобида, бе онҳо тасаввури ҳаёти ҷомеаи муосирро дида наметавонад.

Таҳқиқи проблемаҳои пайдоиш ва ташаккули соҳаҳои ҳуқуқ ва рушду инкишофи давлатдории тоҷиконро то замони Шуравӣ ва баъд аз он аз самтҳои афазалиятноки мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии хеш интихоб намудааст.

Омӯзиши падидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ дар аҳди қадим ва инъикоси онҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ бо дарназардошти воқеияти низоми ҳуқуқи ҷории Тоҷиқистони тошӯрави (тоинқилобӣ) аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ онҳоро ба се марҳала: Якум, ҳуқуқи империӣ; дуюм, ҳуқуқи мусулмонӣ; сеюм, ҳуқуқи урфиро (одатӣ) ҷудо намудааст[110].

Таърихи ҳаёти иҷтимоию фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон вижагиҳои ақлонӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии худро доштанд. Аз ин сабаб, Фозил Тоҳиров зимни таҳқиқу омӯзишҳои илмӣ ба паҳлуҳои қонунгузории кишвар аз нигоҳи як озмоишгоҳ (лаборатория)-и ягонаи иҷтимоӣ назар карда, омилҳои қонуниятҳои кишварҳои абарқудрати Россия, аркони шариати исломӣ ва қонунҳои амалкунандаи дохилии кишварро як-як таҳлил ва рақамзанӣ менамоянд.

Ӯ қайд менамояд, дар замони томустамликадорӣ дар сарзамини Тоҷикистони имрӯза, ки ҳамон вақт ба ҳайати давлатҳои феодалӣ-теократӣ: аморати Бухоро ва хонии Қӯқанд дохил мешуд, ҳуқуқи мусулмонӣ ва унсурҳои ҳуқуқи муқаррарӣ амал мекарданд.

Нимаи дуюми асри XIX Россияи подшоҳӣ, сиёсати берунии мустамликадорӣ ва экспансиониро ба амал баровaрда, ноҳияҳои паҳновари Осиёи Миёнаро ба империя ҳамроҳ намуда, хонии Қӯқандро барҳам дод ва аморати Бухоро ва хонии Хиваро ба худ мутеъ кард. Аммо баъди ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна дар Тоҷикистони Шимолӣ, ки ба ҳайати генерал-губериатории Туркистони соли 1867 ташкилшуда дохил буд, қонуни империя низ маъмул мегардад[1].

Бояд тазаккур дод, ки ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони имрӯза ва қисми зиёди Помир, ки аксарияти аҳолиаш тоҷикон буданд (ба номи ноҳияи Помир) ба ҳайати вилоятҳои Самарқанду Фарғонаи генерал-губернатории Туркистон ворид гардида буданд[111]. Бухорои Шарқӣ ва қисми ғарбии Помир бошад, дар ҳайати аморати Бухоро монданд[112].

Дар марҳилаи навини генерал-губернатории Туркистон муносибатҳои

[110] Ниг.: Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон» 1994. – С.8-58.
[111] Ниг.: История таджикского народа. – М., 1964; т. 2, кн. 2, – С. 127-142.
[112] Ниг.: Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир в период присоединения Средней Азии к России. – Душанбе, 1960. – С.21-34.

маъмурию ҳуқуқӣ на ин ки дар асоси тараққиёти муносибатҳои бевоситаи иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои байни Россияи подшоҳӣ ва халқҳои ба он ҳамроҳшуда, балки бештар дар асос ва мувофиқи қонунҳои маъмурию ҳуқуқии қабул ва интишорнамудаи ҳукумати подшоҳии Россия, тағйири ҷузъии тартиботи идоракунӣ ва сохти ҷамъиятии ин халқҳо амалӣ мегардид.

Ибтидои ин марҳалаи бузурги идоракунии кишвар қавоиди муваққатии соли 1867 буд, ки принципи идоракунии «ҳарбӣ-халқӣ»-ро муқаррар мекард.

Академик Фозил Тоҳиров моҳияти тартиботи идоракунӣ ва сохти ҷамъиятиро ба шаш марҳала ҷудо намудааст, якум, тақсимнопазирии ҳокимияти ҳарбӣ, маъмурӣ ва дар кишвар таҳти роҳбарии ягона муттаҳид кардани он; дуюм, зарурати дар дигар қисмҳои Россия ҳаддалимкон ба маъмурият наздик кардани сохти ин органҳо; сеюм, интихоби будани органҳои ҳокимият ҳамчун асоси сохти органҳои ҳокимияти поёнии аслан халқӣ-ҷамъиятӣ; чорум, дар ин (муассисаҳо барҳам додани тартиботе, ки ба манфиати Россия зарар доранд, панҷум, мувофиқи талаботи маҳаллӣ ташкил ва инкишоф додаии органҳои маъмурӣ ва аниқ муайян кардани ҳадду ҳудуди ҳокимияти онҳо ва шашум, ба дараҷае, ки мувофиқи вазъияти маҳалли имконпазир аст, аз маъмурият ҷудо кардани маҳкама.

Аз марҳалаҳои зикргардида, ба структураи муносибатҳои ҷамъиятии халқҳои ҳамроҳкардашуда, аз ҷумла халқҳои Тоҷикистони Шимолӣ низ дохил кардани қонунияти умумиимперӣ аҳамияти муайяни мутараққӣ ва пешравона доштанд.

Қонунҳои империяи Россия дар натиҷаи дастгоҳи идоракунии мустамликахоҳона барпо кардани Россияи подшоҳӣ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти Туркистонро пурра ба худ тобеъ карда буд, маъмул ва татбиқ мегардид.

Агар дар давлати Туркистон қонунҳои империяи Россия ҷорӣ карда, қоидаҳои нави меъёрии ҳуқуқ интишор намешуданд, мақомотҳои идоракунӣ аз иҷрои вазифаҳои худ баромада наметавонистанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар он давра Россияи подшоҳӣ, қонунҳои умумиимпериявии худро дар тамоми кишвар паҳн карда, барои давлати Туркистон меъёрҳои нав ба нави ҳуқуқиро ташаккул дода, сиёсати мустамликадоронаи худро дар амал татбиқ менамуд, муносибатҳои муҳимтаринро роҷеъ ба ҳукмронии синфӣ, сохту фаъолияти дастгоҳи давлатии мустамликадорӣ тақвият медод ва танзим мекард.

Академик Фозил Тоҳиров дар раванди таҳқиқи масъалаҳои идоракунии кишвари Туркистон ва паҳлуҳои қонунгузории онро назар намудааст.

Ташкили ҳокимияти подшоҳӣ дар ноҳияҳои тоинқилобии шимоли Тоҷикистон мувофиқи «Низомномаи идоракунии кишвари Туркистон» сурат гирифта буд. Мувофиқи ин Низомнома ҳокимияти ҳарбӣ ва граждани муттаҳид шуда буданд, ки ин ҷиҳати хоси ташкили идоракунии

империяи Россия дар кишварҳои миллӣ буд. Ба кишвари Туркистон генерал-губернатор сарвари менамуд, ки онро бевосита императори Россия таъйн ва аз вазифа озод мекард, ба вилоятҳо губернаторҳои ҳарбӣ, ба уездҳо сардорони уездҳо бо дастгоҳи дахлдори маъмурию политсия сарварӣ менамуданд. Дар дастгоҳи кишвари Туркистон қариб тамоми вазифаҳои давлатиро амалдорони подшоҳ, аксаран ҳарбиён ишғол мекарданд. Маъмурияти маҳаллӣ дар шахси гумоштагон дар волостҳо, оқсақолон дар деҳа ва авулҳо аз звенои поёнии дастгоҳи идораи кишвари Туркистон иборат буд[113], ки аз намояндагони феодалони олимартабаи маҳаллӣ ва гумоштагони онҳо дар асосҳои ба ном интихобӣ ба муҳлати се сол интихоб карда мешуданд.

«Низомномаи идоракунии кишвари Туркистон» баробари ҳалли дигар масъалаҳои идоракунии мустамлика ба низоми ҳокимияти судӣ баъзе тағйироту иловаҳо ворид намуд.

Инчунин, мувофиқи «Низомнома» қозиҳо, судяҳои халқӣ ва судяҳои уездҳо судяҳои оштидиҳанда номида шуданд. Ду низоми суд амал мекард: 1) низоми судҳои умуми империя: судҳои оштидиҳанда, судҳои вилоятӣ ва сенати ҳукмрон; 2) низоми судҳои аҳолии маҳаллӣ, ки онҳоро судҳои халқӣ меномиданд – судҳои дараҷаи якум (қозиҳо ва бийҳо) ва дараҷаи дуюм, съездҳои судҳои халқӣ, ки ба онҳо тарафҳои аз қарори инфиродии суди халқӣ норозӣ шикоят карда метавонистанд. Мувофиқи зарурат бо фармони губернатори ҳарбӣ съездҳои фавқулоддаи судҳои халқӣ даъват карда мешуданд.

Бо қонун аз 2 июли соли 1898 «Дар бораи тағйири судҳо дар Туркистон ва вилояти Степной» низоми судии империя ба уставҳои судҳои соли 1864 мувофиқ карда, судҳои оштидиҳанда, судҳои округ (ба ҷойи судҳои вилоят) ва палатаҳои судҳо ташкил дода шуданд, ки онҳо то инқилоби давраи Шӯравӣ амал мекарданд.

Ҳамин тариқ, дар сарзамини ба Россия ҳамроҳ кардашудаи Осиёи Миёна, аз он ҷумла дар Шимоли Тоҷикистон давлати феодалӣ, мақомотҳои марказӣ ва қисман маҳаллии он барҳам дода, низоми мақомотҳои идоракунии мустамликавӣ барпо карда шуд, ки дар асоси қонунҳои империяи Россия амал мекард.

Ҳамаи қонунҳои империяи Россияро, ки дар сарзамини генерал-губернатории Туркистон, аз ҷумла дар Тоҷикистони Шимолии тошӯравӣ амал мекарданд, ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) қонунҳои умумӣ-империявӣ; 2) қонунҳои махсус, яъне қонунҳое, ки танҳо барои генерал-губернатории Туркистон бароварда шуда буданд. Ба қонунҳоӣ умумӣ-империявӣ қонунҳое дохил мешуданд, ки барои тамоми империя бароварда шуда буданд ва мувофиқан ба сарзамини генерал-губернатории Туркистон бо баъзе истисноҳо ҷорӣ карда мешуданд.

---

[113] Положение об управлении Туркестанским краем. Свод законов Российский империи. – М., 1910, т. 2, кн. 1, – С. 437-469, – С. 81-93.

Аз давраи ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ва барпо шудани дастгоҳи идоракунии мустамликавӣ, аз он ҷумла мақомотҳои суд ва дигар мақомотҳои ҷазодиҳӣ, чи дар сарзамини Россияи подшоҳӣ ва чӣ дар генерал-губернатории Туркистон чунин қонунҳо амал мекарданд: «Маҷмуи қонунҳои гражданӣ» ва «Устав дар бораи векселҳои соли 1835», «Маҷмуи қонунҳо дар бораи ҷазоҳои ҷиноӣ ва муслиҳӣ» аз соли 1866, қонунҳои давраи ислоҳот, «Таъсисоти қонунҳои судӣ», кодексҳои мурофиавӣ – «Уставҳои судӣ», «Устав дар бораи ҷазоҳое, ки судҳои оштидиҳанда муқаррар кардаанд»[114] ва ғайра.

Хулоса, аксарияти қонунҳои зикргардида маҷмуи қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии тибқи шароити вилоятҳои мустамликаи генерал-губернатории Туркистон ба бобу қисмҳои алоҳида ҷудо гардида, институтҳои мушахасро дар бар мегирифтанд. Инчунин, ба қонунҳои зикргардида тағйироту иловаҳо ворид карда мешуданд, ки онҳо қабл аз ҳама баҳри танзими муносибатҳои нави ба миён омада ва ба манфиати тамоми дигар халқҳои маҳаллӣ равона шуда буданд.

**Адабиёт:**


1. Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон» 1994. – С.8-58.
2. История таджикского народа. – М., 1964; т. 2, кн. 2, – С. 127-142.
3. Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир в период присоединения Средней Азии к России. Душанбе, 1960. – С.21-34.
4. Положение об управлении Туркестанским краем. Свод законов Российский империи. – М., 1910, т. 2, кн. 1, – С. 437-469, – С. 81-93.
5. Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – С. 12.


[114] Ниг.: Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – С. 12.

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ҲУҚУҚИИ РУШДИ ҶОМЕА

**Миралиев Исфандиёр Қарахонович,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 908483869
**E-mail:** isfand88@mail.ru

**Муқарриз:** Раҳмон Д.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ – сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили ҳуқуқии рушди ҷомеа бахшида шудааст. Сиёсати ҳуқуқӣ, як намуди сиёсати давлатӣ буда, бо фаъолияти давлат ҳамчун субъекти асосии сиёсати ҳуқуқӣ алоқаманд мебошад.

Муаллиф бар он ақида аст, ки тараққиёти ҷамъият, аз ҷумла, роҳи пешгирифтаи эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷамеаи шаҳрвандӣ коркарди сиёсати сифатан нави ҳуқуқиро тақозо менамуд. Дар давлати ҳуқуқбунёд сиёсат бояд бо роҳҳои ҳуқуқӣ амалӣ шавад, ба тарҳи ҳуқуқии ҳокимият хизмат кунад ва фазои ягонаи ҳуқуқиро кафолат диҳад. Дар шароити ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ муносибатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ оид ба ташкил ва фаъолияти институтҳои ҳокимият, муносибатҳои ҳокимият ва аҳолӣ бояд шакли ҳуқуқӣ дошта бошанд. Дар ин шароит нақши қонун нисбат ба сиёсат на бештар меъёрӣ, балки ташаккули ҳуқуқии сиёсатро дар заминаи робитаи он бо асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа, бо арзишҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, сиёсат, сиёсати ҳуқуқӣ, ҷомеа, парадигма, таҳаввул, таълимот, шуравӣ, пасошуравӣ.

# ПРАВОВАЯ ПОЛИТИКА КАК ПРАВОВОЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ОБЩЕСТВА

**Миралиев Исфандиёр Карахонович,**
доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук
**Тел.:** (+992) 908483869
**E-mail:** isfand88@mail.ru

**Рецензент:** Рахмон Д.С., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Статья посвящена одному из важных вопросов юриспруденции – правовой политике как правовому фактору развития общества. Правовая политика является одним из видов государственной политики и связана с деятельностью государства как основного субъекта правовой политики.

Автор считает, что развитие общества, в частности, путь построения правового государства и гражданского общества качественно потребовали разработки новой правовой политики. В правовом государстве политика должна осуществляться правовыми способами, служить правовому реализации власти и гарантировать единое правовое пространство. В условиях формирования гражданского общества отношения социальных групп по поводу организации и деятельности государственных учреждений, отношения между властью и населением должны иметь правовую форму. В этих условиях роль права не более нормативна, чем политика, но обеспечивает правовое осуществление политики на основе её связи с правовыми основами жизни общества, с правовыми ценностями.

**Ключевые слова:** Право, политика, правовая политика, общество, парадигма, эволюция, учение, советское, постсоветское.

## LEGAL POLICY AS A LEGAL FACTOR FOR THE DEVELOPMENT OF SOCIETY

**Miraliev Isfandiyor Qarakhonovich,**
docent of the department of human rights and comparative law, law faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 908483869
**E-mail:** isfand88@mail.ru

**Reviewer: Rahmon D.S., Doctor of Law, Professor**

**Annotation:** The article is devoted to one of the important issues of jurisprudence – legal policy as a legal factor in the development of society. Legal policy is one of the types of state policy and is associated with the activities of the state as the main subject of legal policy.

The author believes that the development of society, in particular, the way of building a law-based state and civil society qualitatively required the development of a new legal policy. In a law-based state the policy should be implemented in legal ways, serve the legal implementation of power and guarantee a unified legal space. In the conditions of formation of civil society the relations of social groups regarding the organization and activity of state institutions, relations between the power and the population must have a legal form. Under these conditions, the role of law is not more normative than politics, but provides legal implementation of policy on the basis of its connection with the legal foundations of life of society, with legal values.

**Key words:** Law, politics, legal policy, society, paradigm, evolution, doctrine, Soviet, post-Soviet.

Масъалаи сиёсати ҳуқуқӣ дер боз дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон, файласуфон, сиёсатмадорон ва ҳуқуқшиносон қарор дорад. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ марҳилаҳои зерини ташаккул ва таҳаввули андешаҳо ва таълимоти сиёсати ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд: 1) ташаккули асосҳои идеологии таълимоти «сиёсати ҳуқуқӣ» (охири асри XIX то ибтидои асри XX); 2) ташаккули таълимоти воқеии сиёсати ҳуқуқии давлатҳо дар давраи баъд аз инқилоб (ибтидои асри XX то солҳои 90-уми асри XX); 3) таҳаввули равишҳои доктриналӣ ба сиёсати ҳуқуқӣ (солҳои 90-уми асри XX то замони ҳозира)[115].

Дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ парадигмаҳои сиёсати ҳуқуқии сотсиалистии давлати Шӯравӣ инкишоф дода шудаанд[116]. Ибораи «сиёсати ҳуқуқӣ» бинобар махсусияти парадигмаи сиёсию идеологии ҷамъияти шӯравӣ қисмати сиёсӣ бартарӣ дошт[117]. Консепсияи советии сиёсати ҳуқуқӣ баҳри ҳимояи фаъолияти сиёсии ҳизб ва давлати Шӯравӣ дар соҳаи сохтмони ҳуқуқӣ нигаронида шудааст[118]. Аз соли 1970 сар карда дар доираи тадқиқотҳои умумӣ-назариявӣ ҳуқуқ истилоҳи «сиёсати ҳуқуқӣ» ба муомилоти илмӣ дохил карда шуданд[119].

Гузаштан ба ҷамъияти сотсиалистӣ, мақсаду самтҳои нави стратегии тараққиёти ҷамъият, аз ҷумла роҳи пешгирифтаи эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ коркарди сиёсати сифатан нави ҳуқуқиро тақозо менамуд. Дар давлати ҳуқуқбунёд сиёсат бояд бо роҳҳои ҳуқуқӣ амалӣ шавад, ба тарҳи ҳуқуқии ҳокимият хизмат кунад ва фазои ягонаи ҳуқуқиро кафолат диҳад. Дар шароити ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ муносибатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ оид ба ташкил ва фаъолияти институтҳои ҳокимият, муносибатҳои ҳокимият ва аҳолӣ бояд шакли ҳуқуқӣ дошта бошанд. Дар ин шароит нақши қонун нисбат ба сиёсат на бештар меъёрӣ, балки ташаккули ҳуқуқии сиёсатро дар заминаи робитаи он бо асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа, бо арзишҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд.

Шароит ва талаботи нави ҳаёти ҷамъияти инсонӣ сиёсати дурусти ҳуқуқиро талаб мекунад. Дар навбати худ он бояд чандир, динамикӣ ва тобовар ба тағйиротҳои иҷтимоӣ ва чолишҳои ҷаҳонӣ бошад. Қадами

---

[115] Ниг.: Хвалеев В.А. Правовая политика России в условиях глобализации: дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2008. – С. 16.

[116] О советской правовой политике ниг.: Федоров Н.В. Правовая политика Советского государства (вопросы истории, теории, практики): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1985.

[117] Ниг.: Хвалеев В.А. Асари ишорашуда. – С. 20.

[118] Ниг.: Рудковский В.А. Правовая политика и осуществление права: теоретико-методологический аспект: дис. … докт. юрид. наук. – Волгоград, 2009. – С. 15.

[119] Ниг.: Трофимов В.В. Научные основы правовой политики: проблемы формирования // Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / Под ред. А.В. Малько. – Тамбов, 2008. – С. 141; Современная правоприменительная практика как осуществление правовой политики перестройки. – Пермь, 1989; Баренбойм П. Экономической реформе нужна новая правовая политика правительства // Советская юстиция. – 1993. – № 4. – С. 9-10; Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М., 1978. – С. 162-168; Гаврилов О.А. Стратегия правотворчества и социальное прогнозирование. – М., 1993. – С. 27.

пешакии ҳалли ин масъала муайян кардани асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, ки таҳлили ҳамаҷониба ва амиқи илмии ин падидаи ҳаёти ҷамъиятиро тақозо мекунад.

Бо назардошти ин вазъият солҳои охир тадқиқоти масъалаҳои сиёсати ҳуқуқӣ дучанд гардидааст. Зарурати бунёди сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи пасошӯравӣ асосан аз он иборат аст, ки он стратегияи рушди ҳуқуқии ҷомеаро муайян мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид меравад, ки сиёсати ҳуқуқӣ «ба муайян намудани стратегия ва тактикаи рушди ҳуқуқии ҷомеа, такмили механизми танзими ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бунёди давлати ҳуқуқбунёд» нигаронида шудааст[120]. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун «стратегия ва тактикаи роҳи ҳуқуқии рушди ҷомеа, давлат, кишвар» тавсиф карда мешавад[121]. Сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳалли чунин мушкилот, аз қабили такмили низоми ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқӣ, таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва таҳкими кафолатҳои онҳо, маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, ташаккули шахсияти таҳаммулгар ва ғайра нигаронида шудааст[122].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқӣ низ таҳқиқ карда мешаванд. Солҳои охир таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самт ҷоннок гардиданд[123].

Дар давлати ҳуқуқбунёд ҳама намудҳои сиёсат бояд бо воситаҳои ҳуқуқӣ фаро гирифта шаванд (қонунҳо, шартномаҳо ва ғайра). Ҳангоми ба амал баровардани сиёсати иқтисодӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва дигар навъҳои

---

[120] Исаков Н.В. Правовая политика современной России: проблемы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004. – С. 131.

[121] Нерсесянц В.С. Правовая политика Российской Федерации: основные направления и задачи // Правовая политика и пути совершенствования правотворческой деятельности в Российской Федерации. – М., 2006.

[122] Ниг.: Рыбаков О.Ю. Российская правовая политика в сфере защиты прав и свобод личности: вопросы теории: дис. … докт. юрид. наук. – Саратов, 2005. – С. 36-37.

[123] Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как общетеоретическая категория: анализ концептуальных подходов // Вестник Таджикского национального университета. Серия: гуманитарные науки. – 2013. – 3/2 (№ 108). – С. 68-76; Он же. Правовая политика как фактор прогрессивного развития обществ // Правовая жизнь. - 2014. - № 1 (01). - С. 25-40; Он же. Правовоспитательная политика: научные основы и проблемы модернизации // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – 3/4(139). – С. 38 – 45; Он же. Научные основы правовой политики // Вестник ТГУПБП. – 2015. – № 4. – С. 12-22; Он же. Правовоспитательная политика: научные основы и проблемы модернизации // Вестник ТГУППБ. – 2014. – № 4. – С. 12-22; Он же. Научный характер правовой политики // Мир политики и социологии. – Санкт-Петербург, 2013. – № 11. – С. 83-91; Он же. Правовая политика в сфере противодействия коррупции // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2014. – № 4 (24). – С. 7-13; Он же. Научные основы и понятие правовой политики // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. 2015. – № 3 (23). – С. 14-30; Он же. Методологические подходы к соотношению категорий «правовая политика» и «юридическая политика» // Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Правовые системы Республики Таджикистан и стран СНГ: состояние и проблемы», посвященной научной деятельности проф. Менглиева Ш.М. – Душанбе, 2015. – С. 235-237; Он же. Правовое воспитание и образование как интегративное направление правовой политики: опыт Таджикистана и стран СНГ // Евразийский юридический журнал. – 2016. – № 2 (92). – С. 359-364; Он же. Правосознание как фактор эффективности правовой политики Республики Таджикистан // Типы правопонимания и меняющиеся вызовы современного мира. Сб. научных статьей по результатам Международной научно-практической конференции (Санкт-Петербург, Российский государственный педагогический университет им. А.И. Герцена, 23-24 сентября 2016 г.). – СПб.: Астерион, 2016. – С. 448-458 и др.

сиёсат дар баробари воситаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, техникӣ ва дигар воситаҳо ҳатман бояд воситаҳои ҳуқуқӣ мавҷуд бошанд. Дар ин шароит сиёсати ҳуқуқӣ «маҳз ба василае табдил меёбад, ки баҳри ба расмиятдарории ҳуқуқӣ, мустаҳкам намудан дар сарчашмаҳои ҳуқуқии дигар соҳаҳои фаъолияти сиёсии давлат имкон фароҳам оварда (сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маориф ва дигар) таъмин карда мешавад»[124]. Ба ибораи дигар, «дар ҳама навъҳои сиёсат қисми ҳуқуқӣ вуҷуд дорад»[125]. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун «навъи сиёсати кафолатнок» шарҳ дода мешавад[126].

Сиёсати ҳуқуқӣ, як намуди сиёсати давлатӣ буда, бо фаъолияти давлат ҳамчун субъекти асосии сиёсати ҳуқуқӣ алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин, ҳадафҳо, вазифаҳо, функсияҳо, самтҳои асосии фаъолияти давлат, сиёсати берунӣ ва дохилии он, шаклҳои баамалбарории функсияҳои давлат, шакли идоракунии давлатӣ, шакли сохтори давлатӣ, реҷаи сиёсӣ (давлатӣ) ба ташаккули давлат таъсир мерасонанд. Бо дарназардошти мавҷуд будани сиёсати дохилӣ ва берунии давлат, инчунин сиёсати ҳуқуқии дохилидавлатӣ (миллӣ) ва байналмилалиро низ фарқ кардан лозим аст.

Солҳои охир рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, гуманитарӣ ва ғ.) сатҳи байналмилалии сиёсати ҳуқуқии миллиро боло бурд. Таъсиси сохторҳои гуногуни байнидавлатӣ (ИДМ, Созмони ҳамкории Шанхай ва ғ.) низ ба ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Мақсад ва вазифаҳои иттиҳодияҳои байнидавлатӣ ислоҳ намудани мақсад ва самтҳои сиёсати миллии ҳуқуқиро талаб мекунанд. Ҳамин тариқ, фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар доираи ИДМ ба рушди низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун (кодексҳои намунавӣ, конвенсияҳо, эъломияҳо, созишномаҳо, муборизаи муштарак бо ҷиноятҳои муташаккилона, терроризм, қочоқи маводи мухаддир, ҳамкориҳои ҳарбӣ дар чаҳорчӯбаи Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ, омода намудани кадрҳои илмӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра) таъсири назаррас дорад. Тамоюл ва дурнамои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, энергетикӣ, илмию таълимӣ, фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ, бахусус бо Федератсияи Русия ба таҳия ва татбиқи сиёсати миллии ҳуқуқии ҷумҳурӣ бетаъсир намемонад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дорои сохтори дохилӣ буда, сатҳҳо, намудҳо, самтҳо ва шаклҳои татбиқи худро дорад. Бинобар гуфтаҳои А.В. Малко, сиёсати ҳуқуқӣ бояд «аз самтҳои зерин ташаккул ёбад, ки бо шаклҳои баамалбарории он мутобиқат мекунад: 1) қонунэҷодкунӣ; 2)

[124] Кодан С.В. Юридическая политика Российского государства // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца / Сост. В.Г. Графский.. – М.: Норма, 2006. – С. 329.
[125] Коробова А.П. Правовая политика: понятие, формы реализации, приоритеты в России: дис. … канд. юрид. наук. – Самара, 2000. – С. 163.
[126] Ниг.:Малько А.В. Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / Под ред. А.В. Малько. – Тамбов, 2008. – С. 9-10.

ҳуқуқмуҳофизавӣ; 3) тафсиркунанда; 4) доктриналӣ; 5) таълими ҳуқуқӣ ва ғайра»[127].

Намудҳои сиёсати ҳуқуқиро аз рӯи меъёрҳои гуногун тасниф кардан мумкин аст. Масалан, бо дарназардошти сохтори механизми давлатӣ ба чунин навъҳо тасниф менамоянд: сиёсати ҳуқуқии Президент, сиёсати ҳуқуқии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, сиёсати ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сиёсати ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ). Дар асоси принсипи тақсимоти ҳокимияти давлатӣ – сиёсати қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ-ҳуқуқӣ аз ҳам дигар фарқ мекунанд. Бо дарназардошти самтҳои фаъолияти давлат метавон ба қонунгузорӣ, ҳуқуқтадбиққунӣ, контрол ва назоратӣ, ҳуқуқмуҳофизавӣ, ҳарбӣ, иттилоотӣ, сиёсати ҳуқуқии экологӣ ҷудо намуд.

Низоми ҳуқуқ, сохти дохилии он (соҳа ва институтҳои ҳуқуқ) ҳамчун асоси муҳимми навбатии таснифи намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Дар ин замина навъҳои соҳавии сиёсати ҳуқуқӣ (сиёсати ҳуқуқии конститутсионӣ ва сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ)-ро фарқ мекунанд. Дар асоси соҳаҳои комплексии ҳуқуқ намудҳои ба ҳам алоқаманди сиёсати ҳуқуқиро фарқ кардан мумкин аст, масалан, дар соҳаи соҳибкорӣ, экология ва ғайра. Институтҳои ҳуқуқро метавон ҳамчун меъёри фарққунандаи чунин навъҳои сиёсати ҳуқуқӣ, аз қабили сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи интихобот ва раъйпурсӣ, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, сиёсат дар соҳаи муҳофизати ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ғайра.

Ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ, самтҳо, ҳадафҳо ва афзалиятҳои он бо назардошти шароити мушаххаси таърихии кишварҳои алоҳида сурат мегирад. Ҳамин тариқ, ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 90-ум асолат, гуногунрангӣ ва носозгории ин марҳалаи таърихиро инъикос кардааст. Дар ин давра, ки бо дигаргунсозии ҷамъият дар давраи гузариш аз сотсиализм ба пасосотсиализм рост омад, консепсияи сиёсати ҳуқуқии шӯравӣ тадриҷан бо сиёсати нави ҳуқуқӣ иваз карда шуд. Ин раванд давраҳои рушди давлатро инъикос мекард: таъсиси ниҳоди Президент; боздоштани шакли идораи президентӣ дар моҳи ноябри соли 1992; барқарор намудани шакли президентии идораи давлат дар моҳи июли соли 1994; қабули Конститутсия ва интихоби Президент дар соли 1994; давраи пас аз низоъ; марҳилаи модернизатсия.

Ташаккули сиёсати нави ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон, аз як тараф, зери таъсири бевоситаи равандҳои иҷтимоию сиёсӣ, ки дар дигар кишварҳои пасошӯравӣ ҷараён доштанд, сурат гирифт. Гузариш ба пасосотсиализм мақсадҳои стратегии инкишофи ҳуқуқ (волоияти ҳуқуқ, давлати ҳуқуқбунёд, тақсимоти ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайра)-ро пешакӣ муайян кард. Тағйироти асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар

[127] Малько А.В. Современная российская правовая политика и правовая жизнь // Правовая политика и правовая жизнь. – 2000. – Ноябрь. – С. 18.

доираи фазои ҳуқуқии пасошӯравӣ мавҷуда дар доираи ИДМ сурат мегирифт.

Аз дигар самт, шароити таърихии Тоҷикистон, равандҳои иҷтимоию сиёсӣ, дигаргуниҳои иҷтимоӣ (муқовимат байни нерӯҳои сиёсии радикалӣ ва мӯътадил, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ғ.), мухолифии рушди давлатию ҳуқуқӣ (таъсиси ниҳоди Президент, боздоштани он, аз нав барқарорсозӣ ва ғайра) ба ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар ибтидо ва миёнаи солҳои 90-ум таъсири ҳалкунанда расонд.

Дар Тоҷикистон ба ташаккули сиёсати ҳуқуқии мақсаднок дар ибтидои солҳои 90-ум як қатор омилҳо таъсири манфӣ расонданд: бархурди қувваҳои сиёсии консервативӣ, муътадил ва радикалӣ; зиддият байни демократҳо ва коммунистон, байни тарафдорони роҳи дунявӣ ва исломии тараққиёт; қобилияти ба таври бояду шояд баҳо дода натавонистани роҳбарияти коммунистони дар сари ҳокимият буда ба дигаргуниҳои дар ҷамъият ба амаломада; дер ташаккул додани элитаи нави сиёсӣ; ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ; ихтиёран истеъфо додани президентҳои якум ва дуюми ҷумҳурӣ; нотавонии Ҳукумати ваҳдати миллӣ; беамалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; буҳрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, идеологӣ дар кишвар; афзоиши ҷинояткорӣ[128].

Аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шароити душвори ҷанги шаҳрвандӣ дар моҳи ноябри соли 1992 даъват шуда буд, раванди ташаккули сиёсати нави ҳуқуқӣ оғоз гардид. Иҷлосияи мазкур барои ташаккули элитаи нави сиёсии ҷумҳурӣ бо сарварии Президенти ҳозира Эмомалӣ Раҳмон (раиси он замон Раиси Шӯрои Олӣ), ки ба дарки фоҷиаи низои байни тоҷикон шурӯъ намуда, қадамҳои қатъӣ андешида буд, такони ҷиддӣ бахшид. Ғояҳои қаблан эълоншудаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун ҳадафҳои стратегии рушди давлат ва ҷомеа татбиқ намуд. Дар он бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Тоҷикистон расман эълон шуда, барои боздоштани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, амният, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва роҳи баромади кишвар аз буҳрон тадбирҳои қатъӣ андешида шуданд.

Сиёсати ҳуқуқие, ки аз моҳи ноябри соли 1992 то 1997 амалӣ карда шуд, хусусияти гузариш дошт, ки асосан ба ноил шудан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ нигаронида шуда буд. Аз соли 1997, пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар шаҳри Маскав сиёсати ҳуқуқии давраи пасазҷангӣ бунёд гардид, ки ба ҳалли ҳадафҳо ва вазифаҳои нави рушди минбаъдаи ҷомеа дар шароити таҳкими иҷтимоии давлат нигаронида шудааст. Аз ибтидо ва миёнаи солҳои 2000-ум дар Тоҷикистон марҳилаи навсозии сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун тактика ва стратегияи рушди ҳуқуқ оғоз мегардад. Он мутобиқи тамоюл ва

[128] Ниг.: Основы новейшей государственности / З.М. Алиев, М. Диноршоев, А.С. Достиев, М. Илолов, Р. Масов и др. – М.: Радуница, 2002. – С. 285-304.

дурнамои рушди низоми ҳуқуқӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгирой бо назардошти ҳадафҳои такмил, низомсозӣ ва кодификатсияи қонунгузорӣ, ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ таҳия ва амалӣ карда мешавад. Ба бунёди он таъсиси парламенти дупалатагӣ, пурзӯр намудани раванди қонунгузорӣ мусоидат мекунад[129]. Дар марҳалаи мазкур фаҳмиши ҳуқуқӣ амиқтар шуда, коркарди доктриналии масъалаҳои ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ васеъ мегардад, низоми таълими ҳуқуқӣ такмил меёбад.

Дар баробари ин, сиёсати ҳуқуқӣ чандир ва динамикӣ мебошад. Вусъат ва таъсири ҷаҳонишавӣ, печида шудани мушкилоти геополитикӣ, энергетикӣ ва ғайра, муайян кардани ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи нави рушди таърихӣ боиси ташаккули ҳадафу вазифаҳои нави сиёсати ҳуқуқӣ гардид. Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи таъмини ҳуқуқии манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла, дар соҳаҳои иқтисод, энергетика, иттилоот ва амнияти озуқаворӣ ҳамчун масоили аввалиндараҷа қарор дорад. Тайи солҳои охир аллакай дар Тоҷикистон як қатор қонунҳо бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, бахусус, дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ, ба низом даровардани анъана ва ҷашну маросимҳо, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва ғайра қабул гардиданд. Ҳолатҳои фавқулзикр дарояндаи наздик ба ташаккули сиёсати миллии ҳуқуқӣ мусоидат хоҳад кард.

Таҳдиди ифротгароии сиёсӣ ва мазҳабӣ, терроризми байналмилалӣ, эҳтимоли авҷ гирифтани вазъ дар минтақа пас аз тарки нерӯҳои эътилофии Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (СААШ) аз Афғонистон, ҳимояи амнияти миллӣ, аз ҷумла амнияти иттилоотӣ ва дигар омилҳо ислоҳот ва навсозии минбаъдаи мақсадҳо, вазифаҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқиро тақозо мекунанд. Тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (дар доираи ИДМ, СҲШ ва ғ.) иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ворид шудани Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо низ ба навсозии сиёсати ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Дар марҳилаи кунунӣ таҳияи консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи рӯзафзун табдил меёбад. Он барои муайян кардан ва муттаҳидсозии минбаъдаи меъёрии асосҳои доктриналӣ, аз ҷиҳати илмӣ асосноккунии стратегияи рушди ҳуқуқ бо дарназардошти дигаргуниҳои ба амаломада ва пешбинишавандаи иҷтимоӣ ҳам дар ҷомеа ва ҳам бевосита дар соҳаи ҳуқуқ равона карда шудааст.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳо, самтҳо ва дурнамои рушди иҷтимоъӣ тадриҷан муайян карда шуданд, ки дар ниҳояти кор барои бунёди сиёсати нави ҳуқуқӣ заминаи асосӣ гузоштанд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ ва ҷомеаи озоди шаҳрвандиро дар заминаи ислоҳоти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, кафолати ҳуқуқу

[129] Дар бораи инкишофи фаъолияти қонунгузории парламенти Тоҷикистон муфассал ниг.: Ализода З. Становление института парламента в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики: монография. – Душанбе, 2011. – 264 с.

озодиҳои ҷудонашавандаи инсон, рушди иқтисоди бозорӣ, шаклҳои гуногуни моликият, гуногунандешии сиёсӣ ва идеологӣ, такмил додани идоракунии давлатӣ. Дар солҳои 2000-ум дар Тоҷикистон шумораи зарурии барномаҳо ва консепсияҳои давлатӣ қабул карда мешаванд, ки ҳадафҳо ва дурнамои рушди ҷомеа, аз ҷумла соҳаи ҳуқуқии онро муайян мекунанд. Сиёсати ҳуқуқӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ институтсионализатсия карда мешавад.

Дар баробари ин, дар амал татбиқ намудани самти бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ идома дорад. Инкишофи ҷамъият ба ин раванд ислоҳотҳои худро ворид менамояд. Хатарҳои нави ҷаҳонӣ ислоҳотҳои доимиро дар самти сиёсии давлат талаб мекунад. Бисёр проблемаҳои ҳаёти иҷтимоӣ бинобар вазъияти гузариши ҷамъият зуҳур меёбанд. Аз ин рӯ, сиёсати давлат дар оянда ҳам дар доираи вазифаҳои нави давлат ва ҷомеа мувофиқи проблемаҳои нави ба миёномада таҷдид ва нав карда мешавад. Дар чунин шароит нақш ва аҳамияти таҳияи доктриналӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ бешубҳа меафзояд. Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ бояд дар марҳалаи ислоҳоти он ба бисёр масъалаҳои актуалии ҳаёт ҷавобгӯ бошад. Он бояд дигаргуниҳои соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ-ахлоқии ҳаёти ҷомеаро ба назар гирад, асоси консептуалии дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ бошад. Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ бевосита бо тараққиёт алоқаманд аст, ки чун «бебозгашт, равонашуда, қонунии тағйирёбии объектҳои моддию идеалӣ» фаҳмида мешавад[130]. Инкишофи ҳуқуқӣ ҳамчун як навъи рушди иҷтимоӣ «тағйирёбии ҳамаҷониба, босифат, бебозгашт ва мақсаднокӣ низоми воситаҳои асосии ҳуқуқӣ ва механизмҳои иҷтимоию ҳуқуқии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ» баромад мекунад[131].

Ҳангоми ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ бояд афзалиятҳои онро ба инобат гирифт. Ба андешаи Н.И. Матузов, афзалиятҳои умумии сиёсати ҳуқуқӣ инҳо мебошанд: ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он, амиқсозии ислоҳоти конститутсионӣ, фароҳам овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ барои ислоҳоти ҷорӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, кор карда баромадани чораҳои самарабахши зидди коррупсионӣ, ҷорӣ намудани тартибот ба соҳаи идоракунӣ, пурзур намудани ҳифз ва кафолатҳои ҳуқуқи инсон, бартараф намудани нигилизми ҳуқуқӣ ва ғайра[132].

Ҳангоми таҳияи сиёсати ҳуқуқӣ, бахусус таҳияи консепсияи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба инобат гирифта шавад. Стратегия баҳри ба низом даровардани раванди рушди дарозмуддати кишвар мутобиқи Ҳадафҳои

---

[130] Ниг.: Философский энциклопедический словарь. – М.: «Советская энциклопедия», 1983. – С. 561.
[131] Ниг.: Саркисов Р.С. Российская правовая политика как концепция и реальность: дис. … канд. юрид. наук. –Пятигорск, 2008. – С. 15.
[132] Ниг.: Матузов Н.И. Понятие и основные приоритеты российской правовой политики // Правоведение. – 1998. – № 4. – С. 13.

Рушди Ҳазорсола, ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ барои консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои давлатии ҷорӣ ва таҳияшудаи рушди кишвар пешбинӣ шудааст. Дар он аз ҷумла афзалиятҳои зерини миллӣ муайян карда шудаанд: 1) ислоҳоти идоракунии давлатӣ ба ташаккули низоми миллии рушди кишвар нигаронида шудааст, ки хусусиятҳои асосии он шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва мубориза бо коррупсия мебошанд; 2) рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузориҳо дар асоси тавсеаи озодиҳои иқтисодӣ, таҳкими ҳуқуқи моликиятӣ ва қонуният, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ; 3) рушди нерӯи инсонӣ асосан ба зиёд намудани ҳаҷм ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба табақаи камбизоат ва ноил шудан ба Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола, васеъ намудани иштироки аҳолӣ дар раванди рушд ва таҳкими шарикии иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Бояд ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқӣ низ ба инобат гирифта шаванд[133]. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои зерини миллӣ муайян карда шудааст: таҳкими суботи иҷтимоию сиёсӣ, ноил шудан ба некӯаҳволии иқтисодӣ ва некӯаҳволии иҷтимоии мардуми Тоҷикистон дар шароити афзалияти принсипҳои иқтисоди бозорӣ, озодӣ, шаъну шарафи инсон ва имкониятҳои баробар баҳри амалӣ гардондани нерӯи ҳар кас. Тибқи ин санад, идоракунии муассир ва шаффофи давлатӣ, ҷомеаи одилона, ки ҳимоя ва рушди инсонро таъмин мекунад, рушди устувори иқтисодӣ ҷузъҳои асосии ин ҳадаф мебошанд. Дар ин ҳуҷҷат ҳамчунин ҳадафҳои рушди низоми маориф ва илм, соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба обтаъминкунӣ, санитария ва хоҷагии манзилию коммуналӣ, таъмини устувории экологӣ, баробарии гендерӣ мушаххас карда шудаанд.

Афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ бо хусусиятҳои асосии зерин тавсиф карда мешаванд: Якум, он пеш аз ҳама, дар доираи арзишҳои иҷтимоӣ, ки дар сатҳи шуури ҷамъиятӣ, фалсафӣ, ҷаҳонбинии умумӣ ташаккул меёбанд, муайян карда мешаванд. Дуюм, асоси муайянкунандаи онҳоро дастурҳои муайяни тараққиёти рӯзафзун ва бошиддати ҷамъият ташкил медиҳанд. Сеюм, афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар асоси он ҳадафҳои дорои хусусияти тактикӣ ва стратегӣ, ки дар давраи муайян мубрам ва рӯзмарра мегарданд, инчунин мушкилоте, ки дар асоси истифодаи маҷмуи тадбирҳо ҳалли зудтарро талаб мекунанд, дар асоси истифодаи воситаҳои дорои хосияти ташкилӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва дигар, аз ҷумла воситаҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Чорум, афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ рушдёбанда буда, аз ҷиҳати мазмун ва тамаркузи худ дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеа тағйир меёбанд. Бо рушд ва интихоби афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ аз чолишҳои глобалии муосир, ҳадафҳои василаҳои ҳалли мушкилоти глобалии инсоният, муқовимат ба таҳдидҳои ҳарбӣ, ифротгароӣ ва дигар

[133] Дар бораи таснифоти ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқӣ муфассал ниг.: Шундиков К.В. Цели, средства и результаты правовой политики // Российская правовая политика: курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – С. 116.

таҳдидҳо вобаста аст. Панҷум, авлавиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ аз ҳудуди миллӣ берун шуда, дар доираи сиёсати хориҷӣ торафт бештар фаро гирифта мешаванд.

Ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо дарназардошти мавқеи махсуси геополитикии он, мушкилоти иқтисодӣ, энергетикӣ, ашёи хом ва дигар мушкилоте, ки тайи даҳсолаҳои охир ба миён омадаанд, ки дар якҷоягӣ хатари таҳдиди ҷаҳонишавиро зиёд мекунанд. Дар чунин шароит ҳифзи манфиатҳои миллӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва ғайра) самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ бояд ба кам кардани хатарҳои глобалӣ, таҳдидҳои дохилӣ ва минтақавӣ (терроризм, ифротгароии сиёсӣ ва динӣ, паҳншавии радикализми исломӣ, таъсири «баҳори араб» ва ғайра) нигаронида шавад.

Ҳимояи манфиатҳои миллӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон низ масъалаи муҳимми бунёдӣ мебошад. Ба гуфтаи Т.Я. Хабриева: «Барои Русия, ки ба асри XXI ворид шудааст, ки онро бештар давраи ҷаҳонишавӣ меноманд, дар баробари чолишҳо ва таҳдидҳои байналмилалӣ ва дохилӣ, манфиатҳои миллӣ ба бартариятҳои қонунгузорӣ мубаддал гашта, ҳамчун манфиатҳои ҳаётии мардуми Русия фаҳмида шуда, инъикоскунандаи хоҳиши шаҳрвандон барои таъмини рушди устувору мӯътадили ҷомеа ва ба ҳадди поёнӣ расонидани (бартараф кардани) ин таҳдидҳо мебошад»[134].

Солҳои охир дар Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки барои ташаккули самтҳои алоҳидаи сиёсати ҳуқуқӣ асос мегузоранд. Аз ин рӯ, бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди қонунгузорӣ Консепсияи рушди пешгӯии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011 тасдиқ карда шудааст. Мувофиқи Консепсияи мазкур самтҳои афзалиятноки рушди қонунгузорӣ аз инҳо иборатанд: баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва татбиқи самараноки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс, соҳибихтиёрии давлат, амният ва манфиатҳои миллӣ, якпорчагии давлат; таъмини волоияти қонун, мутобиқати қонунҳо ба Конститутсия, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ, рушди институтҳои демократӣ, пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, рафъи зиддиятҳои қонунгузорӣ, баланд бардоштани сифати қонун, мутобиқ гардонидани қонунгузории ҷумҳурӣ ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Бо мақсади амалӣ намудани Консепсияи мазкур як қатор барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои гуногун (сохтори давлатӣ, амният, қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ ва ғ.) бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд.

[134] Хабриева Т.Я. Национальные интересы и законодательные приоритеты России // Журнал российского права. – 2005. – С. 14.

Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати субъектҳои сиёсати ҳуқуқӣ инчунин шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятию сиёсии онҳо баромад мекунанд. Фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккул ва татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Таҷрибаи муҳокимаи умумихалқии як қатор лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мисоли равшан аст. Бинобар ин, зимни муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», ки зиёда аз ду моҳ давом кард, шаҳрвандон беш аз 20 ҳазор пешниҳодҳо карданд[135]. Дар муҳокимаи лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бештар аз 2 миллион шаҳрвандон иштирок карданд. Дар рафти муҳокимаи лоиҳаи Қонун зиёда аз 80 мақомоти давлатӣ, садҳо корҳонаю ташкилот, 11 ҳазор нафар шаҳрвандон ба мақомоти қонунгузор оид ба баъзе нуктаҳои лоиҳаи Қонун ба таври хаттӣ муроҷиат карданд. Ҳангоми тартиб додани лоиҳаи Қонун ҳашт ҳазор таклифи шаҳрвандон ва ташкилотҳо пурра ё қисман ба назар гирифта шуд. 8 апрели соли 2011 лоиҳаи ниҳоии Қонун зимни муҳокимаи он бо намояндагони ҷомеа бо иштироки Президент ба итмом расид[136].

Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамзамон дар Паёмҳои Президент ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ инъикос ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи қонунгузорӣ муайян карда шуданд: ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, асоснокунии иқтисодӣ ва молиявии лоиҳаҳои қонун, таъмини низомнокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси волоияти қонун, таъмини қонунияти конститутсионӣ, ба ҳисоб гирифтани воситаю усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои моликияти хусусӣ, кам кардани шумораи санадҳои меъёрии идоравӣ. Мақсад ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногун (маориф, тандурустӣ, ваҳдати миллӣ, ҳуқуқтадбиққунӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, коррупсия ва ғ.) дар дигар Паёмҳои сарвари давлат инъикоси худро ёфтаанд.

Нақши назаррасро дар мӯътадилсозии сиёсати ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дорад, ки дар он принсипҳои фаъолияти қонунэҷодкунӣ ошкор гардида, субъектҳои қонунэҷодкунӣ, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқиро муайян намуда, тавсифи намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода шудааст. Бобҳои алоҳидаи Қонун ба масъалаҳои техникаи қонунэҷодкунӣ, амали санади меъёрии ҳуқуқӣ дар вақт, фазо ва дар доираи шахсон, тартиби тафсири расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, тарзҳои ҳалли коллизия (мухолифат –

[135] Ниг.: Речь Президента Республики Таджикистан с представителями общественности по вопросу об упорядочении национальных обычаев, обрядов и традиций. Душанбе. 24 мая 2007 г. – Душанбе, 2007. – С. 4.

[136] Ниг.: Махмудов М.А., Сативалдыев Р.Ш. Законодательная инициатива Президента Республики Таджикистан и ее значение в развитии суверенного государства. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 60-62.

*И.Қ.*), тартиби баҳисобгирӣ ва қайди давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дахл доранд.

Мақсад ва афзалиятҳои сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ дар Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2015 баҳри иҷрои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2014 муайян карда шудаанд, тасдиқ карда шудааст. Ин мақсаду афзалиятҳо ҳамзамон дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009, аз 24 апрели соли 2010 ва ғайра низ муайян карда шудаанд.

Қабл аз ин, Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 амалӣ карда шудааст. Он Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи барнома, аз ҷумла, таҳияи лоиҳаи Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар соҳаи истеҳсолоти иҷро, омӯзиши масъалаи таъини бемӯҳлати судяҳо ва ғайраро дар бар гирифтааст.

Яке аз мақсадҳои Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 таъмини ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Мақсад ва афзалиятҳои сиёсати тарбияи ҳуқуқӣ дар Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 9.04.1997), дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» (аз 22.08.1997)[137], инчунин дар Барномаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои солҳои 2009-2019 муайян карда шудааст. Ҳуҷҷати мазкур самтҳои асосии таълиму тарбияи ҳуқуқиро муайян мекунад.

Яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон сиёсати кадрӣ мебошад, ки бахусус баҳри омода намудани кадрҳои баландихтисоси ҳуқуқӣ, навсозии сиёсати таълимӣ, таҳкими заминаи иттилоотию технологӣ чун ҷузъҳои сиёсати таълимӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатӣ дар соҳаи аз худ кардани таҷрибаи ҳуқуқии байналмилалӣ, бо назардошти дурнамои ҳалли парвандаҳои ҳуқуқӣ дар мақомоти судии байналмилалӣ, тайёр кардани барномасозони дорои дониши ҳуқуқӣ, ки омодаанд дар шароити мураккабтар шудани иттилооти ҳуқуқӣ кор кунанд нигаронида шудааст, таҳдидҳо ба амнияти миллии иттилоотӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла эталони бонки маълумотҳои меъёрӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотикунонии фаъолияти судӣ, тафтишотӣ, мурофиавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ташкил намудани базаи иттилоотӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва ғайра.

[137] Свод законов Республики Таджикистан. – 1999. – Т.1. – С. 56-57.

Навкунии сиёсати қонунгузорӣ, таҷдиди қонунгузорӣ, мутобиқсозии онҳо ба меъёр ва принсипҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳангоми нигоҳдорӣ ва ҳимояи афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ, аз нав дида баромадани маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ бо мақсади мутобиқ гардонидани он ба талабот ва меъёрҳои СУС, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи қонунгузорӣ ва ғайра вазифаҳои таъхирнопазири сиёсати қонунгузорӣ мебошанд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини ҳуқуқии ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити густариши ҷаҳонишавӣ, мураккаб шудани мушкилоти глобалӣ (энергетикӣ, демографӣ, экологӣ, ашёи хом ва ғайра) ва чолишҳои нави ҷаҳонӣ мебошад. Он инчунин соҳаи таълими ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, амалигардонии ҳуқуқӣ, ҳуқуқтадбиққунӣ, фаъолияти тафсири ҳуқуқро дар бар мегирад.

Такмили идораи давлатӣ, ки дар Тоҷикистон сурат гирифта истодааст, бояд ба ташкили давлати муассир, ки ба ҳалли вазифаҳои стратегӣ мутобиқ карда шудааст, борҳо дар паёму суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон садо дода, шакли расмиро гирифтааст, ба таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатигардонии кишвар равона карда шудааст. Самтҳои нави стратегияи рушди давлатию ҳуқуқӣ такмили минбаъдаи идоракунии давлатиро тақозо мекунанд.

**Адабиёт:**


1. Хвалеев В.А. Правовая политика России в условиях глобализации: дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2008. – С. 16.
2. Федоров Н.В. Правовая политика Советского государства (вопросы истории, теории, практики): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1985.
3. Рудковский В.А. Правовая политика и осуществление права: теоретико-методологический аспект: дис. … докт. юрид. наук. – Волгоград, 2009. – С. 15.
4. Трофимов В.В. Научные основы правовой политики: проблемы формирования // Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / под ред. А.В. Малько. – Тамбов, 2008. – С. 141.
5. Современная правоприменительная практика как осуществление правовой политики перестройки. – Пермь, 1989.
6. Баренбойм П. Экономической реформе нужна новая правовая политика правительства // Советская юстиция. – 1993. – № 4. – С. 9-10.
7. Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М., 1978. – С. 162 – 168; Гаврилов О.А. Стратегия правотворчества и социальное прогнозирование. – М., 1993. – С. 27.
8. Исаков Н.В. Правовая политика современной России: проблемы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004. – С. 131.

9. Нерсесянц В.С. Правовая политика Российской Федерации: основные направления и задачи // Правовая политика и пути совершенствования правотворческой деятельности в Российской Федерации. – М., 2006.

10. Рыбаков О.Ю. Российская правовая политика в сфере защиты прав и свобод личности: вопросы теории: дис. … докт. юрид. наук. – Саратов, 2005. – С. 36-37.

11. Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как общетеоретическая категория: анализ концептуальных подходов // Вестник Таджикского национального университета. Серия: гуманитарные науки. – 2013. – 3/2 (№ 108). - С. 68-76.

12. Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как фактор прогрессивного развития обществ // Правовая жизнь. – 2014. – № 1 (01). – С. 25-40.

13. Сативалдыев Р.Ш. Правовоспитательная политика: научные основы и проблемы модернизации // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – 3/4(139). – С. 38 – 45.

14. Сативалдыев Р.Ш. Научные основы правовой политики // Вестник ТГУПБП. – 2015. – № 4. – С. 12-22.

15. Сативалдыев Р.Ш. Правовоспитательная политика: научные основы и проблемы модернизации // Вестник ТГУППБ. – 2014. – № 4. – С. 12-22.

16. Сативалдыев Р.Ш..Научный характер правовой политики // Мир политики и социологии. – Санкт-Петербург, 2013. – № 11. – С. 83-91.

17. Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика в сфере противодействия коррупции // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2014. – № 4 (24). – С. 7-13.

18. Сативалдыев Р.Ш. Научные основы и понятие правовой политики // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. 2015. – № 3 (23). – С. 14-30.

19. Сативалдыев Р.Ш. Методологические подходы к соотношению категорий «правовая политика» и «юридическая политика» // Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Правовые системы Республики Таджикистан и стран СНГ: состояние и проблемы», посвященной научной деятельности проф. Менглиева Ш.М. – Душанбе, 2015. – С. 235-237.

20. Сативалдыев Р.Ш. Правовое воспитание и образование как интегративное направление правовой политики: опыт Таджикистана и стран СНГ // Евразийский юридический журнал. – 2016. – № 2 (92). – С. 359-364.

21. Сативалдыев Р.Ш. Правосознание как фактор эффективности правовой политики Республики Таджикистан // Типы правопонимания и меняющиеся вызовы современного мира. Сб. научных статьей по результатам Международной научно-практической конференции (Санкт-Петербург, Российский государственный педагогический университет им. А.И. Герцена, 23-24 сентября 2016 г.). – СПб.: Астерион, 2016. – С. 448-458 и др.

22. Кодан С.В. Юридическая политика Российского государства // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца / Сост. В.Г. Графский.. – М.: Норма, 2006. – С. 329.

23. Коробова А.П. Правовая политика: понятие, формы реализации, приоритеты в России: дис. … канд. юрид. наук. – Самара, 2000. – С. 163.

24. Малько А.В. Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / под ред. А.В. Малько. – Тамбов, 2008. – С. 9-10.

25. Малько А.В. Современная российская правовая политика и правовая жизнь // Правовая политика и правовая жизнь. – 2000. Ноябрь. – С. 18.

26. Основы новейшей государственности / З.М. Алиев, М. Диноршоев, А.С. Достиев, М. Илолов, Р. Масов и др. – М.: Радуница, 2002. – С. 285-304.

27. Зариф Ализода. Становление института парламента в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики: монография. – Душанбе, 2011. – 264 с.

28. Философский энциклопедический словарь. – М.: «Советская энциклопедия», 1983. – С. 561.

29. Саркисов Р.С. Российская правовая политика как концепция и реальность: дис. … канд. юрид. наук. –Пятигорск, 2008. – С. 15.

30. Матузов Н.И. Понятие и основные приоритеты российской правовой политики // Правоведение. – 1998. – № 4. – С. 13.

31. Шундиков К.В. Цели, средства и результаты правовой политики // Российская правовая политика: курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – С. 116.

32. Хабриева Т.Я. Национальные интересы и законодательные приоритеты России // Журнал российского права. – 2005. – С. 14

33. Речь Президента Республики Таджикистан с представителями общественности по вопросу об упорядочении национальных обычаев, обрядов и традиций. – Душанбе. 24 мая 2007 г. – Душанбе, 2007. – С. 4.

34. Махмудов М.А., Сативалдыев Р.Ш. Законодательная инициатива Президента Республики Таджикистан и ее значение в развитии суверенного государства. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 60-62.

35. Свод законов Республики Таджикистан. – 1999. – Т.1. – С. 56-57.

# МАФҲУМИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ КӮДАК: ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

**Қурбонова Шукрона Холбоевна,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
**Тел.:** +992 888887088
**Email:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур таҳлили назариявӣ-ҳуқуқии мафҳуми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф зимни таҳлили назаривӣ-ҳуқуқӣ андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро ба инобат гирифта, мафҳуми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдакро муайян кардааст. Муаллиф, ба чунин хулоса омадааст, ки механизми ҳимояи ҳуқуқи кӯдак – низоми муайяни воситаҳои ҳуқуқӣ ва омилҳое таъминкунандаи шароити зарурии эҳтироми ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии кӯдак мебошад, ки бо ёрии онҳо барқарор намудани ҳуқуқҳои субъективии поймолшуда, ҳимояи манфиатҳои аз тарафи қонун ҳифзшаванда, ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ ва рафъи дигар монеаҳо дар татбиқи ҳуқуқҳои субъективӣ таъмин карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** Таҳлил, назариявӣ, ҳуқуқӣ, мафҳум, механизмҳо, ҳимоя, ҳуқуқи кӯдак, ноболиғ.

# ПОНЯТИЕ МЕХАНИЗМОВ ЗАЩИТЫ ПРАВ РЕБЕНКА: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ

**Курбонова Шукрона Холбоевна,**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета ТНУ
**Тел.:** +992 888887088
**Email:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Аннотация:** В данной статье рассматривается теоретико-правовой анализ понятие механизмов защиты прав ребенка. Автор в ходе теоретико-правового анализа учел мнения отечественных и зарубежных ученых и определил понятие механизмов защиты прав ребенка. Автор пришел к выводу, что механизм защиты прав ребенка представляет собой определенную систему правовых инструментов и факторов, обеспечивающих необходимые условия соблюдения всех основных прав и свобод ребенка, с помощью которых восстановление нарушенных субъективных прав, обеспечивается защита охраняемых законом интересов, разрешение юридических споров и устранение иных препятствий в реализации субъективных прав.

**Ключевые слова:** Анализ, теоретический, правовой, понятие, механизмы, защита, права ребенка, несовершеннолетний.

## THE CONCEPT OF MECHANISMS FOR THE PROTECTION OF THE RIGHTS OF THE CHILD: THEORETICAL AND LEGAL ANALYSIS

**Kurbonova Shukrona Kholboevna,**
Competitor of the Department
of Human Rights and Comparative
Law, Faculty of Law, TNU
**Phone.:** +992 888887088
**Email:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Annotation:** This article discusses the theoretical and legal analysis of the concept of mechanisms for protecting the rights of the child. The author, in the course of theoretical and legal analysis, took into account the opinions of domestic and foreign scientists and defined the concept of mechanisms for protecting the rights of the child. The author came to the conclusion that the mechanism for protecting the rights of the child is a certain system of legal instruments and factors that provide the necessary conditions for observing all the fundamental rights and freedoms of the child, with the help of which the restoration of violated subjective rights, the protection of legally protected interests, the resolution of legal disputes and the elimination of other obstacles in the realization of subjective rights.

**Key words:** Analysis, theoretical, legal, concept, mechanisms, protection, rights of the child, minor.

Барои ҳар як кишвари демократию ҳуқуқбунёд ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, махсусан кӯдакон бисёр муҳим мебошад. Дар ҳар ҷомеа одамоне ҳастанд, ки бо сабабҳои гуногун қобилияти ҳифзи манфиати худро надоранд ва аз ин рӯ, ба онҳо ҳимояи махсус бояд таъмин карда шуда, барои пешгирӣ кардани поймолкунии ҳуқуқи онҳо кӯшиши иловагӣ ба кор бурда шавад. Кӯдакон яке аз ин категорияҳо ба ҳисоб мераванд. Дар ин хусус олимон Е.М. Павленко, Е.В. Питко ва Н.С. Шутикова дуруст қайд намудаанд, ки дар ҷаҳони муосир мушкилоти амалӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, ғамхорӣ дар бораи ҳаёт, рушд, тарбия ва таҳсили ӯ умумиҷаҳонӣ гардида, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ афзалиятнок мегардад»[138]. Бо қабули Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак дар соли 1989 ҷомеаи ҷаҳонӣ зарурати таъмини ҳифзи махсуси кӯдаконро ба далели

[138] Павленко Е.М., Питько Е.В., Шутикова Н.С. Исполнение международных обязательств РФ по созданию специализированного правосудия по делам несовершеннолетних (на примере Егорлыкского районного суда Ростовской области) // Вестник Московского городского педагогического университета / Серия: Юридические науки. – 2013. – № 2 (12). – С. 16.

ноболиғи ҷисмонӣ ва равонӣ будани онҳо эътироф кард[139]. Бояд тазаккур дод, ки имрӯз дар тамоми кишварҳо, махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо барои ҳифзи ҳуқуқ инсон ва шаҳрванд дар умум, балки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон низ механизмҳои махсуси ҳимоявӣ ташаккул ёфтаанд. Бинобар ин, таҳқиқи мафҳум ва тансифи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад.

Барои он ки мафҳум ва моҳияти механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак муайян карда шавад, таҳлили ҷудогонаи мафҳум ва моҳияти механизм, ҳимояи ҳуқуқи кӯдак бисёр муҳим мебошад. Дар сарчашмаҳо оид ба фаҳмиши калимаи механизм андешаи ягона ҷой надорад. Ҳарчанд дар сарчашмаҳо ва тафсиру луғатҳо ба таври мухталиф маънидод шуда бошад, ҳам, вале дар умум як моҳиятро ифода мекунад. Масалан, ба андешаи М.В. Немитина, моҳияти калимаи «механизм» – «низом» ва ё дастгоҳест, ки тартиб ва низоми фаъолияти мушаххасеро муайян менамояд[140]. Дар Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ истиллоҳи механизм ба ду маъно байён шудааст: 1) сохти даруни мошин (олат ё дастгоҳ); 2) маҷмуи сохт ё сохторе, ки тартибу қоидаи ягон соҳаи фаъолиятро муайян мекунад: механизми давлатии идоракунӣ[141]. Мафҳуми «механизм»-ро метавон ҳамчун дастгоҳ ва ё низоме шарҳ дод, ки тартиби ҳар як намуди фаъолиятро муайян мекунад. Механизм аз системаи элементҳо иборат аст, ки дар навбати худ механизмҳои дигарро ба худ ҷалб мекунанд[142]. Маълум мегардад, ки механизм сохтори мураккаберо ифода мекунад, ки он аз ҷузъҳои гуногун иборат мебошад. Ҳамин тавр, механизм гуфта дар ҳуқуқ ин маҷмӯи фаъолият, сохтори муассисавӣ, шакл ва усулҳои махсуси идоракунӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои “ҳифзи ҳуқуқ”, “ҳимояи ҳуқуқ”, “амалисозии ҳуқуқ”, “ҳифзи иҷтимоӣ” ба назар мерасанд, ки оид ба монандӣ ва фарқияти онҳо андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Мафҳуми «ҳифзи иҷтимоӣ» нисбат ба мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқӣ» маънои васеътарро ифода менамояд, зеро ҳифзи ҳуқуқӣ ҷузъи категорияи ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Воситаҳои ҳуқуқӣ ҷузъи низоми иҷтимоии танзим ва таъсиррасонӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар робита ба масоили ҳифз ва ҳимояи шахсият маҳсуб мешаванд[143]. Доир ба тавсифи мафҳумҳои

---

[139] Обеспечение и защита прав ребёнка: международный опыт и российская практика // Сборник научных статей по итогам круглого стола «Защита прав ребёнка» / Под общ. ред. Е.М. Павленко. – Москва: Права человека, 2016 – С. 91.

[140] Немытина М.В. Защита прав несовершеннолетних в России: системный подход // Правовая политика и правовая жизнь. – 2004. – № 2. – С. 45.

[141] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1. (А – Н). Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – С. 792.

[142] Раджабов М.Н. Всеобщая декларация прав человека – документ всемирного значения // Права человека: теория, история, практика: сборник научных трудов, посвященный 65-летию Всеобщей декларации прав человека. – Волгоград, 2014. – С. 33-40. Копейкин К.А. Основной механизм защиты прав ребенка в Российской Федерации // Права человека: история, теория, практика: Сборник научных статей. – Курск, 2019. – С. 199-204

[143] Морозова Р.В. Правовые и организационные основы защиты прав несовершеннолетних в деятельности милиции общественной безопасности: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 34.

«ҳифзи ҳуқуқ» ва «ҳимояи ҳуқуқ» Н.И. Матузов қайд мекунад, ки «ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи субъективӣ ё манфиатҳои аз ҷониби қонун ҳифзшаванда як чиз нестанд: онҳо доимо муҳофизат карда мешаванд, аммо танҳо ҳангоми вайрон шудан ҳимоя карда мешаванд[144]. Ин андешаро олимони ватанӣ низ дастгирӣ карда, қайд менамоянд, ки «ҳимояи ҳуқуқ» хусусияти пешгирикунанда дорад, дар ҳоле ки «ҳифзи ҳуқуқ» барқароркунанда аст[145]. Ба андешаи В. Шадрин, ҳимоя ва ҳифз ҷиҳатҳои гуногуни таъмини ҳуқуқҳои шахс мебошанд. Ин ду мафҳум алоҳида вуҷуд дошта наметавонанд, аммо онҳо ҳам якхела нестанд. Якҷоя, онҳо дар татбиқи ҳуқуқҳои инсон саҳм мегузоранд ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд[146]. Новобаста аз ин дар тафсири онҳо каме мушкилӣ ба назар мерасад. Зеро мафҳумҳои “ҳимоя” ва “ҳифз» ҳамшабеҳ тафсир мешаванд. Масалан, дар Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ бошад, мафҳуми “ҳимоя” чунин маънидод шудааст: ҳимоя (т) – нигаҳбонӣ, ҳафозат; мудофиа, пуштибонӣ; ба зери ҳимоят гирифтан пушту паноҳ шудан (ба касе); ҳимоя кардан муҳофизат кардан, мудофиа кардан[147]. Мафҳуми “ҳифз” низ ба таври шабеҳ чунин маънидод шудааст: ҳифз - нигаҳдорӣ, нигаҳбонӣ, муҳофизат; ҳифзи сиҳатӣ, нигаҳдории тандурустӣ; ҳифз кардан а) нигаҳдорӣ (нигаҳбонӣ) кардан; б) ёд кардан аз бар кардан[148].

Бояд тазаккур дод, ки тафсирҳои додашуда, истифодаи мафҳумҳои ҳифз ва ҳимояро каме душвор мегардонад. Бинобар ин, масъалаи мазкур дақиқияти худро пайдо накарда, мафҳумҳои ҳифз ва ҳимояро синоним ифода мекунад. Дар сарчашмаҳо ва адабиёти тоҷикӣ мафҳумҳои мазкур ба таври мухталиф истифода гардида, байни онҳо фарқият гузошта намешавад. Яъне, қисме аз олимон мафҳуми ҳифз ва қисми дигар ҳимояро истифода кардаанд. Дар сарчашмаҳо ва адабиётҳои русӣ бошад, бештар истифодаи мафҳуми “защита” ба назар мерасад. Мо ба андешаҳои олимон дар он хусус, ки ҳимоя ва ҳифз яке хусусиятяи пешгирикунанда дошта, ҳифзи ҳуқуқи инсонро пеш аз поймол шуданашон дар назар дорад ва дигаре хусусияти барқароркунанда дошта, ҳифзи ҳуқуқи инсонро пас аз поймол шуданаш ифода мекунад розӣ шуда метавонем, вале дар хусуси он, ки ҳифз – хусусияти пешгирикуннада ва ҳимоя – барқароркунанда дорад ва ё баръакс сухан рондан душвор аст. Новобаста аз ин, мо истифодаи мафҳуми ҳимояро қобили қабул дониста, дар таҳқиқоти худ истифода мебарем.

---

144 Матузов Н.И. Правовая система и личность. – Саратов, 1987. – С.131.

**Аннотация:** Данная статья включает регулирование национального законодательства в сторону обеспечения правовой защиты беженцев и лиц, ищущих убежища, а также механизм реализации защиты прав, который регулируется согласно положениям международных и национальных правовых документов. и другие документы, содержащие их права. Также в статье анализируются и обсуждаются понятие и сущность правовой «гарантии» в соответствии с международным правом и национальным законодательством, а также представлены мнения авторов. Состояние прав и свобод человека и гражданина считается одним из важных явлений основ конституционного строя Республики Таджикистан. Так исследуется содержание нормативного закрепления понятия «гарантия» в источниках Республики Таджикистан и международного права. С помощью метода правового регулирования авторы выявили противоречие ряда норм

отечественного законодательства с нормами международного права в сфере правового регулирования ситуации беженцев. Таким образом, были внесены предложения по урегулированию существующих конфликтов в этом направлении.

Также необходимо учитывать, что каждое государство прилагает усилия к улучшению социальных, экономических и культурных условий, независимо от правового положения человека, продвигает в обществе принцип гуманизма.

**Ключевые слова:** Основные гарантии, международное право, формы охраняемых прав, национальное право, средства защиты, права и обязанности, права государства, законы, гарантии, права и свободы человека, механизмы защиты, способы правового обеспечения, сравнительный анализ международного права, национальная правовая система, роль государства, регулирование интеграции, концепция, международные стандарты, ратификация, свобода передвижения, имплементация, механизмы, взаимные обязательства, вынужденные переселенцы.

## GUARANTEES OF THE RIGHTS OF REFUGEES UNDERLEGISLATIONREPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Dinorshoh Aziz Muso,**
professor of the Department of Constitutional Law, Faculty of Law, Tajik National University
**E-mail:** dinorhoev @gmail.com
**Tel.:** +992 935-89-02-07

**Saidanvarov Kurbonshoh Jonakovich?**
assistant of the Department of Constitutional law faculty Tajik National University
**Tel.:** +992 985558597
**E-mail:** Kurbon1985tj@mail.ru

**Reviewer:** Gadoev B.S., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** This article includes the regulation of national legislation in the direction of ensuring the legal protection of refugees and asylum seekers, as well as the mechanism for the implementation of the protection of rights, which is regulated in accordance with the provisions of international and national legal documents. and other documents containing their rights.

The article also analyzes and discusses the concept and essence of a legal "guarantee" in accordance with international law and national legislation, and also presents the opinions of the authors. The state of the rights and freedoms of man and citizen is considered one of the important phenomena of the

foundations of the constitutional system of the Republic of Tajikistan. This is how the content of the normative consolidation of the concept of "guarantee" in the sources of the Republic of Tajikistan and international law is studied.

Using the method of legal regulation, the authors revealed the contradiction of a number of norms of domestic legislation with the norms of international law in the field of legal regulation of the situation of refugees. Thus, proposals were made to resolve existing conflicts in this direction. It is also necessary to take into account that each state makes efforts to improve social, economic and cultural conditions, regardless of the legal status of a person, promotes the principle of humanism in society.

**Key words:** Basic guarantees, international law, forms of protected rights, national law, means of protection, rights and obligations, state rights, laws, guarantees, human rights and freedoms, protection mechanisms, ways of legal support, comparative analysis of international law, national legal system, role of the state, regulation of integration, concept, international standards, ratification, freedom of movement, implementation, mechanisms, mutual obligations, internally displaced persons.

Истилоҳи «кафолат» дар луғат ду мазмун – таъмин ва ҳифз (эмин) карда шуданро ифода месозад[178]. Дар илми ҳуқуқ мафҳум ва таснифоти «кафолат» гуногун пешкаш мешавад. Маъмултарин таснифоти кафолат – умумӣ ва махсус аст, ки чунин тарзи масъалагузориро Д.А. Липинский, А.Б. Лисюткин, Н.В. Витрук, В.А. Патюлин, Р.Ш. Сотиволдиев, А.Ф. Вишневский, Н.А. Горбаток, В.А. Кучинский дуруст мешуморанд[179]. Прфессорон Ш. Менглиев ва В.Н. Хропанюк на ҷонибдори табақабандии кафолат ба ду гурӯҳ (умумӣ ва махсус), балки дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор додани кафолати иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ғоявӣ (идеологӣ) ва ҳуқуқи мебошанд[180].

Прфессорон А.И. Денисов ва Ф.М. Рудинский таснифоти кафолатро ба умумӣ ва махсус ҷонибдорӣ менамоянд, вале мазмуни онро тағйир додаанд. Масалан, А.И. Денисов дар он андеша аст, ки кафолати умумӣ ба ҳама ҳуқуқу уҳдадорӣ ва махсус ба ҳар як ҳуқуқу уҳдадорӣ пешкаш мешавад[181]. Ф.М. Рудинский кафолати умумиро ба ҳамаи ҳуқуқу уҳдадорӣ ва дар алоҳидагӣ ба ҳар яке аз онҳо, кафолати махсусро танҳо ба ҳуқуқу уҳдадории мушаххас мансуб медонад[182].

---

[178] Ниг.: Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М.: «Советское энциклопедия», 1973 – С. 117; Русско-таджикский словарь. / Под.ред. М.С. Асимова. – М.: Русс.язык., 1985. – С.166.

[179] Ниг.: Теория государства и права: Учебник / Отв.ред. А.В. Малько. – М.:КНОРУС, 2006. – С.313-317; Теория государства и права: Курс лекций / Под.ред. Н.И. Матузов и А.И. Малько. – М.: Юристь, 2001. – С.555-557; Витрук Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе, - М.: Наука, 1979. – С. 200; Патюлин В.А. Государство и личность в СССР (правовые аспекты взаимоотношений). – М.:Наука, 1974. – С. 231; Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуғуғ ва давлат: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Эҷод, 2005. – С. 457-459; Вишневский А.Ф., Горбаток Н.А., Кучинский В.А. Общая теория государства и права: Учебник. – М., 2006. – С.427 ва диг.

[180] Ниг.: Менглиев Ш. Защита имущественных прав граждан. – Душанбе: Ирфон, 1989. – С.16-17; Хропанюк В.Н. Теория государство и права.: Учебное пособие. – М.: Отечество, 1993. – С.254-255.

[181] Ниг.: Денисов А.И. Советское государственное право. – М.: Юриздат, 1947. – С. 322.

[182] Рудинский Ф.М. Личность и социалистическая законность. – Волгоград, 1976. – С. 51.

Маъмултарин таснифоти кафолат – умумӣ ва махсус, мазмунашон дар он аст, ки якум кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ғоявӣ (идеологӣ) ва дуюм кафолати ҳуқуқиро дарбар мегиранд.

А.Б. Лисюткин кафолати махсус – ҳуқуқиро боз ба ду навъи мустақил – ҳуқуқӣ ва шартномавӣ ҷудо кардааст[183]. Профессор Р.Ш. Сотволдиев дар асараш «Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат» истилоҳи «кафолат»-ро бо «шароит» иваз намудааст.[184] Донишманди маъруф В.С. Нерсесянс ба кафолати умумӣ ва махсус номҳои ғайриҳуқуқӣ ва ҳуқуқиро мансуб донистааст[185].

Чӣ тавре дидем, таваҷҷӯҳ ба категорияи «кафолат» аз мураккабии гуногунҷабҳа ва арзишмандии он дар ҷомеа барои инсон дар амали кардани ҳуқуқу озодӣ ва ҳифзи он ифода мегардад. Бо чунин назардошт талошҳо дар таърихи инсоният ду ҳадаф, яке эътирофи ҳуқуқу озодӣ, дигаре кафолати татбиқу ҳифзи онҳо мебошад.

Қонуни асосии тамоми кишварҳо эътирофу ҳифз ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла дар Конститутсияи ҶТ омадааст: «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд» (м.5); «… ҳуқуқу озодиҳои инсон ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд ҳифз мегарданд… ва бевосита амалӣ мешаванд (м.14)» «… давлат кафолати баробариро дар назди қонун ва суд» (м.17), «дахлнопазирии шахсу манзил» (м.18, 22), «ҳифзи судӣ» (м.19), «ҷуброни зарар» (м.21), «таъмини иҷтимоӣ» (м.38) ва ғайраро медиҳад.

Ҳамин тариқ кафолати ҳуқуқу озодӣ дар ҳама давру замон дар таваҷҷӯҳи асосии ҷомеа қарор доштu дорад ва татбиқи он вобастаи шароитҳои гуногун мебошад. Мисол, кафолати таъмини иҷтимоиро моддаи 39 Конститутсияи ҶТ ба ҳар як шахс пешбинӣ менамояд. Воқеан чунин кафолат ба шахсоне, ки шаҳрвандони ҶТ мебошанд ягон муқаррароти иловагиро талаб намесозад. Вале нисбати шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ кафолати таъмини иҷтимоӣ баробар ба шаҳрвандони ҶТ аз истиқомати доимӣ дар Тоҷикистон вобастагӣ дорад.

Хулоса, таъмину ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вобаста ба мақоми ҳуқуқӣ ва шаҳрвандӣ дар як сатҳ қарор надоранд.

Дар ин ҷода қонун ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд воситаи асосии ҳифзу таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон баромад мекунанд. Чунончӣ дар сарсухани Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002 омадааст, ки: «қонуни мазкур… дар Ҷумҳурии Тоҷикистон… кафолатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқӯқӣ ва манфиатҳои гурезаҳоро муқаррар мекунад».

---

[183] Ниг.: Теория государство и право.: Курс лекций \ Под.ред. Н.И. Матузов и А.И. Малько. – М.: Юристь, 2001. – С. 556.
[184] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Асари номбаршуда. – С. 457.
[185] Ниг.: Нерсесянц В.С. Общая теория государство и право. – М, 2004. – С. 34.

Аз мазмуни моддаи 14 қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» бармеояд, ки кафолатҳои ҳуқуқи гурезаҳо фарогири чунин масоилҳо мебошанд:

1. Хилофи иродаи гурезаҳо ба қаламрави давлате, ки дар он ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар нишонаҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатари таъқиб таҳдид мекунад, баргардонида намешавад;
2. бе розигии хатии гурезаҳо маълумот дар бораи онҳо ба мақомоти ҳокимият ва ташкилотҳои ҷамъиятии давлати мансубияти шаҳрвандии (маҳали истиқомати пештараи) онҳо пешниҳод карда намешавад;
3. Ҳуқуқи шикоят намуданро нисбати қарор ва амалҳои (беамалии) мақомоти идораи давлатӣ ва шахсони мансабдор вобаста ба иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» ба мақомоти болоӣ ё суд доранд.

Муқаррароти моддаи 14 Қонуни ҶТ, «Дар бораи гурезаҳо» ҷавобгӯ ба талаботи моддаҳои 32 ва 33 Конвенсияи СММ оид ба мақоми гурезаҳо аз 28 июни соли 1951 мебошад. Вале дар қонунгузории кишварҳо кафолати ҳуқуқи гурезаҳо ба таври гуногун мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Гурҷистон «Дар бораи гурезаҳо» яке аз паҳлуҳои кафолат ин «таҳти ҳимояи давлат қарор додани ҳуқуқи гуреза мебошад» (м.8). Дар Ҷумҳурии Арманистон кафолати ҳуқуқи гуреза тибқи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 3 марти соли 1999 дар чор мавирд пешбинӣ шудааст:

1. Таҳти ҳимояи давлат қарор доштани гуреза;
2. Манъи рондани гуреза аз қаламрави Ҷумҳурии Арманистон, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ месозад;
3. Манъи бозгардонидани иҷборӣ;
4. Дар ҳолати дастгир ё ҳабс намудан ва ё ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба мақомоти солиҳиятдор ё намояндаи Раёсати комиссариати Олии СММ оид ба гурезаҳо дар Ҷумҳурии Арманистон дар муҳлати 24 соат хабар доданд, ҳатмӣ аст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Туркманистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 12 июни соли 1997 (моддаи 3) кафолати ҳуқуқи гурезаҳо бо се тарз – манъи бозгардонидани иҷборӣ, таъмини ҳуқуқ ба шикоят кардан ва озод будан аз ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ба қаламрави Ҷумҳурии Туркманистон омадан дар ҳолати сабабҳои комилан асосноки дар давлати мансубияти шаҳрвандии худ бо аломатҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё эътиқоди сиёсӣ дучори таъқибот гаштааст.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» (моддаи 6) ду ҳолат пешбинӣ шудааст, ки агар шахс дар сурати убури иҷбории ғайриқонунии сарҳади давлатии ҶТ дар давоми як шабонарӯз ва дар ҳолати ба таври конунӣ омадан ба ҶТ дар муҳлати як моҳ ба мақомоти салоҳиятдор муроҷиат кунад ва аз ҷавобгарӣ озод мебошад, ба шарте, ки нисбати вай сабабҳои асосноки таҳдидкунанда дар кишвар ва ҷои истиқомати доимӣ мавҷуд бошад.

Чаро «озод будан аз ҷавобгарӣ» чун кафолати ҳуқуқи гуреза дар қонунгузории ҶТ пазируфта намешавад, зеро дар ҳолати убури ғайриқонунӣ ё омадани қонунӣ ба ҶТ то се моҳ ба кас мақоми шахси паноҳҷӯянда дода мешавад ва баъд тибқи муқаррароти моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» мақоми гурезаро ба даст меорад.

Қонун «Дар бораи гурезаҳо»-и кишвари Озорбойҷон, Украина, Латвия, Чехия ва Эстония перомуни «кафолат» моддаи алоҳида пешбинӣ накардаанд, вале манъи бозгардондани иҷборӣ ва ронданро асоси мақоми гуреза медонанд.

Таваҷҷӯҳи якранг дар бахши кафолати ҳуқуқии гурезаҳо дар қонунгузории Руссия, Белоруссия ва Тоҷикистон аст.

Муқаррароти банди 1 моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» дар бахши таъмину ҳифзи ҳуқуқи гуреза фарогири манъи бозгардондани иҷборӣ аст ва доираи татбиқаш ба се гурӯҳ ашхос мансуб мебошад:

1) шахсони паноҳҷӯянда;
2) гурезаҳо;
3) шахсоне, ки мақоми гурезаро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум карда шудаанд.

Дар тафовут аз банди 1 моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» муқаррароти моддаи 32 Конвенсия оид ба мақоми гурезаҳо доираи татбиқаш маҳдуд аст ва он танҳо ба гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда паҳн мешавад.

Дар баробари ин ҳар ду санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ (Қонун ва Конвенсия) мавридҳои истисноиро пешбинӣ кардаанд, рондани гурезаро тақозо мекунад.

Ин ҳолатҳо дар таҳдид ба амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ ё маҳкумшудан барои содир кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин ифода меёбад.

Дар банди 1 ва 2-юми моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» перомуни кафолати ҳуқуқи гурезаҳо мухолифат дида мешавад. Чунончи дар банди 1 моддаи 14 гуфта шудааст: «Кафолат ба шахсе, ки аз мақоми гуреза маҳрум шудааст дода мешавад»… дар банди 2 моддаи 14 омадааст, ки «банди якуми ҳамин модда ба шахсоне, ки ба амнияти давлат таҳдид мекунанд татбиқ намешавад». Ҳоло он, ки тибқи моддаи 13 Қонун яке аз ҳолатҳои маҳрум шудан аз мақоми гуреза ин таҳдид ба амнияти миллӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломати ва ахлоқи аҳолии ҶТ мебошад. Ҳамин тариқ, банди 1-ум ва 2-юми моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» бинобар мухолифат доштан тақозои ислоҳ мебошад.

Принсипи манъи бозгардондани иҷборӣ мазмунаш дар он аст, ки гуреза, шахси паноҳҷӯянда ва ё шахсеро, ки мақоми гурезаро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум карда шудаанд, хилофи иродааш ба қаламравӣ давлате, ки дар он ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар нишонаҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни

иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатари таъқиб таҳдид мекунад, баргардонида намешаванд.

Дар амалияи байналхалқӣ принсипи мазкур аз соли 1933 истифода мешавад ва бо таъсиси СММ нақши он дар таъмини мақоми гуреза устувор гашт.

Қонунгузор ҳолати дигари таъмини ҳуқуқи гуреза дар бе розигии хатии вай ба мақомоти ҳокимият ва ташкилотҳои ҷамъиятии давлати мансубияти шаҳрвандии (маҳали истиқомати пештараи ) вай пешниҳод накардани маълумотро оид ба онҳо медонад. Муқаррароти банди 3-юми моддаи 14 Қонун мақомоти давлатӣ, шахсони воқеию ҳуқуқиро уҳдадор намудааст, пешниҳоди ҳама гуна маълумотро нисбати гуреза бе розигии хатии вай ба давлат ва шахсони воқеию ҳуқуқии кишвари онҳо ирсол нанамоянд.

Кафолати чунин ҳолат мумкин аст аз дучори ҳама гуна таъқиб гурезаро истисно гардонад. Дар навбати хеш ин кафолат ба гуреза ҳуқуқ медиҳад дар ҳолати розигии хатиаш ба мақомоти давлатӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии давлатии мансубияти шаҳрвандии вай хадамоти давлатии муҳоҷират пешниҳоди маълумотро таъмин кунад. Вале дар ҳама гуна маврид пешниҳоди маълумот набояд сабабгори дучори таъқиб гаштани гуреза гардад. Ҳуқуқи шикоят намуданро ҳамчун асоси таъмину мусоидати амалигардонидани ҳуқуқу озодиҳо барои гуреза дар ҷомеа банди 4 моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» пешбинӣ кардааст. Аз муқаррароти ин меъёр бармеояд, ки гуреза нисбати қарор ва амалҳои (беамалии) мақомоти идораи давлатӣ ва шахсони мансабдор вобаста ба иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» ба мақомоти болоӣ ё суд пешниҳод намудани шикоятро доранд. Аз гирифтани огоҳнома дар хусуси аз даст додани мақоми гуреза, дар бораи маҳрум гардидан аз мақоми гуреза муҳлати пешниҳоди шикоят ба мақомоти болоӣ ё ба суд оғоз мегардад ва он набояд аз як моҳ зиёд бошад. Ҳуқуқи шикоят кардани гуреза ба мақомоти болоӣ ё суд ба ҳеҷ ваҷҳ якдигарро истисно намесозанд. Ва дар сурате, ки шикоят ба мақомоти болоӣ баъди гузаштани муҳлати на дертар аз як моҳ агар вай ҷавоб нагирифта бошад ё ҷавоби рад гирифта бошад, он гоҳ ҳуқуқи муроҷиат кардан ба судро дорад. То қабули қарор тибқи шикоят шахси шикоят пешниҳоднамуда ва аъзои оилаи ӯ аз ҳуқуқу уҳдадориҳои пешбиннамудаи қонунгузории ҶТ оид ба гурезаҳо истифода менамоянд. Мақоми болоӣ ё суд ҳуқуқ доранд вобаста ба муҳлати қабули қарор шаҳодатномаи гурезаро тамдид намоянд.

Шахсе, ки дар бораи рад гардидан аз мақоми гуреза мувофиқи қонунгузорӣ огоҳинома гирифтааст ва ҳуқуқи пешниҳод намудани шикоятро нисбати қарор мутобиқи моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» истифода намудааст, уҳдадор аст Ҷумҳурии Тоҷикистонро якҷоя бо аъзои оилаи худ дар муҳлати на дертар аз як моҳ пас аз гирифтани огоҳнома дар бораи рад гардидани шикоят, дар сурати

набудани дигар асосҳои қонунӣ барои истиқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарк намояд.

Манъи рондани гурезаҳо аз қаламравӣ давлат, таъмини озодии ҳаракати гурезаҳо аз сарҳади давлатӣ ва фароҳам овардани тамоми шароити зарури ҷиҳати дарёфти ҳуқуқи даромадан ба кишвари дигарро Конвенсияи СММ оид ба мақоми гуреза аз 28 июли соли 1951 (моддаҳои 31-33) ба гурӯҳи кафолатҳои ҳуқуқии онҳо пешбинӣ месозад. Вале чунин вазъ дар моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» пешбинӣ нагаштааст ва ба талаботи Конвенсияи СММ оид ба мақоми гуреза аз 28 июли соли 1951 ҷавобгӯ намудани моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» ифодакунандаи тамоми паҳлӯҳои кафолати ҳуқуқии гурезаҳо мебошад.

**Адабиёт:**

1. Витрук Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе. – М.: Наука, 1979, – С. 200.

2. Вишневский А.Ф., Горбаток Н.А., Кучинский В.А. Общая теория государства и права: Учебник. – М.: 2006, – С. 427.

3. Денисов А.И. Советское государственное право. – М.: Юриздат, 1947. – С. 322.

4. Менглиев Ш. Защита имущественных прав граждан. – Душанбе: Ирфон, 1989, – С. 16-17.

5. Нерсесянц В.С. Общая теория государство и право. – М.: 2004, – С. 34.

6. Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М.: «Советское энциклопедия», 1973 – С. 117.

7. Патюлин В.А. Государство и личность в СССР ( правовые аспекты взаимоотношений). – М.: Наука, 1974, – С. 231.

Право беженцев, Учебное пособие., Под ред. проф. Менглиева Ш.М. – С. 48-51.

8. Рудинский Ф.М. Личность и социалистическая законность. – Волгоград, 1976. – С. 51.

9. Русско-таджикский словарь. / Под.ред. М.С. Асимова. – М.: Русс.язык., 1985, – С.166.

10. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуғуғ ва давлат: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Эҷод, 2005. – С. 457-459.

11. Теория государства и права: Курс лекций / Под.ред. Н.И. Матузов и А.И. Малько. – М.: Юристь, 2001, –С. 555-557.

12. Теория государства и права: Учебник / Отв.ред. А.В. Малько. –М.: КНОРУС, 2006. – С. 313-317.

13. Теория государство и право.: Курс лекций \ Под.ред. Н.И. Матузов и А.И. Малько. – М.: Юристь, 2001, – С. 556.

14. Хропанюк В.Н. Теория государство и права.: Учебное пособие. – М.: Отечество, 1993. – С. 254-255.

# THE ROLE OF THE CONSTITUTIONAL COURT IN RESOLVING CONSTITUTIONAL-LEGAL DISPUTES

**Murodzoda Umed Uktam,**
assistant of the Department of Constitutional Law, Faculty of Law, TNU,
**Phone**: 908888111
**E-mail**: murodzoda.umed@mail.ru

**Azimov Sunatullo Sherahmadkhonovich,**
assistant of the Department of human rights and comparative law of the Law Faculty, Tajik National University,
**Phone.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Reviewer:** Rahmon D.S., doctor of law, professor

**Annotation:** In theory and practice, the category "dispute" has always been considered a kind of negative phenomenon. However, it should be noted that the truth is generated through them. The issue of constitutional-legal disputes is not sufficiently developed in constitutional law at the moment. Many questions arise about the existence of such disputes and about the ways of their resolution. In the article the authors reveal the essence of constitutional-legal disputes, as well as define the role of the Constitutional Court in resolving constitutional disputes.

**Keywords:** Dispute, legal dispute, constitutional dispute, constitutional-legal dispute, controversy, Constitutional Court of the Republic of Tajikistan.

# НАҚШИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ҲАЛИ БАҲСҲОИ КОСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚӢ

**Муродзода Умед Уктам,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
**Тел.:** 908888111
**E-mail:** murodzoda.umed@mail.ru

**Азимов Сунатулло Шераҳмадхонович**,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 985000226

**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Муқарриз:** Раҳмон Д.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар назария ва амалия категорияи “баҳс” ҳамеша як навъ падидаи манфӣ ҳисобида мешуд. Аммо, бояд қайд кард, ки маҳз тавассути онҳо ҳақиқат тавлид мешавад. Масъалаи баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар айни замон дар ҳуқуқи конститутсионӣ ба қадри кофӣ таҳия нашудааст. Дар бораи мавҷудияти чунин баҳсҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо саволҳои зиёде мавҷуданд. Дар мақола муаллифон моҳияти баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсиониро кушода, инчунин нақши Суди конститутсиониро дар ҳалли баҳсҳои конститутсионӣ муайян кардаанд.

**Калидвожаҳо:** Баҳс, баҳси судӣ, баҳси конститутсионӣ, баҳси ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ихтилоф, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# РОЛЬ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА В РАЗРЕШЕНИИ КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВЫХ СПОРОВ

**Муродзода Умед Уктам,**
ассистент кафедры конституционного права юридического факультета ТНУ,
**Тел.:** 908888111
**E-mail:** murodzoda.umed@mail.ru

**Азимов Сунатулло Шерахмадхонович**,
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета, Таджикского национального университета,
**Тел.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Рецензент:** Рахмон Д.С., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В теории и практики категория «спор» всегда считался неким негативным явлением. Однако надо отметить, что именно посредством них порождается истина. Вопрос о конституционно-правовых спорах на сегодняшний момент не достаточно разработан в конституционном праве. Возникает много вопросов о существовании таких споров и о способах их разрешений. В статье авторы раскрывает сущность конституционно-правовых споров, а также определяют роль Конституционного суда в разрешении конституционных споров.

**Ключевые слова:** Спор, правовой спор, конституционной спор, конституционно-правовой спор, разногласие, Конституционный суд Республики Таджикистан.

In the Ushakov's explanatory dictionary the word "dispute" is understood as a mutual bickering, a verbal (oral or written) contest in which each side defends its position (opinion) and proves its case[186]. Ozhegov defines a dispute as a verbal contest, a discussion of something in which everyone defends his or her opinion, or a disagreement resolved by a court[187].

Based on this position, it is clear that a dispute has parties (two or more), there is always a disagreement (i.e., one party does not agree with the opinion and position of the other party) and it must necessarily be resolved (judicial or non-judicial procedures). Processes taking place in society cannot be without various disputes. In every branch of law (civil, administrative, etc.) there is such a category as "dispute". In civil law - civil-law disputes, in administrative law - administrative-legal disputes, etc. So, constitutional law is no exception. The concept of "dispute" in constitutional law is used exclusively rarely. It should be noted that this category of constitutional law is insufficiently researched. In the situation of a dispute, more often than not, the category of constitutional-legal responsibility is referred to in order to resolve it[188].

Unlike constitutional-legal responsibility, a constitutional-legal dispute arises only when the conflict has passed to the stage of "confrontation" between parties expressing mutual claims, and is resolved through judicial and non-judicial procedures[189].

E.K. Zamotaeva under constitutional-legal disputes means disagreements and contradictions between the participants of constitutional-legal relations. Moreover, they appear between the participants of constitutional legal relations not only "in the process of exercising their rights and obligations", but also in the process of exercising their powers. Moreover, the sequence of resolution of such disagreements may be established both by law and by other legal acts[190].

A constitutional-legal dispute is a complex legal phenomenon that includes "constitutional dispute" and "legal dispute". To simplify the work, we will try to reveal the essence of constitutional dispute and legal dispute, in order to further understand the content of constitutional-legal dispute. Thus, first of all, let us consider a legal dispute, because first there is a dispute of law. Often a legal dispute is viewed solely as a category of law enforcement process. For example, in the theory of conflict of laws under it is understood as "proceedings in the manner prescribed by law by an authorized body of a case, about which there is a disagreement between public authorities and other subjects of law"[191]. In the administrative-legal science a dispute is interpreted as "the official presentation

[186] The Explanatory Dictionary of the Russian Language / Ed. by D.N. Ushakov. – M.: State Institute "Soviet Encyclopedia"; OGIZ; State Publishing House of Foreign and National Words, 1935-1940 (4 vol.).
[187] S.I. Ozhegov., N.Y. Shvedova. The Explanatory Dictionary of the Russian Language. 4th edition, Moscow, 1997.
[188] Vinogradov V.A. The concept and features of constitutional-legal responsibility: the problems of Russia, the experience of foreign countries. – Moscow: Institute of Law and Public Policy, 2003.
[189] Murodzoda, U.U. The concept and essence of judicial constitutional normative control / U. U. Murodzoda // State science and human rights. – 2020. - № 3(19). – P. 57-65.
[190] Zamotaeva E.K. Constitutional and legal disputes // http://www.hse.ru/org/persons/68536 (date of reference: 12.11.2022).
[191] Tikhomirov Y.A. Collision Law: Textbook and Scientific and Practical Guide. – M., 2001. – P. 47.

of an administrative action to a public authority or an official who is competent to resolve such a dispute"[192]. If we take into account the fact that recently non-state ways and means of resolving legal conflicts have become increasingly widespread, such an approach unreasonably narrows the concept of a legal dispute.

Constitutional-legal disputes are characterized by a number of features. They are a stage in the development of constitutional conflicts and have a political-legal form. Constitutional-legal disputes are defined as contradictions arising between participants in constitutional-legal relations.

In general terms, a constitutional-legal dispute (conflict) can be presented as a disagreement, a contradiction between participants in constitutional-legal relations.

The majority of scholars understand "constitutional dispute" as "a disagreement (conflict) arising between participants in constitutional-legal relations in the process of exercising their rights and obligations and resolved in the manner prescribed by law"[193].

However, we believe that this is not entirely accurate. A constitutional dispute (conflict) is a phenomenon of social reality, a type of social relations of constitutional (political) nature, while a constitutional-legal dispute (conflict) is a material and formal category that combines factual and legal attributes. Thus, these concepts, being the varieties of corresponding relations, correlate with each other as well as "constitutional relations" and "constitutional-legal relations"[194].

Constitutional-legal disputes can be resolved in court (constitutional, civil, administrative) as well as through non-judicial and political-legal procedures.

Constitutional legal disputes, as it turns out, are resolved through judicial and non-judicial procedures (political-legal procedures). This is the way in which constitutional-legal disputes are resolved by judicial procedure, namely constitutional litigation.

In the Republic of Tajikistan a special jurisdictional body for resolving constitutional disputes is the Constitutional Court. The Constitutional Court of the Republic of Tajikistan is an independent judicial body for constitutional review, established to ensure the supremacy and direct action of the norms of the Constitution of the Republic of Tajikistan.

Unlike all other courts, the Constitutional Court – a body of constitutional control belonging to the judicial branch of government, whose competence includes assessing the compliance of legal norms with the Constitution.

The Constitutional Court has the right to repeal a law or other normative legal act in the case of declaring it unconstitutional. According to the Constitutional Law of the RT "On the Constitutional Court of the RT" from 26 July 2014, No. 1083, only the Constitutional Court has the right to resolve

---

[192] Demin A.A. The concept of administrative process and administrative-procedural code of the Russian Federation // Bulletin of Moscow State University. Series 11. Law. – 1998. – № 4. – P. 25-26.

[193] Ivanets G.I., Kalinsky I.V., Chervonyuk V.I. Constitutional law of Russia: Encyclopedic dictionary / Ed. by V.I. Chervonyuk. – M., 2002. – P. 150.

[194] Kutafin O.E. Subject matter of constitutional law. – M., 2001. – P. 9-28, 297-316.

disputes on competence arising between state bodies, as well as between the legislative and executive bodies of state power[195].

By exercising judicial power through the Constitutional Court, the Constitutional Court thus actively participates in the mechanism of exercising state power[196]. In resolving such disputes, the Constitutional Court acts as the final arbiter and can thereby exert considerable influence on the activities of Parliament, the President, and the Government[197].

In connection with the above determination, the main subject in resolving constitutional and legal disputes is the Constitutional Court, and its place in the system of government bodies and the principles of interaction with other branches of government is very important. Thus, defining the role of the Constitutional Court in the system of separation of powers, I agree with the opinion of I.V. Petrov, who writes: “The Constitutional Court is an important link in the mechanism of checks and balances, because with its direct participation as an arbitrator legal collisions, conflicts arising between the branches of state power are resolved. By resolving conflicts, disputes between the branches of state power, the Constitutional Court acts as a body of compromise, reconciliation, as a guarantor of stability in society and the state”[198].

Thus, after analyzing the study of constitutional legal dispute we can conclude that the specificity of constitutional legal dispute is predetermined by its subject composition, the subject and the basis of occurrence. Constitutional-legal dispute is defined as a disagreement of subjects of constitutional-legal relations to be resolved in the procedural form established by law on the assessment of compliance with constitutional legal norms of legal acts, actions (inaction) of one of the parties to the dispute, which violate constitutional rights, freedoms or competence of the other party of the dispute and (or) constitutionally protected public interests.

The Constitutional Court of the Republic of Tajikistan may both directly resolve disputes on competence between state authorities and resolve issues of competence within the framework of the constitutionality review of the relevant normative act. The Constitutional Court of the Republic of Tajikistan is the only state body competent to resolve constitutional disputes through judicial procedure.

**References:**

1. Constitutional Law of the Republic of Tajikistan “On the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan” from July 26, 2014, № 1083, part 3, article 34.

---

[195] Constitutional Law of the Republic of Tajikistan "On the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan" from July 26, 2014, № 1083, part 3, article 34.

[196] Dinorshoev A.M. Constitutional bases of the separation of powers in the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2007. – P. 63.

[197] Rahmon D.S. The legal nature of the acts of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan: diss. ... candidate of legal sciences: 12.00.02./ Rahmon Daler Safarbek. – Dushanbe, 2019. – P. 39.

[198] Petrova I.V. Constitutional court – body of the constitutional control in the Russian Federation: diss. ... candidate of legal sciences. – M., 2004. – P. 92.

2. Demin A.A. The concept of administrative process and administrative-procedural code of the Russian Federation // Bulletin of Moscow State University. Series 11. Law. 1998. – № 4. – P. 25-26.

3. Dinorshoev A.M. Constitutional bases of the separation of powers in the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2007. – P. 63.

4. Ivanets G.I., Kalinsky I.V., Chervonyuk V.I. Constitutional law of Russia: Encyclopedic dictionary / Ed. by V.I. Chervonyuk. – M., 2002. – P. 150.

5. Kutafin O.E. Subject matter of constitutional law. – M., 2001. – P. 9-28, 297-316.

6. Murodzoda, U.U. The concept and essence of judicial constitutional normative control / U.U. Murodzoda // State science and human rights. – 2020. – № 3(19). – P. 57-65.

7. Petrova I.V. Constitutional court – body of the constitutional control in the Russian Federation: candidate of legal sciences. – M., 2004. – P. 92.

8. Rahmon D.S. The legal nature of the acts of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan: diss. ... candidate of legal sciences: 12.00.02 / Rahmon Daler Safarbek. – Dushanbe, 2019. – P. 39.

9. S.I. Ozhegov., N.Y. Shvedova. The Explanatory Dictionary of the Russian Language. 4th edition, Moscow, 1997.

10. The Explanatory Dictionary of the Russian Language / Ed. by D.N. Ushakov. – M.: State Institute "Soviet Encyclopedia"; OGIZ; State Publishing House of Foreign and National Words, 1935-1940 (4 vol.).

11. Tikhomirov Y.A. Collision Law: Textbook and Scientific and Practical Guide. – M., 2001. – P. 47.

12. Vinogradov V.A. The concept and features of constitutional-legal responsibility: the problems of Russia, the experience of foreign countries. Moscow: Institute of Law and Public Policy, 2003.

13. Zamotaeva E.K. Constitutional and legal disputes // http://www.hse.ru/org/persons/68536 (date of reference: 12.11.2022).

# ҲУҚУҚИ ГРАҶДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)

## МАФҲУМИ ГИРИФТАНИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ҚИТЪАИ ЗАМИН БАРОИ ЭҲТИЁҶОТИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ ҲАМЧУН АСОСИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ҚИТЪАИ ЗАМИН

**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел: (+992) 904-41-50-50
E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru

**Тоҷидинов Маҳмароиб Абдулвоҳидович,**
сармутахассиси шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**Тел.:** (+992) 904-25-26-30
**E-mail:** tojidinov_9898@mail.ru

**Муқарриз:** Шарифзода Ф.Ш., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Фишурда:** Гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ яке аз асосҳои махсуси қатъ гардидаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба ҳисоб меравад. Тавре ки маълум аст, замин мутобиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ дар намуди ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кафолат медиҳад.

Гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар таҷрибаи қонунгузорӣ ва амалияи кишвар чизи нав нест. Он ҳанӯз то ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар амалияи кишвар ҷой дошт ва ҳамин тавр баъди ташаккулёбии низоми қонунгузории миллӣ ҳамвора бо қабул гардидани КЗ ҶТ дар он ҷойгир карда шуд. Ба ҳамин тартиб КЗ ҶТ ҳолатҳоеро пешбинӣ менамояд, ки гирифтани қитъаи заминро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳангоми набудани чораи дигар, муқаррар намудааст.

Дар мақолаи мазкур диққати асосӣ на ба худи масъалаи гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, балки танҳо ба мафҳуми ҳуқуқии он равона карда мешавад. Дар ин росто бо дарназардошти қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи хориҷӣ то андозае дурустии мафҳуми масъалаи мазкур таҳлилу баррасӣ карда шудааст.

Ҳамин тавр, заминистифодабарандагон ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро барои истифодабарии муҳлатнок, бемуҳлат, меросии якумра бо ҳуқуқи бегона намудан ва бе ҳуқуқи бегона намудан ба даст оварда метавонанд. Дар мақолаи мазкур диққати асосӣ ба проблемаҳои аз заминистифодабарандагон гирифтани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ не, балки дар робита ба он танҳо ба дурустии мафҳуми он равона гардидааст. Муаллифон бо истифода аз таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ кӯшиш намудаанд, то ин ки мафҳуми гирифтани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва хариди ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро аз заминистифодабарандагон барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мушаххас намоянд.

**Калидвожаҳо:** Замин, қитъаи замин, асосҳои қатъ гардидан, эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, қонунгузории замин, арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, баҳои замин, санади маъмурӣ, ҷуброни зарар, ҷавобгарӣ, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин.

## ПОНЯТИЯ ИЗЪЯТИЯ ПРАВА ПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЛЬНЫХ УЧАСТКОВ ДЛЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НУЖД КАК ОСНОВАНИЯ ПРЕКРАЩЕНИЯ ПРАВА ПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ УЧАСТКОВ

**Сохибзода Мухаммаджон Махмадали,**
кандидат юридических наук, доцент, первый заместитель директора Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан
Тел: (+992) 904-41-50-50.
E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru

**Тоджидинов Махмароиб Абдулвохидович,**
главный специалист отдела аграрного, природоресурсного и экологического законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан
**Тел.:** (+992) 904-25-26-30
**E-mail:** tojidinov_9898@mail.ru

**Рецензент:** Шарифзода Ф.Ш., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Изъятие земельного участка для государственных или общественных нужд является одним из особых оснований прекращения права пользования земельным участком. Как известно, согласно положениям Конституции Республики Таджикистан и Земельного кодекса Республики Таджикистан земля является исключительной собственностью государства, и государство гарантирует ее эффективное использование на благо народа в форма права пользования землей физическим и юридическим лицам.

Отвод земель для государственных и общественных нужд не является чем-то новым в опыте законодательства и практики страны. Он существовал в практике страны до достижения государственной независимости, а после формирования национальной законодательной системы был помещен в нее вместе с принятием ЗК РТ. Таким же образом ЗК РТ предусматривает ситуации, при которых принято решение об изъятии земельного участка для государственных и общественных нужд при отсутствии иных мер.

В данной статье основное внимание направлено не на вопрос изъятия земли для государственных и общественных нужд, а лишь на его правовое понятие. В связи с этим с учетом национального законодательства и зарубежного опыта проанализирована и обсуждена правильность концепции данного вопроса.

Таким образом, землепользователи могут приобретать право пользования земельным участком во временное, бессрочное, пожизненное наследственное пользование с правом отчуждения и без права отчуждения. В данной статье основное внимание сосредоточено не на проблемах изъятия права пользования землей у землепользователя для государственных и общественных нужд, а только на правильности его понятии. Используя исследования отечественных и зарубежных ученых, автор попытался уточнить понятие получения права пользования земельным участком и выкупа права пользования земельным участком у землепользователей для государственных и общественных нужд.

**Ключевые слова:** Земля, земельный участок, основания прекращения, государственные и общественные нужды, земельное законодательство, стоимость права пользования земельным участком, оценка земли, административный акт, возмещение ущерба, ответственность, право пользования землей.

## THE CONCEPT OF WITHDRAWAL OF THE RIGHT TO USE LAND PLOTS FOR STATE AND PUBLIC NEEDS AS A BASIS FOR TERMINATION OF THE RIGHT TO USE LAND PLOTS

**Sohibzoda Muhammadjon Mahmadali,**
candidate in Law, first Deputy Director of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan
Phone: (+992) 904-41-50-50

E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru

**Tojidinov Mahmaroib Abdulvohidovich,**
chief Specialist of the Department of Agrarian, Natural Resources and Environmental Legislation National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan
**Phone.:** (+992) 904-25-26-30
**E-mail:** tojidinov_9898@mail.ru

**Reviewer:** Sharifzoda F.SH., candidate of law, docent

**Annotation:** Withdrawal of a land plot for state or public needs is one of the special grounds for terminating the right to use a land plot. As you know, according to the provisions of the Constitution of the Republic of Tajikistan and the Land Code of the Republic of Tajikistan, land is the exclusive property of the state, and the state guarantees its effective use for the benefit of the people in the form of the right to use land to individuals and legal entities.

Land acquisition for state and public needs is not something new in the experience of the legislation and practice of the country. It existed in the practice of the country before achieving state independence, and after the formation of the national legislative system, it was placed in it along with the adoption of the Law of the Republic of Tajikistan. In the same way, the Law of the Republic of Tajikistan provides for situations in which a decision is made to withdraw a land plot for state and public needs in the absence of other measures.

In this article, the focus is not on the issue of land withdrawal for state and public needs, but only on its legal concept. In this regard, taking into account national legislation and foreign experience, the correctness of the concept of this issue was analyzed and discussed.

Thus, land users can acquire the right to use a land plot for temporary, perpetual, life-long hereditary use with the right of alienation and without the right of alienation. This article focuses not on the problems of withdrawing the right to use land from a land user for state and public needs, but only on the correctness of its concept. Using the research of domestic and foreign scientists, the author tried to clarify the concept of obtaining the right to use a land plot and redemption of the right to use a land plot from land users for state and public needs.

**Keywords:** Land, land plot, grounds for termination, state and public needs, land legislation, cost of the right to use a land plot, land valuation, administrative act, compensation for damage, liability, right to use land.

Гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ яке аз асосҳои алоҳидаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин мебошад. Асосҳои заминавии масъалаи мазкур сараввал бо меъёрҳои Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КЗ ҶТ), инчунин бо

қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ низ танзим мегардад. Асосан гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ сарчашмаи танзими ҳуқуқии хешро дар қонунгузории миллӣ аз меъёрҳои КЗ ҶТ мегирад.

Гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар таҷрибаи қонунгузорӣ ва амалияи кишвар чизи нав нест. Он ҳанӯз то ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар амалияи кишвар ҷой дошт ва ҳамин тавр баъди ташаккулёбии низоми қонунгузории миллӣ ҳамвора бо қабул гардидани КЗ ҶТ дар он ҷойгир карда шуд. Ба ҳамин тартиб КЗ ҶТ ҳолатҳоеро пешбинӣ менамояд, ки гирифтани қитъаи заминро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳангоми набудани чораи дигар, муқаррар намудааст.

Дар мақолаи мазкур диққати асосӣ на ба худи масъалаи гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, балки танҳо ба мафҳуми ҳуқуқии он равона карда мешавад. Дар ин росто бо дарназардошти қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи хориҷӣ то андозае дурустии мафҳуми масъалаи мазкур таҳлилу баррасӣ карда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои марбут ба замин Ш.М. Исмоилов[199], А.Д. Ғафуров[200], М.М. Соҳибов[201] ва дигарон таҳқиқоти илмии арзишманд анҷом додаанд, вале то ҳол оид ба масъалаи гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба таври махсус таҳқиқот анҷом дода нашудааст. Дар шароити муосир ба проблемаҳои мубрами ин масъала Е.С. Клейменова[202], А.И. Кичко[203], Н.П. Кабитов[204], Н.И. Таскин[205], Е.В. Грин[206] ва ғ., диққати асосӣ дода, таҳқиқоти махсуси илмӣ ҳам анҷом додаанд.

Асосҳои ҳуқуқии гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятиро моддаҳои 37, 38, $38^1$, 39, 40, $40^1$, 41-и КЗ ҶТ муқаррар намудааст[207]. Аммо дар м. 38 КЗ ҶТ, ки бевосита ба гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бахшида шудааст, мафҳуми расмии он муқаррар нагардидааст. Ҳамзамон чӣ дар матни КЗ ҶТ ва чӣ дар қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ дар мафхум «гирифтан»-и қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ истифода бурда шудааст.

Ҳол он ки пеш аз гирифтани қитъаи замин ба заминистифодабаранда пардохти арзиши бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин (унсури хариду

---

[199] Исмоилов Ш.М., Арапова Ч.Б., Тоҷибоев Ш.А., Сидиқова Н. Ҳуқуқи замини Тоҷикистон: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Полиграфгрупп», 2016. – 320 с.

[200] Соҳибов М.М. Ғафуров А.Д. Ҳуқуқи замин: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – 142 с.

[201] Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 396 с.

[202] Клейменова Е.С. Правовое регулирование изъятия (выкупа) земельного участка для государственных и муниципальных нужд: дис. … канд. юрид. наук. – Орёл, 2008. – 197 с.

[203] Кичко А.И. Принудительное прекращение права собственности на земельные участки: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2011. – 168 с.

[204] Кабытов Н.П. Выкуп земельного участка как основание прекращения права частной собственности: дис. ... канд. юрид. наук. – Самара, 2004. – 214 с.

[205] Таскин Н.И. Принудительное прекращение права собственности на земельный участок: дис. ... канд. юрид. наук. – Рязань, 2003.

[206] Гринь Е.А. Принудительное прекращение прав на земельные участки: теория и практика правового регулирования: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2012. – 203 с.

[207] Ниг.: Соҳибов М.М. Баъзе аз проблемаҳои танзими ҳуқуқии асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2017. – № 3 (07). – С. 155.

фурӯши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин) анҷом дода мешавад (қ. 2, м. 37 КЗ ҶТ), ё бо розигии заминистифодабаранда ба ӯ қитъаи замини дигари баробарарзиш пешниҳод карда мешавад. Аз ин лиҳоз муайян намудани таносуби мафҳумҳои «харид»-и қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва «гирифтан»-и қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ яке аз нуқтаҳои асосии баррасишаванда дар мақолаи мазкур мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба табиати ҳуқуқии хариди қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ андешаҳои гуногун баён шудаанд. Ба андешаи Н.П. Кабитов харид ба амалҳои қонунӣ мансуб аст: ба санадҳои ҳуқуқӣ ҷавобгӯ буда, яъне аҳд аст. Дар баробари ин муаллиф дуруст қайд мекунад, ки гарчанде ки хариди замин аксар вақт пеш аз қабули санади маъмурӣ (қарори гирифтани қитъаи замин) ё қарори суд сурат мегирад, ин санадҳои ҳуқуқӣ дар баробари факти ҳуқуқии харидани замин вуҷуд доранд ва набояд омехта карда шаванд. Хариди қитъаи замин амали фурӯшанда (молики хусусии қитъаи замин) ва харидор мебошад, ки ба бегона кардани қитъаи замин аз ҷониби соҳиби собиқ, ба даст овардани он аз ҷониби соҳиби нав ва пардохти нархи хариди он нигаронида шудааст[208].

Нуқтаи назари дигарро Д.Б. Горохов иброз медорад, ки муносибатҳои марбут ба гирифтани қитъаи замин расман аҳд ба ҳисоб намераванд, зеро дар маънои муқаррароти қонунгузории гражданӣ-ҳуқуқӣ «мустақилияти ирода» вуҷуд надорад, аммо дар асл онҳо аҳд мебошанд (квазиаҳдҳо). Давлат (дар симои мақомоти ҳокимиятӣ) маҷбуран гирифтани қитъаҳои замин заминҳои хусусиро низ танзим мекунад. Дар ин сурат вай на ҳамчун соҳибмулк, балки ҳамчун мақомоти давлатӣ амал мекунад[209].

Чунон ки В.А. Евсегнеев қайд мекунад, аз ҷиҳати берунӣ (расмӣ) тарафҳои хариди маҷбурии (ҳамзамон ихтиёрии) замин аз соҳиби хусусӣ ба мисли муомилоти муқаррарии хариду фурӯши замин метавонад анҷом дода шавад. Дар баробари ин, гарчанде ки ба моликияти давлат гузаштани замини хусусиро бо тартиби хариди маҷбурии он аҳд эътироф кардан мумкин нест, вале бисёр хусусиятҳои умумӣ имкон медиҳанд, ки онро квазиаҳд ҳисоб кунем. Чунин сохти назариявӣ, ба қавли В.А. Евсегнеев, аз он нуқтаи назар фоиданок аст, ки вай барои ба расмият даровардани тамоми аҳдҳои «воқеӣ» ёрӣ мерасонад[210].

Дар ин маврид Е.С. Клейменова андешаҳои Д.Б. Горохов ва В.А. Евсегнеевро чунин мешуморад, ки онҳо махсусан ба харидани маҷбурии қитъаи замин ишора мекунад, бинобар ин хариду фурӯш бо қарори суд сурат мегирад. Дар мавриди хариди ихтиёрӣ бо роҳи бастани шартнома бо соҳибмулк, пас дар ҳақиқат мафҳуми аҳд ба он дахл дорад[211].

---

208 Ниг.: Кабытов Н.П. Выкуп земельного участка как основание прекращения права частной собственности: дис. ... канд. юрид. наук. – Самара, 2004. – С. 66.

209 Ниг.: Горохов Д.Б. Правовое регулирование сделок с земельными участками: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 1998. – С. 32.

210 Ниг.: Евсегнеев В.А. Собственность на землю в фокусе интересов // Журнал российского права. – 2004. – № 8. – С. 70.

211 Ниг.: Клейменова Е.С. Правовое регулирование изъятия (выкупа) земельного участка для государственных и муниципальных нужд: дис. … канд. юрид. наук. – Орёл, 2008. – С. 71.

Ҳамзамон дар адабиёти ҳуқуқӣ дар бораи он, ки таҳти мафҳуми гирифтан ё харидани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ чӣ фаҳмида мешавад, андешаҳои гуногун баён шудаанд.

Ҳамин тавр, А.Р. Анисимов ҳангоми гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамътиятӣ амали мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллиро, ки ба тартиби судӣ ва дар асоси муздҳок маҷбуран қатъ намудани ҳуқуқи моликиятии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро мефаҳмад[212].

Ба ақидаи И.В. Аксюк, гирифтани маҷбурии молу мулки ғайриманқул як шакли дахолати ҷамъиятӣ ба корҳои хусусии молик мебошад, ки онро қонунгузории гражданӣ дар ҳолатҳои истисноӣ ба манфиати ҷамъият иҷозат медиҳад[213].

Дар асоси андешаи А.В. Губаева хариди қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ маънои онро дорад, ки ҳисоббаробаркуниҳо бо соҳибмулк ҳангоми гирифтани қитъаи замин дар асоси баробар анҷом дода мешаванд ва илова бар ин, ҷуброни пурраи зиёни соҳиби қитъаи заминро дар бар мегирад[214].

Мафҳумҳои дар боло додашударо ба эътибор гирифта, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки бояд миёни мафҳумҳои «хариди қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» ва «гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» тафовут гузошта шавад.

Мавриди зикр аст, ки «хариди қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» бевосита аз он вобастагӣ дорад, ки агар қитъаи замин мисли дигар молу мулк дар моликияти хусусии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарор дошта бошад. Дар баробари ин ҳангоми ба вуҷуд омадани эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ молик тавонад барои бегона намудани қитъаи замин шартномаи хариду фурӯш бандад.

Агар ба таҷрибаи заминдории давлатҳои собиқ шӯравӣ назар афканем, балъало мушоҳида мегардад, ки пас аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ онҳо хусусигардонии ҳама гуна шаклҳои моликият, аз ҷумла моликият ба заминро кафолат доданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ислоҳоти бозоргонӣ, аз ҷумла ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ вобаста ба ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ суръат бахшида шуд. Дар тафовут аз кишварҳои ҳамсоя, ки ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ тамоми молу мулкро фаро гирифт, дар мамлакати мо «замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад» (м. 13

---

212 Ниг.: Анисимов А.П. Правовые проблемы изъятия земельных участков для государственных или муниципальных нужд // Новая правовая мысль. – 2003. – № 2 (3). – С. 16.

213 Ниг.: Аксюк И.В. Изъятие недвижимости как основание принудительного прекращения права собственности // Право и экономика. – 2006. – № 7. – С. 42.

214 Ниг.: Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Часть первая (постатейный) / А.К. Губаева [и др.]; под ред. Н.Д. Егорова, А.П. Сергеева. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2006. – С. 567.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Бинобар ин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ молики замин шуда наметавонанд, зеро вай тахти моликияти истисноии давлат қарор дорад.

Дар ин маврид М.М. Соҳибов қайд менамоянд, ки «азбаски дар аксари давлатҳои пасошӯравӣ моликияти хусусӣ ба замин эътироф шуда буд, ислоҳот дар бахши саҳми замин зуд ва бо муваффақият анҷом ёфт. Он асосан бо роҳи харида шудани саҳми замин аз ҷониби аъзои пештараи колхозу совхозҳо амалӣ гардид. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала бо тарзи дигар ҳалли худро ёфт. Дар кишвари мо замин моликияти истисноии давлат буда, хариди он, аз ҷумла харидани саҳми замин ва минбаъд анҷом додани аҳдҳои гражданӣ бо он ғайриимкон буд»[215].

Таҳлили муқосиавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллии замин бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия ба мо имкон дод то ин ки тафовути мафҳумҳои «хариди қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» ва «гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ»-ро муайян намоем.

Дар асоси муқаррароти моддаҳои 279-283 Кодекси граждании Федератсияи Россия (минбаъд КГ ФР), моддаҳои 45, 46, 49, 55, 63 Кодекси замини Федератсияи Россия, хариди қитъаи замин ва дигар объектҳои ғайриманқули дар он ҷойгиршуда барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ амали мақоми ваколатдор мебошад, ки барои қатъ кардани ҳуқуқ ба қитъаи замин бо соҳиби он барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъиятии ба миён омада, аз ҷумла бо молик мувофиқи қонунгузории амалкунанда бастани шартнома мебошад.

Аз ин рӯ, хариди қитъаи замин яке аз шаклҳои гирифтани қитъаи замин буда, он танҳо ба соҳиби қитъаи замин ва дигар объектҳои ғайриманқули дар он ҷойгиршуда дахл дорад.

Гирифтани қитъаи замине, ки ба соҳибҳуқуқ бо ҳуқуқи истифодаи доимӣ (бемуҳлат), якумраи меросӣ ё иҷора тааллуқ дорад – амали мақоми ваколатдори давлатӣ, ки барои қатъ намудани ҳуқуқ ба қитъаи замин аз соҳиби замин, заминистифодабаранда, иҷоракор барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти ҷамъиятии ба миён омада, аз ҷумла ҷуброни зарар ба шахсони зикршуда тибқи қонунгузории амалкунанда фаҳмида мешавад. Дар сурати дар қитъаи замин ҷойгир будани дигар объектҳои ғайриманқул, ки ба соҳиби ҳуқуқи моликият тааллуқ доранд, чунин объектҳо аз соҳибмулк харида мешаванд.

Ба андешаи Н.В. Волович гирифтани қитъаҳои замин ҳамчун асос барои қатъи ҳуқуқ ба қитъаи замин бештар як факти алоҳидаи ҳуқуқӣ ба назар мерасад, аммо дар асл маҷмуи амалҳои пайваста иҷрошавандаи мақомоти ҳокимияти иҷроия, инчунин мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ,

[215] Ниг.: Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: «Графика-83», 2020. – С. 143-144.

шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун анҷом дода шуда, ба қатъи муносибатҳои замин нигаронида шудаанд[216].

Аз нигоҳи Н.В. Макарчук барои қатъ кардани ҳуқуқи моликият чун қоида сохтори мураккаби ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба ғайр аз санади маъмурӣ дар бораи гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ қабули қарори суд ё бастани шартнома дар бораи гирифтан бо молик зарур аст, инчунин дигар амалҳоеро, ки қонун барои иҷрои шарту тартиби маҷбуран бегона кардан муқаррар кардааст[217].

Дар навбати худ Н.П. Кабитов қайд мекунад, ки ҳарчанд хариди қитъаи замин бо қабули санади маъмурӣ (қарори гирифтани қитъаи замин) ё қарори суд сурат мегирад, ҳамзамон ин санадҳои ҳуқуқӣ дар баробари факти ҳуқуқии хариди қитъаи замин вуҷуд доранд ва набояд ба иштибоҳ андохта шаванд[218].

Мо чунин мешуморем, ки мафҳуми гирифтани (харидани) қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятиро метавон дар ҷанбаҳои гуногун баррасӣ кард: 1) ҳамчун факти ҳуқуқии қатъкунандаи ҳуқуқ – гирифтани бевоситаи қитъаи замин; 2) ҳамчун раванд – маҷмуи чорабиниҳои пайгирона, ки ба қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ ба қитъаи замин нигаронида шудаанд.

Ба андешаи мо, харидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро ҳамчун раванд ва созишнома аз гирифтани қитъаи замин, ки дар сурати барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳамчун аҳди дутарафа баста мешавад, фарқ кардан лозим аст.

Муносибатҳои шартномавии вобаста ба хариди қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мумкин аст ба таври гуногун сохта шаванд: агар соҳиби қитъаи замин ба гирифтани он розигӣ диҳад, шартнома аз рӯи намуди хариду фурӯш ё аз рӯи намуди шартномаи иваз кардани қитъаи замин сохта мешавад, агар бо хоҳиши молик ба ӯ қитъаи замини баробарарзиш дода шавад ё арзиши харид ба андозаи баробар пардохт гардад, шартнома дар намуди хариду фурӯш ва ё шартномаи мубодила (шартномаи омехта) баста мешавад.

Бояд қайд кард, ки тибқи қонунгузории феълии Ҷумҳурии Тоҷикистон замин моликияти истисноии давлат аст, аммо қонунгузор механизмиҳои дигари ба муомилоти гражданӣ баровардани онро дар шакли «ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» (моддаҳои $2^2$, $17^1$ КЗ ҶТ) иҷозат медиҳад. Дар ин замина пас аз объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ эътироф намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он, дар соҳаи муносибатҳои гражданӣ ба вуҷуд омадани муомилоти бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, «хариди ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» аз

216 Ниг.: Волович Н.В. Проблемы изъятия земельных участков для государственных нужд // Имущественные отношения в Российской Федерации. – 2008. – № 3 (78). – С. 52.

217 Ниг.: Макарчук Н.В. Административно-правовое регулирование порядка принудительного отчуждения имущества для государственных и муниципальных нужд в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – С. 6.

218 Ниг.: Кабытов Н.П. Выкуп земельного участка как основание прекращения права частной собственности: дис. ... канд. юрид. наук. – Самара, 2004. – С. 66.

шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, инчунин баръакси он дар ҳамон лаҳза амалӣ мегардад, агар муомилоти бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба таври пурра ба вуҷуд ояд.

Дар амалияи татбиқшавандагии меъёри м. 38 КЗ ҶТ, яъне ҳангоми гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ танҳо арзиши он молу мулке пардохт мегардад, ки дар болои замин ҷойгир шудааст. Яъне ба заминистифодабарандагон, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба онҳо тааллуқ дорад, арзиши бозории ин ҳуқуқ пардохт намегардад, ҳол он ки онҳо қаблан ин ҳуқуқро музднок ба даст оварда буданд.

Пас аз ин маълум мегардад, ки пардохти арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба таври муаммо боқӣ мемонад. Албатта ҳолати мазкур аз як қатор омилҳои дигар вобаста буда, яке аз онҳо ин ба таври қаноатмандона татбиқ нагардидани қонунгузорӣ вобаста ба баҳои замин мебошад. Доир ба мушкилоти ҷойдошта дар ин самт мо қаблан ҳам ишора намуда будем[219].

Бо дарназардошти ҳолатҳои дар боло қайдшуда, мувофиқи мақсад шуморида мешавад, ки дар муқаррароти моддаҳои дахлдори КЗ ҶТ ва дигар қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ, муносибат нисбат ба ҳолати пардохти арзиши бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми гирифтани он барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар намуди «хариди ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» низ ба роҳ монда шавад.

Вобаста ба ин пешниҳод карда мешавад, ки минбаъд дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар баробари «гирифтани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» ибораи «хариди ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» низ илова карда шавад. Зеро гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ амали мақомоти давлатӣ буда, ҳамеша ба таври маҷбурӣ амалӣ карда мешавад, ки ба таври созиш гирифтани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро аз заминистифодабарандагон барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ истисно месозад.

Ҳамзамон доир ба ин ҳолат ба як нуқтаи дигар таваҷҷуҳ намудан лозим аст. Тавре ки дар боло қайд намудем, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замин таҳти моликияти истисноии давлат қарор дошта, метавонад онро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ истифода намояд. Аммо дар муқаррароти КЗ ҶТ вобаста ба гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ сухан танҳо дар бораи гирифтани он қитъаҳои замине меравад, ки ҳуқуқи истифодабарии онҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба даст оварда шудааст. Дар баробари ин аз ҷониби заминистифодабаранда қитъаи замин не, балки ҳуқуқи истифодаи он ба даст оварда мешавад.

Аз ин лиҳоз ба мақсад мувофиқ аст, ки мафҳуми гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар КЗ ҶТ бо назардошти ҳолатҳои дар боло таҳлилгардида муқаррар карда шавад. Аз тарафи дигар

[219] Ниг.: Соҳибзода М.М., Тоҷидинов М.А. Реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 3. – С. 107.

дар он ҳолати «харидани» ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин низ ба инобат гирифта шавад.

Паҳлуи дигари мавзуи матраҳшавандаро муайян намудани дурустии мафҳуми «эҳтиёҷоти давлатӣ» ва «эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ» ташкил медиҳад. Дар назарияи ҳуқуқи замин ҷиҳати муайян намудани ҳолати ҳуқуқии зерин миёни муҳаққиқон нуқтаи назари ягона ҷой надорад.

Масалан, Н.П. Кабитов зери мафҳуми «эҳтиёҷоти давлатӣ ва маҳаллӣ» талаботи ташкилоти дахлдори ҳуқуқӣ-оммавиро мефаҳмад, ки ба истифодабарии замин тибқи вазифаҳои қонунан муқарраршудаи онҳо равона шудааст»[220]. Е.С. Клейменова бошад дар зери мафҳуми эҳтиёҷоти давлатӣ ва маҳаллӣ «зарурати воқеан пайдошудаи давлат ё маҳалро ҷиҳати истифодабарии қитъаи замин бо мақсади таъмини манфиату талаботи аҳамияти иҷтимоӣ доштаи ҷомеа, ҷойгиркунонии иншооти дорои аҳамияти давлатӣ ва маҳаллӣ ва ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар намудааст», дар назар дорад[221].

Дар ин росто Е.А. Конюх бошад таҳти мафҳуми эҳтиёҷоти давлатӣ ва маҳаллӣ «талаботи воқеан бамиёномада, қонунан муайяншуда ва аҳамияти ҷамъиятидоштаеро мефаҳмад, ки аз манфиати доираи васеи субъектон вобаста буда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷониби ташкилот қонеъ гардонида мешаванд»[222].

Дар баробари мафҳумҳои овардашуда ҳамчунин нуқтаи назари муқобил низ ҷой дорад. Масалан, ба андешаи О.И. Крассов иборaҳои «эҳтиёҷоти давлатӣ ё маҳаллӣ», ки дар қонунгузорӣ омадааст, ҳадафҳоеро, ки барои он қитъаи заминро гирифтан мумкин аст, ба пуррагӣ инъикос намекунад. Аз ин рӯ, истилоҳи «истифодаи ҷамъиятӣ» ба мақсад мувофиқтар аст[223]. Ин андешаро Н.А. Сиродоев низ ҷонибдорӣ намуда, қайд менамояд, ки мафҳуми «эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ» дурусттар аст, зеро мафҳуми «эҳтиёҷоти давлатӣ ё маҳаллӣ» на ҳамеша бо талаботи воқеии ҷамъият мувофиқат менамояд[224].

Ҳамин тавр, агар ба таҷрибаи қонунгузории миллӣ назар афканем, мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳам мафҳуми «эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ» ва ҳам мафҳуми «эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ» истифода гардидааст. Масалан, м. 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки «молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши

---

[220] Ниг.: Кабытов Н.П. Выкуп земельного участка как основание прекращения права частной собственности: дис. ... канд. юрид. наук. – Самара, 2004. – С. 136.

[221] Ниг.: Клейменова Е.С. Правовое регулирование изъятия (выкупа) земельного участка для государственных и муниципальных нужд: дис. … канд. юрид. наук. – Орёл, 2008. – С. 81.

[222] Ниг.: Конюх Е.А. Обеспечение жилищных и земельных прав собственника жилого помещения при изъятии земельного участка для государственных или муниципальных нужд // Журнал российского права. – 2006. – № 1. – С. 26.

[223] Ниг.: Крассов О.И. Право частной собственности на землю. – М., 2000. – С. 349.

[224] Ниг.: Сыродоев Н.А. Возникновение прав на землю // Государство и право. – 2004. – № 10. – С. 69.

пуррааш давлат гирифта метавонад»[225]. Дар муқаррароти КЗ ҶТ бошад пурра мафҳуми «эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» истифода мегардад.

Ҳарчанд ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «эҳтиёҷоти ҷамъият» дарҷ гардида бошад ҳам, ба андешаи мо мафҳуми «эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» мафҳуми васеъ ва мувофиқ ба мақсад буда, дар ҳамин шакл истифода гардидани он дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мушкилотеро ба бор намеорад.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми «эҳтиёҷоти давлатӣ» аз мафҳуми «эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ» ба куллӣ миёни ҳам тафовут доранд. Чунки «эҳтиёҷоти давлатӣ» ин зарурати воқеан бамиёномадаи давлат ҷиҳати истифодаи қитъаи замин бо мақсади ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ва ҷойгиркунонии иншооти дорои аҳамияти давлатӣ мебошад. Масалан, гирифтани қитъаи замин барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё ҷойгиркунонии иншоотҳои мудофиаи мамлакат ва амнияти миллӣ сирф «эҳтиёҷоти давлатӣ»-ро дар худ инъикос менамояд.

Гирифтани қитъаи замин бо мақсадҳои таъсиси маҳалҳои нави аҳолинишин, васеъ кардани ҳудуди шаҳрҳо, сохтани роҳҳои мошингард, нақбҳо, пулҳо, мактаб, қитобхона, беморхона, қабристон ва ҳолатҳои дигар бошад маҳз ба «эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ» нигаронида шудааст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили мавзуи мазкур хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ амалиёти пайиҳам иҷрошавандае мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия ва маҳаллӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ роҳандозӣ мегардад ва ба қатъ гардидани қисман ё пурраи ҳуқуқи субъективӣ ба қитъаи замини мушаххас равона шудааст.

2. Бо дарназардошти муомилотии бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва предмети шартномаҳои граждани-ҳуқуқӣ гардидани он, масъалаи дар як навбат бо роҳи бастани шартномаи хариду фурӯш ҳангоми гирифтани қитъаи замин аз заминистифодабарандагон ва пардохти арзиши пурраи ин ҳуқуқ дар қонунгузории гражданӣ ва замин ба инобат гирифта шавад. Зеро механизми дар шароити феълӣ ҷойдошта дар КЗ ҶТ гирифтани маҷбурии ҳуқуқии истифодаи қитъаи заминро пешбинӣ менамояд, ки он бо роҳи маҷбурӣ ва яктарафа ҷараён гирифта бо роҳи созиш бегона кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро дар ин маврид истисно менамояд.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки агар гирифтани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз худи заминистифодабарандаи якумдараҷа, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро бо ҳуқуқи бегона намудани он ба даст овардааст, анҷом дода шавад, пас дар ин маврид он бояд тибқи шартномаи хариду фурӯши ин ҳуқуқ сурат гирад. Зеро заминистифодабаранда дар як маврид тавонад ҳуқуқи бадастовардаи худро нисбат ба қитъаи замин тибқи иродаи худ бо созиши

---

[225] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – С. 64.

мувофиқ бегона намояд. Ҳамзамон ҳолати мазкур дар қонунгузорӣ бо истилоҳи «хариди ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» ифода карда шавад.

Мафҳуми «гирифтани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» мутаносибан ҳангоми аз заминистифодабарандагони дуюмдараҷа гирифтани қитъаи замин ва дар нисбати онҳо қатъ гардидани ин ҳуқуқ фаҳмида шавад. Бо ин тарзи ифодаи маъноӣ ду ҳолати ҳуқуқӣ «харидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» ва «гирифтани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» фаҳмиши ҳуқуқии хешро пайдо менамоянд.

4. Ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки дар муқаррароти меъёрии моддаҳои КЗ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, минбаъд ибораи зерин «гирифтан (харидан)-и ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» истифода бурда шавад. Зеро истифодаи ифодаи меъёрии мазкур ишора ба он менамояд, ки аз заминистифодабарандагон ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин гирифта ва ё харида мешавад, дар навбати дигар ҳуқуқи онҳо ба истифодаи қитъаи замине, ки моликияти истисноии давлат аст, қатъ гардонида мешавад.

5. Дар раванди амалинамоии ҳолати мазкур истифода аз истилоҳи «эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» ба андешаи мо дуруст аст. Зеро ҳар ду мафҳуми алоҳида буда, маънои алоҳидаро доро мебошанд. «Эҳтиёҷоти давлатӣ» ин ҳамон талаботи қонунан ба вуҷуд омадае мебошад, ки маҳз гирифтани қитъаи заминро аз шаҳрвандон барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти давлат таъмин менамояд. Дар ин маврид гирифтани қитъаи замин маҳз бо мақсади таъмини манфиату амнияти давлат нигаронида шудааст.

Дар баробари ин «эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ» бошад ин эҳтиёҷоте мебошад, ки мақсади гирифтани қитъаи заминро барои қонеъ гардонидани талаботу манфиати аҳамияти иҷтимоӣ доштаи ҳаёти ҷомеа таъмин месозад. Яъне дар натиҷаи он мушкилоти ба вуҷуд омадаи ҳаёти ҷамъиятӣ бартараф гардида, эҳтиёҷоти ҳар як узви ҷомеа ба бинову иншоот ё объекти дигари лозима қонеъ гардонида мешавад.

**Адабиёт:**

1. Аксюк И.В. Изъятие недвижимости как основание принудительного прекращения права собственности [Текст] И.В. Аксюк // Право и экономика. – 2006. – № 7. – С. 38-44.

2. Анисимов А.П. Правовые проблемы изъятия земельных участков для государственных или муниципальных нужд [Текст] / А.П. Анисимов // Новая правовая мысль. – 2003. – № 2(3). – С. 15-19.

3. Волович Н.В. Проблемы изъятия земельных участков для государственных нужд [Текст] / Н.В. Волович // Имущественные отношения в Российской Федерации. – 2008. – № 3(78). – С. 51-66.

4. Горохов Д.Б. Правовое регулирование сделок с земельными участками [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.06 / Горохов Дмитрий Борисович. – М., 1998. – 32 с.

5. Гринь Е.А. Принудительное прекращение прав на земельные участки: теория и практика правового регулирования [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Гринь Елена Анатольевна. – Краснодар, 2012. – 203 с.

6. Евсегнеев В.А. Собственность на землю в фокусе интересов [Текст] / В.А. Евсегнеев // Журнал российского нрава. – 2004. – № 8. – С. 69-79.

7. Исмоилов Ш.М., Арапова Ч.Б., Тоҷибоев Ш.А., Сидиқова Н. Ҳуқуқи замини Тоҷикистон: воситаи таълимӣ [Матн] / Ш.М. Исмоилов, Ч.Б. Арапова, Ш.А. Тоҷибоев, Н. Сидиқова. – Душанбе: «Полиграфгруп», 2016. – 320 с.

8. Кабытов Н.П. Выкуп земельного участка как основание прекращения права частной собственности [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Кабытов Николай Петрович. – Самара, 2004. – 214 с.

9. Кичко А.И. Принудительное прекращение права собственности на земельные участки [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Кичко Александр Иванович. – Краснодар, 2011. – 168 с.

10. Клейменова Е.С. Правовое регулирование изъятия (выкупа) земельного участка для государственных и муниципальных нужд [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.06 / Клейменова Екатерина Сергеевна. – Орёл, 2008. – 197 с.

11. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Часть первая (постатейный) [Текст] / А.К. Губаева [и др.]; под ред. Н.Д. Егорова, А.П. Сергеева. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2006. – 891 с.

12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 64 с.

13. Конюх Е.А. Обеспечение жилищных и земельных прав собственника жилого помещения при изъятии земельного участка для государственных или муниципальных нужд [Текст] / Е.А. Конюх // Журнал российского права. – 2006. – № 1. – С. 26-35.

14. Крассов О.И. Право частной собственности на землю [Текст] / О.И. Крассов. – М., 2000. – 379 с.

15. Макарчук Н.В. Административно-правовое регулирование порядка принудительного отчуждения имущества для государственных и муниципальных нужд в Российской Федерации [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Макарчук Наталья Владимировна. – Москва, 2007. – 18 с.

16. Соҳибзода М.М., Тоҷидинов М.А. Реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин [Матн] / М.М. Соҳибзода, М.А. Тоҷидинов // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 3(43). – С. 103-111.

17. Соҳибов М.М. Баъзе аз проблемаҳои танзими ҳуқуқии асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин тибқи қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.М. Соҳибов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2017. – №3(07). – С. 146-159.

18. Соҳибов М.М., Ғафуров А.Д. Ҳуқуқи замин: воситаи таълимӣ [Матн] / М.М. Соҳибов, А.Д. Ғафуров– Душанбе: «Ирфон», 2014. – 142 с.

19. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.М. Соҳибов. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 396 с.

20. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография: нашри аввал / Зери таҳрири Ғаюров Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: «Графика-83», 2020. – 288 с.

21. Сыродоев Н.А. Возникновение прав на землю [Текст] / Н.А. Сыродоев // Государство и право. – 2004. – № 10. – С. 69-75.

22. Таскин Н.И. Принудительное прекращение права собственности на земельный участок [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Таскин Николай Иосифович. – Рязань, 2003. – 173 с.

# НАҚШИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛУ МУЛКӢ ВА ТАКМИЛИ МЕЪЁРҲОИ ОН ЧУН ТАҚОЗОИ ЗАМОН

**Бобохонов Ҳамза Зиёратшоевич**,
н.и.ҳ., муаллими калони кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел: (+992) 555538566
E-mail: h.bobokhonov@mail.ru

**Муқарриз:** Сулаймонов Ф.С., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур баъзе аз масъалаҳои такмили меъёрҳои ҳуқуқии Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст (минбаъд – КГ ҶТ), ҳамчунин масъалаи мавқеи КГ ҶТ миёни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии муомилоти молу мулкӣ мебошанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Воқеан, КГ ҶТ миёни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки танзимкунандаи муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ мебошанд, ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Дар он асосҳои оғоз ва сохтори муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ инъикос гардидаанд. Дар мақола масъалаи нақши ҳиссаи олимон оид ба такмили кодексҳои гражданӣ дар давраҳои гуногуни таърихи инсоният, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар солҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ ва такмили қонунгузории гражданӣ нақши муассир доранд. Ба ақидаи муаллиф ба ин дастовардҳо набояд маҳдуд шуд, чунки бо инкишофи ҷомеа масъалаҳои нав дар танзими ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, ки таҳлили ҳамаҷонибаро тақозо мекунанд. Муаллифи мақола диққати махсус на ба ин ё он масъалаи консептуалӣ, балки ба баъзе холигиҳо, мухолифатҳо байни меъёрҳои КГ ҶТ, инчунин масъалаи сохтори алоқаҳои ҳуқуқӣ дар қисми дуюми КГ ҶТ, ки дар шароитҳои муосири пеш бурдани иқтисоди кишвар мавқеи худро аз даст додаанд, дода шудааст. Муаллифи мақола чунин меҳисобад, ки дар матни КГ ҶТ муродифи истилоҳҳо, ки ба қоидаҳои техникаи қонунэҷодкунӣ мухолифат мекунанд дида мешаванд, ҳамчунин қоидаи умумӣ аст, ки дар меъёрҳои ҳуқуқ набояд муродифи истилоҳҳо ва ибораҳо истифода шаванд, инчунин як истилоҳ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо як маъно истифода гардад ва мазмуни ягона дошта бошад.

**Калидвожаҳо:** Кодекси гражданӣ, қонунгузории гражданӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои молу мулкӣ, молу мулк, ашё, фармоиши давлатӣ, эҳтиёҷоти давлатӣ, шартнома, сохтори алоқаҳои ҳуқуқӣ, иқтисоди нақшавӣ, иқтисоди бозоргонӣ.

# РОЛЬ ГРАЖДАНСКОГО КОДЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В РЕГУЛИРОВАНИЕ ИМУЩЕСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЕГО НОРМЫ КАК ТРЕБОВАНИЕ ВРЕМЕНИ

**Бобохонов Хамза Зиёратшоевич**,
к.ю.н., старший преподаватель кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета
Тел: (+992) 555538566
E-mail: h.bobokhonov@mail.ru

**Рецензент:** Сулаймонов Ф.С., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются некоторые вопросы по совершенствованию правовых норм Гражданского кодекса Республики Таджикистан (дадее – ГК РТ), также анализируется вопрос о месте и значение ГК РТ среди нормативно-правовых актов регулирующие правовые отношения имущественного оборота. Действительно, ГК РТ занимает заметное место среди всех иных нормативно-правовых актов регулирующие гражданско-правовые отношения. В нем содержится основные начала и структура гражданско-правовых отношений. В статье анализируется вопрос о важности доли вклада ученных по совершенствованию гражданских кодексов в разных этапах истории человечества. В годы независимости Таджикистана научные работы отечественных исследователей считаются весомым по развитию науки гражданского права и гражданского законодательства. По мнению автора не следует на этом останавливаться, так как связи с развитием общества возникает новые вызовы в правовом регулировании, требуюшего всестороннего рассмотрения. Автором статьи особое внимание уделяется не каким-то концептуальными вопросами, а некоторыми упущениями, противоречием между нормами ГК РТ, а также рассматривается вопрос о некоторых структурах договорных связей во второй части ГК РТ, которые уже утрачивали свое значение в современных условиях ведения экономике нашей страны. Автор статьи считает, что в тексте ГК РТ встречается синонимы терминов, которые противоречить правилами законодательной техники и к тому же общеизвестно, что в нормах закона не должно использоваться синонимы терминов и словосочетание, также один и тот же термин в нормативном правовом акте должен употребляться в одном значении и иметь единое содержание.

**Ключевые слова:** Гражданский кодекс, гражданское законодательство, правовые нормы, имущественные отношения, имущество, объекты, государственный заказ, государственные нужды,

договор, структура договорных связей, плановая экономика, рыночная экономика.

## THE ROLE OF THE CIVIL CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE REGULATION OF PROPERTY RELATIONS AND IMPROVEMENT OF ITS NORMS AS A REQUIREMENT OF TIME

**Bobokhonov Hamza Ziyoratshoevich**,
candidate of sciences, senior lecturer of the Civil law department of the Faculty of law, Tajik National University
**Pone.:** (+992) 555538566
**E-mail:** h.bobokhonov@mail.ru

**Research supervisor:** Sulaimonov F.S., candidate of legal sciences, docent

**Annotation:** This article considers some issues on improvement of legal norms of the Civil Code of the Republic of Tajikistan (hereinafter – the CC of the RT), also analyzes the place and importance of the CC of the RT among legal acts regulating legal relations of property turnover. In fact, the Civil Code of the RT takes a significant place among all other normative legal acts regulating civil legal relations. It contains the basic principles and structure of civil law relations. The article analyzes the issue of the importance of the share of scientists' contribution to the improvement of civil codes at different stages of human history. During the years of independence of Tajikistan scientific works of national researchers are considered weighty on the development of the science of civil law and civil legislation. In the opinion of the author, we should not stop there, as in connection with the development of society there are new challenges in the legal regulation, which requires a comprehensive consideration. The author of the article pays special attention not to some conceptual issues but to some omissions, contradictions between the norms of the Civil Code, as well as considers some structures of contractual relations in the second part of the Civil Code, which have already lost their importance in the current economic conditions of our country. The author of the article believes that the text of the Civil Code of the RT contains synonyms of terms that contradict the rules of legislative technique and besides it is well known that the norms of the law should not use synonyms of terms and phrases, also one and the same term in a normative legal act must be used in one meaning and have the same content.

**Keywords:** Civil code, civil legislation, legal norms, property relations, property, objects, state order, state needs, contract, structure of contractual relations, planned economy, market economy.

Дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки танзимкунандаи муносибатҳои граждании-ҳуқуқӣ мебошанд, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КГ ҶТ) ҷойи махсусро ишғол мекунад. Қобили

зикр аст, ки дилхоҳ кодексҳои гражданӣ, аз ҷумла КГ ҶТ дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд наомада, заминаҳои ташаккул ва бавуҷудоии онҳо бо таърихи инкишофи инсоният алоқаманд аст. Шаклгирӣ ва дар сатҳи санади қонунгузорӣ муқаррар шудани дилхоҳ падидае, ки дар КГ ҶТ ҷой дорад ба таври стихиявӣ (худ ба худ ё ба тариқи абстрактӣ) ба вуҷуд наомадааст. Зарурат ба коркард ва шаклгирии онҳо аз амалияи муносибатҳои молу мулкӣ сарчашма гирифта, дар илми ҳуқуқ мавриди таҳлилҳои зиёди илмӣ қарор гирифта, натиҷаи он дар қонунгузорӣ мустаҳкам мегарданд. Мақсад аз суханони зикргардида дар он аст, ки барои дар як санади мутамарказонидашуда, бонизом ва мантиқан дуруст ба вуҷуд омадани кодексҳои гражданӣ натиҷаи заҳмату талошҳои беназири олимони соҳа дар тӯли таърих ва то ба замони муосир хеле зиёд мебошад. Натиҷаҳои илмии бадастомада яке дигареро пурра ва такмил дода, канда нашудани чунин занҷираи илмӣ миёни олимон ва ба мерос мондани ин ё он дастоварди илмӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

Дар замони истиқлолияти давлатӣ баҳри рушди илми ҳуқуқи гражданӣ, такмили қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби олимони ватанӣ як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба анҷом расонида шудааст, ки боиси ифтихор аст[226]. Новобаста ба дастовардҳои аллакай ҷойдошта қонунгузории гражданӣ, хусусан кодексҳои гражданӣ пайваста мавриди такмил қарор дода мешаванд, чунки чунин такмилдиҳӣ тақозои амалияи муносибатҳои молу мулкӣ мебошад. Бо баробари инкишофи инсоният ва дастовардҳои замон қонунгузории гражданӣ низ пайваста мавриди такмил қарор дода мешаванд. КГ ҶТ низ дар ин раванд истисно намешавад, ки шаҳодати гуфтаҳои мазкур ин таъсис ва фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба такмил додани КГ ҶТ, қабули Консепсияи рушди қонунгузории граждании ҶТ аз 30 апрели соли 2014, №4, шуда метавонанд.

Дар мақолаи мазкур кӯшиш карда мешавад баҳри такмили баъзе аз муқарраротҳои КГ ҶТ фикру ақидаҳо пешниҳод карда шаванд. Ҳарчанд

---

[226] Мисоли корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ дар замони истиқлолияти давлатӣ китобҳои дарсӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ шуда метавонанд, ки онҳо саҳми худро дар рушди илми ҳуқуқи гражданӣ гузоштаанд, аз ҷумла: Ҳуқуқи гражданӣ. Китоби дарсӣ. Қисми якум // Зери таҳрири профессор О.У. Усмонов. – Душанбе: Эр-граф, 2001. – 400 с.; Ҳуқуқи гражданӣ. Китоби дарсӣ. Қисми якум. Зери таҳрири профессор М.А. Маҳмудов – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 432 с.; Ҳуқуқи гражданӣ. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм. Зери таҳрири профессор М.А. Маҳмудов. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 508 с.; Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 1000 с.; Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми сеюм / Зери таҳрири профессор Раҳимов М.З. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 303 с.; Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум / Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. ва дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 320 с.; Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми якум. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 488 с.; Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми сеюм. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири профессор Ш.Т. Тағойназаров – Душанбе: Mega-Print, 2014. – 351 с.; Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм. Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. ва дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе.: ЭР-граф, 2014. – 424 с.; Гражданское право Республики Таджикистан. Учебное пособие. Под ред. дотсента Сулаймонова Ф.С. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 356 с.; Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум (нашри дуюм). Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. ва дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Истеъдод, 2022. - 448 с. ва дигар монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ.

таҳлили масъалаҳои баррасишаванда дар мақолаи мазкур хусусияти консептуалӣ надошта бошанд ҳам, аммо метавонанд ба баъзе аз холигӣ, мухолифат ва ё ба сифати забони матни КГ ҶТ таъсири мусбат гузоранд.

Аз лиҳози техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва умуман қоидаи эътирофшуда дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи муродифи истилоҳҳо қобили қабул нест. Боби 5 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" пурра ба масълаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бахшида шудааст. Дар сархати 2, моддаи 51 қонуни зикргардида пешбинӣ гардидааст, ки дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи мафҳумҳои (истилоҳоти) гуногуни ҳаммаъно бамаврид нест. Қоидаи зикргардида дар баъзе меъёрҳои КГ ҶТ ба пуррагӣ риоя нашудааст. Масалан, дар меъёрҳои КГ ҶТ истилоҳи "molу мулк" ва "амвол" истифода гардидааст. Қобили зикр аст, ки истилоҳи "молу мулк", "амвол" муродифи якдигар буда, аз лиҳози мазмун ягон фарқият надоранд. Агар мо фарқияти молу мулк ва ё амволро бо ашё ошкор созем, пас онҳо аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ доранд ва истифодаи ҷудогонаи онҳо дар қонунгузорӣ дуруст аст, чунки онҳо муродифи якдигар нестанд. Бо мақсади такмил додани ҷанбаҳои забонии сифати матни КГ ҶТ хуб мешуд, агар яке аз ин истилоҳҳо – "молу мулк" ва ё "амвол" дар меъёрҳои КГ ҶТ мавриди истифода қарор мегирифт.

Дар давоми суханони зикргардида дар меъёрҳои КГ ҶТ ҳолати монандро метавон нисбат ба истилоҳи "ашё", "чизу чора", "мол" ва "чиз" мушоҳида кард. Дар қисми 2, моддаи 140 КГ ҶТ истилоҳи "чизу чора" муродифи истилоҳи "ашё" оварда шудааст, аммо чӣ хеле, ки аллакай қайд гардид дар меъёрҳои қонунгузорӣ истифода кардани муродифи истилоҳҳо аз лиҳози қоидаҳои техникаи қонунэҷодкунӣ қобили қабул нест. Дар сархати якуми моддаи 147 КГ ҶТ, моддаи 245, қисми 4, моддаи 292 истилоҳи "чиз" муродифи истилоҳи "ашё" истифода шудааст. Ба ҳамин монанд дар номи моддаи 245 КГ ҶТ, ки дар он истилоҳи "мол" муродифи истилоҳи "ашё" мавриди истифода қарор дода шудааст. Қобили зикр аст, ки истифодаи истилоҳи "чизу чора", "мол" ва "чиз" ба ҷойи истилоҳи "ашё" шояд ба назари аввал чизи муқаррарӣ бошад, аммо дар асл чунин нест, чунки такрори чунин ҳолатҳо ба коста шудани сифати забони қонун оварда мерасонад. Аз дигар ҷониб, нисбат ба "ашё" бояд истилоҳи мувофиқ, аз ҷумла "ҳуқуқҳои ашёгӣ" истифода гардад.

Дар илми ҳуқуқи гражданӣ исбот шудааст, ки нисбат ба ҳар як объекти ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи субъективии мушаххас ҷой дорад. Бо мақсади танзими дахлдори муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини ҳуқуқи субъект нисбат ба объектҳои ҳифзшаванда, қонунгузор реҷаҳои муайяни ҳуқуқиро тавассути пешниҳоди ҳуқуқҳои субъективӣ муқаррар мекунад. Масалан, нисбат ба ҳуқуқи субъект ба ашё қонунгузор ҳуқуқи субъективии ашёӣ, нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва монанди инро муқаррар кардааст. Ҳеҷ имкон надорад, ки ҳангоми поймол шудани ҳуқуқ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ аз ҳуқуқҳои субъективии ашёӣ

ва ё баръакс истифода кард. Бо ибораи дигар, нисбат ба ҳар объекти ҳуқуқи гражданӣ реҷаҳои ҳуқуқии муайян муқаррар карда шудааст. Чунин қоидаро мо нисбат ба истилоҳҳои “чизу чора”, “мол” ва “чиз” мушоҳида карда наметавонем. Мувофиқан, дар моддаҳои зикргардида КГ ҶТ ба ҷойи истилоҳҳои “чизу чора”, “мол” ва “чиз” истифода шудани истилоҳи ягона “ашё” қобили қабул мебошад. Қоидаи мазкур бояд натанҳо нисбат ба истилоҳҳои ифодакунандаи объектҳо, балки нисбат ба номи ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ низ риоя гардад. Масалан, дар моддаҳои фасли II КГ ҶТ ба ҷойи истилоҳи “дигар ҳуқуқҳои ашёӣ” истифода шудани “дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ” ва ғайра.

Мутобиқи моддаи 483 КГ ҶТ яке аз асосҳои тағйир додан ва бекор кардани шартнома ин ҳангоми ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат ба ҳисоб меравад. Тибқи муқаррароти моддаи зикргардида ҳангоми ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат шартномаи басташуда бо талаби яке аз тарафҳо метавонад аз ҷониби суд тағйир ва ё бекор карда шавад. Тибқи ном ва муқаррароти моддаи зикргардида бояд ду ҳолат ҷой дошта бошад, аз ҷумла тағйир додани шартнома ва бекор кардани он, аммо таҳлили пурраи мазмуни моддаи зикргардида нишон медиҳад, ки дар он тағйир додани шартнома мадди назар шудааст. Сабаби чунин холигӣ дар он аст, ки то дараҷаи муайян мухолифат байни қисми 2 ва қисми 4, моддаи 483 КГ ҶТ ва дар ҷумлабандии номукаммали қисмҳои зикргардида, дида мешавад. Масалан, дар қисми 2 моддаи зикргардида муқаррар гардидааст, ки “Агар тарафҳо дар мавриди ба ҳолати ба таври назаррас тағйирёфта мутобиқ гардонидани шартнома ё бекор кардани он ба мувофиқа нарасида бошанд, вайро суд бо асосҳои пешбининамудаи қисми 4 ҳамин модда бекор карда, тибқи талаби тарафи манфиатдор ҳамзамон бо шартҳои зайл тағйир дода метавонад”.

Тибқи муқаррароти қисми зикргардида суд бо асосҳои пешбининамудаи қисми 4 моддаи баррасишаванда шартномаро метавонад бекор кунад, аммо мазмуни воқеии қисми 4, моддаи 483 КГ ҶТ ба масъалаи тағйир додани шартнома меравад, на бекор кардани он. Бо мақсади бартараф кардани мухолифати зикргардида дуруст мебуд, агар қисми 2, моддаи 483 КГ ҶТ дар таҳрири зерин ифода мешуд: “Агар тарафҳо дар мавриди ба ҳолати ба таври назаррас тағйирёфта мутобиқ гардонидани шартнома ё бекор кардани он ба мувофиқа нарасида бошанд, вайро суд бекор ва бо асосҳои пешбининамудаи қисми 4 ҳамин модда, тибқи талаби тарафи манфиатдор ҳамзамон бо шартҳои зайл тағйир дода метавонад”.

Барои пурра бартараф кардани мухолифатҳои ҷойдошта таҳрири танҳо қисми 2 моддаи баррасишаванда нокифоя мебошад, чунки он ба қисми 4 ҳамин модда ҳавола мекунад. Аллакай қайд гардид, ки дар моддаи баррасишаванда танзими ҳуқуқии тағйир додани шартнома ҳангоми ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат мадди назар шудааст. Барои бартараф кардани чунин мухолифат ва ошкор кардани мазмуни воқеии моддаи 483

КГ ҶТ дуруст мешуд, агар қисми 4 моддаи мазкур дар чунин таҳрир ифода карда мешуд: “Тағйир додани шартнома бо сабаби ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат танҳо бо қарори суд дар ҳолатҳои мустасно, ҳангоме, ки бекор кардани шартнома ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф аст ё ба тарафҳо зиёне ворид мекунад, ки аз хароҷоти аз ҷониби суд тағйир додани шартҳо барои иҷрои шартнома зарурӣ хеле зиёд аст, иҷозат дода мешавад”.

Дар қисми дуюми КГ ҶТ, ки бевосита ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои уҳдадорӣ, хусусан ба муносибатҳои шартномавӣ бахшида шудааст дар муқарраротҳои онҳо низ баъзе истилоҳ ва ибораҳо ба таври баҳснок дарҷ гардидаанд. Дар зербоби 4, боби 29[227] КГ ҶТ, ки ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ бахшида шудааст, ибораи “фармоиши давлатӣ” ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар нуҳ ҷойи матни русии зербоби зикргардида, аз ҷумла моддаҳои 563, 565, 566 ва 567 КГ ҶТ на “фармоиши давлатӣ”, балки “қарордори давлатӣ” дарҷ гардидааст, ки пурра мухолифи якдигар мебошанд. Қарордоди давлатӣ ва фармоиши давлатӣ аз лиҳози мазмун ва мавриди истифодабарӣ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ дошта, набояд муродифи якдигар эътироф карда шаванд. Ҳолати мазкур айнан дар зербоби 5, боби 36 КГ ҶТ, ки ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба корҳои пудратӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ бахшида шудааст, такрор мешавад. Дар матни русии моддаи 780, 783, 784 боби зикргардидаи КГ ҶТ “қарордори давлатӣ” ва матни тоҷикии он бошад “фармоиши давлатӣ” муқаррар гардидааст. Ҳамчунин дар матни русии моддаи 780 КГ ҶТ ибораи “субъекти ҶТ – субъект РТ” ва дар матни тоҷикии он бошад “воҳидҳои марзию маъмурии ҶТ” истифода гардидааст. Бартараф кардани ҳолатҳои зикргардида метавонад ба мухолифати меъёрҳои ҳуқуқӣ, холигӣ ва сифати забони қонун таъсири мусбат гузорад.

**Адабиёт:**

1. Гражданское право Республики Таджикистан. Учебное пособие / Под ред. дотсента Сулаймонова Ф.С. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 356 с.
2. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи граждании. Қисми якум. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 488 с.

[227] Айни замон механизми хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти давлатӣ, ки дар моддаҳои зербоби 4, боби 29 ва зербоби 5, боби 36 КГ ҶТ муқаррар гардидааст, дар танзими ҳуқуқии амалияи муносибатҳои зикргардида мавриди истифода қарор надорад. Дар танзими ҳуқуқии амалияи муносибатҳо оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ муқарраротҳои зербоби 3, боби 29 ва зербоби 3, боби 36 КГ ҶТ бо баинобат гирифтани муқарротҳои Қонуни ҶТ “Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ” истифода мегардад. Ба андешаи мо, аз матни КГ ҶТ хориҷ кардани зербоби 4, боби 29 ва зербоби 5, боби 36 КГ ҶТ ба манфиати кор хоҳад буд, чунки амалӣ кардани хариди мол, кор тавассути “Фармоиши давлатӣ” хос ба солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ки ҳоло пурра аз элементҳои иқтисоди нақшавӣ канда нашуда буд, ба ҳисоб меравад. Дар айни замон субъекти асосии тамоми шартномаҳои давлатӣ сектори хусусӣ ба ҳисоб меравад. Новобаста аз ҳолати зикргардида, мухолифат дар моддаҳои матни тоҷикӣ ва русии бобҳои ишорашудаи КГ ҶТ набояд ҷой дошта бошад.

3. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 1000 с.

4. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми сеюм, / Зери таҳрири профессор Раҳимов М.З. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 303 с.

5. Ҳуқуқи гражданӣ. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм, / Зери таҳрири профессор М.А. Маҳмудов – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 508 с.

6. Ҳуқуқи гражданӣ. Китоби дарсӣ. Қисми якум, / Зери таҳрири профессор О.У. Усмонов. – Душанбе: Эр-граф, 2001. – 400 с.;

7. Ҳуқуқи гражданӣ. Китоби дарсӣ. Қисми якум, / Зери таҳрири профессор М.А. Маҳмудов. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 432 с.

8. Ҳуқуқи гражданӣ. Китоби дарсӣ. Қисми сеюм, / Зери таҳрири профессор Ш.Т. Тағойназаров. – Душанбе: Mega-Print, 2014. – 351 с.

9. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм, / Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. ва дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 424 с.

10. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум (нашри дуюм), / Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. ва дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 448 с.

11. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум, / Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. ва дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 320 с.

# К ВОПРОСУ О ПРИМЕНЕНИИ КАТЕГОРИЯ ОГОВОРКА О ПУБЛИЧНОМ ПОРЯДКЕ В ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЯХ С ИНОСТРАННЫМ УЧАСТИЕМ

**Кодиркулов Хуршед Рахмонович,**
доцент кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 917-16-40-92
**E-mail:** khurshed.inis@gmail.com

**Саломов Исроил Исматуллоевич,**
доцент кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 903-10-18-18
**E-mail:** khurshed.inis@gmail.com

**Рецензент:** Раджабов М.Н., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Данная статья посвящена теоретическим проблемам одним из категорий международного частного права оговорка о публичном порядке. Как известно, коллизионная норма сформулировано таким образом, что, по существу, оно может порождать и выбрать правопорядок любого государства, и исходя из этого невозможно предусмотреть все последствия такого выбора. Поэтому основным назначением оговорка о публичном порядке является ограничение либо исключение применение норм иностранного права, несовместимого с основами публичного порядка. Это говорит о том, что оно использование в качестве защитного механизма от негативных последствий применения иностранного права.

В статье приводится различные точки зрения ученных относительно сущности оговорки о публичном порядке. Отмечается, что в Республике Таджикистан отсутствует специальный закон о международном частном праве и поэтому законодательство РТ воспринимает практику включения норм, регулирующих отношения частноправового характера с иностранным элементом, в отраслевые кодификационные акты (Гражданский кодекс, Семейный кодекс и т.д.). Однако в отличие от перечисленных категория «публичный порядок» не содержится в Трудовом кодексе РТ. Это связано с тем, что трудовое законодательство Республики Таджикистан не содержит коллизионной нормы, формулирующей принцип выбора права к регулированию трудовых отношений, осложненных иностранным элементом.

При этом важно отметить, что ст. 4 ТК РТ предусматривает принципы, защищенным публичном порядком, к числу которых относится недопустимость ограничения прав человека и гражданина в трудовых

отношениях, запрещение дискриминации и т.д., которое направлены на защиты прав и свобод сторон трудовых отношений.

В связи с эти авторы считают, что оговорка о публичном порядке с сфере трансграничных трудовых отношений должно рассматриваться в узком и широком значении.

Отношения по недропользованию регулируются в соотвествии с нормами различных отраслей права, таких как конституционное, административное, экологическое, земельное, финансовое, гражданское, что этот вопрос неоднократно упоминался в литературе. Однако следует учитывать, что именно договорное регулирование вопроса может привести к эффективному использованию природных ресурсов, привлечению инвеститции и реализации других поставленных целей. Поэтому научное исследование данного вопроса в рамках гражданского права с теоретической и практической точки зрения может сыграть важную роль в развитии правовой и экономической системы страны.

**Ключевые слова:** Недра, гражданское право, юридическая наука, полезные ископаемые, окружающая среда, лицензия, договор, инвестор, право собственности, поиск, разведка, исследование, право собственности, инные вещные права.

## THE CONCEPT AND FEATURES OF SUBSOIL USE IN CIVIL LEGAL REGULATION

**Buriev Akmal Rajabalievich,**
assistant of the Department of Transport Law and the Right to Use Natural Resources of the Faculty of Law of the Tajik National University.
**Phone.:** (+992) 907523333
**E-mail:** akmal.asadullozoda@mail.ru

**Scientific adviser:** Kurbonov K.B., candidate of law, Associate Professor
**Reviewer:** Mirzozoda P.Z., candidate of law, Associate Professor

**Annotation:** The article is devoted to one of the important issues of the science of civil law. In the Republic of Tajikistan, according to the Constitution, subsoil is the exclusive property of the state. This legal nature is controversial, and its civil law aspect is sometimes denied. This situation affects the legal status of subsoil in civil law, causing ambiguities and disputes at the legislative level, which has become an obstacle to the development of legislation in this area and practice. Therefore, one of the important and urgent unresolved issues related to the use of subsoil in civil law is the definition of the legal nature of ownership of subsoil and the possibility of applying the construction of the institution of property rights to it. Its definition and solution is of great theoretical and practical importance and is considered a decisive factor in the further development of legislation in the field of subsoil use.

At present, in connection with the democratization of public relations, including legal ones, the scope of application of civil law methods for regulating subsoil use relations has expanded, the range of civil law norms in this area has significantly increased, which mainly regulate contractual relations in the field of subsoil use.

Relations on subsoil use are regulated in accordance with the norms of various branches of law, such as constitutional, administrative, environmental, land, financial, civil, that this issue has been repeatedly mentioned in the literature. However, it should be borne in mind that it is the contractual regulation of the issue that can lead to the efficient use of natural resources, attracting investment and the implementation of other goals. Therefore, the scientific study of this issue within the framework of civil law, from a theoretical and practical point of view, can play an important role in the development of the legal and economic system of the country.

**Key words:** Subsoil, civil law, legal science, minerals, environment, license, contract, investor, ownership, search, exploration, research, ownership, other property rights.

Таҳқиқи мафҳуми «сарватҳои зеризаминӣ» вазифаи бисёр мураккаб ва муҳимро дар бар мегирад, ки бо ҳолатҳои зерин маънидод карда мешавад:

Якум, ин имконият медиҳад, ки доираи муносибаҳое, ки ба қонунгузории сарватҳои зеризаминӣ дохил мешавад, дуруст муайян карда шавад. Мафҳуми «сарватҳои зеризаминӣ» яке аз тафсирҳои ҳуқуқии асосӣ ба ҳисоб меравад, ки аз мазмуни он доираи муносибатҳои танзимшаванда ва роҳҳои инкишофи қонунгузории сарватҳои зеризаминӣ, инчунин дигар соҳаҳои ба ин алоқаманд вобастагии калон дорад;

Дуюм, мазмуни истилоҳи «сарватҳои зеризаминӣ», ки дар қонун пешбинӣ шудааст, барои фаҳмиши моҳият ва хусусиятҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи сарватҳои зеризаминӣ, ҳамчунин функсияҳои мақомоти идоракунанда бағоят муҳим аст;

Сеюм, маълумоти дақиқ доштан оид ба мазмуни сарватҳои зеризаминӣ имконият медиҳад, ки сохтори ҳуқуқии ҳифзи сарватҳои зеризаминиро мукаммал намуда, самтҳои инкишофи қонунгузорӣ оид ба сарватҳои зеризаминӣ муайян гардад[253].

Таҳти мафҳуми «сарватҳои зеризаминӣ» ҳама он моддаҳои гуногуншакли дар зери замин ҷойгиршуда дар назар дошта мешавад. Дар низоми объектҳои ҳифзи муҳити зист сарватҳои зеризаминӣ объекте маҳсуб меёбад, ки ба замин алоқамандии зич дорад. Ба номгӯи сарватҳои зеризаминӣ об, газ, нафт, ангишт ва дигар моддаҳои табиатан вуҷуддошта ва ба вуҷуд меомадаро метавон ворид намуд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ бошад, оид ба танзими ҳуқуқии сарватҳои зеризаминӣ ҳамчун қисмати калони захираҳои табиӣ ба шакли алоҳидагӣ, ба монанди сарватҳои зеризаминии об, нафт, газ, ангишт ва монанди инҳо дар ду шакл мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Дар шакли аввала сарватҳои зеризаминӣ дар якҷоягӣ ҳамчун объекти табиӣ вуҷуд дошта ва ҳолати ҳуқуқии он омӯхта шаванд. Дар ҳолати дигар, танҳо қисмати муайяни объекти табиӣ, яъне он сарватҳое, ки дар қаъри замин ҷойгир шуда, дар маҷмӯъ ва дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Барои сарватҳои зеризаминиро ба сифати объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ эътироф кардан он бояд ба таври пурра тавсифу тафсир карда шавад, яъне бояд он аломатҳое, ки сарватҳои зеризаминиро дар муҳити зист ҷудо мекунад ва он муносибатҳоеро, ки вобаста ба истифода ва ҳифзи он ба миён меоянд, муайян карда шавад.

Сарватҳои зеризаминӣ мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20 июли соли 1994, № 983[254] ин қисми қаъри замин, ки поён

[253] Ниг.: Ямалетдинов Р.Р. Недра как объект правовой охраны [Электронный ресурс]. http://www.yurclub.ru/docs/pravo/0903/7.html (санаи муроҷиат: 13.01.2021).

[254] Ахбори Шӯрои Олии ҶТ. – 1994. – № 15-16. – Мод. 235; Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1995. – № 22. – Мод. 259; 2008. – № 1, қ. 2. – Мод. 16. – № 12. – қ. 2. – Мод. 1005; 2010. – №12. – қ. 1. – Мод. 822; 2013. – № 1048.

аз қабати хок ва дар мавриди набудани он дар таги баҳрҳо, кӯлҳо, дарёҳо ва дигар обанборҳо то умқи дастрас, ки қабати онҳо барои гузаронидани корҳои геологӣ ва истифодаи маъданҳои фоиданок дар асоси комёбиҳои илмию техникӣ дастрас аст, мебошад.

Мафҳуми қонунан муайяншудаи сарватҳои зеризаминӣ ҳудуди амалишавии қонунро муайян мекунад. Онҳо ба он ҳудуди минтақае маҳдуд карда мешаванд, ки мувофиқи қонун он ҷо сарвати зеризаминӣ ба ҳисоб меравад. Алалхусус, муайян кардани онҳо вазъияти мураккабро пеш меорад, ки ба фикри мо он бояд аниқтар карда шавад.

Барои сарватҳои зеризаминиро ба сифати объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ эътироф кардан он бояд ба таври пурра тавсифу таҳлил карда шавад, яъне бояд он аломатҳоеро, ки сарватҳои зеризаминиро дар муҳити зист ҷудо мекунад ва муносибатҳоеро, ки вобаста ба истифода ва ҳифзи он ба миён меоянд, муайян карда шавад.

Тибқи м. 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 21 июли соли 1994, № 983 мафҳуми сарватҳои зеризаминӣ ба таври зерин муқаррар гардидааст: сарватҳои зеризаминӣ ин қисми қаъри замин мебошад, ки поён аз қабати хок ва дар мавриди набудани он дар таги баҳрҳо, кӯлҳо, дарёҳо ва дигар обанборҳо то умқи дастрас, ки қабати онҳо барои гузаронидани корҳои геологӣ ва истифодаи маъданҳои фоиданок дар асоси комёбиҳои илмию техникӣ дастрас аст. Мафҳуми расман муайяншудаи сарватҳои зеризаминӣ ҳудуди амалишавии қонунро муайян мекунад. Онҳо ба он ҳудуди минтақае маҳдуд карда мешаванд, ки мувофиқи қонун он ҷо сарвати зеризаминӣ ба ҳисоб меравад. Алалхусус, муайян кардани онҳо вазъияти мураккабро пеш меоварад.

Бояд қайд намуд, ки дар м. 1[1] Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» мафҳуми «сарватҳои зеризаминӣ» ба таври дахлдор кушода дода нашудааст, зеро тибқи сархати сеюми м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12 майи соли 2001, №12 таҳти мафҳуми «сарват» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо фаҳмида мешавад. Аммо, дар ин ҷо низ мафҳуми «сарват» маънои пурраи худро ифода накардааст. Бинобар ин, таҳти мафҳуми «сарватҳои зеризаминӣ» бояд на танҳо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, балки маъданҳо, ба монанди нафту газ, обҳои зеризаминӣ ва ғайра, ки барои истифодабарии инсон аҳаммияти хеле калон доранд, фаҳмида мешавад[255].

Омӯзиши пешниҳодҳои назариявӣ оид ба мазмуни мафҳуми «сарватҳои зеризаминӣ» аз он шаҳодат медиҳад, ки он аз ду ҳолат иборат аст: а) намуди истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; б) фардикунонии сарватҳои зеризаминӣ бо воситаи нишон додани муносибати он бо дигар объектҳои табиӣ.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» фардикунонии сарватҳои зеризаминӣ, инчунин бо роҳи нишон додани ҳудуди ба ҳам

[255] Тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» // Зери таҳрири директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимзода М.З. – Душанбе: «Империал-Групп», 2016. – С. 18.

пайвасти онҳо ба қуллаҳои дигари объектҳои табиӣ – қабати хок, қабати болоии замин, қаъри об ва ғайра амалӣ мешавад. Барои муайан кардани ҳудуди поёни он маҳаки субъективӣ – дастрас будан барои омӯзиш ва азхудкунии геологӣ татбиқ мегардад.

Дар зери мафҳуми «маҳдудияти амудии сарватҳои зеризаминӣ» амали қонунгузорӣ ва ҳуқуқи истифодабарандаи сарватҳои зеризаминиро ба минтақаи сарватҳои ба ӯ додашуда фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, фардикунии сарватҳои зеризаминӣ ҳамчун объекти табиӣ, ки ҳифз карда мешавад ба воситаи ҳифзи ҳуқуқи тасвиршудаи мураккаб амалӣ карда мешавад ва ин аломатҳоро дар бар мегирад:

а) нишондодҳо оид ба муносибати сарватҳои зеризаминӣ бо дигар объектҳои табиӣ;

б) нишондодҳо вобаста ба дастрас будани сарватҳои зеризаминӣ барои омӯзиш ва азхудкунии геологӣ;

в) нишондодҳо дар бораи хати муайянкунандаи ҳудуди давлат ва ё барои ба истифода бурдани кӯҳ.

Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои заризаминӣ» аз 20 июли соли 1994, № 983[256] барои ҳудуди болоии сарватҳои зеризаминиро нишон додан мафҳуми «поён аз қабати хок»-ро ва агар он набошад мафҳуми «поёни аз қабати замин»-ро пешбинӣ мекунад. Мувофиқи КЗ ҶТ бошад қабати хок як қисми болоии замин ба ҳисоб меравад. Агар мо моддаҳои иҳотакунандаи заминро ҳамчун хок баҳо диҳем пас тавсифи болоии замин мушкилотро пеш меорад, зеро он дар қонун нишон дода нашудааст. Агар нишондодҳои қонунгузории сарватҳои зеризаминӣ, аз қабили «поён аз қабати замин»-ро дар амал татбиқ кунем, пас ҳама гуна воридшавиро ба қишри замин истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ меҳисобанд, лекин мо медонем, ки ин тавр нест.

Дар амалия бисёр вақт заминистифодабаранда қитъаи замини худро истифода бурда, қаъри онро низ истифода мекунанд. Дар ҳамин вақт тамоми сарватистифодабарандагон низ ба қитъаи замин (барои ҷойгир кардани бино, таҷҳизот ва ғайра) ниёз доранд. Дар ин ҷо муайян кардани он, ки қабати замин қитъаи заминро дар бар мегирад ё қитъаи сарватҳои зеризаминиро ба мушкилӣ дучор мешавем ва дар ин ҷо шакл ва мақсади истифодабарии замин бисёр муҳим аст.

Ба сифати маҳаки фарқкунандаи қабати замин аз сарватҳои зеризаминӣ хислати истифодаи максадноки онро ҷудо мекунанд, яъне ба кадом мақсаде, ки пешниҳод карда мешавад, қонунгузорӣ ба ягон намуди сарватистифодабарӣ ишора мекунад. Истисно аз ин қоида канданиҳои фоиданокеро, ки ба истифодаи умум дода шудааст ва дорои реҷаи махсуси ҳуқуқӣ мебошад, ташкил мекунад.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» заминистифодабарандагон метавонанд онҳоро бе барасмиятдарорӣ ва ё гирифтани иҷозатнома барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ истихроҷ

[256] Ахбори Шӯрои Олии ҶТ. – 1994. – № 15-16. – Мод. 235; Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1995. – № 22. – Мод. 259; 2008. – №1. – қ. 2. – Мод. 16. – №12. – қ. 2. – Мод. 1005; 2010. – № 12. – қ. 1. – Мод. 822; 2013. – № 1048.

кунанд. Пас, канданиҳои фоиданокро, ки ба истифодаи умум дода шудааст, метавонем сарвати зеризаминӣ ҳисоб кунем? Онҳоро сарватҳои зеризаминӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро ки қоидаи истихроҷи онро Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» пешбинӣ намудааст.

Ҳамин тавр, муайянкунии ҳудуди болоии қитъаи сарватҳои зеризаминӣ бояд бо дарназардошти тартиб ва мақсади истифодаи сатҳи замин ба амал бароварда шавад. Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» қабати замин метавонад сарвати зеризаминӣ ба ҳисоб рафта, ба ин сифат истифода шавад, лекин танҳо дар ҷойҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок. Ҳатто дар ин ҳолат ҳам канданиҳои фоиданоке, ки аз қабати замин мебароянд, сарвати зеризаминӣ эътироф карда мешаванд, агар ба он тартиби истифодабарие, ки дар қонун муқаррар шудааст, истифода шавад.

Муайян кардани ҳудуди поёнии сарватҳои зеризаминӣ, ки дар қонун муқаррар шудааст, баҳснок мебошад. Он ҳамчун умқ барои омӯзиш ва азхудкунии геологӣ дастрас мебошад. Яъне муҳити табиии қабати замин, ки ба истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ дастрас нест, сарвати заризаминӣ эътироф карда намешавад.

Чунин ҳисобида мешавад, ки намудҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ин категорияи динамикӣ буда, тағйир меёбад. Ҳудуди поёнии сарватҳои зеризаминӣ мувофиқи қонунгузории амалкунанда бояд бо дарназардошти маҷмуи маълумотҳои геологӣ ва илмҳои табиии дигар баҳо дода шавад. Мувофиқи он замин аз се қисми геосферӣ иборат мебошад: қишри замин, мантия ва ядро. Ҳудуди байни қишри замин ва мантияро дар соли 1909 сейсмологи (зилзилашиноси) югославӣ А. Махаравичич муайян кард[257]. Дар натиҷаи гузаштан ба «Сатҳи Махарович» суръати мавҷи сейсмолӣ (калобидан аз таркиши зилзила) бо такон зиёд мешавад.

Амудан сарватҳои заризаминӣ мувофиқи ҳадди амали Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои заризаминӣ» ба сарҳади давлатии ҶТ маҳдуд мегардад. «Сарҳади давлатӣ» ин хате мебошад, ки ба сатҳи амудии он равона буда, ҳадди сарзамини давлатиро муайян мекунад (хушкӣ, об, сарватҳои заризаминӣ, фазои ҳавоӣ), яъне ҳадди фазое, ки соҳибихтиёрии давлатии он татбиқ мешавад, муайян мекунад.

Мафҳуми умумии ифодакунандаи сарватҳои зеризаминӣ, умуман ҳамчун объекти моликияти давлатии фонди давлатии сарватҳои зеризаминӣ ба ҳисоб меравад. Сарҳади он ба хати амудие, ки ба сарҳади давлатӣ тӯл мекашад, муайян карда мешавад. Сарҳади кӯҳиву геологии ҷудокардашуда ҳамчун проексия дар умқи сарҳади замини ҷудокардашуда ва акватория, ки барои пеш бурдани кор оиди истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ҷудо шудааст, фаҳмида мешавад.

Сарватҳои зеризаминӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ – ин як қисми муҳити зист буда, дар қабати замин ва дар зери объектҳои обӣ дар ҳудуди ҶТ ҷойгир мешавад, ки мавҷудияти дохилии онро, аз қабили обҳои

---

[257] Ниг.: Мохоровичич А. Материал из Википедии – свободной энциклопедии [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://ru.wikipedia.org/wiki/ (санаи мурочиат: 03.03.2022).

зеризаминӣ ва фазои зеризаминӣ, канданиҳои фоиданок дар қабати замин ва объектҳои зериобии бо тартиб ва мақсади пешбинишудаи қонун истифодашаванда ва васеъшавии он то дастрас будан, тамоми намуди истифодабариро дар бар мегирад[258].

Ба андешаи мо муайян кардани ҳудуди поёнии сарватҳои зеризаминӣ, ки дар қонун муқаррар шудааст, баҳснок мебошад. Он ҳамчун умқ барои омӯзиш ва азхудкунии геологӣ дастрас мебошад. Яъне муҳити табиии қабати замин, ки ба истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ дастрас нест, сарвати заризаминӣ эътироф карда намешавад. Чунин меҳисобем, ки намудҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ин категорияи динамикӣ буда, тағйир меёбад.

Ҳудуди поёнии сарватҳои зеризаминӣ мувофиқи қонунгузории амалкунанда бояд бо дарназардошти маҷмуи маълумотҳои геологӣ ва илмҳои табиии дигар баҳо дода шавад.

Бо дарназардошти ҷамъбасти назарияҳо ақидаи Р.Р. Ямалетдиновро ба назар гирифта, мафҳуми навбатии сарватҳои зеризаминиро муайян кардан мумкин аст. Сарватҳои зеризаминӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ – ин як қисми муҳити табиат буда, дар қабати замин ва дар зери объектҳои обӣ дар ҳудуди ҶТ ҷойгиранд, ки мавҷудияти дохилии онро аз қабили обҳои зеризаминӣ ва фазои зеризаминӣ, канданиҳои фоиданок дар қабати замин ва объектҳои зериобии ба тартиб ва мақсади пешбинишудаи қонун истифодашаванда ва васеъшавии он то дастрас будан, тамоми намуди истифодабариро дар бар мегирад.

Бояд зикр намуд, ки мафҳуми мазкур аҳамияти умумиҳуқуқӣ дорад, зеро дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ истифода бурда мешавад. Ҳарчанд дар доираи танзими ҳуқуқи граждании, аз ҷумла таҳқиқоти мо ин мафҳум чандон васеъ истифода намешавад (бинобар аҳамияти дахлдор надоштан), вале дар маҷмуъ он қобили истифода буда метавонад, хусусан вақте сухан дар бораи ҳуқуқи моликияти давлат ба ин объект меравад.

Доктринаи экологии ҶТ афзалияти нигоҳдории табиат ва беҳбудгардонии муҳити зист, инчунин ҳамроҳ кардани муҳити табиатро ба низоми муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҳамчун қисмати арзиши моликияти миллӣ эътироф намуд. Мақсади стратегии сиёсати давлатӣ дар соҳаи экология ин нигоҳдории низоми табиӣ, нигоҳдории тамомияти онҳо ва иҷрои функсияи таъмини муҳити зисти организмҳо барои инкишофи барҷастаи ҷамъият, баланд бардоштани сифати зиндагӣ, беҳбуд кардани саломатии аҳолӣ ва ҳолатҳои демографӣ, таъмини бехатарии экологии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Ин мақсадҳо ҳангоми иҷро намудани шароитҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

– нигоҳдорӣ ва барқарорсозии низоми табиат, гуногуншаклии биологии онҳо ва қобилияти худидоракунӣ ҳамчун шароити ҳаёти ҷомеаи инсонӣ;

[258] Ниг.: Ямалетдинов Р.Р. Недра как объект правовой охраны [Захираи электронӣ]. // Манбаи дастрасӣ: http://www.yurclub.ru/docs/pravo/0903/7.html (санаи муроҷиат: 03.03.2022).

– таъмини истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ва дастрасии баробар ба сарватҳои табиӣ;

– таъмини ҳолати хуби муҳити зист ҳамчун шароити муҳимми беҳбудкунии сифати зандагӣ ва саломатии аҳолӣ.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи экология ба принсипи тараққиёти барҷаста, ки дар Конференсияи СММ оид ба муҳити зист ва тараққиёт (Рио-де-Женейро соли 1991) муқаррар шудааст, асос меёбад. Ба самтҳои асосии сиёсти давлатӣ дар соҳаи экологӣ инҳо дохил мешаванд:

– таъмини барҷастаи истифодаи сарватҳои табиат, ки бо роҳи истифодаи эҳтиёткоронаи сарватҳои табиии азнавшавандаю азнавнашаванда;

– кам кардани ифлосшавии муҳити зист (партовҳо ва дигарҳо) ва нигоҳдории сарватҳо;

– нигоҳдорӣ ва барқароркунии муҳити табиат.

Ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 2 августи соли 2011, № 751 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 28 феврали соли 2004, № 19 амалӣ карда мешавад. Мувофиқи боби 64 Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои алоҳидаи фаъолият, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 сентябри соли 2005, № 337[259] намуди фаъолияти иҷозати истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ буда инҳоро дарбар мегирад:

– омӯзиши геологӣ, аз ҷумла ҷустуҷӯ, баҳогузорӣ ва кашфи ҷойҳои истихроҷи конданиҳои фоиданок ва дигар таҳқиқотҳои геологӣ;

– истихроҷи канданиҳои физикӣ;

– истифодаи партовҳоиои истеҳсоли минералҳои кӯҳӣ ва коркарди онҳо;

– истифодаи канданиҳои фоиданоки ба истифодаи умум гузашта;

– ҷамъоварии ҷисмҳои минерологӣ, палеанталогӣ ва кӯҳӣ;

Фаъолият оиди истихроҷи обҳои зеризаминӣ дар асоси иҷозатнома барои истифодаи обҳои махсус ба амал бароварда мешавад.

Мақомоти иҷозатномадиҳанда Ҳукумати ҶТ (мақомоти иҷроияи иҷозатномадиҳӣ – Сарраёсати геологӣ дар назди Ҳукумати ҶТ – оид ба ҷустуҷӯ, баҳогузорӣ ва кашфи сарватҳои геологӣ, ҷамъоварии ҷисмҳои минерологӣ, палеонтологӣ ва кӯҳӣ; Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ оид ба истихроҷи нафт, газ ва ангишт; оид ба истихроҷи сарватҳои дигари минераливу ғайриминералӣ, аз он ҷумла оид ба истифодаи партовҳои истеҳсолу истихроҷи минералҳои кӯҳӣ ва коркарди онҳо); Вазорати энегетика ва захираҳои оби ҶТ оид ба истифодаи канданиҳои фоиданоки ба истифодаи умум гузашта, мебошанд.

---

[259] Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 апрели соли 2005, № 337 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.01.2021).

Ҳуҷҷатҳои иловагӣ барои гирифтани иҷозатнома розигии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; маълумотнома оид ба имкониятҳои техникӣ, технологӣ ва кадрӣ; маълумотнома оид ба нишондиҳандаҳои техникиву иқтисодии фаъолияти 5 соли охир ба ғайр аз шахсоне, ки бори аввал ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ машғул шудаанд; маълумотнома оиди омӯзиши геологии қитъаи сарватҳои зеризаминии иҷозатдодашуда; нақшаи тиҷоратӣ оиди азхудкунии қитъаи сарватҳои зеризаминии иҷозатдодашуда; шартномаи маҳсулотсупории ашёи хоми минералии истихроҷшуда ё маҳсулоти молӣ аз мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ барои пур кардани Фонди давлатии сангу металҳои қиматбаҳои ҶТ дар ҳолатҳои истихроҷи сангу металҳои қиматбаҳо мебошад[260].

Барои гузаронидани корҳои геологиву геофизикии минтақавӣ, банақшагирии геологӣ, корҳои ҷустуҷӯӣ ва кашшофӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлат гузаронда мешавад, кашфиётҳои муҳандисиву геологӣ, корҳои илмиву таҳқиқотӣ, палеонтологӣ ва ғайра, ки ба омӯзиши умумии сарватҳои зеризаминӣ равона шудааст, корҳои геологӣ барои пешгӯӣ кардани заминҷунбӣ, ташкил ва ҷорӣ кардани мониторинги муҳити табиат, назорат кардани реҷаи обҳои зеризаминӣ, инчунин корҳои дигаре, ки бе қоидавайронкунӣ гузаронида мешавад, иҷозатнома талаб карда намешавад. Корҳои нишондодашуда бо тартиби муайншуда дар Фонди давлатии маълумотҳои геологии ҶТ дар назди Сарраёсати геологии назди Ҳукумати ҶТ ба қайд гирифта мешавад.

Гузарондани ҷустуҷӯ, баҳогузорӣ ва кашфиёти геологии канданиҳои фоиданоки дастраси умумро метавонанд бе гирифтани иҷозатнома, лекин дар асоси лоиҳаи бо Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати ҶТ мувофиқашуда аз ҷониби истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ ба амал баroранд. Барои иҷро кардани ин корҳо истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ мувофиқи шартнома метавонад ташкилотҳои соҳаи дигарро ҷалб намояд.

Барои омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминӣ ҳуқуқи гузарондани банақшагирии геологӣ, ҷустуҷӯ, кашфиётҳо ва баҳогузории ҷои истихроҷи канданиҳои фоиданок истифода мешавад.

Ҳангоми ҷустуҷӯ ва баҳогузорӣ агар ҷои истихроҷе маълум карда шавад, ки аз ҳудуди мувофиқи иҷозатнома ҷудошуда берун мебароянд, пас бо дархости шахси иҷозатномагирифта минтақаи ҷудошуда метавонад васеъ карда шавад, то, ки ба ҳама ҷои истихроҷ ҳуқуқ пайдо кунад.

Пас аз гузарондани экспертизаи маълумотҳои геологӣ оиди захираи канданиҳои фоиданок дар минтақаи сарватҳои зеризаминӣ, ки дар он ҷо иҷозатнома барои омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминӣ амал мекунад, дорандаи ин иҷозатнома, ки корҳои кашфиётҳои геологиро аз ҳисоби моликияти худ маблағгузорӣ мекунад, ба гирифтани иҷозатнома барои истихроҷи канданиҳои фоиданок ҳуқуқи аввалиндараҷа дорад. Агар дар давоми ду соли пас аз тасдиқ намудани захираҳои ашёи хоми минералии

[260] Ниг.: Шонасриддинов Н.Ш. Договорное регулирование энергоснабжения: учебное пособие. – Душанбе: «Сино», 1992. – С. 25.

ҷои истихроҷи кашфшуда ин ҳуқуқро истифода накунад онро аз даст медиҳад.

Истихроҷи канданиҳои фоиданоки ҷои истихроҷ ба кашфиёти он (дар ҳудуди минтақаи ҷудошуда), инчунин ба коркард кардани партовҳо аз ҷониби ташкилотҳои истихроҷкунанда ва истеҳсолоти ба онҳо алоқамандро ҳам ҳуқуқ медиҳад.

Иҷозатнома барои коркард кардани сарватҳои зеризаминӣ метавонад ба ҳама ҷои истихроҷи канданиҳои фоиданок ё як қисми алоҳидаи он дода шавад. Коркард кардани ҷои истихроҷи канданиҳои фоиданок аз ҷониби истифодабарандагони гуногуни сарватҳои зеризаминӣ бояд мувофиқи нақшаи технологӣ, ки истифодаи беэҳтиётонаро истисно мекунад, сурат мегирад. Мувофиқаи амали истифодабардагони сарватҳои зеризаминӣ бо қарори онҳо ба як корхонае, ки ба он дигар корхонаҳо ба иҷрокунии функсияи мувофиқакунанда бовар доранд, вогузор карда мешавад. Шарти нишондодашуда дар мундариҷаи иҷозатнома оиди коркард кардани ин ҷои истихроҷ қайд карда мешавад[261].

Чун қоида иҷозатнома танҳо ба истифодаи як ҷои истихроҷ дода мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ як иҷозатнома метавонад ба истифодаи якчанд ҷойҳои истихроҷи хурд, ки дар шароити якхелаи кӯҳиву геологӣ ҷойгир аст дода шавад. Агар ин ҷойҳои истихроҷи хурд барои коркард кардани комплексӣ муттаҳид карда шуда бошанд ва истифодаи онҳо аз ҷониби як шахс даромаднок бошад, шарти мазкур (як иҷозатнома барои якчанд ҷойҳои истихроҷ) татбиқ карда мешавад.

Иҷозатнома ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бо санади Ҳукумати ҶТ бо пешниҳоди мақомоти иҷроияи иҷозатномадиҳӣ дода мешавад. Қарор дар бораи иҷозатнома оид ба канданиҳои фоиданоки дастраси умумро Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ қабул менамояд ва иҷозатномаро низ ин мақомот медиҳад.

Пешниҳод оид ба додани иҷозатнома ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба вазорату идораҳои зерин мувофиқа карда шудааст:

– оид ба ҷустуҷӯ, баҳогузорӣ ва кашфи сарватҳои зеризаминии геологӣ ва ҷамъоварии навъҳои минерологӣ, палеонтологӣ ва кӯҳӣ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Вазорати адлияи ҶТ, Вазорати молияи ҶТ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ, Сарраёсати назорати давлати оид ба бехатарии гузарондани кор ва назорати кӯҳии назди Ҳукумати ҶТ ва Сарраёсати геологии назди Ҳукумати ҶТ).

– оид ба истихроҷи нафт, газ ва ангишт оиди истифодаи сарватҳои зеризаминии минераливу ғайриминералӣ, аз ҷумла оиди истифодаи партовҳои истеҳсолот, истихроҷи минералҳои кӯҳӣ ва коркард кардани онҳо ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Вазорати адлияи ҶТ, Вазорати молияи ҶТ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ,

---

[261] Ниг.: Клеандров М.И. Энергетика и право: что улучшать на базе научных исследований? Гудков И.В., Лахно П.Г. Актуальные проблемы правового регулирования энергетических отношений, Попондопуло В.Ф. Энергетическое право и энергетическое законодательство: общая характеристика, тенденции развития, Селиверстов С.С. К вопросу у понятии энергетического права // «Энергетика и право». – М.: Изд. «Юрист», 2008.

Сарраёсати назорати давлатӣ оиди бехатарии гузарондани кор ва назорати кӯҳии назди Ҳукумати ҶТ ва Сарраёсати геологии назди Ҳукумати ҶТ.

Мувофиқи иҷозатнома сарватҳои зеризаминӣ дар намуди қитъа дода мешавад, ки блоки сарватҳои зеризаминии геометризатсияшударо дар бар мегирад ва дар қисми ҷудошудаи кӯҳиву геологӣ қайд карда мешаванд. Додани ҳуқуқ ба истифодаи қитъаи замин пас аз гирифтани иҷозатнома ва қитъаи кӯҳӣ бо тартиби муқаррар намудаи қонун ба амал бароварда мешавад.

Ҳаҷми пардохти махсус барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар қарордод оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ муайян карда шудааст.

Мухлати амали иҷозатномаро мақомоти иҷозатномадиҳӣ мувофиқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият дар ҶТ» муқаррар мекунад. Ҳангоми дароз кардани мухлати амали иҷозатнома сифат ва самаранокии кори иҷрокардаи истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, аз қабили чорабиниҳо оид ба ҳифзи сарватҳои зеризаминӣ ва муҳити зист, саривақт супоридани пардохт барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва ғайраро ба назар мегиранд.

Иҷозатнома аз ду қисм иборат аст: сарлавҳа ва мундариҷаи (шартҳои) иҷозатнома. Ба иҷозатнома рақами геологӣ ё кӯҳӣ, ки ба тартиби муқарраршуда дода мешавад, замима карда мешавад. Додани иҷозатнома ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бо роҳи гуфтушуниди бевосита, инчунин бо роҳи гузаронидани озмун (тендер) ба амал бароварда мешавад. Бо воситаи озмун додани иҷозатнома вақте сурат мегирад, ки агар дар як объект якчанд талабгор вуҷуд дошта бошад.

Пас аз гирифтани дархост ба истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ ба мақсади он ки соҳибкор – муроҷиаткунанда нақшаи тиҷоратӣ ё пешбурди корҳои техникиву иқтисодиро тартиб диҳад, маълумоти кӯтоҳи геологӣ оиди қитъаи сарватҳои зеризаминӣ пешниҳод карда мешавад.

Мақомоти иҷроияи иҷозатномадиҳӣ дар давоми як моҳ Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ, Сарраёсати назорати давлатӣ оид ба бехатарии гузаронидани кор дар саноат ва назорати кӯҳии назди Ҳукумати ҶТ ва Фонди давлатии маълумоти геологӣ оиди сарватҳои зеризаминии ҶТ-ро дар бораи додани иҷозатнома огоҳ месозад ва нусхаи ҳуҷҷатҳоро барои нигоҳдорӣ ба Фонди давлатии маълумоти геологӣ оид ба сарватҳои зеризаминии ҶТ месупорад.

Пас аз гирифтани иҷозатнома дорандаи он ҳуқуқ дорад, ки дар бораи қитъаи ба ӯ ҷудошуда маълумотҳои муҳими геологиро дастрас намуда, барои гирифатани маълумот пардохт кунад. Дар ҳолате, ки ҳисоботи озод мавҷуд набошад, нусхаи маводҳои (ҳисоботҳо), ки аз ҳисоби маводҳои литсензиат тартиб дода шудааст, пешниҳод карда мешавад.

Дорандаи иҷозатнома бояд фаъолияташро оиди иҷозатнома дар давоми як сол аз рӯзи бақайд гирифтани иҷозатнома амалӣ намояд[262].

[262] Ниг.: Положение об особенностях лицензирования отдельных видов деятельности от 3 апреля 2007 года № 172 (В редакции постановлений Правительства РТ от 01.10.2007 г. № 518, 01.04.2008 г. № 179, 27.08.2008 г. № 443, 02.12.2008 г. № 613, 29.08.2009 г. № 472, 31.08.2009 г. № 507, 01.10.2009 г. № 566,

Танзими шартномавии истифодаи сарватҳои табиӣ, бо ёрии Созишнома оид ба тақсими маҳсулот ба амал бароварда мешавад. Масъалаҳои танзими ҳуқуқии созишнома оид ба тақсими маҳсулот дар рисолаҳои олимони зерин баррасӣ шудааст: А.Ф. Шарифуллин[263], В.Н. Кокин[264], В.Н. Лиситса[265], М.И. Клеандров[266].

Дар асари М.И. Клеандров, ки ба омӯзиши масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи ҷустуҷӯ ва баҳогузории ҷойҳои истихроҷи нафт бахшида шудааст, ҳамзамон созишнома чун шартномаи умумии соҳибкорӣ баҳогузорӣ карда мешавад. В.Н. Лиситса дар асараш «Созишномаҳои байналмилалии сармоягузорӣ (шартномаҳо, қарордодҳо)» муайян мекунад, ки созишнома оид ба тақсими маҳсулот яке аз созишномаҳои сармоягузории байналмиллалӣ ба ҳисоб меравад. Созишнома оид ба тақсими маҳсулотро ба қатори созишномаҳои сармоягузории намуди дигар баррасӣ мекунад, инчунин масъалаи муайян кардани табиати ҳуқуқии созишномаро мухтасар баррасӣ мекунад.

Дар асари В.Н. Кокин диққати асосӣ ба таҳлили ҳуқуқии замина ва самтҳои асосии ҳимояи ҳуқуқи сармоягузор ҳангоми истифодаи сарватҳои табиӣ дар шароити созишнома оид ба тақсими маҳсулот равона карда шудааст. Қисми зиёди асарҳои А.Ф. Шарифуллин ба баррасии масъалаҳои танзими ҳуқуқии иҷрои созишнома, андозбандӣ, тақсими моликият ва маҳсулот бахшида шудааст. Ҳамзамон муаллиф шартҳои асосии созишномаро таҳлил намуда, хислати ҳуқуқии созишномаро тадқиқ мекунад. Хислати созишнома оид ба тақсими маҳсулотро бо шартномаҳои ба ҳам монанд муқоиса мекунад.

Ҳиссаи арзандаи худро дар илм оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии созишнома оид ба тақсими маҳсулот олимони зерин гузоштаанд: Н.Н. Вознесенская, Б.Д. Клюкин, М.И. Махлина, Р.Н. Салиева, А.Ф. Стругов, О.М. Теплов, А.Ф. Шарифуллина. Масъалаҳои ҷудогонаи танзими ҳуқуқии созишнома оид ба тақсими маҳсулот аз ҷониби мутахассисони зерин омӯхта шудааст: С.М. Богданчиков, Н.Г. Доронина, В.Н. Кокин, Л. Кочарян, С.А. Сосна.

Ҳамзамон оид ба масъалаҳои амалисозии созишнома оид ба тақсими маҳсулот як қатор асарҳои олимон-иқтисодчиён, ба монанди В.А. Грушин, М.К. Клубничкин, А.А. Конопляник, А.И. Перчик, М. Субботин, А.Н. Токарев мавҷуд аст. Дар адабиёт мафҳумҳои гуногун оид ба созишнома оид ба тақсими маҳсулот ҷой дода шудааст.

---

31.10.2009 г. № 624, 02.12.2009 г. № 668, 12.02.2010 г. № 62, 03.12.2010 г. № 646, 30.04.2011 г. № 203, 01.08.2011 г. № 384, 01.08.2012 г. № 396) [Электронный ресурс]. http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=-17301 (санаи мурочиат: 03.03.2013).

[263] Ниг.: Шарифуллина А.Ф. Соглашения о разделе продукции: понятие, заключение, реализация: автореферат дис. … канд. юрид. наук. – М., 2000. – 24 с.

[264] Ниг.: Кокин В.Н. Защита прав инвестора при недропользовании на условиях соглашения о разделе продукции в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – 192 с.

[265] Ниг.: Лисица В.Н. Международные инвестиционные соглашения (договоры, контракты): дис. … канд. юрид. наук. – Новосибирск, 2003. – 186 с.

[266] Ниг.: Клеандров И.М. Правовое регулирование предпринимательских (хозяйственных) отношений в сфере поиска и оценки месторождений нефти: дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2004. – 213 с.

Созишнома оид ба тақсими маҳсулот (анг. Production Sharing Agreement) намуди махсуси шартнома оид ба таъсис додани корхонаи муштарак ба шумор меравад. Одатан созишнома оид ба тақсими маҳсулот ин шартномаи басташудаи байни ширкати хориҷии истихроҷкунанда (пудратчӣ) ва корхонаи давлатӣ (тарафи давлат) буда, пудратчиро уҳдадор мекунад, ки ӯ корҳои кашофию ҷустуҷӯӣ гузаронад ва мувофиқи шарти созишнома дар ҳудуди минтақаи муайяншуда (қаламрави қарордодӣ) истифодаи онро ба роҳ монад[267].

Ба андешаи М.К. Муляев созишнома оид ба тақсими маҳсулот шартномаи соҳибкорӣ мебошад, ки дар худ унсурҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва умумӣ-ҳуқуқиро таҷассум мекунад. Мафҳуми қонунии созишнома оид ба тақсими маҳсулот мувофиқати худро бо муқаррароти қонунгузории граждании оид ба шартномаҳо ифода мекунад. Созишнома оид ба тақсими маҳсулот бо мазмуни худ хислати гражданӣ-ҳуқуқӣ дорад.

Дар навбати худ алоқамандии шартномаро бо фаъолияти соҳибкорӣ, хислати пулакӣ доштани он, таркиби мураккаби ҳуқуқӣ, таркиби субъективии махсус, тартиби махсуси бастани шартнома, баррасии баҳсҳо, инчунин танзими умумӣ-ҳуқуқии муносибатҳо ба мақсади таъмин намудани манфиати давлат ва ҷамъият, мавҷудияти унсурҳои умумӣ-ҳуқуқии созишнома ва мувофиқати аломатҳои онро ба шартномаи соҳибкорӣ қайд мекунад[268].

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» аз 5 марти соли 2007 № 238[269] созишнома оид ба тақсими маҳсулот – шартномае мебошад, ки тибқи он ҶТ ба субъекти фаъолияти соҳибкорӣ (сармоягузор) ба музд ва ба муҳлати муайян барои ҷустуҷӯ, иктишоф, тадқиқ, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданоки кони маъдани дар созишнома нишон додашударо барои иҷрои корҳои вобаста ба ин намудҳои фаъолият ҳуқуқҳои истисноӣ медиҳад ва сармоягузор уҳдадор мешавад, ки фаъолияти дар созишнома нишондодашударо аз ҳисоби худ ва бо ҷуброни зиёни таваккали эҳтимолӣ аз ҳисоби худ амалӣ гардонад.

Созишнома ҳамаи шартҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, аз ҷумла шартҳо ва тартиби тақсими маҳсулоти истеҳсолшударо дар байни тарафҳои созишнома мутобиқи Қонуни мазкур муайян менамояд.

Шартҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, ки дар созишнома муайян карда мешаванд, бояд ба қонунгузории ҶТ мутобиқат намоянд.

Номгӯи конҳои маъданҳои фоиданокро, ки ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминии онҳо бо шарти тақсими маҳсулот мутобиқи Қонуни мазкур дода мешавад, Ҳукумати ҶТ муқаррар мекунад.

Асоси ба номгӯй дохил кардани конҳои маъданҳои фоиданок, ки ҳуқуқи истифодаи онҳо бо шарти тақсими маҳсулот дода мешавад,

---

[267] Ниг.: Соглашение о разделе продукции // Материал из Википедии – свободной энциклопедии [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://ru.wikipedia.org/wiki/ Соглашение_о_разделе_продукции (санаи муроҷиат: 03.03.2022).

[268] Ниг.: Мулявин М.К. Соглашение о разделе продукции: гражданско-правовые признаки и правовые основы заключения: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2007. – 226 с.

[269] Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2007. – № 3. – Мод. 171; 2008. – № 6. – Мод. 458.

номатлубии шартҳои маблағгузорӣ кардани корҳои барои қитъаи мазкур мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20 июли соли 1994, №983 набудани имконияти маблағгузории буҷавӣ барои истифодаи самараноки конҳои мазкур, аз ҷумла ҳолатҳои зерин буда метавонанд:

– кони маъданҳои фоиданок дар маҳалҳои баландкӯҳ ва ё дур аз маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир шудааст ва барои истифодаи он шароит ва инфрасохторҳои лозимӣ вуҷуд надоранд;

– ҷустуҷӯ, иктишоф, тадқиқ ва коркарди кони маъданҳои фоиданок технологияи серхарҷ ва маблағи калонро талаб менамоянд.

Шартномаҳои байни давлат ва сармоягузорон, ки то мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур баста шудаанд, мутобиқи шартҳои дар онҳо муайяншуда иҷро карда мешаванд. Дар ин маврид қонуни мазкур нисбати шартномаҳои зикрёфта ба ҳамон андозае татбиқ карда мешавад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои дар шартномаҳо ифодаёфтаи сармоягузорро маҳдуд намесозад. Созишнома мувофиқи тартиби муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ баста мешавад.

Шартҳои истифодаи сарватҳои зеризаминии ин ё он кони маъданҳои фоиданокро мақомоти ваколатдори ҶТ бо қарори Ҳукумати ҶТ муайян намуда, лоиҳаи созишномаро тартиб медиҳад ва бо сармоягузор гуфтушунид мекунад. Дар сурати гузаронидани озмун созишнома бо ғолиби он, ки барои бастани созишнома шартҳои беҳтарин пешниҳод намудааст, баста мешавад. Дар шартҳои озмун бояд иштироки шахсони ҳуқуқии ҶТ дар роҳи иҷрои корҳои тибқи созишнома бо ҳиссае, ки Ҳукумати ҶТ муайян кардааст, пешбинӣ шуда бошад. Созишномаро аз тарафи давлат мақоми ваколатдори Ҳукумати ҶТ имзо мекунад[270].

Иҷрои кор ва намудҳои фаъолияти («корҳои тибқи созишнома») дар созишнома пешбинишуда мутобиқи барномаҳо, лоиҳаҳо, нақшаҳо ва сметаҳое, ки бо тартиби муайянкардаи созишнома тасдиқ шудаанд, амалӣ карда мешаванд. Корҳо тибқи созишнома бо риояи қонунгузории ҶТ, меъёрҳо ва қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва таъмини бехатарии корҳо, ҳифзи сарватҳои зеризаминӣ, муҳити табиии зист ва саломатии аҳолӣ иҷро карда мешаванд.

Дар созишнома бояд уҳдадориҳои сармоягузор оид ба масъалаҳои зерин пешбинӣ шуда бошанд:

– ба шахсони ҳуқуқии муқими ҶТ додани ҳуқуқи иштирок дар иҷрои корҳои тибқи созишнома ба сифати пудратчиён, молфиристонандагон, боркашонҳо ё намудҳои дигари фаъолият дар асоси шартномаҳои байни онҳо ва сармоягузор;

– ҷалб кардани кормандон – шаҳрвандони ҶТ, ба миқдори на камтар аз 70 фоизи шумораи умумии шахсони ба иҷрои корҳои тибқи созишнома ҷалбшуда;

– ҷалб кардани кормандони хориҷӣ танҳо дар давраи ибтидои корҳои тибқи созишнома ва ё дар сурати набудани чунин кормандон аз ҷониби ҶТ, дар давраҳои минбаъдаи корҳо.

---

[270] Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2007. – №3. – Мод. 171; 2008. – №6. – Мод. 458; 2012. – №887.

Баъди итмоми муҳлати амали созишнома сармоягузор уҳдадор аст, ки кони маъданҳои фоиданоки барои истифодабарӣ ба ӯ додашударо ба давлат баргардонад. Тартиб ва муҳлати баргардонидани кони маъданҳои фоиданок дар созишнома муайян карда мешаванд. Бо мақсади ҳамоҳангсозии корҳои тибқи созишнома тарафҳо шӯрои директоронро дар асоси ҷамъиятӣ таъсис медиҳанд, ки ба ҳайати он шумораи баробари намояндагони тарафҳо дохил мешаванд. Шумора, ҳуқуқ ва вазифаҳои шӯрои директорон, инчунин тартиби кори шӯро дар созишнома муайян карда мешавад.

Тартиби таъин кардани намояндагони тарафи ҶТ дар шӯрои директорон ва ваколати онҳоро Ҳукумати ҶТ муқаррар менамояд. Маҳсулоти истеҳсолшуда байни сармоягузор ва давлат мутобиқи созишномаи байни онҳо тақсим карда мешавад. Дар созишнома (ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қисми дуюми моддаи мазкур муқаррар карда шудаанд), нуқтаҳои зерин бояд пешбинӣ шуда бошанд:

– муайян кардани ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда ва арзиши он, ки ба андозаи талафи меъёрии технологӣ кам карда шудааст;

– муайян кардани қисми маҳсулоти истеҳсолшуда, ки ба моликияти сармоягузор барои ҷуброни хароҷоти ба иҷрои корҳои тибқи созишнома (минбаъд - «маҳсулоти ҷуброн») сарфшуда дода мешавад. Дараҷаи ниҳоии маҳсулоти ҷуброн набояд аз 70 фоиз зиёд бошад. Таркиби хароҷоти сармоягузор, ки барои ҳисоби миқдори маҳсулоти ҷуброн ба инобат гирифта мешавад, дар созишнома мутобиқи қонунгузории ҶТ муайян карда мешавад;

– тартиби тақсими маҳсулоти фоида байни давлат ва сармоягузор;

– тартиби ба давлат супоридани қисми маҳсулоти истеҳсолшуда ё эквиваленти арзиши он аз тарафи сармоягузор;

– тартиби гирифтани қисми ба сармоягузор мансуби маҳсулоти истеҳсолшуда.

Дар ҳолатҳои алоҳида дар созишнома тартиби дигари тақсими маҳсулоти истеҳсолшуда ё эквиваленти арзиши ин маҳсулот байни давлат ва сармоягузор ва тартиби муайян кардани ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолшуда, ки ба давлат ва сармоягузор мансуб аст, пешбинӣ шуда метавонад. Тартиб ва таносуби тақсими маҳсулоти истеҳсолшуда байни иштирокчиёни созишнома вобаста аз арзёбии кони маъданҳои фоиданок, нишондиҳандаҳои иқтисодии лоиҳаи техникӣ ва дигар омилҳои техникӣ-иқтисодӣ дар созишнома муайян карда мешаванд. Шартҳои нишон додашудаи созишнома бояд дар шартҳои озмун пешбинӣ карда шаванд[271].

Сармоягузор маҳсулоти истеҳсолкардаи худро, ки ба он ҳуқуқи моликият дорад, аз ҳудуди гумрукии ҶТ дар асоси шартҳои муайянкардаи созишномаи тарафҳо бидуни маҳдудияти миқдори содирот бо риоя кардани муқаррароти қонунгузории ҶТ бароварда метавонад.

Бо ҳамин мақсад Ҳукумати ҶТ дар созишнома барои аз ҳудуди Тоҷикистон баровардани маҳсулоти ба сармоягузор тааллуқдошта ба

[271] Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2007. – № 3. – Мод. 171; 2008. – № 6. – Мод. 458; 2012. – №887.

сармоягузор барои содироти маҳсулот ҳиссаи (квотаи) дарозмуддат пешбинӣ менамояд. Молу мулке, ки сармоягузор баъди имзои созишнома харидааст ё бунёд кардааст ва барои иҷрои корҳои тибқи созишнома истифода мебарад, моликияти сармоягузор аст, агар дар созишнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Ҳуқуқи моликият ба ин молу мулк метавонад аз рӯзе, ки арзиши молу мулки мазкур аз тарафи давлат пурра пардохта шудааст ва рӯзе, ки созишнома қатъ гардидааст, аз сармоягузор ба давлат гузарад. Дар давоми мухлати эътибори созишнома ба сармоягузор пурра ҳуқуқ дода мешавад, ки ин молу мулкро аз рӯйи созишномаи иҷрои кор истифода намояд. Дар ин сурат, масъулияти нигоҳдории молу мулки номбурда ва хатари осеби тасодуфии он ба зиммаи сармоягузор гузошта мешавад.

Маълумотҳои аввалияи геологӣ, геофизикӣ ва кимиёвӣ, ҳамчунин намунаи ҷинсҳои маъдан, ки ба сармоягузор дар раванди иҷрои корҳо тибқи созишнома дастрас гардидаанд, моликияти давлат ҳисоб меёбанд. Сармоягузор ҳуқуқ дорад, ки бо риояи шартҳои махфият барои иҷрои корҳои тибқи созишнома ин маълумот ва намунаҳоро истифода барад.

Сармоягузор ҳуқуқ дорад, ки дар асоси шартнома аз иншоотҳои нақлиёти қубурӣ ва дигар иншоотҳои мавҷудаи нақлиётӣ, ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва коркарди маъдан истифода барад. Сармоягузор дар доираи кор метавонад барои нигоҳдорӣ, коркард ва ҳамлу нақли маъдан иншоотҳо бунёд намояд ва дар ин маврид ҳуқуқи моликият ба иншоотҳои мазкур дар созишнома бо назардошти Қонун муайян карда мешавад. Дар ҷараёни иҷрои созишнома оиди тақсими маҳсулот ҳисоб ва пардохти андозҳо мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози ҶТ амалӣ гардонида мешаванд.

Баҳисобгирии фаъолияти молиявию хоҷагии сармоягузор зимни иҷрои корҳо тибқи созишнома аз рӯйи ҳар созишнома ба таври алоҳидагӣ ва ҳамчунин ҷудо аз чунин баҳисобгирӣ дар мавриди иҷрои дигар кор, ки бо созишнома алоқаманд нест, сурат мегирад. Тартиби ин баҳисобгирӣ тибқи қонунгузории ҶТ муайян карда мешавад.

Баҳисобгирии муҳосибавӣ ва ҳисоботии иҷрои корҳо аз рӯйи созишнома бо асъори миллии ҶТ ё худ бо асъори хориҷӣ сурат мегирад. Агар баҳисобгирии муҳосибавӣ бо асъори хориҷӣ сурат гирад, маълумоти ҳисоботе, ки манзури мақомоти давлатӣ мешавад, бояд бо асъори хориҷӣ ва асъори миллӣ ҳисоб карда шавад. Ҳамзамон, ҳамаи маълумоти бо асъори хориҷӣ ҳисобкардашуда бояд аз рӯйи қурби асъор, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи пардохт муайян кардааст, ба асъори миллӣ гардонида шавад.

Сармоягузор барои иҷрои корҳо аз рӯйи созишнома бояд дар бонкҳои ҶТ ва (ё) давлатҳои хориҷӣ суратҳисобҳои махсуси бонкии дорои асъори миллӣ ва (ё) асъори хориҷӣ дошта бошад, ки танҳо барои иҷрои корҳои дар созишнома зикршуда истифода бурда мешаванд.

Сармоягузор метавонад ҳуқуқ ва вазифаҳои дар созишнома муайянгардидаи худро ба шахси ҳуқуқӣ ё шахси воқеии дигар танҳо бо ризоияти тарафи ҶТ пурра ё қисман вогузорад, ба шарте, ки ин шахсон

захираи кофии молиявӣ, техникӣ ва таҷрибаи идоракунӣ, ки барои иҷрои кор тибқи созишнома зарур аст, дошта бошанд.

Ҳуқуқу вазифаҳои дар созишнома муайянгардида ба таври хаттӣ бо роҳи тартиб додани санади махсусе, ки қисми таркибии созишнома ба ҳисоб меравад, бо тартиб ва дар муҳлати муайяннамудаи созишнома ба зиммаи шахси ҳуқуқӣ ё воқеии дигар вогузор карда мешаванд ва зимни ин иҷозатнома барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар давоми 30 рӯзи ба имзо расидани санади мазкур аз нав ба расмият дароварда мешавад. Сармоягузор метавонад бо ризоияти мақомоти ваколатдори давлатӣ молу мулк ва ҳуқуқҳои молу мулкии худро ҳамчун гарав барои иҷрои ухдадориҳое, ки вобаста ба иҷрои созишнома қабул кардааст, бо риояи талаботи қонунгузории граждании ҶТ истифода барад.

Шартҳои созишнома дар давоми муҳлати муайяншуда эътибор доранд. Шартҳои созишномаро танҳо бо розигии тарафҳо ва ҳамчунин бо талаби яке аз тарафҳо дар сурати моҳиятан дигар шудани вазъият тибқи КГ ҶТ тағйир додан мумкин аст. Тағйиротҳо ба шартҳои созишнома бо розигии тарафҳо аз рӯйи тартиби барои қабули созишнома пешбинӣ гардида ворид карда мешавад.

Агар дар давоми муҳлати эътибори созишнома ба қонунгузории ҶТ меъёрҳое муқаррар гарданд, ки ба натиҷаи фаъолияти тиҷоратии сармоягузор дар доираи созишнома таъсири манфӣ мерасонанд, ба созишнома тағйиротҳое ворид карда мешаванд, ки барои натиҷаи фаъолияти тиҷоратии сармоягузор матлуб буда, ба вай имконият медиҳад, ки ба натиҷаи тиҷоратии ҳангоми татбиқи қонунгузории ҶТ дар замони имзо кардани созишнома ноил гардад.

Тартиби ворид намудани чунин тағйирот дар созишнома муайян карда мешавад. Муқаррароти мазкур дар бораи тағйир додани шартҳои созишнома дар сурати ба меъёрҳои (қоидаҳои) бехатарии иҷрои кор, ҳифзи сарвати замин, муҳити табиии зист ва сиҳатии аҳолӣ ворид намудани тағйирот ба қонунгузории ҶТ, аз ҷумла бо мақсади мутобиқ гардидани онҳо бо чунин меъёрҳо (қоидаҳо), ки дар амалияи байналмилалӣ маъмулу эътироф гардидаанд, татбиқ карда намешавад.

Ба сармоягузор ҳифзи ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳое, ки дар натиҷаи имзои созишнома соҳиб гаштааст ва дар амал татбиқ менамояд, кафолат дода мешавад. Ба сармоягузор амали санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва санадҳои ҳуқуқии мақомоти худидора, ки ҳуқуқҳои дар натиҷаи имзо кардани созишнома соҳибгардидаашро маҳдуд мекунанд, дахл надоранд, ба истисноии маҳдудияти дастурҳое, ки мақомоти дахлдори назорат мутобиқи қонунгузории ҶТ бо мақсади таъмини бехатарии иҷрои кор, ҳифзи сарвати замин, муҳити табиии зист, сиҳатии аҳолӣ, ҳамчунин бо мақсади таъмини бехатарии ҷамъиятӣ ва давлатӣ муқаррар менамояд.

Бояд қайд кард, ки назорати иҷрои созишномаро мақомоти ваколатдори ҶТ аз рӯйи салоҳияташ анҷом медиҳад. Салоҳият ва вазифаҳои мақомоти ваколатдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои

зеризаминӣ» аз 20 июли соли 1994, № 983 аз тарафи Ҳукумати ҶТ муайян карда мешаванд. Намояндагони мақомоти ваколатдори ҶТ, ки иҷрои созишномаро таҳти назорат мегиранд, танҳо бо мақсади назорати иҷрои созишнома ҳуқуқи ба иншоотҳое, ки корҳои мазкурро анҷом медиҳанд, бемамоният ворид шудан, ҳамчунин ҳуқуқи дастрас намудани ҳуҷҷатҳоро доранд.

Амали созишнома баъди гузаштани муҳлати эътибори он ё худ бо мувофиқаи тарафҳо пеш аз муҳлат ва ҳамчунин бо дигар асосҳо ва бо тартиби пешбининамудаи созишнома мутобиқи қонунгузории ҶТ, ки то рӯзи имзо шудани созишнома амал мекунад, қатъ мегардад. Қатъи амали созишнома ба истиснои расмиёти озмун бо мувофиқаи тарафҳо аз рӯйи тартибе, ки барои мавриди амал қарор гирифтани созишнома пешбинӣ шудааст, амалӣ гардонида мешавад.

**Адабиёт:**

1. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2007. – №3. – Мод. 171; 2008. – №6. – Мод. 458; 2012. – № 887.
2. Ахбори Шӯрои Олии ҶТ. – 1994. – № 15-16. – Мод. 235.
3. Ахбори Шӯрои Олии ҶТ. – 1994. – № 15-16. – Мод. 235; Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1995. – № 22. – Мод. 259; 2008. – № 1, қ. 2. – Мод. 16. – № 12. – қ. 2. – Мод. 1005; 2010. – № 12. – қ. 1. – Мод. 822; 2013. – №1048.
4. Клеандров И.М. Правовое регулирование предпринимательских (хозяйственных) отношений в сфере поиска и оценки месторождений нефти: дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2004. – 213 с.
5. Клеандров М.И. Энергетика и право: что улучшать на базе научных исследований? Гудков И.В., Лахно П.Г. Актуальные проблемы правового регулирования энергетических отношений, Попондопуло В.Ф. Энергетическое право и энергетическое законодательство: общая характеристика, тенденции развития, Селиверстов С.С. К вопросу о понятии энергетического права // «Энергетика и право». – М.: Изд. «Юрист», 2008. – С.115-121.
6. Кокин В.Н. Защита прав инвестора при недропользовании на условиях соглашения о разделе продукции в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – 192 с.
7. Лисица В.Н. Международные инвестиционные соглашения (договоры, контракты): дис. … канд. юрид. наук. – Новосибирск, 2003. – 186 с.
8. Мохоровичич А. Материал из Википедии – свободной энциклопедии [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://ru.wikipedia.org/wiki/ (санаи мурочиат: 03.03.2022).
9. Мулявин М.К. Соглашение о разделе продукции: гражданско-правовые признаки и правовые основы заключения: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2007. – 226 с.
10. Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 апрели соли 2005, №337 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ

«Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.01.2021).

11. Положение об особенностях лицензирования отдельных видов деятельности от 3 апреля 2007 года № 172 (В редакции постановлений Правительства РТ от 01.10.2007 г. № 518, 01.04.2008 г. №0 179, 27.08.2008 г. № 443, 02.12.2008 г. № 613, 29.08.2009 г. № 472, 31.08.2009 г. № 507, 01.10.2009 г. № 566, 31.10.2009 г. № 624, 02.12.2009 г. № 668, 12.02.2010 г. № 62, 03.12.2010 г. № 646, 30.04.2011 г. № 203, 01.08.2011 г. № 384, 01.08.2012 г. № 396) [Электронный ресурс]. http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=-17301 (санаи муроҷиат: 03.03.2013).

12. Соглашение о разделе продукции // Материал из Википедии – свободной энциклопедии [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://ru.wikipedia.org/wiki/ Соглашение_о_разделе_продукции (санаи муроҷиат: 03.03.2022).

13. Тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» // зери таҳрири директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимзода М.З. – Душанбе: «Империал-Групп», 2016. – 230 с.

14. Шарифуллина А.Ф. Соглашения о разделе продукции: понятие, заключение, реализация: автореферат дис. … канд. юрид. наук. – М., 2000. – 24 с.

15. Шонасриддинов Н.Ш. Договорное регулирование энергоснабжения: учебное пособие. – Душанбе: «Сино», 1992. – С. 122.

16. Ямалетдинов Р.Р. Недра как объект правовой охраны [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.yurclub.ru/docs/pravo/0903/7.html (санаи муроҷиат: 03.03.2022).

# ДОИР БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МАФҲУМ ВА МАВЗУИ ҲУҚУҚИ АСЪОР

**Каримов Хуршед Сафомуддинович,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** 502167620
**E-mail:** Khurshed.Karimov1993@inbox.ru

**Роҳбари илмӣ:** Сангинов Д.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Мирзозода П.З., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур оид ба мафҳум ва мавзуи ҳуқуқи асъор сухан меравад. Дар мақола фаҳмиши муосири ҳуқуқи асъор ва муносибатҳои ҷамъиятие, ки предмети онро ташкил медиҳанд муайян карда шудааст. Дар асоси таҳлилу таҳқиқоти мазкур мафҳуми ҳуқуқи асъорро муаллиф чунин пешниҳод менамояд: Ҳуқуқи асъор ҳамчун як институти ҳуқуқи молиявие мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти молиявии давлат дар раванди ҷамъоварӣ, тақсим, истифодаи мақсадноки маблағҳои пулӣ ва арзишҳои асъорӣ танзим намуда, яке аз иштирокчиёни он ҳамеша давлат мебошад.

**Калидвожаҳо:** Мафҳуми ҳуқуқи асъор, қонунгузории асъор, муносибатҳои асъорӣ, субъект ва объект, асъори миллӣ, арзишҳои асъорӣ.

# О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ПОНЯТИЯ И ПРЕДМЕТЕ ВАЛЮТНОГО ПРАВА

**Каримов Хуршед Сафомуддинович,**
ассистент кафедры предпренимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** 502167620
**E-mail:** Khurshed.Karimov1993@inbox.ru

**Научный руководитель:** Сангинов Д.Ш., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Мирзозода П.З., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В статье рассматриваются понятие и предмет валютного права. В статье определяется современное понимание валютного права и общественных отношений, образующих его предмет. На основе этого анализа и исследования автор предлагает следующее понятие валютного

права: Валютное право – это институт финансового права, регулирующий общественные отношения в сфере финансовой деятельности государства в процессе сбора, распределения, целевого использования денежных средств и валютные ценности, а одним из участников всегда является государство.

**Ключевые слова:** Понятие валютного права, валютное законодательство, валютные отношения, субъект и объект, национальная валюта, валютные ценности.

## ON SOME QUESTIONS OF THE CONCEPT AND SUBJECT OF CURRENCY LAW

**Karimov Khurshed Safomuddinovich,**
assistant of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone:** 502167620
**E-mail:** Khurshed.Karimov1993@inbox.ru

**Scientific adviser:** Sanginov D.Sh., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Mirzozoda P.Z., candidate of legal sciences, associate professor

**Annotation:** The article deals with the concept and subject of currency law. The article defines the modern understanding of currency law and social relations that form its subject. Based on this analysis and research, the author proposes the following concept of currency law: Currency law is an institution of financial law that regulates public relations in the field of financial activity of the state in the process of collection, distribution, targeted use of funds and currency values, and one of the participants is always the state.

**Keywords:** Concept of currency law, currency legislation, currency relations, subject and object, national currency, currency values.

Истиқлолияти давлатии ҶТ яке аз дастовардҳои бузурги миллати тоҷик ба ҳисоб рафта, бо шарофати он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад, аз ҷумла дар соҳаи иқтисод.

Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар санаи 10-уми майи соли 2019 иброз намуданд, ки: "Бояд таъкид намоям, ки ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои олии давлат, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мо бояд пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, такмили низоми идораи давлатӣ, суботи молиявӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дасгирии

соҳибкорӣ, хулоса рушди муназзаму устувори иқтисодиёти мамлакатро таъмин намоем”[272].

Дар ҳама давру замон одамон байни худ мубодилаи молӣ доштанд ва доранд. Пул дар тамаддуни инсоният яке аз ихтироoти муҳим арзёбӣ карда мешавад. Шикасти инҳисори (монополияи) давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба бозорҳои байналхалқии мол (кор, хизматрасонӣ), қарзӣ ва асъори баромадани шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, зарурати ташкили фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, танзим ва таъмини асъорию молиявии онро ба миён меорад. Мазмуни моҳияти ин фаъолият дар амалиёти воридот ва содироти мол (кор, хизматрасонӣ), хариду фурӯши асъори хориҷӣ ва қарзҳои асъорӣ барои таъмини молиявии ин амалиёт, пардохтҳои байналхалқии пулӣ барои ин амалиёт ифода меёбад.

Асъор пули миллии мамлакатҳои хориҷӣ мебошад. Пули миллӣ – сомонӣ, ки як воҳиди он ба 100 дирам баробар аст[273]. Асъори хориҷӣ яке аз намудҳои арзишҳои асъорӣ ба ҳисоб меравад. Пул ҳамчун мафҳуми муҳимми иқтисодӣ, ҳамчун моли махсус аз қаъри асрҳо то замони мо воситаи тавоноии муомилот, хариду фурӯши мол, пардохти андоз, боҷу хироҷ ва хизматрасонӣ нақши калон мебозад. Вай як чизи мукаррарӣ ва айни замон сермуаммову пурасрор аст. Асъор пули миллӣ, пули хориҷӣ ва пули байналмилалӣ, ки дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ тибқи тартиби муқарраршуда мавҷудбуда мебошад, ки воситаи қонунии пардохт мебошанд[274].

Д.И. Мейер оид ба мафҳуми пул чунин нуқтаи назари худро иброз намудааст. Пул гуфта бояд моли махсус дар низоми объектҳои ҳуқуқи гражданӣ фаҳмида мешавад, ки барои истифода намудан барои пардохт ба мол ва хизматрасониҳо дар ҳудуди давлати муайяншуда мавриди истифода қарор дода мешавад[275].

Ҳуқуқи асъор яке институтҳои мураккаби ҳуқуқи соҳибкории Тоҷикистон мебошад, ки дар доираи он муносибатҳои иҷтимоӣ, ки нисбат ба арзишҳои асъорӣ, инкишофи амалиётҳои асъорӣ, назорати асъор ва ҷавобгарӣ барои вайронкунии қонунгузории асъор мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд, омӯхта ва танзим мегарданд[276].

Муносибатҳои асъорӣ дар замони муосир аз нав шакл гирифта ба танзими ҳуқуқии он таъсири назаррас дорад. Аз ин рӯ, мушкилоти танзими асъор ва назорати он дар ҷанбаи ҳуқуқӣ ҳанӯз ба қадри кофӣ

---

[272] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар аз 10.05.2019 сол // http://prezident.tj/node/20101.

[273] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13 июни соли 2013, № 964 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 6, мод. 402.

[274] Ғафуров А.Д., Саъдиев И. З., Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ – Душанбе: “Нӯшбод”, 2021. – 394 с.

[275] Мейер, Д.И. Русское гражданское право (в 2-х ч. Часть 1). По исправленному и дополненному 8-му изд., 1902. – М.: Статут, 1997. – 141 с.

[276] Сангинов Д.Ш., Азамқулов Ф.Ҳ., Каримов Х.С., Раҷабзода Х.Р., Ҳуқуқи асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – С. 7.

омӯхта нашудаанд. Айни замон, тақрибан ҳамаи кишварҳо норасоии меъёрҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои миллии пулиро аз сар мегузаронанд ва тасвиби меъёрҳо нисбат ба пул ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии асъор бо душвориҳои зиёд сурат мегирад.

Бояд дар назар дошт, ки рушди бомароми робитаҳои иқтисодии хориҷӣ на танҳо ба рушди бозори молиявии ҷаҳонӣ, муносибатҳои байналмилалии асъор мусоидат мекунад, балки мушкилоти таҳияи механизмҳои муосири ҳуқуқии танзими муносибатҳои асъорро низ шадидтар менамояд.

Ҳуқуқи асъор зерсоҳаи ҳуқуқи молиявӣ буда, аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат аст ва муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки дар ҷараёни ташкили фаъолияти иқтисоди хориҷии давлат ва субъектони хоҷагидори шакли гуногуни моликият ба вуҷуд меоянд, танзим мекунад[277].

В.Ю. Дорофеев, Н.Н. Земтсов ва В.А. Путин мавқеъро дар бораи «ташаккул ва рушди соҳаи нави мустақили ҳуқуқ – ҳуқуқи асъор» асоснок карда, сипас чунин таърифи ҳуқуқи асъорро пешниҳод мекунанд: низоми меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи танзими асъор, назорати асъор ва масъулият барои ҷиноятҳои асъорӣ мебошад[278].

Л.Г. Вострикова ҳуқуқи асъорро ҳамчун як институти ҳуқуқи молиявӣ баррасӣ намуда, чунин таърифи ҳуқуқи асъорро пешниҳод мекунад: «Ҳуқуқи асъор низоми меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳангоми иҷрои амалиёти асъорӣ, дар соҳаи танзими асъор ва назорати асъор, инчунин ҳамчун ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои асъорӣ аст»[279].

И.В.Гетман-Павлова қайд мекунад, ки муносибатҳои асъорӣ байни субъектҳои гуногуни ҳуқуқ вобаста ба истифодаи арзишҳои асъорӣ дар раванди танзими асъор, назорати асъор ва гардиши асъор ба миён меоянд. Муаллиф ҳуқуқи асъорро маҷмуи қоидаҳои танзимкунандаи муносибатҳои асъорӣ маънидод менамояд[280].

Н.Ю. Эрпилева ҳуқуқи асъорро на ҳамчун шоха ё зербахши ҳуқуқ, балки ҳамчун шохаи қонунгузорӣ баррасӣ мекунад ва қайд мекунад, ки механизми танзими асъор се унсури таркибиро дар бар мегирад: қонунгузории асъор, ки аз ҷониби мақомоти гуногуни давлатӣ қабул карда шудааст; муносибатҳои асъорӣ (муносибатҳое, ки байни шахсони гуногун вобаста ба иҷрои амалиёт бо арзишҳои асъорӣ ба вуҷуд меоянд); таъсири танзими қонунгузории асъор ба муносибатҳои асъорӣ, ки бо ёрии манъкуниҳо ва усулҳои дигар, инчунин бо роҳи муқаррар намудани

[277] Сангинов Д.Ш., Кабутов Э.Д., Ризоева С.К., Хоҷаева Р.М., Мавлоназаров О.А., Сангов С.И. Ҳуқуқи интернетӣ ва ҳуқуқи асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – С. 174.

[278] Дорофеев Б. Ю. Валютное право России: учебник для вузов / Б. Ю. Дорофеев, Н. Н. Земцов, В. А. Путин. – М.: Норма, 2005. – С. 29–30.

[279] Вострикова Л.Г. Валютное право: учеб. пособие для вузов / Л. Г. Вострикова. – М.: Юстицинформ, 2006. – С. 16.

[280] Гетьман-Павлова И. В. Юридические конструкции "международное валютное право" и "международное фондовое право" // Международное публичное и частное право. – 2007. – С.12.

чораҳои ҷавобгарӣ дар ҳолати вайрон кардани онҳо аз ҷониби субъектҳо сурат мегирад[281].

Ҳуқуқи асъор фарогири муносибатҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад. Чунин муносибатҳо дар қонун нишон дода шудааст, ки он муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи танзими асъор ва назорати асъор муқаррар намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои резидентҳо ва ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории сарватҳои асъорӣ муайян менамояд.

Дар баъзе давлатҳои ғарбӣ, аз ҷумла дар Олмон гуфта мешавад, ки ҳуқуқи асъор ҳамчун ҳуқуқи давлатӣ ва хусусӣ вуҷуд дорад, дар ҳоле ки ҳуқуқи асъори давлатӣ сиёсати давлатии асъорро фаро мегирад ва ҳуқуқи асъории хусусӣ муносибати байни ашхосест, ки ба муомилоти арзишҳои асъор алоқаманданд. Ҳуқуқи асъори хусусӣ дар Олмон пайдо шуда, оҳиста-оҳиста он тақрибан дар тамоми Аврупо ва бисёр кишварҳои ғайриаврупоӣ пайдо шуд[282]. Ҷолиби диққат аст, ки маҳз дар ҳуқуқшиносии Олмон мафҳуми «ҳуқуқи байналмилалии асъори хусусӣ» бори аввал таҳия шудааст.

Пул, арзишҳои асъорӣ ва коғазҳои қиматнок объекти махсуси ҳуқуқи граждании мебошанд. Пул (асъор) метавонад объекти асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ бошад, масалан, дар шартномаи қарз, аммо он бисёртар ба сифати эквиваленти умумӣ ҳамчун воситаи пардохти шартномаи хариду фурӯш, пудрат ва ғайра баромад мекунад.

Арзишҳои асъорӣ дар шароити муосир метавонанд ба сифати объекти шартномаи мубодила, ҳамчунин объекти шартномаи хариду фурӯш чӣ дар бозори асъории дохилӣ ва чӣ дар байналмилалӣ[283] баромад намоянд ва инчунин метавонанд вазифаи васоити пардохтро иҷро намоянд.

Хусусияти объекти танзими ҳуқуқӣ (арзишҳои асъор ва арз, амалиётҳои асъорӣ) ва таркиби субъективии (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) муносибатҳои ҳуқуқии асъорӣ нишон медиҳанд, ки онҳо бо меъёрҳои қонунгузории конститутсионӣ, молиявӣ, гражданӣ, маъмурӣ, ҷиноӣ ва ҳуқуқии байналмилалӣ танзим мешавад.

Дар айни замон, меъёрҳои ҳуқуқи молиявӣ дар танзими муносибатҳои асъорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Дар ин робита, андешаи А.В. Эмелинро қайд кардан лозим аст, ки аҳаммияти муносибати мунтазамро ба омӯхтан ва танзими муносибатҳои ҳуқуқии асъорӣ, ки дар раванди танзими асъор, назорати асъор ва гардиши асъор ба миён омадааст, таъкид мекунад[284]. Ҳангоми қабули меъёрҳои молиявӣ давлат иродаи худро танҳо дар доираи имконияти иқтисодӣ баён сохта метавонаду халос. Дар сурати

---

[281] Ерпылева Н.Ю. Актуальные проблемы теории и практики российского валютного права // Адвокат. 2002. – № 9. – С. 13.

[282] Эбке В. Ф. Международное валютное право / В. Ф. Эбке. – М., 1997. – С. 24.

[283] Эриашвили, Н.Д. Банковское право: Учебник для вузов. – 2-е изд., перераб. и доп. / Н.Д. Эриашвили. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, Закон и право, 2001. – С. 336.

[284] Емелин А.В. Проблемы финансово-правового регулирования валютных операций в Российской Федерации: автореф, дис. ... канд. юрид. наук / А.В. Емелин. – М., 2000. – С. 16.

бе назардошти имкониятҳои иқтисодӣ қабул намудани меъёрҳои ҳуқуқи молиявӣ тадбиқи онҳо ғайриимкон мегардад. Аз ин рӯ ҳангоми қабули санадҳои ҳуқуқии молиявӣ ҷиҳати танзими муносибатҳои асъорӣ дар баробари ҳуқуқшиносон назару хулосаҳои иқтисодчиён низ бояд ба инобат гирифта шаванд. Давлат ба соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар бахшҳо танҳо ба он андозае маблағгузорӣ карда метавонад, ки ин гуна воситаҳои пулӣ дар буҷаи давлат мавҷуд бошанд. Яъне раванди қабулу татбиқсозии меъёрҳои молиявӣ аз ҳаҷми даромадҳои андозӣ ва аз пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет ва ба фондҳои ғайрибуҷетӣ вобастагии амиқ дорад.

Аксари меъёрҳои қонунгузории асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти оммавӣ доранд, аммо дар айни замон онҳо эътибори ҳуқуқии хусусӣ низ доранд. Бояд қайд кард, ки амали ин меъёрҳо ба муносибатҳои ҳуқуқие низ дахл дорад, ки мутобиқ ба низоми қонунҳои Тоҷикистон мебошанд. Сарфи назар аз он ки муносибатҳои ҳуқуқии асъор ба шумораи зиёди соҳаҳои ҳуқуқ дохил карда шудаанд, онҳоро ба ду гурӯҳи муносибатҳои ҳуқуқӣ муттаҳид кардан мумкин аст: дорои ҳуқуқи оммавӣ ва табиати ҳуқуқии гражданӣ. Қонунгузории давлатӣ дар бахши асъор дорои меъёрҳое мебошад, ки мақоми субъектҳои ҳуқуқи асъор, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомот ва агентҳои танзими асъор ва назорати асъор, маҳдудиятҳои асъор, чораҳои танзими асъор, назорати асъор ва масъулиятро барои вайронкуниҳо танзим мекунанд.

Ин меъёрҳо ба манфиати давлат ва пеш аз ҳама, ба манфиати фаъолияти молиявии он ва барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои асъорӣ қабул шуда татбиқ карда мешаванд. Аз ин рӯ, муносибатҳои асъори давлатӣ фаъолияти асъории давлатро ташкил медиҳанд. Институти танзими асъор ва назорати асъор дар сатҳи қонунгузории кишвар ва дар низоми қонунгузории молиявӣ ба вуҷуд омадааст, зеро муносибатҳои асъорӣ танҳо дар соҳаи фаъолияти молиявии давлат дар раванди ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи арзишҳои асъорӣ ба вуҷуд омада мавзуи ҳуқуқи молиявиро ташкил дода инкишоф ёфтаанд. Ҳангоми барҳам додани инҳисори асъори давлатӣ муносибатҳои асъор бо объектҳо ва субъектҳои нав пурра карда шуданд, ки дар натиҷаи он танзими ҳуқуқии муносибатҳои асъор танҳо дар доираи як соҳаи ҳуқуқ ва асосан бо усулҳои императивӣ амалӣ карда намешуд. Тағйироти сифатӣ, ки ба ин равандҳо таъсир карданд, зарурати такмили қонунгузории асъорро ба амал оварданд.

Пеш аз ҳама, зарурати аниқ кардан ва дар қонунгузорӣ мустаҳкам кардани чунин мафҳумҳои асосии ҳуқуқи асъор, ба монанди “асъор”, “пул”, “қурби асъор”, “амалиёти асъорӣ” шартномаи асъорӣ”, ба миён омад. Ғайр аз он, табиати оммавӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи асъор зарурати муттаҳид сохтани мафҳумҳои “танзими асъор”, “назорати асъор”, “ҷиноятҳои асъорӣ”, “масъулияти асъор”-ро тақозо мекард.

Пас аз барҳам додани инҳисори асъор, сохтори ҳуқуқии ҳуқуқи асъор хусусияти байнисоҳавӣ касб кард ва зарурати тавозуни байни принсипҳои давлатӣ ва хусусӣ дар танзими муносибатҳои асъор ба миён омад.

Муносибатҳои ҳуқуқии асъорӣ дорои хусусияти хусусӣ байни субъектҳои хоҷагие, ки дар он оид ба муомилоти мол, кор ё хизматрасонӣ иштирок мекунанд, ба вуҷуд меоянд. Чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои ҳуқуқиеро дар бар мегиранд, ки аз таҳвили моликият ба арзишҳои асъор, асъори Тоҷикистон ва қоғазҳои қиматноки дохилӣ вобаста ба гирифтани қарзҳо бо асъори хориҷӣ, инчунин истифодаи арзишҳои асъорӣ ва қоғазҳои қиматноки ватанӣ ҳамчун воситаи пардохти асъор бармеоянд. Мисол оварда метавонем муносибатҳо оид ба бастани шартномаи қарз, кредит ва кушодани суратҳисобҳо дар бонкҳои хориҷӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ танзим мешаванд. Ҳуқуқи давлатӣ дар танзими ин муносибатҳо ҷой дорад, аммо он бартарӣ надорад, аз ин рӯ, ин қоидаҳо одатан ба ҳуқуқи хусусӣ ишора мекунанд.

Муносибатҳои ҳуқуқии асъорӣ вобаста ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории арзишҳои асъорӣ ва дар ҳолатҳои муайян бо асъори Тоҷикистон ва қоғазҳои қиматноки дохилӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳуқуқи асъор мисли соҳаҳои дигари ҳуқуқ мавзуи танзими худро дорад. Мавзуи ҳуқуқи асъор маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки дар ҷараёни фаъолияти асъории давлат ва амалисозии амалиёти асъорӣ аз ҷониби резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ба амал меоянд. Мавзуи ҳуқуқи асъор доимо дар инкишоф қарор дорад. Солҳои охир дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои асъорӣ тағйироти муҳим ба амал омаданд, ки ба коҳиш додани маҳдудиятҳои асъорӣ ҳангоми амалисозии муомилоти асъор равона карда шудаанд. Ислоҳоти қонунгузории асъори Тоҷикистон, ки соли 1995 оғоз ёфта буд, то имрӯз идома дорад. Омӯзиши ин тағйиротҳо ба мо имкон медиҳанд, ки дараҷаи дахолати давлат ба муносибатҳои асъорӣ, сатҳи либерализатсия ва ошкорбаёнии бозори молиявӣ барои шахсони хориҷиро муайян кунем.

Муносибатҳои асъорӣ тавассути қонунгузории миллӣ бо назардошти иштироки ҶТ дар муносибатҳои иқтисодии сатҳи байналмилалӣ танзим карда мешавад. Дар ин ҷараён, муносибатҳои байналмилалии пулӣ ба низоми пулии миллии ҳар як давлат фаъолона таъсир мерасонанд. Чунин таъсир як раванди табиии рушди ҳуқуқи пул мебошад, ки иқтисоди миллии ҳар як давлатро бештар ба мубодилаи фаъоли молҳо, содирот (воридот)-и хизматҳо, қувваи корӣ ва ғайра водор менамояд. Ҳама ин муносибатҳои иқтисодӣ бидуни танзими ҳуқуқии онҳо бо меъёрҳои қонунгузории асъор ғайриимкон мебошанд.

Аз миёнаи асри XX бақайдгирии ҳуқуқии муносибатҳои асъорӣ ба амал омада, нақши меъёрҳои ҳуқуқи асъори байналмилалӣ дар танзими амалиёти дохилидавлатӣ бо арзишҳои арзӣ ва асъор меафзояд. Ҳадафи асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои асъорӣ эҷоди механизми

самарабахши ҳуқуқии танзими асъор тавассути таҳкими меъёрии ҳолати резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, принсипҳои анҷом додани амалиёти асъорӣ, ваколатҳо ва вазифаҳои мақомоти назорати асъор, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории асъор ва ғайра буд.

Ташаккул ва рушди ҳуқуқи асъор ба омилҳои зерин вобаста аст:

– манфиатҳои давлат дар соҳаи молияи байналмилалӣ;

– сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатӣ, аз ҷумла сиёсати молиявии давлат.

Давлатҳо бо ба инобатгирии сиёсати хориҷӣ ва дохилии худ иерархияи манфиатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи молиявӣ доранд. Дар сатҳи дохилӣ, ҳар як давлат манфиатҳои худро тавассути қонунҳои дохилӣ муттаҳид мекунад ва дар муносибатҳои байналмилалӣ давлатҳо мехоҳанд манфиатҳои худро тавассути ҳуқуқи байналмилалӣ қонунӣ гардонанд. Масалан, манфиатҳои дохилӣ дар соҳаи асъор дар Тоҷикистон дар Конститутсия, Кодекси андоз, Кодекси гражданӣ ва дигар қонунҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» сабт шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои худро дар соҳаи ҷалб ва пардохти қарзҳои хориҷӣ дар созишномаҳои дахлдор бо кишварҳои сармоягузор муайян мекунад. Дар дохили ҳар як кишвар ва дар муносибатҳои байни кишварҳо ду тамоюли асосии объективӣ мавҷуданд – тамоюли бархӯрди манфиатҳои молиявӣ ва тамоюли ҳамоҳангсозии онҳо. Аввалин боиси номуташаккилии ҷомеаи ҷаҳонӣ мегардад, бо буҳронҳои молиявӣ, низоъҳо ва ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои шадид ва баъзан беасоси асъор таҳдид мекунад. Дувум боиси устувории молиявӣ ва танзими ҳуқуқии тартиби қобили қабул барои амалиётҳои асъорӣ мегардад. Натиҷаи таҳлили қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки танзими дохилии муносибатҳои асъорӣ аз сиёсати хориҷии давлат сахт вобастагӣ дорад. Ин раванд барои тақрибан ҳамаи кишварҳо хос аст. Масалан, дар шароити воруди асъори хориҷӣ сиёсати тақрибан ҳамаи давлатҳо ба нигоҳ доштани қурби мавҷуда равона карда шудааст ва бо ин мақсад давлатҳо дар қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ афзоиши захираи давлатиро пешбинӣ мекунанд. Ба сифати онҳо метавонад рушди қонунгузории арзишҳои асъорӣ, ки боиси таҳаввулоти ақидаҳои илмист, ки дар ин масъала ифодагари моҳияти консепсияи назариявианд, баромад намояд.

Батанзимдарории ҳуқуқӣ барои он амалкунанда аст, ки сиёсати давлатӣ тамоюлҳои объективии рушди иқтисодии ҷомеаро дуруст ва саривақт ба назар мегирад. Ба сифати шаклу васоити гузаронидани ин сиёсат қонун баромад мекунад. Қайд кардан ба маврид аст, мақсади танзими асъор ҳимояи манфиати иқтисодии давлат дар муносибатҳои асъорӣ, амалӣ кардани сиёсати ягонаи давлатӣ оид ба асъор ва таъмини устувории низоми асъори кишвар мебошад.

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон ҳуқуқи асъор як соҳаи мустақили ҳуқуқ нест. Ҳуқуқи асъор ҳамчун як институти ҳуқуқи молиявие мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти молиявии давлат дар раванди ҷамъоварӣ, тақсимот ва истифодаи мақсадноки маблағҳои пулӣ, арзишҳои асъорӣ ба вуҷуд меояд, танзим намуда, яке аз иштирокчиёни он ҳамеша давлат мебошад.

**Адабиёт**:

1. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар аз 10.05.2019 сол // http://prezident.tj/node/20101.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13 июни соли 2013, № 964 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 6, мод. 402.

3. Ғафуров А.Д., Саъдиев И.З. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Нӯшбод», 2021. – 416 с.

4. Мейер Д.И. Русское гражданское право (в 2-х ч. Часть 1). По исправленному и дополненному 8-му изд., 1902. / Д.И. Мейер. – М.: Статут, 1997. – 141 с.

5. Сангинов Д.Ш., Азамқулов Ф.Ҳ., Каримов Х.С., Раҷабзода Х.Р., Ҳуқуқи асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. – Душанбе.:«ЭР-граф», 2021. – 143 с.

6. Сангинов Д.Ш., Кабутов Э.Д., Ризоева С.К., Хоҷаева Р.М., Мавлоназаров О.А., Сангов С.И. Ҳуқуқи интернетӣ ва ҳуқуқи асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. – Душанбе.: «Андалеб-Р», 2015. – 174 с.

7. Дорофеев Б.Ю. Валютное право России: учебник для вузов / Б.Ю. Дорофеев, Н.Н. Земцов, В.А. Путин. – М.: Норма, 2005. – С. 29-30.

8. Вострикова Л.Г. Валютное право: учеб. пособие для вузов / Л.Г. Вострикова. – М.: Юстицинформ, 2006. – 360 с.

9. Гетьман-Павлова И.В. Юридические конструкции "международное валютное право" и "международное фондовое право" // Международное публичное и частное право. 2007. – № 6. – С.14-16.

10. Ерпылева Н.Ю. Актуальные проблемы теории и практики российского валютного права // Адвокат. 2002. – № 9. – С. 3-30.

11. Эбке В.Ф. Международное валютное право / В. Ф. Эбке. – М., 1997. – С. 24 -32.

12. Емелин А.В. Проблемы финансово-правового регулирования валютных операций в Российской Федерации: автореф, дис. ... канд. юрид/ наук / А.В. Емелин. – М., 2000. – С. 15-21.

# БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛ

**Давлатов Насимҷон Маҳмадҷонович,**
унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.:**(+992) 933888844
**E-mail:** nasimjon.19941994@mail.ru

**Мушовири илмӣ:** Раҷабзода М.Н., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Идизода Ф.Ф., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақола баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Санадҳои асосии меъёрию ҳуқуқие, ки муносибатҳои савдои хориҷиро танзим мекунанд, муайян ва ошкор карда шудаанд. Ба масъалаҳои ягонагии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва интихоби қонунҳои амалкунанда диққати махсус дода шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 6-уми Конвенсияи Вена тарафҳо метавонанд татбиқи ин Конвенсияро истисно кунанд ё аз ҳама гуна муқаррароти он маҳрум созанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тарафҳои шартнома ҳуқуқ доранд худашон муайян кунанд, ки кадом шартҳоро шартнома дар бар мегирад.

Агар яке аз тарафҳои шартнома иштирокчии Конвенсияи Вена бошад, он гоҳ меъёрҳои Конвенсия нисбат ба шартнома татбиқ карда мешаванд ва зарурати истинод ба он дар шартнома нест.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001 ин санади байналмилалиро ба тасвиб расонида, онро як қисми қонуни миллӣ медонад. Меъёрҳои Конвенсия афзалият доранд ва ҳатмӣ мебошанд, ки аз модда 4 ин санад бармеояд ва дар моддаи 11 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим шудааст.

Танзими ҳуқуқии муомилоти савдои беруниро дар меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва урфу одатҳои соҳибкорӣ метавон мушоҳида кард. Бо рушд намудани технологияҳои нав, муносибатҳои тиҷоратӣ зарурати муттаҳидсозии меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти савдои хориҷиро ба миён меорад.

**Калидвожаҳо:** Хариду фурӯши байналмилалӣ, созишномаи байналмилалӣ, савдои хориҷӣ, конвенсияҳо, созишномаҳо, шартномаҳо, субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ, Конвенсияи Вена, муносибатҳои байналмилалӣ, қонунгузорӣ, макони бастани шартнома, забони бастани шартнома.

# НЕКОТОРЫЕ ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ МЕЖДУНАРОДНОГО ДОГОВОРА КУПЛИ-ПРОДАЖИ ТОВАРОВ

**Давлатов Насимджон Маҳмаджонович,**
соискатель Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан
**Тел.:**(+992) 933888844
**E-mail:** nasimjon.19941994@mail.ru

**Научный консультант:** Раджабзода М.Н., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Идизода Ф.Ф., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В статье рассматриваются некоторые правовые аспекты международных торговых соглашений. Выявлены и раскрыты основные нормативно-правовые акты, регулирующие внешнеторговые отношения. Особое внимание было уделено вопросам единообразия правовых норм и отбора действующих законов.

Согласно требованиям статьи 6 Венской конвенции стороны могут исключить применение настоящей Конвенции или лишить ее любого из ее положений. Это указывает на то, что стороны договора вправе определять, какие условия содержит договор.

Если одна из сторон договора является стороной Венской конвенции, то к договору применяются положения Конвенции и нет необходимости ссылаться на нее в договоре.

Республика Таджикистан ратифицировала этот международный документ в 2001 году и считает его частью национального права. Нормы Конвенции имеют приоритет и обязательны для исполнения, что вытекает из статьи 4 настоящего документа и регулируется статьей 11 Конституции Республики Таджикистан.

Правовое регулирование внешнеторговых операций можно проследить в нормах национального права, международно-правовых документах и обычаях делового оборота. С развитием новых технологий деловые отношения требуют унификации правовых норм, регулирующих внешнеэкономическую деятельность.

**Ключевые слова:** Международная купля-продажа, международный договор, внешняя торговля, конвенции, соглашения, договоры, субъекты внешней торговли, Венская Конвенция, международные отношения, законодательство, место заключения договора, язык заключения договора.

# SOME LEGAL ASPECTS OF AN INTERNATIONAL CONTRACT FOR THE SALE OF GOODS

**Davlatov Nasimjon Mahmadjonovich,**
applicant of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan
**Phone.:** (+992) 933888844
**E-mail:** nasimjon.19941994@mail.ru

**Academic adviser:** Rajabzoda M.N., candidate of law, associate Professor
**Reviewer:** Idizoda F.F., candidate of law, associate Professor

**Annotation:** The article examines some legal aspects of international trade agreements. The main normative and legal acts regulating foreign trade relations have been identified and disclosed. Particular attention was paid to the issues of uniformity of legal norms and selection of existing laws.

Subject to the requirements of Article 6 of the Vienna Convention, the parties may exclude the application of this Convention or deprive it of any of its provisions. This indicates that the parties to the contract have the right to determine what terms the contract contains.

If one of the parties to the contract is a party to the Vienna Convention, then the provisions of the Convention apply to the contract and there is no need to refer to it in the contract.

The Republic of Tajikistan ratified this international document in 2001 and considers it a part of national law. The norms of the Convention have priority and are obligatory for execution, which follows from Article 4 of this document and is regulated by Article 11 of the Constitution of the Republic of Tajikistan.

The legal regulation of foreign trade operations can be traced in the norms of national law, international legal documents and business practices. With the development of new technologies, business relations require the unification of legal norms governing foreign economic activity.

**Keywords:** International purchase and sale, international treaty, foreign trade, conventions, agreements, treaties, subjects of foreign trade, Vienna Convention, international relations, legislation, place of conclusion of the contract, language of the conclusion of the contract.

Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол як аз намудҳои алоҳидаи аҳдҳои иқтисоди хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки барои қонеъ гардонидани манфиати тарафҳо баста мешавад, тағйир меёбад ва ё қатъ мегардад. Шартномаи мазкур дар байни соҳибкороне баста мешавад, ки

марказҳои тиҷоратиашон дар кишварҳои гуногун қарор доранд. Ба сифати тарафҳои шартнома харидор ва фурӯшанда баромад мекунанд[285].

Ташаккул ёфтани муносибатҳои байналмилалӣ имконияти хуб ҷиҳати бастани ҳамагуна шартномаҳо, аз ҷумла шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол гардид. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол оварда нашудааст. Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ" мафҳуми фаъолияти савдои хориҷӣ оварда шудааст, ки тибқи он ҳама намуди фаъолияти марбут ба интиқоли мол, дигар молу мулки моддӣ, ҳуқуқҳо ё хизматрасонӣ, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар ё дар қаламрави берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, ки ин мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии молро ифода намекунад. Бо ин назардошт, пешниҳод мекунам, ки дар моддаи дуюми қонуни мазкур мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол баъд аз мафҳуми фаъолияти савдои хориҷӣ дар шакли зайл оварда шавад: Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол гуфта як намуди аҳдҳои иқтисоди хориҷиро меноманд, ки бо созиши соҳибкороне, ки дар кишварҳои гуногун ҷойгиранд асос ёфта, барои муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои байналмилалии шартномавӣ ҳангоми анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ (содирот ва воридот)-и мол нигаронида шудааст.

Масъалаи танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол ба андешаи М.Н. Раҷабзода ба рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад ва ҳамзамон ба инкишофи муносибатҳои савдои берунӣ мусоидат мекунад.

Масъалаи танзими ҳуқуқии шартномаи мазкур дар рисолаҳои олимони хориҷӣ Д.А. Бессолицын, Ж.Ш. Агоссу, Т.С. Выскарева, Ли Нина ва дигарон баррасӣ шудааст.

Т.С. Выскарева қайд менамояд, ки дар марҳалаи инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ ва зиёд шудани шумораи корхонаҳои тиҷоратие, ки ба савдои беруна машғуланд, масъалаи бастан, иҷро ва танзими ҳуқуқии шартнома дар соҳаи савдои хориҷӣ роли муҳим мебозад[286].

Танзими ҳуқуқии муомилоти савдои берунаро дар меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва урфу одатҳои соҳибкорӣ метавон мушоҳида кард. Бо рушд намудани технологияҳои нав муносибатҳои тиҷоратӣ зарурати муттаҳидсозии меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти савдои хориҷиро ба миён меорад.

---

[285] Давлатов Н.М. Танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар санадҳои байналмилалӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – №3 (23) 2021. – С.149.

[286] Выскарева, Т. С. Особенности правового регулирования договора международной купли-продажи // Молодой ученый. – 2020. – № 11 (301). – С. 90.

Ба андешаи Н.И. Матузов ва А.В. Малко ташкилотҳои байналмилалӣ, аз қабили Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ (UNCITRAL), Институти байналмилалии муттаҳидсозии ҳуқуқи хусусӣ (UNIDROIT) ва Палатаи байналмилалии савдои ICC дар муттаҳидсозии меъёрҳои ҳуқуқ, ки дар доираи он як қатор конвенсияҳо, созишномаҳо, шартномаҳои байналхалқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо бо назардошти манфиатҳои иштироккунандагони фаъолияти савдои берунӣ қабул карда шудаанд[287].

Яке аз ҳуҷҷатҳои афзалиятноки байналмилалӣ, ки шартномаи хариду фурӯши байналмилалиро танзим мекунад, Конвенсияи Вена аз соли 1980 мебошад, ки таҳти сарпарастии Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи савдои байналмилалӣ (UNCITRAL) таҳия шудааст, ки минбаъд Конвенсияи Вена номида мешавад. Ҳадафи асосии ин Конвенсия бартараф кардани монеаҳо дар тиҷорати байналмилалӣ, рушди ҳамкориҳои байни кишварҳо ва афзоиши савдои мол мебошад. Конвенсияи Вена як шартномаи бисёрҷониба буда, меъёрҳои ягонаи ҳуқуқиро дар бар мегирад[288].

Дар ҷараёни бастан, иҷрою бекор намудани шартнома манфиатҳои тарафҳо, озодона бастани шартнома, бовиҷдонона иҷро намудани уҳдадориҳо, макони бастани шартнома, забони бастани шартнома, ҳуқуқи татбиқшаванда, принсипи баробарии тарафҳо ҳатман ба инобат гирифта мешавад[289].

Ба андешаи А.В. Асосков Конвенсияи Вена яке аз муваффақтарин конвенсияҳо дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад (то моҳи майи соли 2018 – 89 кишвар иштирокчӣ буд)[290]. Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001 ин санади байналмилалиро ба тасвиб расонида, онро як қисми қонуни миллӣ медонад. Меъёрҳои Конвенсия афзалият доранд ва ҳатмӣ мебошанд, ки аз модда 4 ин санад бармеояд ва дар моддаи 11 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 6-уми Конвенсияи Вена тарафҳо метавонанд татбиқи ин Конвенсияро истисно кунанд ё аз ҳама гуна муқаррароти он маҳрум созанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тарафҳои шартнома ҳуқуқ доранд худашон муайян кунанд, ки кадом шартҳоро шартнома дар бар мегирад.

Агар яке аз тарафҳои шартнома иштирокчии Конвенсияи Вена бошад, он гоҳ меъёрҳои Конвенсия нисбат ба шартнома татбиқ карда мешаванд ва зарурати истинод ба он дар шартнома нест.

---

[287] Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник / Н.И. Матузов, А.В. Малько – 4 – е изд., испр, и доп. – М.: Издательский дом «Дело» РАНХиГС. 2016. – С. 528.

[288] Сборник ЮНСИТРАЛ по прецедентному праву, касающемуся Конвенции Организации Объединенных Наций о международной купле-продаже // Издание Организаций Объединенных Наций. – 2008. – № R.08.V.15. – С. 424.

[289] Давлатов Н.М. Танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар санадҳои байналмилалӣ // Паёми ДОТ дар н. Рашт, Маҷаллаи илмӣ № 1 (5) 2021. – С. 81–84.

[290] Конвенция ООН о договорах международной купли–продажи товаров (Вена, 1980 г.) // https: // www.uncitral.Org / pdf / russian / texts / sales / cisg / CISG–r.pdf.

Таҷрибаи тиҷоратӣ принсипҳоеро дар бар мегиранд, ки аз ҷониби Институти Байналмилалии Юнидроит оид ба муттаҳидсозии ҳуқуқи хусусӣ (Принсипҳои шартномаҳои тиҷоратии байналмилалӣ), Палатаи байналмилалии савдои ICC таҳия шудаанд (масалан, қоидаҳои тафсири истилоҳҳои тиҷорати байналмилалии INCOTERMS).

Принсипҳои UNIDROIT маҷмӯи умумии қоидаҳоро барои танзими шартномаҳои байналмилалӣ таъмин мекунанд. Ин принсипҳо барои тафсир ва пурра кардани санадҳои ҳуқуқии ягонаи байналмилалӣ истифода мешаванд ва ҳамчун намуна барои қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ хидмат мекунанд.

Ин принсипҳо ихтиёрӣ мебошанд ва метавонанд татбиқ шаванд, агар тарафҳои шартнома мувофиқа карда бошанд, ки шартномаи онҳо тибқи принсипҳо танзим карда мешавад ё ба мувофиқа расидаанд, ки шартномаи онҳо бо “принсипҳои умумии ҳуқуқ” танзим мешавад (lex). mercatoria), инчунин дар сурати имконнопазирии муқаррар намудани меъёри дахлдори қонуни татбиқшаванда.

Принсипҳои UNIDROIT дар таҷрибаи байналмилалии ҳалли баҳсҳои савдои байналмилалӣ васеъ истифода мешаванд. Таҷрибаи татбиқи Принсипҳо аз ҷониби судҳои ҳакамӣ дар вебсайти Unilex.info муфассал оварда шудааст. Қоидаҳои INCOTERMS, ки бори аввал дар соли 1936 таҳти сарпарастии Палатаи Байналмилалии Савдо таҳия шуда буданд (ва баъдан мунтазам нав карда мешаванд), дар амал бештар талабот доранд ва ихтиёрӣ мебошанд. Қоидаҳо ҳамчун маҷмӯи байналмилалии қоидаҳо барои тафсири истилоҳоти тиҷоратӣ, ки бештар дар тиҷорати байналмилалӣ истифода мешаванд, баррасӣ карда мешаванд.Татбиқи ИНКОТЕРМС бо масъалаҳои марбут ба тақсими ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо аз рӯи шартномаҳои хариду фурӯш дар доираи таҳвили мол маҳдуд аст.

Мо ба ақидаи Л.Н. Галенская розием, ки ин қоидаҳоро ҳам барои тиҷорати байналмилалӣ ва ҳам барои тиҷорати дохилӣ истифода бурдан мумкин аст[291].

Қоидаҳои Инкотермс ҳатмӣ мебошанд, агар тарафҳо дар шартнома истинод ба ин қоидаҳоро нишон дода бошанд. Мақомоти гумрук, инчунин судҳои ҳакамӣ, ки баҳсҳоро аз рӯи шартномаҳои хариду фурӯш баррасӣ мекунанд, вазифадоранд муқарраротиИНКОТЕРМС-ро, ки тарафҳои шартнома зикр кардаанд, баинобат гиранд.

Дар қонунгузории миллӣ савдои хориҷии бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» аз 3 июли соли 2012 № 846 танзим карда мешавад. Қонуни мазкур фаъолияти савдои хориҷиро дар соҳаи содирот аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таҳвил ё хариди мол танзим мекунад.

[291] Галенская Л.Н. Комментарий к Международным правилам толкования торговых терминов «Инкотермс 2010» // https: //www.nb–bank.ru / photos / 3936.pdf.

Илова бар ин, дар қонуни мазкур мафҳумҳое ба мисли фаъолияти савдои хориҷӣ, субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ, шахс, мол, содирот, воридот, транзит, иҷозатдиҳӣ (ғайриавтоматӣ), иҷозатдиҳии автоматӣ, ҳузури тиҷоратӣ, чораҳои маҳдудкунӣ, маҳдудиятҳои миқдорӣ, квота, боҷи зиддидемпингӣ, демпинг, арзиши муқаррарӣ, боҷи ҷубронӣ, мусоидати молиявӣ (субсидии), саноати ватанӣ, молҳои шабеҳ, истеҳсоли ватанӣ ва зарари ҷиддӣ мавҷуданд[292].

Реҷаи ҳуқуқии танзими шартномаҳои байналмилалии хариду фурӯш, ба ғайр аз санадҳои ҳуқуқи гражданӣ, инчунин бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти гумрук, андоз ва назорати асъор муайян карда мешавад.

Меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро танзим мекунанд, характери диспозитивӣ доранд, ки дар натиҷаи он тарафҳои шартнома ҳуқуқ доранд, ки шартҳои шартномаро худашон тартиб диҳанд. Дар баробари ин, тафсилоти муфассали шартҳо метавонад хатари иҷрои номатлуби шартномаро ба таври назаррас коҳиш диҳад.

Боиси зикр аст, ки Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё як шакли ҳамгироии тиҷоратию иқтисодии тарафҳо ба ҳисоб рафта, ҳудуди ягонаи гумрукиро пешбинӣ карда, дар доираи он боҷҳои гумрукӣ, танзими ғайритарифӣ, чораҳои махсуси муҳофизатӣ, зиддидемпингӣ, ҷубронӣ татбиқ карда намешаванд ва тарифи ягонаи гумрукӣ амал мекунад. Ин раванд имкон медиҳад, ки муҳлати фиристодани мол хеле кӯтоҳ, нархи мол дастрас, сифати мол хуб ва харидорони зиёд дошта бошад. Дар баробари ин, ба инкишофи муносибатҳои савдои берунӣ мусоидат мекунад.

**Адабиёт:**


1. Выскарева Т.С. Особенности правового регулирования договора международной купли-продажи // Молодой ученый. – 2020. – № 11 (301). – С. 90-92. – URL: https: // moluch.ru / archive / 301 / 68111 / (дата обращения: 19.03.2022).
2. Галенская Л.Н. Комментарий к Международным правилам толкования торговых терминов «Инкотермс 2010» // https: //www.nb – bank.ru / photos / 3936.pdf
3. Давлатов Н.М. Танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар санадҳои байналмилалӣ // Давлатшиноӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-малӣ. – №3 (23) 2021. – С. 147-153.
4. Давлатов Н.М. Танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар санадҳои байналмилалӣ // Паёми ДОТ дар н. Рашт. – Маҷаллаи илмӣ. – № 1 (5) 2021. – С. 81-84.


[292] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ" аз 3 июли соли 2012, № 846, моддаи 2.

5. Конвенция ООН о договорах международной купли-продажи товаров (Вена, 1980 г.) // https: // www.uncitral.Org / pdf / russian / texts / sales / cisg / CISG –r.pdf.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ" аз 3 июли соли 2012, № 846, моддаи 2.

7. Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник / Н.И. Матузов, А.В. Малько – 4-е изд., испр, и доп. – М.: Издательский дом «Дело» РАНХиГС. 2016. – 528 с.

8. Сборник ЮНСИТРАЛ по прецедентному праву, касающемуся Конвенции Организации Объединенных Наций о международной купле-продаже // Издание Организаций Объединенных Наций. – 2008. – № R.08.V.15. – 424 с.

# ДУРНАМОИ РУШДИ ШАРТНОМАҲОИ КОНСЕССИОНӢ ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Абдуллозода Аҳтам Рустам,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
**Тел.:** (+992)101484444
**E-mail:** abdulloev02@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Бобозода У.Х., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Маҳмадшозода Ф.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур муаллиф кушиш кардааст то баъзе аз хусусият ва масоили дар доираи Дурнамои рушди шартномаҳои консессионӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартҳои бастан ва мушкилоти иҷроиши шартномаи консенсуалиро баррасӣ намояд. Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон модели консессионии ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ аз нуқтаи назари афзалиятҳо ва дурнамоҳои иқтисодӣ хеле мубрам мебошад.

Дар баробари муваққатан ба истифодаи самаранок супоридани моликияти давлатӣ, бо дарназардошти манфиатдор будани давлат вобаста ба назорат аз болои иншооти муҳими инфрасохторӣ, инчунин ба таври доимӣ таъмин намудани фаъолияти самарабахши онҳо, ҳамзамон ҳифзи манфиатҳои вобаста ба амнияти миллӣ, маҳз истифодаи шартномаҳои консессионӣ имкон медиҳанд, ки дар раванди ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ салоҳияти қонунии назорат аз болои фаъолияти консессиядор вуҷуд дошта бошад.

**Калидвожаҳо:** Шартнома, иқтисоди бозорӣ, модели консенсионӣ, моликият, баробарии тарафҳои шартнома, бахши хусусӣ, тарафҳои шартнома, захираҳои табиӣ, уҳдадорӣ, масъулият.

# ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ КОНЦЕССИОННЫХ ДОГОВОРОВ В УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Абдуллозода Ахтам Рустам,**
соискатель кафедры международного права юридического факультета ТНУ
**Тел.:** (+992)101484444
**E-mail:** abdulloev02@mail.ru

**Научный руководитель:** Бобозода У.Х., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Махмадшозода Ф.А., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статье автор рассматривает некоторые особенности и вопросы в ракурсе перспектива концессионных договоров в условиях Республики Таджикистан, условия заключения и проблемы реализации консенсуального договора. В нынешних условиях Таджикистана концессионная модель сотрудничества государства и частного сектора весьма проблематична, с точки зрения приоритетов и экономических перспектив.

Помимо временной передачи государственного имущества в эффективное использование с учётом заинтересованности государства в управлении важными инфраструктурными объектами, а также постоянное обеспечение их эффективной эксплуатации, одновременно защищая интересы, связанные с национальной безопасностью, использование концессионных договоров позволяет в процессе сотрудничества государства и частного сектора иметь юридические полномочия по контролю за деятельностью концессионера.

**Ключевые слова:** Договор, рыночная экономика, концессионная модель, собственность, равенство сторон договора, частный сектор, стороны договора, природные ресурсы, обязательство, ответственность.

## PERSPECTIVES FOR THE DEVELOPMENT OF CONCESSION CONTRACTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Abdullozoda Ahtam Rustam,**
applicant of the International Law Department of the Faculty of Law of the TNU
**Phone.:** (+992)101484444
**E-mail:** abdulloev02@mail.ru

**Scientific advisor:** Bobozoda U.Kh., candidate of law, associate professor
**Reviewer:** Makhmadshozoda F.A., candidate of law, associate professor

**Annotation:** In this article the author considers some features and issues from the perspective of the concession contracts in the conditions of the Republic of Tajikistan, conditions of conclusion and problems of realization of the consensual contract. In the current conditions of Tajikistan, the concession model of cooperation between the state and the private sector is very problematic, in terms of priorities and economic prospects.

In addition to temporarily transferring state property to effective use, taking into account the state's interest in managing important infrastructure facilities, as well as permanently ensuring their effective operation, while protecting national security interests, the use of concession contracts allows the state and private sector to have legal authority to control the activities of the concessionaire in the process of cooperation.

**Keywords:** Contract, market economy, concession model, property, equality of contracting parties, private sector, contracting parties, natural resources, obligation, responsibility.

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати афзоиши ҷалби сармояи хусусӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ намуд, ки дар доираи он барқарор намудани ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, махсусан, тавассути бастани шартномаҳои консессионӣ хело мубрам арзёбӣ мешуданд. Махсусан, дар вазъияти баъдибуҳронӣ, ки ба воқеаҳои маълуми солҳои 90-уми асри XX алоқаманд мебошанд, аксари соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба ҷалби сармоя, истифодаи самараноки моликияти давлатӣ, аз ҷумла захираҳои табиӣ тавассути истифодаи воситаҳои молиявӣ, иқтисодӣ ва техникии бахши хусусӣ эҳтиёҷ пайдо намуданд, ки роҳандозии чунин шакли ҳамкорӣ аҳамияти махсусро касб менамуд.

Ҳамзамон, бинобар мавҷуд набудани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи бастани шартномаҳои консессионӣ натавонист хусусияти оммавӣ дошта бошад, ки дар ниҳояти кор ба фаъол гардидани раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ мусоидат намуд. Танҳо пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» дар соли 1997 ва дар таҳрири нав соли 2011 дар кишвари мо расман ин шакли шарикии давлативу хусусӣ шакли қонунӣ пайдо намуд, ки аз иродаи сиёсии давлат барои гузаштан ба сатҳи нави ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ шаҳодат медод. Шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва шаклҳои гуногуни зуҳури он, аз ҷумла консессия дар Тоҷикистон институти иқтисодӣ-ҳуқуқии нав ва ба таври амиқ омӯхтанашуда маҳсуб меёбад.

Омузиши таҷрибаи як қатор давлатҳо, бахусус Британияи Кабир нишон медиҳад, ки одатан камтар аз 50 фоизи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мешаванд сари вақт ва дар доираи буҷети қаблан тасдиқшуда амалӣ мегарданд. Дар амалигардонии лоиҳаҳо дар доираи шарикии давлат бо бахши хусусӣ бошад, ин нишондиҳанда 80-90 фоизро ташкил медиҳад.

Яке аз масъалаи муҳим таъмини сифатнокии натиҷаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ аст. Сифатнокии натиҷаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки мушкилоте, монанди сохтмони дарозмуҳлат ва таъмири доимӣ аз байн рафта, сифати молу хизматрасонӣ афзоиш ёфта, самаранокии истифодаи захираҳои мавҷуда баланд ва сатҳи таваррум коҳиш ёфта, афзоиши иқтисодиёт босамар идома меёбад[293].

Вобаста ба мавзуъ дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои ҷолиби диққат мавҷуданд. Аз ҷумла, С. Силвестров қайд менамояд, ки мутаассифона,

[293] Ниг.: Баженов А.В. Использования механизма государственно частного партнерства как катализатора антикризисного потенциала развитии инфраструктуры // Государственно – частное партнерство. Пути совершенствования законодательной базы // http://www.ebrd.com/downloads/legal/ concessions /framewk.pdf. (Санаи муроҷиат 20.01.2022)

имкониятҳои басо васеъ ва афзалиятнок дар татбиқи амалии лоиҳаҳои муштарак байни давлат ва бахши хусусӣ то ҳанӯз ба пуррагӣ истифода бурда намешаванд ва он чун қоида асосан, дар доираи соҳаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, коркарди партовҳо, инчунин маорифу тандурустӣ маҳдуд мешаванд.

Дар идомаи таҳқиқоти худ муаллифи мазкур қайд мекунад, ки дар доираи стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси вобаста ба шакли моликият, маблағгузорӣ ва идоракунӣ панҷ модели асосӣ ташкил ёфтаанд:

1) модели оператор, ки маблағгузории хусусӣ ва идоракуниро ҳангоми мавҷуд будани моликияти хусусӣ-давлатӣ дарбар мегирад;

2) модели кооператсия – маблағгузории давлатӣ-хусусӣ ва идоракунӣ ҳангоми мавҷуд будани моликияти хусусӣ-давлатӣ;

3) модели консессия – маблағгузории хусусӣ-давлатӣ ҳангоми мавҷуд будани моликияти давлатӣ;

4) модели шартномавӣ – маблағгузории хусусӣ ва идоракунӣ ҳангоми мавҷуд будани моликияти хусусӣ-давлатӣ;

5) модели лизингӣ – маблағгузории хусусӣ-давлатӣ ва идоракунӣ ҳангоми мавҷуд будани моликияти хусусӣ[294].

Ба андешаи коршиносони Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, шарикии давлатию хусусӣ ва консессия, ки пеш аз ҳама ба таҳкими муносибатҳои гуногуни шартномавие, ки ба ташкил, рушд ва бозсозии инфрасохтори хизматрасониҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, равона шудаанд, ҳамчун механизми самарабахш ва таъсирбахши ҳамкории соҳавӣ арзёбӣ мегардад.[295]

Дар шароите, ки давлат аз лиҳози сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ё иқтисодӣ ба худ нигоҳ доштани ҳуқуқи моликиятро ба объекти консессия зарур мешуморад, маҳз шартномаҳои консессионии баррасишаванда яке аз моделҳои муҳим, мутақобилан судманд ва бомуваффақи ҳамкории иқтисодии дарозмуҳлат ба ҳисоб мераванд.

Моҳияти бартарияти шарикии консессионӣ дар он зоҳир мегардад, ки давлат хангоми истифода аз ин модел, сараввал аз сарбории хароҷоти нигоҳдории моликият озод шуда, ба ин васила самаранокии истифодаи моликияти давлатиро афзун мегардонад, дуюм, даромади буҷетро аз ҳисоби пардохтҳои консессионӣ пурра менамояд ва сеюм, ҷиҳати ҳалли бомуваффақи мушкилоти ҷории иҷтимоию иқтисодӣ чораҳо меандешад[296].

А.И. Попов бартарии муҳими дигари созишномаи консессиониро дар он мебинад, ки давлат дар лаҳзаи пешниҳоди объектҳо барои истифодаи

---

[294] Ниг.: Сильвестров С. Партнерство государства и частного сектора. // Журнал «Экономика России: XXI век» № 18 // www.ruseconomy.ru/nomer18_200501/ec24.html.

[295] Ниг.: Эммануэль Морис, Взаимовыгодное сотрудничество // Государственно-частное сотрудничества. Пути совершенствования законодательной базы // www.ebrd.com/downloads/legal/concessions /framewk. pdf.

[296] Ниг.: Савинова О.Н. Договорное регулирование концессионных отношений по законодательству Российской Федерации: … дис. канд. юрид. наук. – Казань, 2006. – С.35.

консессионӣ танҳо ба таври муваққатӣ ҳуқуқҳои худро дода, ба таври назаррас сарбории дахлдори буҷетро кам менамояд[297].

Нуқтаи назари С.А. Сосна аз он лиҳоз ҷолиб аст, ки консессия маънои фурӯхта тамом кардан ва тақсимоти захираҳои миллӣ ва дигар дороиҳои ҷамъиятиро надорад. Тавассути бастани чунин шартномаҳо, ҳуқуқи истифодаи молу мулки давлатӣ танҳо муваққатан ба шахсони воқеӣ гузашта, охирин вазифадор мегарданд, ки ба соҳибмулк ҳақи муносиби истифодаро пардозанд ва чун қоида тамоми таваккали тиҷоратиро барои истифодаи молу мулк ба зиммаи худ гирифта, андозҳои муқарраршударо пардохт намоянд[298].

Аз рӯи ақидаи А.В. Богдасаров ва бо дарназардошти он ки имкониятҳои буҷети давлатӣ дар аксар маврид маҳдуд мебошанд, ба имзо расонидани шартномаҳои консессионӣ ба идоракунии самараноки амволи давлатӣ ё моликияти мунисипалӣ, рушд ва ё азнавсозии корхонаҳои муҳими стратегӣ мусоидат мекунанд[299].

Дар баробари ин, О.Н. Савинова таҳлили муқоисавии шартномаи консессиониро бо дигар шаклҳои ҳаммонанди шартномаҳо, аз ҷумла шартномаи пудрат, консессияи тиҷоратӣ, созишнома оид ба тақсими маҳсулот, шартномаҳои хизматрасонӣ ва ғайра анҷом дода, ба хулосаи асосноке меояд, ки ҳеҷ яке аз шартномаҳои баррасишуда ба мисли шартномаҳои консессионӣ доираи васеи истифода надоранд[300].

Инчунин, қайд мегардад, ки консессия шакли бештар анъанавӣ ва паҳншудаи ҷалби сармоягузориҳои хусусии хориҷӣ бо мақсади азхудкунӣ ва истифодабарии захираҳои табиии давлати қабулкунанда ба ҳисоб меравад[301] ва муносибатҳои консессионӣ бошанд, айни замон дар ҷаҳон зиёдтар инкишоф ёфтаанд[302].

Маълум аст, ки консессия ҳамчун муҳимтарин шакли ҳамкории байни давлат ва тиҷорати хусусӣ рушди худро дар соҳаҳои инфрасохторӣ, махсусан дар самтҳое, ки сармоягузории хусусӣ ва идоракунии баландихтисос зарур аст, пайдо намудааст.

В.Г. Варнавский бо мавриди омӯзиш қарор додани масъала ба хулосае омадааст, ки консессияҳо ба қисми таркибӣ ва муҳими ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ табдил ёфта, дар навбати худ ҳамчун воситаи паст кардани инҳисори давлатӣ, либерализатсия ва хусусигардонӣ баромад намуда, дар соҳаҳои алоҳида ҳатто чун шакли бартариятдоштаи

---

[297] Попов А.И., Концессионные соглашение (гражданско-правовой аспект): … дис. канд. юрид. наук. – Рязань, 2007. – С. 3-4.
[298] Ниг.: Сосна С.А. Концессионные соглашение: теория и практика. – М., 2002. – С. 8-9.
[299]Богдасарова А.В., Концессионное соглашение в гражданском праве России и зарубежных стран: …дис. канд. юрид. наук. – Москва, 2009. – С. 4.
[300] Ниг.: Савинова О.Н. Договорное регулирование концессионных отношений по законодательству Российской Федерации: … дис. канд. юрид. наук. – Казань, 2006. – С. 82.
[301] Ниг.: Михеева Е. Сравнительный аспект правового регулирования концессионных соглашений.// www.yurpraktika.com/artikl.php...
[302] Ниг.: Попов А.И., Концессионные соглашение (гражданско-правовой аспект): … дис. канд. юрид. наук. – Рязань, 2007. – С.3.

сармоягузории хусусӣ унсурҳои бозории идоракуниро дар муҳите ворид намудаанд, ки қаблан инҳисори мушаххаси давлат буд[303].

Мавқеи назари А. Кирин доир ба он, ки созишномаҳои консессионӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳамчун шакли ҷамъовардашуда ва ҷамъбастии муносибатҳои шартномавии байни давлат бо сармоягузорони хусусӣ бо дороии васеи фаъолият мебошанд, қобили таваҷҷуҳ аст[304].

Таҳқиқот оид ба ҷолибияти иқтисодии ба имзо расонидани чунин созишномаҳо, ки дар адабиёти ватанӣ дастрас мебошанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки маҳз ба воситаи консессия метавон мушкилоти зиёд, аз ҷумла мушкилоти норасоии нерӯи барқро дар кишвар ҳал намуд[305]. Бино ба ақидаи Р.Б. Бозоров консессия шакли васеъ истифодашаванда дар низоми умумии шартномаҳои сармоягузорӣ буда, пеш аз ҳама ба иншооти моликияти давлатӣ асос мегирад[306].

Дар шароити имрӯзаи рушди Тоҷикистон модели консессионии ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ аз нуқтаи назари афзалиятҳо ва дурнамоҳои иқтисодӣ, манфиатҳои иҷтимоию сиёсӣ, инчунин эҳтиёҷоти имрӯзаи ҷумҳурӣ хело мубрам арзёбӣ мегардад. Бо дарназардошти манфиатдор будани давлат вобаста ба назорат аз болои иншооти муҳими инфрасохторӣ, инчунин ба таври доимӣ таъмин намудани фаъолияти самарабахши онҳо, ҳамзамон ҳифзи манфиатҳои вобаста ба амнияти миллӣ, маҳз истифодаи шартномаҳои консессионӣ имкон медиҳанд, ки дар раванди ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ бе маҳдуд намудани соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди худ, салоҳияти қонунии назорат аз болои фаъолияти консессиядор вуҷуд дошта бошад.

Аз ин ру, тавре бамаврид қайд мегардад зиёда аз 120 кишвари ҷаҳон шартномаҳои консессиониро ҳамчун механизми қобили баланди таваҷҷуҳ дар самти самаранок ва бо ҷалби сармояҳои хусусӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода кардани моликияти давлатӣ фаъолона татбиқ менамоянд[307].

Дар идомаи таҳқиқи масъалаи баррасишаванда метавон боз якчанд омилҳои объективии рушди минбаъдаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессиониро дар Тоҷикистон муайян намуд. Пеш аз ҳама, заминаи асосӣ барои рушди падидаи консессионӣ дар ҷумҳурӣ, албатта, ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ мебошад. Тавре ки Ш.М. Менглиев қайд кардааст, ба даст овардани Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати андешанамоии нави равандҳои ҷорӣ ва пеш аз ҳама, масъалаҳои татбиқи ҳуқуқии субъективии онро тавлид

[303] Ниг.: Варнавский В.Г. Партнерство государства и частного сектора: формы, проекты, риски. – М.: Наука, 2005. – С.48.
[304] Ниг.: Кирин А. Инвестиционная право // Экономика и жизнь. 1995. – №34. – С.8.
[305]Ниг.: Бобоев У.Х. Организационно-правовые формы совместной хозяйственной деятельности (международно-частноправовой аспект). – Душанбе: «Ирфон», 2004. – С. 107.
[306]Ниг.: Бозоров Р.Б.. Инвестиционное право. Учебник. – Душанбе: ТГНУ, 2008. – С-331.
[307] Ниг.: Сосна С.А. Концессионные договоры с иностранными инвесторами // Правовое регулирование иностранных инвестиций в России. – М.: Инст-т гос-ва и права РАН, 1995. – С. 66.

намуд[308]. Масъалаи соҳибҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, муаллиф қайд мекунад, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, бо дарназардошти татбиқи сиёсати ягонаи хориҷӣ ва набудани имкониятҳои кофии иқтисодӣ, робитаҳои тиҷорати хориҷӣ, илмӣ-техникӣ ва дигар робитаҳои ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бо ҷаҳони беруна маҳдуд карда шуда, чунин салоҳиятҳо ба мақомоти умумиттиҳодӣ таҳвил дода шуда буданд[309].

Ҳамин тавр, мувофиқи зербанди «з» банди 1 Шартнома «Дар бораи таъсисёбии Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ» аз 30 декабри соли 1922 ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ як қатор ваколатҳои худро, аз ҷумла бастани шартномаҳои консессиониро ба мақомоти умумиттиҳодӣ таҳвил дода буданд[310].

Истиқлолияти давлатӣ бошад, дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ тағйироти мусбат ворид намуда, барои ҷумҳурии мо дурнамои нав ва имкониятҳои фаррохи рушдро фароҳам оварда, гузариш ба шакли бозории муносибатҳои иқтисодӣ ба рушди шарикии давлату бахши хусусӣ мусоидат намуд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври муносиб қайд гардидааст, ки ба имзорасонии шартномаҳои мукаммали марбут ба соҳаҳои иқтисодиёт, фарҳанг, илму техника ва дигар соҳаҳо танҳо баъди ба даст овардани истиқлолият имконпазир гардид[311]. Мутаносибан, давлати мо имкон пайдо кард, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро мустақилона муайян карда, ҳамчун субъекти шартномаҳои хусусии ҳуқуқӣ, аз ҷумла созишномаҳои консессионӣ баромад намояд.

Тавре маълум аст, дар шароити иқтисоди бозорӣ муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва шаклҳои ҳамкории байни давлат ва бахши хусусӣ ба вуҷуд омаданд, ки бо дарназардошти рушди марҳилавии худ ба танзими ҳуқуқии таъхирнопазир эҳтиёҷманд шуданд.

Созишномаҳои консессионӣ ҳамчун шакли ҳамкории байни давлат ва сармоягузори хусусӣ падидаи нисбатан нав мебошад, ки заминаи ҳуқуқии худро пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» аз 15 майи соли 1997 пайдо намуд. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ консессияро ҳамчун ба конссесиядор дар асоси шартнома бо пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии самараноки муваққатӣ супоридани замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот, дигар моликияти давлатӣ ва боигарии табиӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, инчунин бунёди иншооти нав аз ҳисоби консессиядор бо шарти дар оянда баргардонидани онҳо ба давлат пешбинӣ намуд[312].

Қабули Қонуни мазкур ҳамчун ташаббуси саривақтии давлат дар роҳи танзими ҳуқуқии масъалаҳои вобаста ба консессия арзёбӣ шуда,

---

[308] Ниг.: Менглиев Ш.М. Международное частное право. Часть 1. – Душанбе: «Деваштич», 2002. – С. 37.
[309] Ниг.: Менглиев Ш.М. Ҳамон асар. – С. 38-39.
[310] https://ru.wikisource.org/wiki/ . (Санаи мурочиат 13.12.2022 с.)
[311] Ниг.: Менглиев Ш.М. Ҳамон асар. – С. 50.
[312] Моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1997, № 10, м. 125.

тибқи он ба сармоягузорон имконияти ҳуқуқии дастрасӣ ба бозори дохилӣ, махсусан, истифодабарии моликияти давлатӣ ва ё фаъолият дар соҳаи монополияи давлат фароҳам оварда шуд. Дар баробари ин, ҷалби сармоягузорӣ дар шакли консессия метавонад ба сифати ҳавасмандгардонӣ ҷиҳати ғанӣ гардонидани буҷетҳои дахлдор ва беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон, инчунин некӯаҳволии мардум дар маҷмуъ хизмат кунад.

Заминаи навбатӣ ва дорои аҳамияти муҳими танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессионӣ дар Тоҷикистон, ин ташаккул ёфтани мавқеи назари сиёсӣ ва дарки муҳимияти рушд додани шарикии давлату бахши хусусӣ дар кишвари мо мебошад.

Бо дарназардошти мубрамияти амалинамоии ҳамкориҳо бо усули консессия, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар муҳим ва самаранок будани ҳамкории байни давлат ва бахши хусусиро дар шакли истифодаи механизми консессия зикр намуда, изҳор доштанд, ки тавассути механизми ҳамкории бахши давлативу хусусӣ ҳиссаи маблағҳои буҷетиро дар лоиҳаҳои инфраструктурии инвеститсионӣ кам кардан мумкин аст. Дар идомаи андешаҳо қайд гардид, ки иқдомоти мазкур бояд бештар ба лоиҳаҳои азнавсозӣ табдил дода шаванд ва ҷиҳати такмили минбаъдаи амалияи консессионии миллӣ супоришҳо дода шуданд[313]. Дар заминаи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» соли 2011 дар таҳрири нав қабул гардид, ки тавассути он бархе аз холигиҳои меъёрии қонунгузории консессионии кишвар пурра карда шуданд.

Татбиқи механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабл аз ҳама, ба бештар ҷалб намудани сармояи хориҷӣ равона карда шудааст, ки дар ниҳоят ҳамчун омили муҳим дар таъмини суботи иқтисоди миллӣ хизмат мекунад.

С.П. Мороз ба таври саҳеҳ қайд мекунад, ки рушди устувори иқтисодии ҳар як давлат бе сиёсати ягона ва мутавозуни сармоягузорӣ имконнопазир аст[314].

Муаллифони ватанӣ дар соҳаи иқтисодиёт низ бар он назаранд, ки вазъи имрузаи иқтисодии Тоҷикистон моро водор менамояд, ки дар хусуси муносибнамоии сиёсати давлатӣ дар ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ ва мусоидат ба баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ бештар фикр намоем[315].

---

[313] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ // http://president.tj /node/192. (Санаи мурочиат 13.12.2022 с.)
[314] Ниг.: Мороз С.П. Инвестиционное право Республики Казахстан: – Алмааты: НИИ частного право КазГЮУ, 2006. – С.3.
[315] Ниг.: Файзиева С.А., Основные проблемы, тормозящие приток иностранных инвестиций в экономику Таджикистана // Вестник ТГНУ (научный журнал), – Душанбе: «Сино», 2009, – С. 78.

Таҳлили вазъ нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурии мо бо мақсади ташаккули нақшаҳои гуногуни ҳамкории давлатию хусусӣ, аз ҷумла тавассути бастани шартномаҳои консессионӣ, ё созишнома оид ба тақсими маҳсулот ва ё дигар шаклҳои ҳуқуқии ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҷустуҷӯ, иктишоф, истихроҷ ва коркарди ашёи хоми минералӣ, инчунин истифодаи захираҳои канданиҳои фоиданок ва ғайра майдони васеи ҳуқуқию ташкилӣ таъсис дода шудааст. Дар баробари ин, муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ босуръат инкишоф ёфта, ба дигаргуниҳои мунтазамӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки мутаносибан вокуниши саривақтӣ ва комили ҳуқуқиро тақозо менамоянд.

Тавре маълум аст, дар шароите, ки барои ҷалб ва воридшавии фаъоли сармояи хориҷӣ заминаҳои объективӣ вуҷуд надоранд, аз ҷониби ҳукуматҳои давлатҳои гуногун муҳити комили қонунгузории бо истилоҳ «кушода» ва ё «шаффоф» барои ба бозорҳои кишварҳои рӯ ба инкишоф ҷалб намудани сармояи хориҷӣ таъсис дода мешавад[316].

Бо вуҷуди ин, наметавон бо андешаи И.С. Вахтинская розӣ нашуд. Муаллиф қайд менамояд, ки нишондиҳандаи ҷолибияти сармоягузориҳои соҳаҳои мушаххаси хоҷагӣ на бо далели мавҷудияти санади қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои консессионӣ муайян карда мешавад, дар ин самт маҳз амалияи татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ муҳим мебошад[317].

Таҳлили муносибатҳои мавҷудаи консессионӣ дар Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки новобаста аз вуҷуд доштани иқтидори назаррас барои рушди соҳа, мутаассифона, таҷрибаи бастани шартномаҳои консессионӣ дар кишвари мо ҳанӯз ба таври васеъ тавсеа наёфтаанд. Ин вазъият, метавонад, бо сабабҳои зерин вобастагӣ дошта бошад:

а) оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки то дараҷае эътимоди сармоягузорони хусусиро дар давраи аввали соҳибистиқлолии кишвар кам намуда, ба ин васила ба нуфуз ва ҷолибияти сармоягузории кишвар таъсир расонид;

б) такмил наёфтани қонунгузорӣ дар ин соҳа, ки аз набудани механизмҳои дақиқан маълуми татбиқи созишномаҳои консессионӣ вобастагӣ дорад;

в) дар ҳолати рушд қарор доштани таҷрибаи ҳамкории байни давлат ва сармоягузори хусусӣ;

г) мавҷуд будани монеаҳои муайяни бюрократӣ ва ғайра.

Новобаста аз ин, кӯшишҳои фаъоли баимзорасонии шартномаҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози баҳогузории натиҷаҳои татбиқ хеле муваффақ буда, самаранокии иқтисодӣ ва даромаднокии худро нишон дод. Ҳамин тавр, натиҷаҳои мусбати таҷрибаҳои нахустин ба мо имконият медиҳад, ки дар бораи дурнамои назаррас ва иқтидори

---

[316] Ниг.: Водянов А., Новые инструменты государственного регулирования инвестиций // Проблемы теории и практики управления. – М., 1996, № 5, – С. 95.

[317]Ниг.: Вахтинская И.С., Гражданско-правовые признаки концессионного соглашения: … дис. канд. юрид. наук. – Москва, 2008, – С.7.

густариши имкониятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, махсусан, дар соҳаи коркарди конҳои ашёи хом фикр намоем. Андешаи мазкур бо дарназардошти он ки яке аз асосҳои муҳими сарвати миллии моро захираҳои табиии аз рӯи миқёс азим, аз рӯи шаклу намуд гуногун ва аз лиҳози сифат хело арзишманд ташкил медиҳанд, мубрам мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки тибқи пешгӯии мутахассисон дар қаъри замини Тоҷикистон беш аз се триллион метри мукааб газ ва қариб чор миллиард тонна ангишт мавҷуд аст, ки он Тоҷикистонро ба яке аз зинаҳои намоён дар байни кишварҳои ИДМ ҷойгир мекунад[318].

Ба андешаи Р.Б. Бозоров яке аз самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ маҳсуб меёбад. Сарвати зеризаминӣ ҳамчун моликияти истисноии давлат бо хусусияти худ аз дигар объектҳо ба куллӣ фарқ мекунад, зеро онҳо на дар рӯи замин, балки дар қаъри он ҷойгир мебошанд ва мутаносибан барои коркард ва истифодаи онҳо истифодаи воситаҳои махсус талаб карда мешаванд[319]. Аз ин рӯ, бинобар хусусиятҳои мухталиф, коркарди ин гуна конҳо ва ворид намудани онҳо ба муомилоти иқтисодӣ сармояҳои назарраси молиявиро, ки дар аксар вақт дар буҷети давлатӣ кофӣ нестанд, талаб менамояд. Амалисозии шарикии давлату бахши хусусӣ бо роҳи бастани шартномаҳои консессионӣ дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ аҳамияти махсус пайдо менамояд.

Боиси қайд аст, ки дар таносуб бо баъзан давлатҳо-аъзои ИДМ, сарватҳои зеризаминӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз объектҳои имконпазири ба консессия додашаванда маҳсуб меёбанд. Яъне, дар асоси талаботи қонунгузории ҷумҳурӣ ба сифати объектҳои консессия метавонанд объектҳои моликияти давлатӣ, аз ҷумла замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳаво, олами набототу ҳайвонот, дигар моликияти давлатӣ ва боигариҳои табиӣ баромад намоянд.

Нуқтаи назари С.П. Мороз вобаста ба масъалаи мазкур қобили таваҷҷуҳ буда, муаллиф зикр менамояд, ки дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ яке аз аввалин шаклҳои шартномавӣ - шартномаи (қарордоди) консессионӣ мебошад.

Сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон, ки дорои ҳамаи элементҳои ҷадвали даврии Менделеев мебошанд, хазинаи табиии нодир буда, мувофиқи маълумоти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, айни замон, дар ҳудуди ҷумҳурӣ 28 кони тилло кашф шудааст. Инчунин, дар шимоли ҷумҳурӣ дуюмин калонтарин кони нуқра дар ҷаҳон, бо коркарди солонаи 50 тонна мавҷуд буда, захираи он ба зиёда аз 150 сол мерасад. Ҳамзамон, бо такя ба маълумоти ҷойдошта, дар Тоҷикистон зиёда аз 400 кони маъдан

---

[318] Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 17-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон //www.president.tj. (Санаи мурочиат 13.12.2022 с.)

[319]Ниг.: Бозоров Р.Б. Инвестиционное право. Учебник, – Душанбе. ТГНУ. 2008. – С .248-249.

ва ғайримаъдани канданиҳои фоиданок кашф ва барои азхудкунӣ омода гардидаанд.

Самтҳои дигари муҳим, ки ба сармоягузорӣ дар шакли татбиқи шартномаҳои консессионӣ эҳтиёҷ доранд, ин инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика, роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ, нақлиёт, хоҷагии коммуналӣ ва ғайра мебошанд. Агар мо инфрасохтори нақлиётиро ба сифати унсури бахши муҳими иҷтимоӣ арзёбӣ кунем, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ин ҷо механизми махсуси идоракунӣ зарур аст. Е.Г. Ефимова дар ин хусус дуруст қайд кардааст, ки дар шароити набудани роҳҳои зарурии алтернативии мусофиркашонӣ ва боркашонӣ, хусусигардонии маъмулии коммуникатсияи нақлиётӣ метавонад бо дарназадошти пайдо шудани инҳисори шабакавӣ дар дасти операторони хусусӣ ба хатарҳои гуногун рӯ ба рӯ гардад. Яъне, хавфи поймолкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои истифодабарандагон, инчунин сӯистифода аз вазифаҳои операторони инҳисор ба вуҷуд меояд. Аз ин лиҳоз, рушди инфрасохтори нақлиёт дар аксар кишварҳои ҷаҳон, айни замон, маҳз тавассути муносибатҳои шарикии байни давлат ва бахши хусусӣ амалӣ карда мешаванд[320]. Ҳамин тавр, бо дарназардошти воқеиятҳои Тоҷикистон ва таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти ҳамкориҳои консессионӣ дар соҳаи нақлиёт, ин гуна ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар шароити мо метавонад хеле самаранок бошад. Аммо, дар баробари ин, зимни ба консессия додани роҳҳои автомобилгард давлат бо озод намудани худ аз сарбориҳои молиявию техникӣ, бояд назорати фаъолияти мақсаднок ва сифатноки инфрасохтори зикршударо таъмин намояд.

Афзалияти асосии консессия дар соҳаи нақлиёт самаранокии механизми идоракунии дороиҳои давлатӣ мебошад. Бо истифода аз механизмҳои консессионӣ, давлат имкон пайдо менамояд, ки на танҳо маблағҳои хусусии сармоягузорон, балки технологияҳои пешрафтаи идоракунӣ, захираҳои кадрӣ ва ташкилию тиҷоратиро, ки сифати баланди корҳо ва хизматрасониҳоро таъмин менамоянд, ҷалб созад[321].

Дар давлатҳои иқтисодашон дар ҳоли гузариш, сармояи хусусӣ, асосан, дар лоиҳаҳои сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгарде, ки шаҳрҳои бузургро ба ҳам мепайванданд, иштирок мекунад, зеро дар чунин роҳҳо ҳаракати баланди эҳтимолӣ мавҷуд буда, ба ин васила хатарҳои молиявии онҳо коҳиш меёбад. Ҳамзамон, вақтҳои охир, афзалияти сиёсӣ бештар ба лоиҳаҳое дода шуда истодаанд, ки ба равандҳои ҳамгироӣ мусоидат мекунанд ва дар ин маврид, хатари нисбатан баланди тиҷоратӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар давлатҳои Мексика, Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ ва Индонезия 100 фоизи роҳҳои мошингард дар асоси консессия сохта, ба истифода дода мешаванд. Дар минтақаи Осиё бошад, ҳиссаи калони роҳҳои автомобилие, ки аз ҷониби

---

[320] Ниг.: Ефимова Е.Г. Концессии в транспортной инфраструктуре: зарубежный опыт и Российская практика., Вестник СПбГУ., Сер. 5., – 2007., вып.2, – С. 115.

[321] Ниг.: Ефимова Е.Г. Ҳамон асар. – С.116.

бахши хусусӣ дар асоси пардохт идора карда мешавад, ғайр аз давлатҳои дар боло зикргардида ба Малайзия рост омада, дар Америкаи Лотинӣ аз 30 то 40 фоизи роҳҳои автомобилгардро роҳҳои пулакӣ ташкил дода, бештар аз нисфи роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ ба консессия дода шудаанд[322].

Заминаи муҳими дигари рушди ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ дар соҳаи консессия ин иқтидори обу энергетикии кишвар мебошад. Мутобиқи арзёбии нашрияи боэътимод, атласи гидроэнергетикии ҷаҳон «HYDROPOWER&DAMS» (с. 1997), Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаи мушаххаси захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон ҷойи аввал ва аз рӯи нишондиҳандаҳои мутлақ ҷойи ҳаштумро ишғол менамояд. Дар сурати истифодаи пурраи он, ҷумҳурӣ метавонад бузургтарин содиркунандаи нерӯи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар минтақа гардад.

Мутаносибан, соҳаи энергетика ва газ, ки ба таркиби комплекси сӯзишворию энергетикӣ дохил буда, ба сифати соҳаҳои низомсоз дар таъминоти ҷумҳурӣ ва ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нақши калидӣ мебозанд, дар истифодаи самарабахши механизми шарикии консессионӣ эҳтиёҷ доранд, зеро ба ин васила беҳбудии раванди азхудкунии оқилона ва босуръати онҳо таъмин мегардад.

Ҳамин тавр, масъалаҳои марбут ба афзоиши самаранокии истифодаи моликияти давлатиро мавриди таҳқиқ қарор дода, метавонем оид ба ҳалли самараноки онҳо ба воситаи механизми афзалиятнок ва сармоягузории консессионӣ хулоса барорем, ки айни замон шакли аз ҳама ҷолиби ҳамкории байни давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Истифодаи шартномаҳои консессионӣ усули алтернативӣ буда, аз тарафи давлат барои рушди ин ё он соҳаҳои мухталифи фаъолияти иқтисодӣ истифода бурда мешаванд. Ин на танҳо маблағҳои буҷетро сарфа менамояд, балки истифодаи ғайримақсадноки онҳоро низ маҳдуд месозад.

Азхудкунии моликияти давлатӣ ба воситаи консессия аз хусусигардонии он афзалтар буда, ин усули шарикӣ имкон медиҳад, ки ташкили истифодаи чунин моликият бо ҷалби сармоягузорӣ дар заминаи соҳибкории хусусӣ ба роҳ монда шавад. Дар асл, чунин фарзия метавонад ба он соҳаҳои фаъолият татбиқ гардад, ки дар дурнамои кутоҳмуҳлат сармоягузории назарраси молиявиро талаб мекунанд, вале дар оянда метавонанд фоидаи калонро ба даст оранд.

Ҳамин тариқ, бо такя ба заминаҳои объективии пайдоиши муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз лаҳзаи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, мавҷудияти иродаи устувори сиёсии давлат ҷиҳати шарикӣ бо бахши хусусӣ ва ғайра сарчашма мегирад ва бо ба инобат гирифтани афзалиятҳо ва иқтидори мавҷудаи давлат, махсусан, вобаста ба истихроҷи сарватҳои табиӣ, истифодабарии моликияти давлатӣ дар соҳаи нақлиёт, захираҳои об

[322]Ниг.: Варнавский В.Г. Партнерство государства и частного сектора: формы. Проекты, риски. – М.: Наука, 2005. – С. 199-200.

ва электроэнергетика дурнамои рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар намуди шартномаҳои консессионӣ баръало эҳсос мегардад.

Андеша дорем, ки барои рушди минбаъдаи механизми консессионии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон, такмили минбаъдаи заминаҳои қонунгузорӣ бо дарназардошти таҷрибаҳои пешрафтаи байналмилалӣ, ки иқтидори пурра ба танзими ҳуқуқӣ фаро гирифтани доираи васеи муносибатҳоро дар ин соҳа дошта бошад, мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**


1. Баженов А.В. Использования механизма государственно частного партнерства как катализатора антикризисного потенциала развитии инфраструктуры // Государственно – частное партнерство. Пути совершенствования законодательной базы.http://www.ebrd.com/downloads/legal/ concessions /framewk. pdf. (Санаи мурочиат: 20.01.2022.).
2. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 17-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // www.president.tj. (Санаи муроҷиат: 13.12.2022 с.).
3. Бобоев У.Х. Организационно-правовые формы совместной хозяйственной деятельности (международно-частноправовой аспект). – Душанбе: «Ирфон», 2004.
4. Богдасарова А.В. Концессионное соглашение в гражданском праве России и зарубежных стран: …дис. канд. юрид. наук. – Москва, 2009. – С.4.
5. Бозоров Р.Б. Инвестиционное право. Учебник, –Душанбе: ТГНУ. 2008.
6. Варнавский В.Г. Партнерство государства и частного сектора: формы, проекты, риски. – М.: Наука, 2005.
7. Водянов А. Новые инструменты государственного регулирования инвестиций // Проблемы теории и практики управления. – М., 1996, – № 5.
8. Ефимова Е.Г. Концессии в транспортной инфраструктуре: зарубежный опыт и Российская практика // Вестник СПбГУ., Сер. 5., 2007., вып. 2.
9. Кирин А. Инвестиционная право // Экономика и жизнь. 1995. – №34.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, – 1997, – № 10.
11. Менглиев Ш.М. Международное частное право. Часть 1., – Душанбе, «Деваштич», 2002.
12. Михеева Е. Сравнительный аспект правового регулирования концессионных соглашений // www.yurpraktika.com/artikl.php...
13. Морис Э. Взаимовыгодное сотрудничество // Государственно-частное сотрудничества. Пути совершенствования законодательной базы // www.ebrd.com/downloads/legal/concessions /framewk. pdf.
14. Мороз С.П. Инвестиционное право Республики Казахстан. – Алмааты: НИИ частного право КазГЮУ, 2006.

15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ // http://president.tj /node/192. (Санаи муроҷиат: 13.12.2022 с.)

16. Попов А.И., Концессионные соглашение (гражданско-правовой аспект): … дис. канд. юрид. наук. – Рязань, 2007.

17. Савинова О.Н. Договорное регулирование концессионных отношений по законодательству Российской Федерации: … дис. канд. юрид. наук. – Казань, 2006.

18. Сильвестров С. Партнерство государства и частного сектора // Журнал «Экономика России: XXI век» – № 18. // www.ruseconomy.ru/nomer18_200501/ec24.html.

19. Сосна С.А. Концессионные договоры с иностранными инвесторами \\ Правовое регулирование иностранных инвестиций в России. – М., инст-т гос-ва и права РАН, 1995.

20. Файзиева С.А. Основные проблемы, тормозящие приток иностранных инвестиций в экономику Таджикистана // Вестник ТГНУ (научный журнал), – Душанбе: «Сино», 2009.

# ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ (ИХТИСОС: 12.00.04) – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.04)

## ОБЪЕКТИ АНДОЗБАНДИИ АНДОЗИ ЗАМИН

**Буриева Дилафруз Толибовна,**
унвончӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 93-411-11-61
**E-mail:** burieva.dilafruz1111@gmail.com

**Муқарриз:** Соҳибзода М.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Фишурада:** Дар мақолаи мазкур муаллиф объекти андозбандии андоз аз қитъаи заминро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст. Муаллиф андеша дорад, ки объекти андозбандии андози замин заминҳои фонди ягонаи давлатии замин ба истиснои қитъаҳое замине, ки қонунгузории ҶТ аз супоридани андоз озод намудааст, ташкил медиҳад.

Объекти андозбандии андози замин мутобиқи қонунгузории замини ҶТ бо дарназардошти ҷойгиршавии қитъаи замин, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин муайян карда мешавад.

Андозбандии ҳар як қитъаи замин аз хусусиятҳои он вобаста аст. Яке аз хусусиятҳои қитъаи замин ҳамчун объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин минтақаи кадастрии замин ба ҳисоб меравад. Кадастри давлатии замин ягонагии ҷудонашавандаи системаи автоматикунонидаи маълумоти кадастри замин ва раванди кадастри замин мебошад.

Мақсади кадастри давлатии замин аз дастрас шудани маълумоти боэътимод оид ба ҷойгиршавии заминҳои фонди ягонаи давлатии замин аз ҷиҳати табиӣ, ҳуқуқӣ ва хоҷагидорӣ иборат мебошад. Кадастри давлатии замин маълумоти оид ба ташкили истифодаи дурусту ҳифзи замин, ба низом овардани муносибатҳои вобаста ба замин, асоснок кардани андозаи пардохти пули замин, танзими замин ва арзёбии фаъолияти хоҷагидориро дар бар мегирад. Ҳамзамон, мансубияти объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин аз рӯи таъиноти мақсаднокашон муайян карда мешаванд.

Тамоми заминҳои ҶТ фонди ягонаи давлатии заминро ташкил медиҳанд ва мутобиқи таъиноти мақсаднок ба гурӯҳҳои зайл тақсим мешаванд: заминҳои таъиноти кишоварзӣ; заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот); заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар; заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихию маданӣ;

заминҳои фонди давлатии ҷангал; заминҳои фонди давлатии об; заминҳои захираи давлатӣ.

Воқеан, объекти андозбандӣ бояд ҳамчун шарте эътироф карда шавад, ки боиси пайдо шудани муносибатҳои байни давлат ва андозсупоранда оид ба пардохти андоз мегардад. Маҳз пайдоиши объекти андозбандӣ боиси ба миён омадани муносибатҳои вобаста ба пардохти андоз мегардад.

**Калидвожаҳо:** объект, объекти андозбандӣ, объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин, замин, қитъаи замин, маҳали аҳолинишин, фонди ягонаи давлатии замин, андозсупоранда, меъёрии андоз, давраи андоз, унсурҳои андоз, ҷавобгарӣ.

## ОБЪЕКТ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ ЗЕМЕЛЬНОГО НАЛОГА

**Буриева Дилафруз Толибовна,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы факультета государственного управления Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
**Тел.:** (+992) 93-411-11-61
**E-mail:** burieva.dilafruz1111@gmail.com

**Рецензент:** Сохибзода М.М., кандидант юридических наук, доцент.

**Аннотация:** В данной статье автор рассмотрел и проанализировал объект налогообложения земельным налогом. Автор считает, что объектом налогообложения земельным налогом являются земли единого государственного земельного фонда, за исключением земельных участков, освобожденных от уплаты налогов законодательством Республики Таджикистан.

Объект налогообложения земельным налогом определяется в соответствии с земельным законодательством Республики Таджикистан с учетом места нахождения земельного участка, кадастровой зоны земель, цели использования и экологических характеристик земельного участка.

Налогообложение каждого участка земли зависит от его характеристик. Одной из особенностей земельного участка как объекта налогообложения земельного участка является кадастровая зона земельного участка. Государственный земельный кадастр представляет собой неразрывное единство автоматизированной системы земельно-кадастровых данных и земельно-кадастрового процесса.

Целью государственного земельного кадастра является предоставление достоверных сведений о местонахождении земель единого государственного земельного фонда с природно-правовой и хозяйственной точек зрения. Государственный земельный кадастр включает сведения об организации целевого использования и охраны земель, регулировании

земельных отношений, обосновании платы за землю, земельном регулировании и оценке хозяйственной деятельности. При этом принадлежность объекта налогообложения земельного участка определяется его целевым назначением.

Все земли Республики Таджикистан составляют единый государственный земельный фонд и по своему назначению делятся на следующие группы: земли сельскохозяйственного назначения; земли населенных пунктов (городов, поселков и сельских поселений); промышленности, транспорта, связи, обороны и других целей; земли природоохранного, оздоровительного, рекреационного и историко-культурного назначения; земли государственного лесного фонда; земли государственного водного фонда; земли государственного запаса.

Фактически объектом налогообложения следует признать условие, обусловливающее отношения между государством и налогоплательщиком по уплате налогов. Именно появление объекта налогообложения приводит к возникновению отношений, связанных с уплатой налогов.

**Ключевые слова:** Объект, объект налогообложения, объект налогообложения земельный участок, земля, земельный участок, населенный пункт, единый государственный земельный фонд, налогоплательщик, налоговая ставка, налоговый период, налоговые элементы, ответственность.

## OBJECT OF TAXATION OF THE LAND TAX

**Burieva Dilafruz Tolibovna,**
applicant at the Department of Administrative Law and Civil Service, Faculty of Public Administration, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
**Тел.:** (+992) 93-411-11-61
**E-mail:** burieva.dilafruz1111@gmail.com

**Reviewer:** Sohibzoda M.M., candidate of legal sciences, associate professor.

**Annotation:** In this article, the author examined and analyzed the object of taxation by land tax. The author believes that the object of land taxation is the lands of the unified state land fund, with the exception of land plots exempted from taxes by the legislation of the Republic of Tajikistan.

The object of land taxation is determined in accordance with the land legislation of the Republic of Tajikistan, taking into account the location of the land plot, the cadastral zone of the land, the purpose of use and the environmental characteristics of the land plot.

The taxation of each plot of land depends on its characteristics. One of the features of a land plot as an object of taxation of a land plot is the cadastral zone

of the land plot. The State Land Cadastre is an inseparable unity of the automated system of land cadastral data and the land cadastral process.

The purpose of the state land cadastre is to provide reliable information about the location of the lands of the unified state land fund from the natural, legal and economic points of view. The state land cadastre includes information on the organization of the targeted use and protection of land, the regulation of land relations, the justification of payment for land, land regulation and the assessment of economic activity. At the same time, the ownership of the object of taxation of the land plot is determined by its intended purpose.

All lands of the Republic of Tajikistan constitute a unified state land fund and, according to their purpose, are divided into the following groups: agricultural land; lands of settlements (cities, towns and rural settlements); industry, transport, communications, defense and other purposes; lands of nature protection, health improvement, recreational and historical and cultural purposes; lands of the state forest fund; lands of the state water fund; state reserve land.

In fact, the object of taxation should be recognized as a condition that determines the relationship between the state and the taxpayer in paying taxes. It is the appearance of the object of taxation that leads to the emergence of relations related to the payment of taxes.

**Key words:** Object, object of taxation, object of taxation land plot, land, land plot, populated area, unified state land fund, taxpayer, tax rate, tax period, tax elements, responsibility.

Объект (аз лотинӣ objectum – предмет) ҳамчун предмет, предмети дониш ва фаъолияти субъект фаҳмида мешавад. Объект – ин неъматҳои муайян (моддӣ ё ғайримоддӣ), ки нисбати онҳо муносибатҳои байни субъектҳои ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд ё ба онҳо муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ нигаронида шудаанд[323].

Дар муносибатҳои ҳуқуқи андоз объект яке аз унсури асоси ба ҳисоб меравад, алалхус дар мавриди омӯзиши объекти андозбандии андози замин диққати махсус ба объекти муносибатҳои мазкур бояд зоҳир намуд.

Мутобиқи назарияи масъул объекти андозбандӣ воқеияти ҳуқуқие (амалиёт, ҳодисот, ҳолот) мебошад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ба миён омадан, тағйир ёфтанд ва ё қатъ гардидани ҳуқуқу вазифаҳои андозро бо онҳо алоқаманд медонанд[324].

Ҳар як андоз бояд объекти мустақили андозбандӣ дошта бошад, ки онро қисми махсуси Кодекси андози ҶТ муайян мекунад. Ба чунин воқеиятҳое (амалиёт, ҳодисот, ҳолат), ки бо ба миён омадан, тағйир ёфтанд ва ё қатъ гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳо алоқамананд, ин корҳоро нисбат додан мумкин аст:

---

323 Исмоили И.И., Кодиров Ш.Б. Здания и сооружения как объекты самовольной постройки // Университетские правовые диалоги «Право и предпринимательство»: материалы Международной научно-практической конференции, 24-25 марта 2022 г. / Под ред. В.В. Кваниной. – Челябинск: Издательский центр ЮУрГУ, 2022. – Ч. I. – С. 203.

324 Основы налогового права (под ред. С.Г. Пепеляев). – М.: Инвест Фонд, 1995. – С. 49.

– фурӯхтани мол, иҷрои кору хизматрасонӣ;
– овардани мол ба ҳудуди ҶТ;
– соҳиб гаштан ба амвол;
– гирифтани даромад[325].

Аз гуфтаҳои болозикр мафҳумҳои зеринро шарҳ додан мавриди зикр аст. Хизматрасонӣ - ҳама гуна фаъолият бар ивази подош, пул, инчунин хизматрасонии ройгон, ки таҳвили мол, иҷрои кор намебошад, аз ҷумла инҳоро дар бар мегирад:

а) фаъолияти савдо;
б) хизматрасонии молиявӣ;
в) ба иҷора додани молу мулки моддӣ ва ғайримоддӣ;
г) маҳсуле, ки тавассути ноқилҳо, кабелҳо, радио, оптикаҳо ва ё низоми дигари электромагнитӣ ва ё низоми шабеҳи техникӣ интиқол дода мешавад[326].

Иҷрои кор – иҷрои баподрши ҳар гуна фаъолиятест, ки натиҷаи он ҷиҳати моддӣ дорад. Фиристодани молвогузоштани ҳуқу моликият ба мол, ҷумла ҳуқуқи фурӯхтан, иваз ё тӯҳфа кардан, бо мол пардохтани музди меҳнат ва дигар намудҳои пардохти мол (натуравӣ), инчунин ба ихтиёри гаравгон гузоштани моли гаравмонда мебошад.

Ҳангоми муайян кардани истилоҳот номгӯи пурраи моле (кор, хизмат), ки онро барои муайян намудани объекти андозбандӣ (хизматрасонӣ, хизматрасонии молиявӣ, даромад аз манбаъҳои ҶТ) истифода менамоянд, татбиқ карда мешавад[327].

Олимнони андозшинос мафҳуми объекти андозбандиро гуногун шарҳ медиҳанд. Баъзе онҳо объектҳои моддӣ ва ғайримоддиро объекти андозбандӣ шуморида, онҳоро ба муносибатҳои андоз алоқаманд мекунанд[328].

Ба андешаи С.К. Ризоева объекти андозбандӣ – объекте мебошад, ки дорои тавсифи арзишӣ, миқдорӣ ё физикӣ, моддӣ буда, ҳангоми мавҷуд будани он (объект), қонунгузории андоз нисбати андозсупоранда (субъект) уҳдадориҳоро оид ба пардохти андозро муайян менамояд[329].

Тавсифи ҳар як андоз (боҷ) бояд ҳолатеро (объекти андозбандиро) дар бар гирифта бошад, ки дар сурати рух доданаш барои ин ё он шахс аз рӯзи муайян уҳдадории бо қонун муқарраргадидаи пардохти андоз сар мешавад.

Объекти андозбандӣ метавонад аз ӯ амвол, даромад, фоида, амалиёт доир ба таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ), арзиши молҳои таҳвилшуда (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо), воридоти (содироти) мол ба (аз) қаламрави

---

[325] Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ (Зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов). – Душанбе: «Деваштич», 2013. – С. 117.
[326] Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, № 1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.11.2022).
[327] Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ (Зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов). – Душанбе: «Деваштич», 2013. – С. 118.
[328] Гуреева В.И. Российское налоговое право. – М.: Экономика, 1997. – С. 60.
[329] Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе, 2012. – С. 46.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дигар объекте, ки Кодекси андоз муқаррар намудааст, иборат бошад.

Ҳар як андоз объекти мустақили ба худ хос дорад. Масалан, объекти андози замин – қитъаи замин аст, объекти андози соҳибони воситаи нақлиёт – воситаи нақлиёт аст. Объекти андози ғайриманқул – хонаҳои истиқоматӣ, квартираҳо (ҳуҷраҳо), бӯстонсаройҳо, гаражҳо ва дигар биною иморату иншоотҳо мебошанд.

Объекти андозбандӣ бояд ҳамчун шарте эътироф карда шавад, ки боиси пайдо шудани муносибатҳои байни давлат ва андозсупоранда оид ба пардохти андоз мегардад. Маҳз пайдоиши объекти андозбандӣ боиси ба миён омадани муносибатҳои вобаста ба пардохти андоз мегардад, ки дар он шахси ваколатдор – давлат ҳуқуқ дорад пардохти андозро талаб намояд ва андозсупоранда уҳдадор аст, ки пардохти андоз анҷом диҳад[330].

Бояд гуфт, ки дар қонунгузории андоз ва адабиёти илмӣ категорияи объекти андозбандӣ муфассал муайян карда нашудааст. Аммо маҳз ҳамин хусусият барои ба вуҷуд омадани уҳдадории пардохти андоз хусусияти асоси ба ҳисоб меёбад.

Ба андешаи С.Г. Пепеляев объекти андозбандӣ «он фактҳои ҳуқуқӣ (амал, ҳодиса, ҳолат) мебошанд, ки уҳдадории субъектро оид ба пардохти андоз муайян мекунанд...»[331].

М.Б. Разгилдиева объекти андозбандиро ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии байни субъекти андозбандӣ ва андозсупоранда муайян менамояд[332].

Тибқи моддаи 27 Кодекси андози ҶТ объекти андозбандӣ молу мулк, амал, натиҷаи амал ё ҳолати дигаре мебошад, ки дорои хусусияти арзишӣ, миқдорӣ ё ҷисмонӣ буда, бо мавҷудияти он тибқи қонунгузории андоз уҳдадории андозии андозсупоранда ба вуҷуд меояд[333].

Барои пурра фаҳмидан ва дарки дурусти масъалаи объектҳои андозбандӣ омӯзиши таҷриба ва қонунгузории давлатҳои хориҷаро зарур мешуморем.

Тибқи Кодекси андози Федератсияи Россия объекти андозбандӣ иҷрои мол (кор, хизматрасонӣ) молу мулк, фоида даромад ё ҳолати дигаре мебошад, ки дорои хусусияти арзишӣ, миқдорӣ ё ҷисмонӣ буда, бо мавҷудияти он тибқи қонунгузории андоз уҳдадории андозии андозсупоранда ба вуҷуд меояд.

Тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Қазоқистон объекти андозбандӣ ва (ё) объекти ба он алоқаманд молу мулк ва амалҳое мебошанд, ки дар асоси онҳо андозсупоранда соҳиби уҳдадории андоз мегардад.

[330] Вычерова Н.В. Исполнение обязанности по уплате имущественных налогов в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – С. 58.
[331] Пепеляева С.Г. Налоговое право: учебник для вузов. – М., 2003. – С. 100.
[332] Разгильдиева М.Б. Правовое регулирование налогообложения имущества физических лиц: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1998. – С. 173.
[333] Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, № 1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.11.2022).

Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Украина объекти андозбандӣ метавонад молу мулк, мол, даромад, фоида ё як қисми он, муомилот оид ба иҷрои мол (кор, хизматрасонӣ), амалиёт оид ба таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ) ва дигар объектҳое, ки Кодекси андоз муайян намудааст, ки бо мавҷудияти он тибқи қонунгузории андоз уҳдадории андозии андозсупоранда ба вуҷуд меояд.

Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Беларус бошад, объекти андозбандӣ ҳолатҳое мебошанд, ки қонунгузории андоз ё қонунгузории гумрук ба миён омадани уҳдадории андозии андозсупорандаро вобаста мекунад.

Масъалаи объектҳои андозбандӣ мушкилоти мураккаб аст, чунки аввало, сершумории объектҳо боиси беасос ба амал омадани объектҳои нав мегардад, дуюм, онҳо дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ бояду шояд таҳқиқ нашудаанд ва сеюм, ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои объекти андозбандӣ муносибати комплексиро татбиқ кардан беҳтар аст, яъне қоидаҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқшиносии молиявӣ ва граждан истифода карда шавад[334].

Бо дарназадошти гуфтаҳои болозикр ва таҳлили қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷа пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми объекти андозбандӣ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: Объекти андозбандӣ мол, молу мулк, фоида, даромад, амал, натиҷаи амал ё ҳолати дигаре мебошад, ки дорои хусусияти арзишӣ, миқдорӣ ё ҷисмонӣ буда, бо мавҷудияти он тибқи қонунгузории андоз уҳдадории андозии андозсупоранда ба вуҷуд меояд.

Тибқи моддаи 350 Кодекси андози ҶТ объекти андозбандии андози замин қитъаҳои заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин бо назардошти сифат, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаҳои замине мебошанд, ки мансубияти онҳоро қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд[335].

Ба андешаи Н.А. Христова объекти андозбандии андози замин қитъаҳои замине мебошанд, ки дар ҳудуди маҳал воқеъ гардидаанд, ки нисбати онҳо санади меъёрии ҳуқуқии ҷониби мақомоти намояндагии маҳалли қабулгардида татбиқ мегардад[336].

Мутобиқи Кодекси андози Федератсияи Россия объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин қитъаҳои замине мебошанд, ки дар ҳудуди маҳал ҷойгиранд, ки дар ҳудуди он андоз ҷорӣ карда шудааст. Ҳамзамон, дар Кодекси андози Федератсияи Россия қитъаҳои замине, ки объекти

---

[334] Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ (зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов). – Душанбе: «Деваштич», 2013. – С. 119.

[335] Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.11.2022).

[336] Христова Н.А. Некоторые аспекты объекта налогообложения земельного налога // «Черные дыры» в российском законодательстве. – 2007. – № 2. – С. 11.

андозбандии андоз аз қитъаи замин эътироф карда намешаванд, муайян гардидааст.

Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Беларус объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин қитъаҳои замине, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Беларус ҷойгиранд ва ҳиссаҳои дар ҳуқуқ ба онҳо дониста мешаванд. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Беларус қитъаҳои замине, ки объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин эътироф карда намешаванд, муайян гардидааст.

Тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Қазоқистон объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин (ҳангоми моликияти ҳиссагии якҷояи қитъаи замин – саҳми замин) мебошад. Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Қазоқистон низ қитъаҳои замине, ки объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин эътироф карда намешаванд, муайян гардидааст.

Таҳлилу омӯзиши қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷа собит менамояд, ки муқаррароти моддаи 350 Кодекси андози ҶТ тамоми объектҳои андозбандии андози заминро фарогир намебошад. Бо дарназардошти таҳлили қонунгузории кишвар ва таҷрибаи давлатҳои хориҷа дар таҳрир зерин муайян намудани қисми 1 моддаи 350 Кодекси андози ҶТ-ро қобили қабул мешуморем.

«Моддаи 350. Объекти андозбандӣ.

1. Объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин – заминҳои фонди ягонаи давлатии замин ба истиснои қитъаҳои замине, ки дар моддаи 353 Кодекси мазкур муайян гардидаанд бо назардошти сифат, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаҳои замине мебошанд, ки мансубияти онҳоро қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд».

2. Объекти андозбандии андози замин – заминҳои фонди ягонаи давлатии замин ба истиснои қитъаҳое замине, ки қонунгузории ҶТ аз супоридани андоз озод намудааст, ташкил медиҳад.

Фонди ягонаи давлатии замин – маҷмуи қитъаҳои замини дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда, ки аз гурӯҳи муайяни қитъаҳои замин бо таъиноти муайяни мақсаднок иборат мебошад.

Барои пурра дарк намудани қитъаи замин ва замин ҳамчун объекти андозбандии андози замин шарҳ додани мафҳумҳои онҳоро зарур мешуморем.

Замин аҳамияти муҳим дошта, дар навбати аввал ҳамчун воситаи ибтидоӣ, табиӣ, абадӣ, худтанзимкунандаи истеҳсолот амал мекунад. Замин ҳамчун омили истеҳсолот – захираи аввалиндараҷаи барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, омили асосии рушди хоҷагии ҷангал, унсури таркибии истихроҷи сарватҳои табиӣ мебошад, яъне замин ҳамчун объекти истеҳсоли пардохтҳои захиравӣ амал мекунад.

Ба андешаи Б.В. Ерофеев замин тӯҳфаест, ки ба ҳамаи одамоне, ки дар он зиндагӣ мекунанд, дода шудааст. Он асоси мавҷудият, хонаи ягонаи мо, асоси ҳаёти наслҳои имрӯза ва ояндаи одамон мебошад[337].

Қитъаи замин ҳамчун объекти муносибатҳои замин як қисми сатҳи замин (аз ҷумла қабати руизаминӣ) мебошад, ки сарҳади он бо тартиби муқарраргардида муайян ва тасдиқ гардидааст.

Тибқи Кодекси замини ҶТ қитъаи замин – қисми замин бо ҳуқуқҳои муайян нисбат ба он, ки гурӯҳи муайян ва намуди иҷозатдодашудаи истифодабарӣ, сарҳади муайяншуда, майдон ва ҷойгиршавӣ дорад[338].

Мувофиқи Кодекси андози ҶТ қитъаҳои замин – заминҳое мебошанд, ки тибқи қонунгузорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ё бе онҳо барои истифода дода шудаанд ё амалан истифода мешаванд[339].

Вале, мафҳуми қитъаи замин, ки дар Кодекси андози ҶТ ва Кодекси замини ҶТ додашудааст, гуногун мебошанд. Дар ин замина, пешниҳод карда мешавад, ки дар Кодекси андози ҶТ мафҳуми қитъаи замин дар шакле, ки дар Кодекси замини ҶТ муайян гардидааст дарҷ карда шавад.

Мафҳуми болозикр собит менамояд, ки ба заминистифодабарандагон қитъаҳои замини муайян барои истифода дода мешавад, бинобар ин истифода намудани истилоҳи «андоз аз қитъаи замин»-ро мувофиқи мақсад мешуморем.

Қайд кардан зарур аст, ки на ҳамаи қитъаҳои замин сифати объекти андоз аз қитъаи замин баромад менамоянд, онҳо бо назардошти сифат, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии худ андозбандӣ карда мешаванд.

Яке аз объектҳои асосии андоз аз қитъаи замин ин заминҳои маҳалҳои аҳолинишин мебошад, ки бевосита дар қисми 1 моддаи 350 Кодекси андози ҶТ муайян гардидааст.

Тибқи моддаи 1 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳалли аҳолинишин – ҳудуди муайяни ҷои зисти аҳолӣ, ки дар он равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сохтори демографии аҳолӣ, шуғли онҳо ташаккул ёфта, сохтмон ва навсозии манзилҳои истиқоматӣ, дигар биною иншоот ҷиҳати пешбурди ҳаёту фаъолияти аҳолӣ амалӣ гашта, номи худ ва мувофиқи тартиби муқарраршуда марзи муайян дорад[340].

---

[337] Ерофеев Б.В. Земельное право России: учебник для вузов / Б.В. Ерофеев; под науч. ред. Л.Б. Братковской. – 16-е изд., перераб. и доп. – Москва: «Юрайт», 2019. – С. 23.

[338] Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, № 326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – № 23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333. 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод.176; 2004. – № 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269; № 8. – Мод. 828; 2006. – № 199; 2008. – № 357; 2008. – № 405; 2011. – № 704; 2012. – № 819; 2012. – № 891; 2016. – № 1363; 2021. – № 1823. – № 1824. – № 1825; 2022. – № 1902.

[339] Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.11.2022).

[340] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 марти соли 2013, № 958 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.11.2022).

Ҳамзамон, мафҳуми маҳали аҳолинишин дар Кодекси шаҳрсозии ҶТ низ муқаррар гардидааст, ки тибқи он маҳали аҳолинишин – ҳудуди муайяни ҷои зисти одамон, ки дар он равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сохтори иҷтимоию демографии аҳолӣ ташаккул меёбанд. Вале, мафҳумҳои дар Қонуни конститутсионӣ ҶТ «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 марти соли 2013, № 958 ва Кодекси шаҳрсозии ҶТ додашуда гуногун мебошанд. Дар ин замина, пешниҳод карда мешавад, ки дар Кодекси шаҳрсозии ҶТ мафҳуми маҳали аҳолинишин дар шакле, ки дар Қонуни конститутсионӣ муайян гардидааст дарҷ карда шавад.

Ба заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот дохил мешаванд. Шаҳр – маҳали аҳолинишин, ки ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудӣ ба қайд гирифта шуда, дар он идоракунии давлатӣ бо назардошти манфиатҳои ҷомеа дар маҳалҳо амалӣ карда мешавад. Шаҳр ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудӣ метавонад ҳудуди ноҳия, шаҳрак ва деҳотро муттаҳид намояд.

Тибқи боби 12 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба заминҳои маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳо инҳо дохил мешаванд:

– заминҳои минтақаҳои истиқоматии шаҳрҳо;
– заминҳои истифодаи умумӣ;
– заминҳои истифодаи кишоварзӣ;
– заминҳои зери боғҳо ва ҷангалу буттазорҳо;
– заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, қубурҳои магистралӣ ва заминҳои таъиноти дигар;
– заминҳои зери об ва обанборҳо;
– заминҳои захираи шаҳрҳо.

Заминҳои минтақаҳои истиқоматии шаҳрҳо, заминҳое мебошанд, ки дар онҳо биноҳои истиқоматӣ ва ҳамчунин қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ҷойгир шудаанд[341]. Бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ- ҳамагуна объекти дар боло ва зери замин сохташудае, ки сохтмони он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шуда, барои истифодаи дарозмуддат пешбинӣ гардидааст ва бо замин алоқамандӣ дошта, бе расонидани зарар интиқоли он имконнопазир аст, таъинот, ҷойгиршавӣ ва андозаи он дар ҳуҷҷатҳои феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он сабт шудааст[342].

Заминҳои истифодаи умумии шаҳр аз заминҳои роҳҳо, роҳравҳо, боғҳои истироҳатӣ, гулгаштҳо, майдонҳо, заминҳои таъиноти маданию маишӣ, қабристонҳо ва дигар заминҳои истифодаи умумӣ иборат мебошанд. Ин категорияи замин барои истифодаи тамоми аҳолии шаҳр

---

[341] Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, № 326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – №23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333. 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод.176; 2004. – № 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269; № 8. – Мод. 828; 2006. – № 199; 2008. – № 357; 2008. – № 405; 2011. – № 704; 2012. – № 819; 2012. – № 891; 2016. – № 1363; 2021. – № 1823. – № 1824. – № 1825; 2022. – № 1902.

[342] Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» аз 20 марти соли 2008, № 375 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.11.2022).

нигаронида шудааст, ки аз дигар категорияи заминҳо бо реҷаи истифодабарии худ фарқ мекунанд.

Ба заминҳои истифодаи кишоварзӣ дар шаҳр бошад, заминҳои корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ, ки дар ҳудуди заминҳои маъмурии шаҳр воқеанд, дохил мешаванд. Яъне, корхонаву ташкилотҳои кишоварзие, ки дар ҳудуди шаҳр ҷойгиранд, дар сохторҳои онҳо қитъаҳои замин бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмин намудан бо маҳсулоти кишоварзӣ ва гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудаанд, дар назар аст[343].

Ба заминҳои зери боғҳо ва ҷангалу буттазорҳои шаҳр заминҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо боғҳо ва ҷангалу буттазорҳо ҷойгир шуда бо мақсади беҳбуди вазъи муҳити зист, қонеъ гардонидани талаботи маданию эстетикии аҳолӣ, ҳифзи замин аз бодлесшавии обу шамол хизмат мекунанд.

Ба заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, қубурҳои магистралӣ ва заминҳои таъиноти дигар дар шаҳр заминҳое дохил мешаванд, ки онҳо барои истифода ба роҳҳои нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, роҳҳои обӣ ва ҳавоӣ, қубурҳо, хатҳои интиқоли барқ, алоқа, заминҳои саноатии коркарди канданиҳои фоиданок ва ғайра дода шудаанд. Мақсади асосии истифодабарии қитъаҳои замини мазкур фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳолӣ мебошад. Бояд қайд намоем, ки категорияи заминҳои мазкур аз рӯи таъиноти мақсаднок мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Категорияи дигари заминҳои маҳалҳои аҳолинишини шаҳр заминҳои зери об ва обанборҳо мебошанд. Ба заминҳои зери об ва обанборҳо заминҳои зери обанборҳо, зери кӯлҳо, дарёҳо, каналҳо, ботлоқ, иншоотҳои гидротехникӣ ва дигари дар зери об қарордошта дохил мешаванд[344]. Бояд тазаккур дод, ки замиҳои мазкур барои рушду инкишоф ёфтани соҳаи иқтисодии кишвар аҳамияти махус доранд. Зеро, дар заминаи заминҳои мазкур бунёд намудани обанборҳо, иншооти гидротехникӣ хело мувофиқ мебошад.

Заминҳои захираи шаҳрҳо қитъаҳои замине мебошанд, ки дар ҳудуди шаҳр ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои истифода дода нашудаанд, инчунин қитъаҳои заминҳое, ки нисбати онҳо ҳуқуқи истифода тибқи моддаи 37 Кодекси замини ҶТ қатъ гардидааст. Мақсади асосии захира намудани заминҳопеш аз ҳама, замаранок ва оқилона истифода бурднаи замин, ҳосилхез намудани он, дуруст ва мақсаднок истифода бурдани замин, мувофиқи таъинот ва мақсаднок истифода бурдани қитъаи замин ва

---

[343] Раҳимзода М.З., Каримов А.Қ., Фархудинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – С. 293.

[344] Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – № 23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333. 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод.176; 2004. – № 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269; № 8. – Мод. 828; 2006. – № 199; 2008. – № 357; 2008. – № 405; 2011. – № 704; 2012. – № 819; 2012. – № 891; 2016. – № 1363; 2021. – № 1823. – № 1824. – № 1825; 2022. – № 1902.

дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории амалкунандаи ҶТ дар соҳаи замин пешбинӣ намудааст, ба роҳ монда мешавад[345].

Дигар категория заминҳое, ки объекти андоз аз қитъаи замин ба шумор мераванд, заминҳои маҳалҳои аҳолинишини шаҳрак мебошанд. Тамоми заминҳои дохили ҳудуди шаҳрак ба заминҳои шаҳрак дохил мешаванд. Тибқи моддаи 1 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳрак – маҳалли аҳолинишин, ки ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудӣ ба қайд гирифта шуда, дар он худидоракунии маҳаллӣ бо тартиби му қаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Дар ҳудуди шаҳрак мумкин аст маҳалҳои аҳолинишини дигар, ки воҳидҳои маъмурию ҳудудии алоҳида нестанд, ташкил карда шаванд[346].

Заминҳои шаҳрак дар ихтиёри мақомоти худидоракунии шаҳрак мебошад. Ба заминҳои шаҳрак муқаррароти моддаҳои 76-80 Кодекси замини ҶТ ба ғайр аз моддаҳои 77 (2). ва 77 (7). татбиқ мегарданд.

Объекти дигари андозбандии андоз аз қитъаи замин заминҳои маҳалҳои аҳолинишини деҳот ба ҳисоб мераванд. Деҳот – воҳиди маъмурию ҳудудӣ, ки аз як ё якчанд деҳаҳо иборат буда, дар он худидоракунии маҳаллӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ амалӣ карда мешавад.

Ба заминҳои маҳали аҳолинишини деҳот ҳамаи заминҳое тааллуқ доранд, ки дар дохили сарҳадҳои муқарраршудаи ин маҳали аҳолинишини деҳот воқеъ мебошанд. Заминҳои маҳали аҳолинишини деҳот дар ихтиёри мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ мебошанд. Заминҳои маҳали аҳолинишини деҳот мувофиқи лоиҳаҳои сохтмон ва нақшаи хоҷагидорӣ барои заминҳои наздиҳавлигӣ, сохтмони биноҳои истиқоматӣ, маданию маишӣ, иншооти истеҳсолӣ ва дигар мақсадҳо истифода бурда мешаванд. Ҳудуди маҳали аҳолинишини деҳот бо пешниҳоди мақомоти худидоракунии деҳот аз тарафи мақомоти дахлдори ҳокимияти маҳаллӣ дар доираи салоҳияти он муқаррар ва тағйир дода мешавад[347].

Объекти дигари андозбандии андоз аз қитъаи замин, ки бевосита дар қисми 1 моддаи 350 Кодекси андози ҶТ муайян гардидааст, заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин ташкил медиҳад. Барои фаҳмидани ба заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин кадом заминҳо дохил мешаванд ба мо зарур аст, ки ба Кодекси замини ҶТ назар намоем.

---

[345] Раҳимзода М.З., Каримов А.Қ., Фархудинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – С. 289.

[346] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 марти соли 2013, № 958 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.11.2022).

[347] Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – № 23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333. 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод.176; 2004. – № 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269; № 8. – Мод. 828; 2006. – № 199; 2008. – № 357; 2008. – № 405; 2011. – № 704; 2012. – № 819; 2012. – № 891; 2016. – № 1363; 2021. – № 1823. – № 1824. – № 1825; 2022. – № 1902.

Тамоми заминҳои ҶТ фонди ягонаи давлатии заминро ташкил медиҳанд ва мутобиқи таъиноти мақсаднок ба гурӯҳҳои зайл тақсим мешаванд:

1) заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

2) заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот);

3) заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар;

4) заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихию маданӣ;

5) заминҳои фонди давлатии ҷангал;

6) заминҳои фонди давлатии об;

7) заминҳои захираи давлатӣ[348].

Аз муқарраroти болозикр хулоса баровардан мумкин аст, ки яке аз заминҳои фондии ягонаи давлатии заминро заминҳои маҳалҳои аҳолинишин ташки медиҳад. Аз меъёри қисми 1 моддаи 350 КА ҶТ гуфтан мумкин аст, дигар категорияҳоии замин, ки дар моддаи 3 КЗ ҶТ муайян гардидаанд, мутобиқи таъиноти мақсаднок ба заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин дохил мешаванд.

Ба заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин, ки объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин мебошанд, инҳо дохил мешаванд: заминҳои таъиноти кишоварзӣ, саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар, заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихию маданӣ, заминҳои фонди давлатии ҷангал, заминҳои фонди давлатии об ва заминҳои захираи давлатӣ.

Заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз заминҳои корам, дарахтони бисёрсола, заминҳои партов, заминҳои алафдарав ва чарогоҳҳо, заминҳое, ки дар онҳо роҳҳои дохилихоҷагӣ, коммуникатсияҳо, обанборҳо, иншоотҳои гидротехникӣ ва биною иморатҳо воқеъ буда, барои истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди аввали маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешаванд, ҳамчунин дигар заминҳои ғайрикишоварзии дар дохили гурӯҳи мазкури заминҳо ҷойгиршуда иборат мебошанд[349].

Замиҳои таъиноти кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат нисбат ба дигар категорияҳои замин дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушду устувори иқтисодиёти кишвар нақши муҳимро мебозад. Зеро, маҳз дар заминаи ин категорияи заминҳо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, паст гардидани сатҳи

---

[348] Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, № 326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – № 23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333. 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод.176; 2004. – № 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269; № 8. – Мод. 828; 2006. – № 199; 2008. – № 357; 2008. – № 405; 2011. – № 704; 2012. – № 819; 2012. – № 891; 2016. – № 1363; 2021. – № 1823. – № 1824. – № 1825; 2022. – № 1902.

[349] Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, № 326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – № 23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333. 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод.176; 2004. – № 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269; № 8. – Мод. 828; 2006. – № 199; 2008. – № 357; 2008. – № 405; 2011. – № 704; 2012. – № 819; 2012. – № 891; 2016. – № 1363; 2021. – № 1823. – № 1824. – № 1825; 2022. – № 1902.

камбизоатии аҳоли баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, ба ҷои кори доиӣ таъмин намудани аҳоли ва монанди инҳо ба миён меояд[350].

Дигар қитъаи заминҳое, ки ба заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин дохил мешаванд, заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар мебошанд.

Заминҳои саноат заминҳое мебошанд, ки ба корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои саноатӣ барои сохтмон, истеҳсолоти саноатӣ, ҳамчунин барои эҳтиёҷоти хоҷагидорӣ ва дигар эҳтиёҷоти махсус дода шудаанд.

Тамоми заминҳое, ки барои эҳтиёҷоти навъи нақлиёти дахлдор дода шудаанду бо нигоҳдошт, таҷдид, тараққию такмили роҳҳои алоқа вобастаанд, заминҳои нақлиёт дониста мешаванд. Ин заминҳо ба заминҳои нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, обӣ ва ҳавоӣ ҷудо мешаванд.

Ба заминҳои хати алоқа, радио ва барқ заминҳое мансубанд, ки ба корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои истифодабарандаи ин хатҳо мувофиқи меъёр ва лоиҳаҳои техникӣ барои сохтани пояҳои хати ҳавоии алоқа, радио ва интиқоли барқ, сохтани иморату иншоот ва дигар дастгоҳҳо дода шудаанд.

Заминҳо барои эҳтиёҷоти мудофиа заминҳое ба ҳисоб мераванд, ки барои ҷойгир кунондан ва фаъолияти доимии қисмҳо ва муассисаҳои ҳарбӣ, мактабҳои таълимии ҳарбӣ, ташкилоту корхонаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ, қӯшунҳои сарҳадӣ ва дохилӣ дода шудаанд.

Ба заминҳои ҳифзи табиат заминҳои мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллию дендрологӣ, боғҳои ботаникӣ, парваришгоҳҳо (ғайр аз парваришгоҳҳои шикорӣ) ва ёдгориҳои табиат мансубанд. Ба заминҳои солимгардонӣ қитъаҳои замине дохил мешаванд, ки омилҳои табиии муолиҷавӣ (чашмаҳои оби маъданӣ, гили шифобахш, шароити иқлим ва дигар шароит) дошта, барои ташкили профилактикаю табобат мусоид мебошанд.

Заминҳои рекреатсионӣ заминҳое мебошанд, ки барои истироҳати муташаккилонаи оммавӣ, туризми аҳолӣ пешбинӣ ва истифода мешаванд. Ба онҳо қитъаҳои замини хонаҳои истироҳатӣ, пансионатҳо, санаторияҳо, кемпингҳо, базаҳои туристӣ, лагерҳои туристию солимгардонии статсионарию хаймавӣ, хонаҳои моҳигирон ва шикорчиён, бошишгоҳҳои туристии бачагона, боғҳои истироҳатӣ, лагерҳои пионерӣ ва варзишии берун аз заминҳои солимгардонӣ ҷойгиршуда мансуб мебошанд.

Ба заминҳои таъиноти таърихию фарҳангӣ заминҳои мамнӯъгоҳҳои таърихию фарҳангӣ, боғҳои ёдгорӣ, мақбараҳо ва ёдгориҳои бостонӣ дохил мешаванд.

Категорияи дигари заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин заминҳои фонди давлатии ҷангал ба ҳисоб мераванд. Заминҳои фонди давлатии ҷангал заминҳои ҷангалзор, инчунин заминҳои бедарахте, ки барои эҳтиёҷоти хоҷагии ҷангал дода шудаанд, ба ҳисоб мераванд.

---

[350] Раҳимзода М.З., Каримов А.Қ., Фархудинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – С. 248.

Ба заминҳои фонди давлатии об заминҳои обанборҳо, пиряххо, тармаҳо, ботлоқу иншооти гидротехникӣ ва дигар иншооти хоҷагии об, инчунин заминҳое, ки барои соҳили обанборҳо, каналҳо ва заҳбурҳои асосӣ ва байнихоҷагӣ ҷудо шудаанд, мансубанд.

Объекти андозбандии андози замин мутобиқи қонунгузории замини ҶТ бо назардошти ҷойгиршавии қитъаи замин, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин муайян карда мешавад.

Аз меъёри болозикр гуфтан мумкин аст, ки андозбандии ҳар як қитъаи замин аз хусусиятҳои он вобаста аст. Яке аз хусусиятҳои қитъаи замин ҳамчун объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин минтақаи кадастрии замин ба ҳисоб меравад. Кадастри давлатии замин ягонагии ҷудонашавандаи системаи автоматикунонидаи маълумоти кадастри замин ва раванди кадастри замин мебошад. Мақсади кадастри давлатии замин аз дастрас шудани маълумоти боэътимод оид ба ҷойгиршавии заминҳои фонди ягонаи давлатии замин аз ҷиҳати табиӣ, ҳуқуқӣ ва хоҷагидорӣ иборат мебошад. Кадастри давлатии замин маълумоти оид ба ташкили истифодаи дурусту ҳифзи замин, ба низом овардани муносибатҳои вобаста ба замин, асоснок кардани андозаи пардохти пули замин, танзими замин ва арзёбии фаъолияти хоҷагидориро дар бар мегирад[351].

Моҳитяи аслии кадастри замин дар он ифода меёбад, ки маълумоти дар он ҷойдошта маҳзани иттилоотии давлатиро дар худ ифода менамояд. Аз ҷониби дигар кадастри замин сарчашмаи иттилоотӣ ҳангоми амалигардонии бақайдгирии давлатии амволи ғайриманқул, бақайдгирии махсус ва ё қайди намудҳои алоҳидаи амволи ғайриманқул, сарватҳои табиӣ ва объектҳое, ки тибқи қонунгузории ҶТ бояд аз қайди давлатӣ гузаронида шавад[352].

Ҳамзамон, мансубияти объекти андозбандии андоз аз қитъаи замин аз рӯи таъиноти мақсаднокашон муайян карда мешаванд.

Тамоми заминҳои ҶТ фонди ягонаи давлатии заминро ташкил медиҳанд ва мутобиқи таъиноти мақсаднок ба гурӯҳҳои зайл тақсим мешаванд: заминҳои таъиноти кишоварзӣ; заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот); заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар; заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихию маданӣ; заминҳои фонди давлатии ҷангал; заминҳои фонди давлатии об; заминҳои захираи давлатӣ.

Хусусияти дигари қитъаи замин, ки бояд ҳангоми андозбандии андоз аз қитъаи замин ба эътибор гирифта шавад, хусусиятҳои экологии қитъаи замин мебошад. Ҷобаҷогузорӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон ва ба истифода додани

[351] Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, № 326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – № 23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333. 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод.176; 2004. – № 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269; № 8. – Мод. 828; 2006. – № 199; 2008. – № 357; 2008. – № 405; 2011. – № 704; 2012. – № 819; 2012. – № 891; 2016. – № 1363; 2021. – № 1823. – № 1824. – № 1825; 2022. – № 1902.

[352] Раҳимзода М.З., Каримов А.Қ., Фархудинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – С. 240.

иншоотҳои нав ва таъмиркардашуда, сохтмонҳо ва иморатҳо, инчунин ҷорӣ намудани технологияи наве, ки ба ҳолати замин таъсири манфӣ мерасонад, бояд чорабиниҳоро доир ба ҳифзи замин, риояи талаботи экологӣ, санитарию гигиенӣ ва вобаста ба дигар талаботҳои махсуси муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пешбинӣ намуда, бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати ҶТ амалӣ карда мешаванд[353].

Воқеан, объекти андозбандӣ бояд ҳамчун шарте эътироф карда шавад, ки боиси пайдо шудани муносибатҳои байни давлат ва андозсупоранда оид ба пардохти андоз мегардад. Маҳз пайдоиши объекти андозбандӣ боиси ба миён омадани муносибатҳои вобаста ба пардохти андоз мегардад.

**Адабиёт:**

1. Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ / Зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: «Деваштич», 2003. – 305 с.
2. Основы налогового права (Под ред. С.Г. Пепеляев). – М.: Инвест Фонд, 1995. – 267 с.
3. Исмоили И.И., Кодиров Ш.Б. Здания и сооружения как объекты самовольной постройки // Университетские правовые диалоги «право и предпринимательство»: материалы Международной научно-практической конференции, 24-25 марта 2022 г. / под ред. В.В. Кваниной. – Челябинск: Издательский центр ЮУрГУ, 2022. – Ч. I. – С. 203-207.
4. Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, № 1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.11.2022).
5. Гуреева В.И. Российское налоговое право. – М.: «Экономика», 1997. – 383 с.
6. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе, 2012. – 352 с.
7. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 марти соли 2013, №958 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.11.2022).
8. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, № 326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – № 23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333. 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод.176; 2004. – № 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269; № 8. – Мод. 828; 2006.

[353] Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, № 326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – № 23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333. 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод.176; 2004. – № 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269; № 8. – Мод. 828; 2006. – № 199; 2008. – № 357; 2008. – № 405; 2011. – № 704; 2012. – № 819; 2012. – № 891; 2016. – № 1363; 2021. – № 1823. – № 1824. – № 1825; 2022. – № 1902.

– № 199; 2008. – № 357; 2008. – № 405; 2011. – № 704; 2012. – № 819; 2012. – № 891; 2016. – № 1363; 2021. – № 1823. – № 1824. – № 1825; 2022. – № 1902.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» аз 20 марти соли 2008, № 375 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.11.2022).

10. Раҳимзода М.З., Каримов А.Қ., Фархудинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 360 с.

11. Ерофеев Б.В. Земельное право России: учебник для вузов / Б.В. Ерофеев; под науч. ред. Л.Б. Братковской. – 16-е изд., перераб. и доп. – Москва: «Юрайт», 2019. – 537 с.

12. Христова Н.А. Некоторые аспекты объекта налогообложения земельного налога // «Черные дыры» в российском законодательстве. – 2007. – № 2. – 0,6 п.л.

13. Вычерова Н.В. Исполнение обязанности по уплате имущественных налогов в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – 228 с.

14. Пепеляева С.Г. Налоговое право: учебник для вузов. – М., 2003. – 260 с.

15. Разгильдиева М.Б. Правовое регулирование налогообложения имущества физических лиц: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1998. – 204 с.

# ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 12.00.05) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.05)

## СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ МИГРАЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Махмадуллозода Нурулло Рахматулло,** заместитель Министра труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
**Тел.:** +992 908989885
**E-mail:** nurullo_m@mail.ru

**Рецензент:** Бобокалонов Г.М., начальник отдела законодательства по труду, миграции и социальной защите Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук.

**Аннотация:** В статье рассматриваются вопросы становление и развитие правового регулирования миграционных процессов в Республике Таджикистан. Анализируется нормативная база регулирующих вопросы миграции в Республике Таджикистана за 30 лет Государственной независимости с учетом всех её изменений и совершенствования на этот период. В данное исследование определяется следующая структура нормативных актов регулирующих вопросы миграции: Конституция Республики Таджикистан; общепризнанные принципы и нормы международного права, международные договоры Республики Таджикистан; конституционные законы, кодексы и законы; подзаконные акты (постановления Маджлиси Милли и Маджилиси намояндагон Маджилиси Оли Республики Таджикистан, указы и распоряжения Президента Республики Таджикистан, постановления и распоряжения Правительства Республики Таджикистан); нормативные акты уполномоченных государственных органов в сфере миграции; и нормативные акты местных исполнительных органов государственной власти. Выделяется более 40 нормативно-правовых документов, в том числе 4 международные конвенции, признанные Таджикистаном, 6 законов, 10 межправительственных соглашений и более 20 указов и постановлений Президента Республики Таджикистан, Правительства Республики Таджикистан, которые на сегодняшний день составляют система нормативно-правовых актов регулирующие миграционных отношений в Таджикистане. Особы внимание уделяется на нормы Конституции Республики Таджикистан, а именно совокупность

конституционных норм и принципы статьи 24 Конституции которые составляют основу правового регулирования правовых отношений в сфере трудовой миграции. Согласно которому гражданин имеет право на свободу передвижения, свободный выбор места жительства, выезд из республики и возвращение в нее.

Поскольку особенности миграционных отношений непосредственно связаны с обеспечением прав человека и гражданина, автором считается важной роль законодательных актов в регулировании отношений в сфере трудовой миграции. Так как в результате правовых реформ в Таджикистане в конце 90-х годов прошлого века статус закона был определен как основного источника права, обеспечивающего решение важнейших вопросов общественной жизни, стабильность и последовательность в регулировании общественных отношений в государстве. Исходя из этого, в статье рассматривается все правовые нормы, регулирующие миграционные отношений и связанные с ними отношений в законодательных актах. А также, изучены нормы международных актов в сфере миграции признанные Республики Таджикистан и определены степень имплементации этих норм в национальном законодательстве на этот период.

В заключение работы автором изложены свои выводы о характере, факторы и направления развития института правового регулирования миграционных процессов в Республике Таджикистан и его место в системе законодательства и предлагается ряд научных выводов и рекомендации по исследуемой теме.

**Ключевые слова:** Право, закон, нормативный акт, миграция, мигрант, международные акты, трудовой мигрант, трудовая деятельность, иностранный гражданин, конвенция, соглашение.

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** +992 908989885
**E-mail:** nurullo_m@mail.ru

**Муқарриз:** Бобокалонов Ғ.М., сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба масъалаҳои ташаккул ва рушди танзими ҳуқуқии равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он тамоми заминаҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 30 соли Истиқлолияти давлатӣ бо назардошти тағйиру такмили он дар ин давра таҳлил карда шудааст. Зимни таҳқиқоти мазкур сохтори зайли санадҳои меъёрии танзимкунандаи масъалаҳои муҳоҷират муайян карда мешаванд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; принсипҳо ва меъёрҳои аз умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон; қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳо; қарорҳо (қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумхурии Точикистон, фармону фармоишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон); санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират; ва санадҳои меъёрии маҷомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатӣ. Теъдоди ин аснод зиёда аз 40 санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла 4 конвенсияи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, 6 қонун, 10 созишномаи байниҳукуматӣ ва зиёда аз 20 фармону қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки имрӯз низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои марбут ба муҳоҷират дар Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус маҷмӯи меъёрҳои конститутсионӣ ва принсипҳои моддаи 24 Конститутсия, ки асоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқиро дар соҳаи муҳоҷират ташкил медиҳанд, таваҷҷуҳи асосӣ дода мешавад. Мувофиқи он шаҳрванд ба озодии ҳаракат, интихоби озоди ҷои истиқомат, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳуқуқ дорад.

Азбаски хусусиятҳои муносибатҳои муҳоҷиратӣ бевосита ба таъмини ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд алоқамананд, муаллиф нақши санадҳои қонунгузориро дар танзими муносибатҳо дар соҳаи муҳоҷират муҳимтар мешуморад. Зеро, дар натиҷаи ислоҳоти ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар охири солҳои 90-уми асри гузашта мақоми қонун ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқ муайян карда шуд, ки ҳалли масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеа, субот ва пайдарпайии танзими ҳуқуқи муносибатҳои ҷамъиятиро дар давлат таъмин менамояд. Бинобар ин, дар кори мазкур тамоми меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои муҳоҷират ва муносибатҳои ба он вобастаро дар санадҳои қонунгузорӣ танзим мекунанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Инчунин меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, омӯхта шуда, дараҷаи татбиқи ин меъёрҳо дар қонунгузории миллӣ дар ин давра баҳо дода мешавад.

Дар хулосаи кор муаллиф назари худро доир ба хусусият, омилҳо ва самтҳои рушди институти танзими ҳуқуқии равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавқеи он дар низоми қонунгузорӣ иброз намуда,

доир ба мавзуи таҳқиқшуда як қатор хулосаву тавсияҳои илмӣ манзур меномояд.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, қонун, санади меъёрӣ, муҳоҷират, муҳоҷир, санадҳои байналмилаӣ, муҳоҷири меҳнатӣ, фаъолияти меҳнатӣ, шаҳрванди хориҷӣ, конвенсия, созишнома.

# FORMATION AND DEVELOPMENT OF LEGAL REGULATION OF MIGRATION PROCESSES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Mahmadullozoda Nurullo Rahmatullo,**
deputy Minister of Labor, Migration and Employment of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences,
**Phone.:** +992 908989885
**E-mail:** nurullo_m@mail.ru

**Reviewer:** Bobokalonov G.M., Head of the Department of Legislation on Labor, Migration and Social Protection of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, Associate Professor of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law of the Faculty of Law of the Tajik National University, Candidate of Legal Sciences

**Annotation:** The article deals with the formation and development of the legal regulation of migration processes in the Republic of Tajikistan. The regulatory framework regulating migration issues in the Republic of Tajikistan for 30 years of State independence is analyzed, taking into account all its changes and improvements for this period. This study defines the following structure of normative acts regulating migration issues: the Constitution of the Republic of Tajikistan; generally recognized principles and norms of international law, international treaties of the Republic of Tajikistan; constitutional laws, codes and laws; by-laws (decrees of the Majlisi Milli and Majilisi Namoyandagon Majilisi Oli of the Republic of Tajikistan, decrees and orders of the President of the Republic of Tajikistan, decisions and orders of the Government of the Republic of Tajikistan); normative acts of authorized state bodies in the field of migration; and normative acts of local executive bodies of state power. There are more than 40 legal documents, including 4 international conventions recognized by Tajikistan, 6 laws, 10 intergovernmental agreements and more than 20 decrees and resolutions of the President of the Republic of Tajikistan, the Government of the Republic of Tajikistan, which today constitute a system of legal acts regulating migration relations in Tajikistan. Particular attention is paid to the norms of the Constitution of the Republic of Tajikistan, namely the totality of constitutional norms and the principles of Article 24 of the Constitution, which form the basis of the legal regulation of legal relations in the field of labor migration. According to which a citizen has the right to freedom of

movement, free choice of place of residence, departure from the republic and return to it.

Since the peculiarities of migration relations are directly related to ensuring human and civil rights, the author considers the important role of legislative acts in regulating relations in the field of labor migration. Since, as a result of legal reforms in Tajikistan in the late 90s of the last century, the status of the law was defined as the main source of law that ensures the solution of the most important issues of public life, stability and consistency in the regulation of public relations in the state. Based on this, the article discusses all the legal norms governing migration relations and related relations in legislative acts. And also, the norms of international acts in the field of migration recognized by the Republic of Tajikistan were studied and the degree of implementation of these norms in national legislation for this period was determined.

At the end of the work, the author outlines his conclusions about the nature, factors and directions of development of the institution of legal regulation of migration processes in the Republic of Tajikistan and its place in the system of legislation and offers a number of scientific conclusions and recommendations on the topic under study.

**Keywords:** Law, law, normative act, migration, migrant, international acts, labor migrant, labor activity, foreign citizen, convention, agreement.

По сравнению с другими странами, по историческим меркам, Таджикистан недавно столкнулся с миграцией. При этом в последние 30 лет в Республике Таджикистан процессы миграции населения часто менялись под влиянием внутренних и внешних факторов. Несмотря на это, в этот период Таджикистан продолжил сложный путь формирования своего законодательства, в той или иной мере отвечающего основным международным стандартам и уровню развития миграционных отношений в стране.

В качестве нормативного правового акта регулирующие вопросы миграции в Таджикистане первым был принят Закон Республики Таджикистан от 20 июля 1994 года № 993 «О вынужденных переселенцах»[354]. Согласно этому закону вынужденным переселенцем признается гражданин Республики Таджикистан или лицо с постоянным местом жительства на территории Республики, которой в результате насилия в отношении него или в силу иных реальных обстоятельств вынужден покинуть свое постоянное место жительства на территории Республики Таджикистан.

После подписания Соглашение об установление мира и национального согласия от 27 июня 1997 года внутренние разногласия и конфликты Таджикистана закончились. Этот заключительный мирный акт положил начало новому историческому периоду в нашей стране. Новый период был периодом достижения национального единства и возрождения Таджикистана.

[354] Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – С. 1994, –№ 15-16, – С. 245.

В то же время начался новый процесс миграции -трудовой миграции наших граждан за рубеж, который также требовал правового регулирования. В результате гражданской войны была разрушена экономическая и социальная структура республики и парализовалось система обеспечения занятости трудоспособных граждан.

Ввиду изменения процессов миграции населения законодателем принят новый закон, регулирующий данную сферу: Закон Республики Таджикистан «О миграции» от 11 декабря 1999 года, № 881[355]. С принятием данного документа был признан утратившим силу Закон Республики Таджикистан «О вынужденных переселенцах» от 20 июля 1994 года № 993. Закон Республики Таджикистан «О миграции» регулирует все миграционные процессы: трудовая миграция, внутренняя миграция, экологическая миграция и другие виды миграции. Впоследствии также был принят Закон РТ «О беженцах» от 10 мая 2002 года №50[356], необходимость его принятия явилась правовым регулированием вопросов беженцев-иностранных граждан в Таджикистане, в основном из-за неспокойной политической ситуации в Исламской Республики Афганистан. Помимо этих законов был принят ряд нормативно-правовых документов в виде указов Президента Республики Таджикистан и решения Правительства Республики Таджикистан, которые постепенно стали заполнять законодательные пробелы в регулировании миграционных отношений.

В настоящее время решение миграционных вопросов, особенно трудовой миграции, считается важным для Таджикистана. Кроме того, Таджикистан как страна, принимающее трудовых мигрантов из других стран, беженцев и лиц, ищущих убежища, и как участник международных документов в сфере миграции обязан обеспечивать права и интересы этих иностранных граждан[357]. Также в последние годы в связи с влиянием демографических факторов в Таджикистане появились другие виды миграции: внутренняя и экологическая миграция, и необходимость в правовом регулировании этих миграционных процессов также является реальной задачей.

С учетом этих правовых норм в правовой и законодательной системе Республики Таджикистан формируется новый сложный комплекс– институт миграционного право Республики Таджикистан, который базируется на ряде законодательных актов и других нормативных правовых актов регулирующие отношения в сфере миграции.

Современное законодательство Республики Таджикистан о миграции находится под влиянием различных факторов, важнейшими из которых являются политическая и геополитическая ситуация в мире и регионе, процессы экономического, социального и демографического развития

---

[355] Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1999 г., – № 12, – С. 320.

[356] Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, с. 2002 г., – № 4, ч. 1. – ст. 305; 2010 г., – № 1, – ст. 14; с. 2012 г., – № 12, – ст. 1013).

[357] Ещё в 1993 году Республика Таджикистан ратифицировала Конвенцию Организации Объединенных Наций «О статусе беженцев» от 1951 года, и была необходимости проводит национальные правовые акты в соответствие с данной конвенции и Таджикистан, как участник этой конвенции, вяла обязательства по приему и обеспечения права беженцев.

внутри страны, изменения в своих геополитических и национальных приоритетах при проведении внутренней и внешней политики страны. Основной целью формирования законодательства о трудовой миграции на данном этапе является достижение более положительных результатов от миграционного процесса, заключающихся в эффективном использовании рабочей силы внутри и за пределами страны, обеспечении занятости населения и снижении интенсивности трудовой миграции за границу, приобретения незанятых земель в регионах республики, обеспечения безопасности страны и ее населения от угроз терроризма, международного экстремизма и предотвращения нелегальных миграционных процессов.

Нормативно-правовая база регулирования отношений, связанных с трудовой миграцией в Таджикистане, на сегодняшний день включает более 40 нормативно-правовых документов, в том числе 4 международные конвенции, признанные Таджикистаном, 6 законов, 10 межправительственных соглашений и более 20 указов и постановлений Президента Республики Таджикистан, Правительства Республики Таджикистан.

Поскольку особенности миграционных отношений непосредственно связаны с обеспечением прав человека и гражданина, важной считается роль законодательных актов в регулировании отношений в сфере трудовой миграции. Подзаконные акты же определяют механизм реализации этих законодательных актов и не могут увеличивать их сферу действия.

В результате правовых реформ в Таджикистане в конце 90-х годов прошлого века был определен статус закона как основного источника права, обеспечивающего решение важнейших вопросов общественной жизни, стабильность и последовательность в регулировании общественных отношений в государстве. Однако следует признать, что закон не является единственным источником миграционного права, он формируется правовыми нормами, содержащимися в других нормативных правовых актах, которые в целом отражают всю систему законодательства Республики Таджикистан о трудовой миграции.

В целом нормативная база регулирующих вопросы трудовой миграции в Республике Таджикистана за 30 лет пережил много изменений и совершенствования. Анализ нормативных актов регулирующих вопросы трудовой миграции в Таджикистане позволяет определить их следующую структуру:

- Конституция Республики Таджикистан[358];
- общепризнанные принципы и нормы международного права, международные договоры Республики Таджикистан;
- конституционные законы, кодексы и законы;
- подзаконные акты (постановления Маджили Милли и Маджили намояндагон Маджили Оли Республики Таджикистан, указы и распоряжения Президента Республики Таджикистан, постановления и распоряжения Правительства Республики Таджикистан);

[358] Конституция Республики Таджикистан – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.

- нормативные акты уполномоченных государственных органов в сфере миграции;
- нормативные акты местных исполнительных органов государственной власти.

Система иерархической подчиненности обеспечивает необходимое соотношение этих нормативных правовых актов, их юридическую силу и приоритет. При этом установление нормы регулирующие вопросы трудовой миграции в том или ином виде нормативного акта осуществляется не по своей воле, а зависит от ряда объективных факторов, связанных с определением сферы его действия с учетом распространения полномочий между центральными органами государственной власти и местными исполнительными органами государственной власти, принимающими документ, содержащий эти нормы, возможность дальнейшего применения этих норм зависит от других факторов.

Одной из характеристик миграционного законодательство, которое можно охарактеризовать как перспективный институт в правовой системе Республики Таджикистан, является разнообразие и быстрое увеличение количества его правовых источников. Этот процесс обусловлен закономерным развитием миграционных отношений в нашей стране и необходимостью придания им правовой формы.

Еще одной особенностью развития миграционного законодательство в Республике Таджикистан является широкое влияние международных норм на содержание отечественных законодательных актов. Безусловно, такое влияние наблюдается практически во всех областях законодательство и правовых институтов. Однако в миграционном законодательстве этот фактор ощущается больше. Причиной этого фактора является признание Республикой Таджикистан большинства международных документов в сфере миграции и, соответственно, это создало обязательство по приведению норм национальных нормативных актов в соответствие с этими международными нормами. Этот процесс часто представляет собой внедрение международных стандартов в национальное законодательство в его первоначальной форме и содержании.

С другой стороны, сама трудовая миграция является одним из процессов интеграции в мировое сообщество, которое обеспечивается за счет реализации права человека на свободное передвижение.

[394] Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ.М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри чоруми тасҳеҳ ва иловашуда / Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: «Мастер Принт», 2022. – С. 38.

мекунанд аз 14 то 16-сола 2,5 соат ва аз 16 то 18-сола 3,5 соат, зиёд буда наметавонад.

Инчунин тибқи муқаррароти моддаи 211 КМ ҶТ вобаста ба синну соли ноболиғон чунин давомнокии вақти кори ҳафтаинаро муқаррар намудааст:

- барои кормандони синни аз чордаҳ то понздаҳсола на зиёдтар аз бисту чор соат;
- барои кормандони синни аз понздаҳ то ҳаждаҳсола на зиёдтар аз сию панҷ соат.

Корфармо ҳуқуқ надорад, ки давомнокии кори ҳафтаинаи барои ноболиғон муқарраршударо зиёдтар намояд. Ҳамзамон, корфармо метавонад вобаста ба шароити кор ва вазъи иқтисодии ташкилот, давомнокии ниҳоии кори ҳафтаинаи барои ноболиғон муқарраршударо кӯтоҳтар намояд.

Инчунин бо дарназардошти хусусиятҳои физиологии ҷисми занон ва шахсони аз ҳаждаҳсола хурд қабул намудан ба корҳои шароиташон зарарнок ва хатарнок мумкин нест.

Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 35 Конститутсияи ҶТ дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифода намудани меҳнати занон ва ноболиғон манъ карда шудааст. Ин талабот дар КМ ҶТ мушаххас шудааст. Тибқи муқаррароти моддаи 216 КМ ҶТ кор фармудани занон дар корҳои зеризаминӣ, дар корҳои шароиташон зарарнок, манъ мебошад. Айнан чунин талабот нисбати истифодаи меҳнати шахсони аз ҳаждаҳсола хурд дар муқаррароти моддаи 208 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Ҳаминро тазаккур дод, ки тафовут дар меъёрҳои зикргадида, хусусиятҳои фаъолияти меҳнатии субъектҳои гуногуни меҳнат, хусусан меҳнати занон ва шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, дида мешавад.

Чунин тафовуту маҳдудияту фарқиятгузорӣ ғамхории махсуси давлат нисбат ба шахсоне, ки муҳтоҷи ҳимояи хоси иҷтимоӣ мебошанд, хусусан, занон, ноболиғон ва ғайра, муқаррар шудааст. Чунин талабот баҳри ҳимояи саломатӣ ва ҳуқуқҳои гурӯҳи шахсони номбурда пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи сархати чоруми қисми 1 моддаи 56 КМ ҶТ бо шахси ба синни понздаҳ нарасида, бе розигии хаттии падар ё модар ва дигар шахсони тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ивазкунанда, ошкоро бар хилофи қонун, асосҳои тартиботи ҳуқуқӣ ва ахлоқ, бо шахси ба синни муқаррарнамудаи КМ ҶТ нарасида, шартномаи меҳнатӣ баста шуда бошад, аз тарафи суд беэътибор дониста мешавад.

Чи тавре дар боло зикр гардид, шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи меҳнат баромад мекунанд.

Шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ ин занони ҳомила ва дигар кормандоне, ки дар тарбия ва нигоҳубиниашон кӯдаки то чордаҳсола, кӯдаки маъюб ва дигар шахсонеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст доранд, мебошанд.

Ба шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, метавонанд кормандон, ки тибқи қонунгузории оила ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарбия ва инкишофи кӯдак уҳдадоранд. (падару модар,

падар ё модари танҳое, ки кӯдакро тарбия менамояд, дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки бе парастории падару модармондаро, тарбия мекунанд, корманде, ки кӯдаки навтаваллудшударо ба парасторӣ (фарзандхондӣ) гирифтааст, шахсоне, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои васӣ ё парастор доранд), дигар хешовандони кӯдак, ки воқеан ӯро нигоҳубин мекунанд, дар ҳолатҳои бевосита пешбининамудаи қонунгузорӣ корманде, ки нисбат ба дигар аъзоёни оилааш, ки дар ҳолатҳои муқарраргардида ба нигоҳубин ё кӯмак эҳтиёҷ доранд, дохил карда шаванд.

**Адабиёт:**

1. Бегичев Б.К. Трудовая правоспособность советстких граждан. – М., 1972. – С. 70-75; 179-190.

2. Гинцбург Л.А. Социалистическое трудовое правоотношение. – М.: Изд-во «Наука», 1977. – С.186.

3. Желтов О.Б., Сошникова Т.А. Трудовое право России: Учебное пособие. – М.: Издательство Эскомо, 2005. – С. 44.

4. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Мукаммалгардонӣ: Бонки иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0.

5. Конвенция № 156 Международной организации труда "О равном обращении и равных возможностях для трудящихся мужчин и женщин: трудящиеся с семейными обязанностями" (принята в г. Женеве 23.06.1981 на 67-ой сессии Генеральной конференции МОТ). Тарҷумаи расмӣ ба забони русӣ. [Маводи элекронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www. consultant. ru/document/cons_doc_LAW_121450/

6. Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: "Сомон принт" 2021. – С. 95-96.

7. Ҳуқуқи меҳнат ва таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалаври ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Нашри якум // Муҳаррири масъул номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ғ.М. Бобокалонов. – Душанбе: «ЭР-граф». 2021. – С. 57.

8. Рахмонова О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917-2011 гг.). Автореф. дисс. ... к.ю.н. – Душанбе, 2012. – С. 17.

9. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи ихтисоси «ҳуқуқшинос» таҳсил мекунанд. – Душанбе, 2018. – 784 с.

10. Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Точикистон. Нашри чоруми тасҳеҳ ва иловашуда / Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: «Мастер Принт», 2022. – 876 с.

11. Шонасридинов Н., Бозоров Р.Б. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2006. – 187с.

# ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

## ТАҲҚИҚОТИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ МАФҲУМИ КИБЕРҶИНОЯТҲО

**Давлатзода Комрон Давлат,**
дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 938231823
**E-mail:**Komron231823@gmail. com

**Муқарриз:** Назаров А.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Соҳаи иттилоотӣ имрӯз яке аз самтҳои фаъолтарин ва босуръат рушдёбандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ба танзими муносиби ҳуқуқӣ ниёз дорад. Дар замони ҷаҳонишавӣ мафҳумҳои «киберҷиноятҳо», «ҷиноятҳои компютерӣ», «фазои киберӣ», дар адабиёти илмӣ ба таври умум истифода мешаванд. Аз ин лиҳоз, дар мақолаи мазкур масоили мубрами мафҳуми ҳуқуқии ҷиноятии киберҷиноятҳо таҳқиқ гардида, дар асоси таҳлили адабиётҳои соҳавӣ мафҳуми «киберҷиноятҳо» ва фарқи он аз дигар ҷиноятҳои монанд пешниҳод гардидааст. Ба андешаи муаллиф киберҷиноятҳо бояд ҳамчун ҷиноятe фаҳмида шаванд, ки дар фазои киберӣ тавассути системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои компютерӣ, инчунин дигар воситаҳои дастрасӣ ба фазои киберӣ, дар дохили системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ содир шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Мафҳуми киберҷиноятҳо, ҷиноятҳои компютерӣ, иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ, ҷаҳонишавӣ, фазои иттилоотӣ, рамзҳо, мукотибаи шахсӣ, киберфазо, барномаҳои компютерӣ.

## УГОЛОВНО-ПРАВОВОЕ ИСЛЕДОВАНИЕ ПОНЯТИЯ КИБЕРПРЕСТУПЛЕНИЯ

**Давлатзода Комрон Давлат,**
доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета ТНУ, кандидат юридических наук
**Тел.:** (+992) 938231823
**E-mail:** Komron231823@gail.com

**Рецензент:** Назаров А.К., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация.** На сегодняшний день информационное поле является одной из наиболее активных и бурно развивающихся сфер общественных отношений, которая нуждается в соответствующем правовом регулировании. В эпоху глобализации, в научной литературе широко используются термины «киберпреступления», «компьютерные преступления», «киберпространство». В связи с этой, в рамках данной статье исследуются актуальные вопросы уголовно-правового понятия киберпреступлений, на основе анализа литературы предлагается понятие «киберпреступления» и его отличие от других подобных преступлений. По мнению автора, под киберпреступностью следует понимать преступление, совершаемое в киберпространстве, посредством компьютерных систем или компьютерных сетей, а также иных средств доступа в киберпространство, внутри компьютерных систем или сетей.

**Ключевые слова:** Понятие киберпреступлений, компьютерные преступления, информация, информационные технологии, глобализация, информационное пространство, коды, личная переписка, киберпространство, компьютерные программы.

## CRIMINAL LEGAL STUDY OF THE CONCEPT OF CYBERCRIME

**Davlatzoda Komron Davlat**,
associate Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Activity of the Law Faculty of the Tajik National University, candidate of Legal Sciences
**Phone.:** (+992) 938231823
**E-mail:** Komron231823@gail.com

**Reviewer: Nazarov A.K., Doctor of Law, Professor**

**Annotation:** Today, the information field is one of the most active and rapidly developing areas of public relations, which needs appropriate legal regulation. In the era of globalization, the scientific literature widely uses the terms «cybercrimes», «computer crimes», «cyberspace». From this point of view, this article examines topical issues of the criminal law concept of cybercrime, based on the analysis of the literature, the concept of «cybercrime» and its difference from other similar crimes are proposed. According to the author, cybercrime should be understood as a crime committed in cyberspace, through computer systems or computer networks, as well as other means of access to cyberspace, within computer systems or networks.

**Keywords:** The concept of cybercrime, computer crimes, information, information technology, globalization, information space, codes, personal correspondence, cyberspace, computer programs

Таърихи даҳсолаҳои охир дар муқоиса бо дигар намудҳои ҷиноятҳои фаромиллӣ аз афзоиш ёфтани ҷиноятҳо бо истифодаи компютерҳо шаҳодат медиҳад. Бояд қайд намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ соҳаи иттилоот на танҳо ба майдони ҳамкориҳои байналмилалӣ, балки ба майдони мухолифат низ табдил меёбад, ки аз афзоиши эҳтимолии фаъолияти терроризми байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни нишасти «Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиё», ки дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе баргузор гардид, таъкид намудаанд, ки ба амнияти минтақа бо миқёси афзоянда терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва киберҷиноятҳо таҳдид мекунанд. Аз ин лиҳоз, аъзоёни «Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиё»-ро зарур аст, ки мубориза бар зиддӣ ин хавфҳоро ҳадафи асосии фаъолияти мақомоти қудратии хеш қарор диҳанд[395].

Бояд қайд намуд, ки дар айни замон технологияҳои компютерӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ҷорӣ шуда, ба манфиат ва такмили кори ин соҳаҳои ҳаётан муҳим амал мекунанд. Чунин технологияҳо ба тарзи зиндагӣ, таҳсил ва кори одамон таъсири мусбӣ мерасонанд. Технологияҳои иттилоотӣ барои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аҳамияти ҳаётан муҳим пайдо кардаанд. Сарфи назар аз бартариҳои зиёди технологияҳои компютерии муосир, онҳо шароити наверо фароҳам овардаанд, ки ба содир намудани ҷиноятҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ таъсир мерасонанд. Даромади ҷинояткорони марбут ба истифодаи ғайриқонунии технологияҳои навтарин дар ҷаҳон, пас аз даромад, аз тиҷорати маводи мухаддир ва силоҳ дар ҷойи сеюм қарор дорад[396]. Ин ба пайдоиши як намуди нави фаъолияти ҷиноятӣ, аз қабили киберҷиноятҳо, ки дар марҳалаи ҳозира ба сатҳи хеле баланд расидааст.

Рушди технологияҳои нав ба ҷомеа таъсири афзоянда мерасонад. Эҳтимол, ҳаётро бидуни компютер, интернет, алоқаи рақамӣ тасаввур кардан душвор бошад. Ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон таъсири калон расонда, ба инсоният имкониятҳои нав пайдо мекунад. Аммо, дар баробари ин, ба истилоҳ иттилоотсозӣ як қатор чолишҳои навро низ ба бор меорад. Ҳамин тавр, дар баробари ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ табодули ҷинояткорӣ ба амал омада, гузариши он ба фазои маҷозӣ мушоҳида мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки сарфи назар аз теъдоди нисбатан зиёди нашрияҳои илмӣ, дар самти киберҷиноятҳо, ки нисбатан нав ба ҳисоб меравand, ҳанӯз ҳам ба омӯзиши иловагӣ ниёз доранд.

---

[395] http://cccp.tj/ru/component/k2/item/6174 (Санаи муроҷиат: 09.08.2022)
[396] Гайфутдинов Р.Р. К вопросу о типологии личности компьютерных преступников с учетом характера и мотивации их криминальной деятельности // Вопросы российского и международного права. - Т. 7. 2017. № 4а. – С. 245-256 // http://publishing-vak.ru/file/archive-law-2017-4/25-gaifutdinov.pdf

Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва фазои киберӣ генезиси (пайдоиши) доимии киберҷиноятро асоснок намуда, зарурати таваҷҷӯҳи ҷиддиро ба ин самт ҳам аз ҷониби давлат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳам ҷомеаи илмӣ тақозо мекунад. Имрӯз, киберҷиноятҳо як мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, метавон афзоиши босуръати киберҷинояткориро дар тамоми бахшҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ қайд намуд. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки дар аксарияти ҳолатҳо ҷабрдидагони ин ҷиноятҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд[397]. Бо вуҷуди шумораи зиёди ҷиноятҳо бо истифода аз ИКТ, дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми «киберҷиноятҳо» вуҷуд надорад. Аммо ин на танҳо барои таҳияи чораҳои ҳуқуқӣ оид ба мубориза бар зидди ин навъи ҷиноят дар сатҳи миллӣ, балки барои ҷамъоварии маълумоти муқоисашавандаи оморӣ, рушди системаи ягонаи баҳисобгирӣ, дар сатҳи ҷаҳонӣ хеле муҳим аст. Истилоҳи «киберҷиноятҳо» ҳоло дар баробари истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» истифода мешавад ва аксар вақт ин мафҳумҳо ҳамчун синоним истифода мешаванд. Воқеан, ин истилоҳот ба ҳамдигар хеле наздиканд, вале ба ҳар ҳол синоним нестанд. Ба андешаи мо, мафҳуми «киберҷиноятҳо» нисбатан васеътар буда, ҳам бо истифодаи компютерҳо ва ҳам бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои ҷаҳонии Интернет содир мешаванд, аммо «ҷиноятҳои компютерӣ» танҳо ба ҷиноятҳое дахл дорад, ки бар зидди компютерҳо ё маълумоти компютерӣ содир мешаванд.

Дар бораи муҳтавои ин истилоҳ ва робитаи он бо мафҳумҳои «ҷиноятҳои компютерӣ» ва «ҷинояткорӣ бо истифодаи ИКТ» баҳсҳо зиёданд. Масалан, олимони амрикоӣ С. Бреннер ва М. Гудман мафҳуми «киберҷиноятҳо»-ро нисбат ба мафҳуми «ҷинояткории компютерӣ» ва «ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» васеътар маънидод намуда, зери мафҳуми «киберҷиноят» ҷиноятҳои анъанавии бо ёрии компютер содиршаванда (дуздӣ, қаллобӣ, тамаъҷӯӣ) ва ҷиноятҳое, ки объекти онҳо системаҳои компютерӣ, барномаҳо ва иттилоот мебошанд, мефаҳманд[398].

Ба андешаи мо, мафҳуми «киберҷиноятҳо» – ин маҷмуи ҷиноятҳое, ки дар фазои киберӣ, тавассути системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои компютерӣ, инчунин дигар воситаҳои дастрасӣ ба фазои киберӣ, дар дохили системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ содир шудаанд, ифода мегардад. Таърифи шабеҳи ин мафҳумро В.А. Номоконов пешниҳод намудаанд. Аз рӯи нуқтаи назари ӯ киберҷиноятҳо ин ҷиноятҳоеанд, ки ҳам бо истифодаи компютер ва ҳам бо истифодаи технологияҳои

---

[397]Лакомов А.С. Киберпреступность: современные тенденции // Академическая мысль. 2019. № 2 (7). – С. 53-56.

[398] Brenner S. W., Goodman M.D. The emerging consensus on criminal conduct in cyberspace // UCLA Journal of Law and Technology. – 2002. – № 3. - Доступно из URL: http://www.lawtechioumal.com/articles/2002/03-020625 goodmanbrenner.phD [Санаи муроҷиат: 12.09.2022 с.].

иттилоотӣ ва шабакаҳои ҷаҳонӣ алоқаманд аст[399]. Ин таъриф ба тавсияҳои коршиносони СММ мувофиқ аст. Ба ақидаи онҳо, мафҳуми «киберҷиноятҳо» ҳама гуна ҷиноятеро дар бар мегирад, ки метавонад бо кумаки як система ё шабакаи компютерӣ, дар дохили система ё шабакаи компютерӣ ва ё зидди система ё шабакаи компютерӣ содир шавад, яъне ҳама гуна ҷинояте, ки дар муҳити электронӣ содир мешавад, метавонад ҳамчун киберҷиноят тасниф карда шавад[400]. Онҳо ин андешаҳои худро бо он асоснок менамоянд, ки бо назардошти он, ки дар айни замон миқдори зиёди маълумот: аксҳо, видеоҳо, тамосҳои хешовандон ва дӯстон, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, баъзе замимаҳо бо маълумоти муҳим, рамзҳо, мукотибаи шахсӣ ва ғайра дар васоити электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, ки ҳар як соҳиби маълумот махфияти маълумоти худро зери хатар мегузорад. Албата мафҳуми овардашуда бисёр васеъ буда, баҳсовар мебошад, чунки бархе аз ҷиноятҳое дар амалия вуҷуд доранд, ки ба воситаи компютерҳо содир шуда ба гурӯҳи киберҷиноятҳо шомил карда намешаванд, масалан баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба воситаи компютерҳо анҷом дода мешаванд ва дар сурати азхудкунии маблағҳо ва ё ба воситаи компютер нодуруст пешниҳод кардани эъломия оиди даромадҳо, ки ба саркаши намудан аз пардохти андоз оварда мерасонад.

Т.Л. Тропина бар он андеша аст, ки киберҷиноятҳо – дахолати аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарноки киберҷинояткорон, ки ба раванди фаъолияти муътадили компютерҳо, барномаҳои компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ, ҳамчунин беиҷозат тағйир додани маълумоти компютерӣ ва ё дигар кирдорҳои ғайриқонунии барои ҷамъият хавфнок, ки тавассути истифодаи компютерҳо, шабакаҳои компютерӣ ва барномаҳо ё дигар дастгоҳҳои дастрасӣ ба фазои иттилоотӣ содир мешаванд, фаҳмида мешавад[401].

А. Шетилов мафҳуми васеъи киберҷиноятҳоро пешниҳод мекунад. Ба андешаи ӯ мафҳуми киберҷиноятҳо на танҳо амалҳоеро дар бар мегиранд, ки дар шабакаи ҷаҳонии интернетӣ содир мешаванд, балки тамоми намудҳои ҷиноятҳое, ки дар соҳаи иттилоот ва телекоммуникатсия содир мешаванд ва иттилоот, захираҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ метавонанд объекти ҷинояти мазкур бошанд[402].

Таърифи дигари киберҷиноятҳо аз ҷониби И.М. Рассолов ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок, ки бо истифода аз технологияҳои компютерӣ нисбат ба иттилооте, ки дар Интернет коркард ва истифода мешавад, содир шудааст[403]. Ба андешаи мо, мафҳуми пешниҳоднамудаи

---

[399] В.А. Номоконов, Т.Л. Тропина. Киберпреступность как новая криминальная угроза// Социально-политические науки 1 (24) 2012. – С.45-46. file:///C:/Users/DM/Downloads/kiberprestupnost-kak-novaya-kriminalnaya-ugroza.pdf.

[400] Рассолов И.М. Право и Интернет. Теоретические проблемы. – М.: Изд-во НОРМА, 2003. – С. 92.

[401] Тропина Т.Л. Киберпреступность: понятие, состояние, уголовно-правовые меры борьбы: дис. . канд. юрид. наук: 12.00.08 / Владивосток. Т.Л. Тропина. – 2005 – С.9

[402] Щетилов А. Некоторые проблемы борьбы с киберпреступностью и кибертерроризмом // Информатизация и информационная безопасность правоохранительных органов: материалы XI междунар. конф. – М., 2002. – С. 187.

[403]Рассолов И.М. Право и «Интернет»: теоретические проблемы. 2-е изд., доп. М., Норма. 2009. С.135.

И.М. Рассолов хеле маҳдуд аст, зеро ба ғайр аз Интернет дигар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ вуҷуд доранд, ки фазои кибериро ташкил медиҳанд (масалан FidoNet ё ягон шабакаҳои хусусии маҳаллӣ); дуюм, ҷиноятҳо дар фазои маҷозӣ на танҳо ба иттилоот, балки ба моликият, инчунин дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ (амнияти ҷамъиятӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ) содир карда мешаванд.

О.С. Гузеева бошад киберҷиноятҳоро кирдори аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок ва ғайриқонунии пешбининамудаи қонунгузории ҷиноятӣ таъриф додааст, ки бо роҳи дастрасии фосилавӣ ба объекти таҷовуз, бо истифода аз шабакаҳои компютерӣ ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадаф анҷом дода мешавад[404]. Дар ин мафҳум низ, имкони фазои маҷозӣ ҳамчун воситаи содир кардани ҷиноят арзёбӣ мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба хулосае омадан мумкин аст, ки киберҷиноят бояд ҳамчун ҷиноятe фаҳмида шавад, ки ба муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ зарар расонида, ба таври фосилавӣ бо истифода аз таҷҳизоти компютерӣ ва шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ва фазои киберӣ, содир мешавад. Ин таъриф мафҳуми «киберҷиноятҳо»-ро тавассути хусусиятҳои ҳатмии он, аз қабили воситаҳо (киберфазо) ва усул (усули дурдаст) ошкор мекунад.

Киберҷиноятҳо – ин маҷмуи ҷиноятҳое, ки дар фазои киберӣ, тавассути системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои компютерӣ, инчунин дигар воситаҳои дастрасӣ ба фазои киберӣ дар дохили системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ содир шуданд, мебошанд.

**Адабиёт:**

1. Brenner S. W., Goodman M.D. The emerging consensus on criminal conduct in cyberspace // UCLA Journal of Law and Technology. - 2002. - № 3. - Доступно из URL: http://www.lawtechioumal.com/articles/2002/03-020625 goodmanbrenner.phD [Санаи муроҷиат: 12.09.2022 с.].
2. http://cccp.tj/ru/component/k2/item/6174 [Санаи муроҷиат: 09.08.2022 с.].
3. В.А. Номоконов, Т.Л. Тропина. Киберпреступность как новая криминальная угроза// Социально-политические науки 1 (24) 2012. – С.45-46.
4. Гайфутдинов Р.Р. К вопросу о типологии личности компьютерных преступников с учетом характера и мотивации их криминальной деятельности // Вопросы российского и международного права. Т. 7. 2017. № 4а. – С. 245-256.
5. Гузеева О.С. Предупреждение размещения информации, способствующей распространению наркотических средств, в российском

[404] Гузеева О.С. Предупреждение размещения информации, способствующей распространению наркотических средств, в российском сегменте сети Интернет (криминологические и уголовно-правовые проблемы). автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2008. – С. 12.

сегменте сети Интернет (криминологические и уголовно-правовые проблемы). автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2008. – С. 12.

6. Лакомов А.С. Киберпреступность: современные тенденции // Академическая мысль. 2019. № 2 (7). – С. 53-56. https://cyberleninka.ru/article/n/kiberprestupnost-sovremennye-tendentsii

7. Рассолов И.М. Право и «Интернет»: теоретические проблемы. 2-е изд., доп. – М., Норма. 2009. – С.135.

8. Рассолов И.М. Право и Интернет. Теоретические проблемы. – М.: Изд-во НОРМА, 2003. – С. 92.

9. Тропина Т.Л. Киберпреступность: понятие, состояние, уголовно-правовые меры борьбы: дис. канд. юрид. наук: 12.00.08/ Владивосток. Т.Л. Тропина. – 2005 – С. 9.

10. Щетилов А. Некоторые проблемы борьбы с киберпреступностью и кибертерроризмом // Информатизация и информационная безопасность правоохранительных органов: материалы XI междунар. конф. – М., 2002. – С. 187.

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ – ҶИНОЯТҲОИ ФАРОМИЛЛӢ

**Курбонзода Бехруз Шариф,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** +992 988-20-55-00
**E-mail**: behruz.qurbonzoda@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода А.И., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Муқарриз:** Ахмедов Н., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар ин мақола сухан дар бораи яке аз масъалаҳои мубрами рӯз экстремизму терроризм меравад. Муаллиф қайд мекунад, ки экстремизму терроризм хатару таҳдидҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ ворид намуда, ба фаъолияти мӯътадили сохторҳои давлатӣ халал мерасонад. Терроризму экстремизм ягон дину мазҳаби мушаххас, пайдоиши этникӣ, миллат ва ҷойгиршавии доимии ҷуғрофӣ надорад.

Дар мақола гуфта шудааст, ки баъзе аз давлатҳо дар қаламрави худ бар зидди терроризм мубориза бурда, ҳамзамон терроризми фаромиллиро дар кишвар ва минтақаҳои дигар ба восита ё бе восита пуштибонӣ менамоянд ва мехоҳанд террористонро ба ҳайси муборизони роҳи озодӣ, истиқлолият ва ҳуввияти миллӣ муаррифӣ созанд.

Бо дарназардошти ин таҳдидҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон як узви комилҳуқуқи СММ буда, аз ин проблемаҳои доғи рӯз бетарафӣ накарда, як қатор қонунҳоеро қабул намудааст, ки барои муқовимат ба экстремизму терроризм равона карда шудааст.

Ғайр аз ин, дар мақола фикру андешаҳои олимон оид ба таҳдиду хатарҳои экстремизму терроризм зикр шудааст.

**Калидвожаҳо:** Терроризм, экстремизм, асосҳои сохти конститутсионӣ, киберҷиноятҳо, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои фаромиллӣ, амнияти ҷамъиятӣ, сулҳу амнияти инсоният, равияҳои экстремистӣ, маблағгузории ташкилотҳои террористию экстремистӣ, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд.

# ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ – ТРАНСНАЦИОНАЛЬНЫЕ ПРЕСТУПЛЕНИЯ

**Курбонзода Бехруз Шариф,**
доцент кафедры уголовного права, криминалистики и противодействия

коррупции юридического факультета ТГУПБП, кандидат юридических наук
**Тел.:** +992 988-20-55-00
**E-mail:** behruz.qurbonzoda@mail.ru

**Научный руководитель:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, доцент
**Рецензент:** Ахмедов Н., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Данная статья посвящена одной из актуальных проблем экстремизма и терроризма. Автор отмечает, что экстремизм и терроризм приносят опасности и угрозы во все сферы жизни человека и мешают нормальному функционированию государственных структур. Терроризм и экстремизм не имеют какой-либо конкретной религии или секты, этнического происхождения, национальности или постоянного географического положения.

В статье было сказано, что некоторые государства борятся с терроризмом на своей территории и в то же время поддерживают транснациональный терроризм в стране и других регионах средствами или без средств и хотят представить террористов борцами за свободу, независимость и национальную идентичность.

Учитывая эти угрозы, Республика Таджикистан является полноправным членом ООН и не обошла вниманием эти насущные проблемы, а приняла ряд законов, направленных на борьбу с экстремизмом и терроризмом.

Кроме того, в статье упоминаются мнения ученых об угрозах и опасностях экстремизма и терроризма.

**Ключевые слова:** Терроризм, экстремизм, основы конституционного строя, киберпреступления, незаконный оборот оружия, незаконный оборот наркотиков, транснациональные преступления, общественная безопасность, мир и безопасность человека, экстремистские течения, финансирование террористических и экстремистских организаций, конституционные права и свободы человека и гражданина.

## TERRORISM AND EXTREMISM AS A TRANSNATIONAL CRIMES

**Kurbonzoda Behruz Sharif,**
associate Professor of the Department of Criminal Law, Criminalistics and Anti-Corruption of the Faculty of Law, TSULBP, PhD in Law
**Phone:** +992 988-20-55-00
**E-mail:** behruz.qurbonzoda@mail.ru

**Scientific adviser:** Safarzoda A.I., Doctor of Law, Associate Professor
**Reviewer:** Akhmedov N., Candidate of Law, Associate Professor

**Annotation:** This article is devoted to one of the urgent problems of extremism and terrorism. The author notes that extremism and terrorism bring dangers and threats to all spheres of human life and interfere with the normal functioning of state structures. Terrorism and extremism do not have any specific religion or sect, ethnic origin, nationality or permanent geographic location.

It has been said that some states fight terrorism on their territory and at the same time support transnational terrorism in the country and other regions with or without means and want to portray terrorists as fighters for freedom, independence and national identity.

Given these threats, the Republic of Tajikistan is a full member of the UN and has not ignored these pressing problems, but has adopted a number of laws aimed at combating extremism and terrorism.

In addition, the article mentions the opinions of scientists about the threats and dangers of extremism and terrorism.

**Keywords:** Terrorism, extremism, foundations of the constitutional order, cybercrimes, arms trafficking, drug trafficking, transnational crimes, public security, human peace and security, extremist movements, financing of terrorist and extremist organizations, constitutional rights and freedoms of man and citizen.

Чи хеле, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ қайд кардаанд, ки «Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем.

Зеро пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд.

Таъкид месозам, ки хоинони миллат ва хоҷаҳои хориҷии онҳо то ҳанӯз аз нақшаҳои нопоку ғаразноки худ, ки ибтидои солҳои 90-ум доштанд, даст накашидаанд.

Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд.

Мардуми шарифи Тоҷикистон, махсусан ҷавонони бонангу номуси кишвар инро набояд фаромӯш кунанд ва бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошанд.

Тавре ки ман борҳо таъкид карда будам, фаъолияти чунин равияҳои экстремистӣ, радикалӣ ва хурофотпарастӣ яке аз омилҳои асосии хатарзо барои имрӯзу фардои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа ба шумор меравад ва аз мо андешидани чораҳои муштаракро талаб менамояд»[405].

Имрӯз экстремизм хатару таҳдидҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ ворид намуда, ба фаъолияти мӯътадили сохторҳои давлатӣ халал мерасонад, дар ҷомеа кинаю адоват ва бедор кардани бадбинӣ аз рӯи дин, миллат, нажод, маҳал ва ё кадом як гурӯҳи иҷтимоиро бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ва ё ба тbabri оммавӣ паҳн мекунад. Дар баробари ин, вобаста ба бартарӣ доштан ё номукаммалии инсон (гурӯҳи иҷтимоӣ) ба дин, тамоюли иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳаллӣ ва ё забон, инчунин ташвиқоти ягона мебарад.

Мувофиқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ агар дилхоҳ кирдор, аз ҷумла кирдорҳои экстремистӣ ба арзиш ва манфиатҳои бо қонунгузорӣ ҳифзшаванда зарар расонад, пас он чун ҷиноят бояд муқаррар карда шавад. Чунки расонидани зарар ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшванда яке аз нишонаҳои тавсифкунандаи ба ҷамъият хавфноки кирдор буда, ин нишона дар навбати худ барои криминализатсияи (ҷиноят донистани) кирдор хизмат мекунад. Дар иртибот бо ин, ҳаминро бояд тазаккур намуд, ки кирдорҳои экстремистӣ ба асосҳои сохти конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд аз рӯи ангезаҳои нажодпарастӣ, миллатгароӣ, маҳалгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳаби динӣ таҷовуз меоварад.

Бинобар ин, оиди мафҳум ва моҳияти экстремизм олимону муҳаққиқон таклифҳои худро пешниҳод кардаанд:

Чунончӣ, ба ақидаи А.В. Петрянин экстремизм «Ин вазъи муборизаи сиёсии чиноятӣ буда, барои зарар расонидан ба амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ, сулҳу амнияти инсоният дар асоси ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллатгароӣ ва динӣ мебошад»[406]. А.Г. Хлебушкин дар навбати худ қайд мекунад, ки «Истилоҳи ифротӣ маънои баромадан аз чорчуба ё меъёри муяйяншуда»-ро дар назар дорад[407]. Ба андешаи Д.Е. Некрасов "Экстремизм ҳамчун пайгирии шадид, ғайримуқаррарӣ, оштинопазир, қатъӣ ва истисноии ақидаҳо ва чораҳо мебошад"[408]. В.А. Пономаренков ва М.А. Яворский бошанд чунин пешниҳод кардаанд, ки "Экстремизм ин кирдорҳои зӯроварона ва ё ғайриқонунии бо ангезаҳои

[405] Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ]. // URL:http://prezident.tj/node/25005 (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

[406] Петрянин А.В. Противодействие преступлениям экстремистской направленности: Уголовно-правовой и криминологический аспекты [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук / А.В. Петрянин. – М., 2014. – С. 191.

[407] Хлебушкин А.Г. Преступный экстремизм: понятие, виды, проблемы криминализации и пенализации: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08. – М., 2007. – С.18-19.

[408] Некрасов Д.Е. Расово-этнический экстремизм: криминологический аспект: дис. … канд. юрид. наук / Д.Е. Некрасов. – Рязань, 2007. – С. 14.

динӣ, нажодӣ, ҷинсӣ ва дигар адовати иҷтимоӣ, инчунин даъват ба чунин амалҳо мебошад”[409].

Айни замон дар ҷаҳони муосир қурбонии экстремизм ва терроризм асосан ҷавононанд ва ҷавонони моро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва сабабу омилҳои ташаккули афкори терроризмро биёмӯзанд ва барои рафъи он дар ҷомеа кӯшиш кунанд, то сулҳ, ваҳдат ва амнияти кишвар ҳифз гардад.

Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон намудани солҳои 2020-2040 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳвил ва интиқоли технологияҳои муосир, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва маҷмӯи масоили иқтисодӣ, аз ҷумла ба бозорҳои ҷаҳонӣ роҳ ёфтани маҳсулоти дар кишварҳои олами сеюм тавлидшаванда иқдомоти воқеӣ, мураттаб ва муназзам аст.

Вазъи имрӯзаи ҷаҳони муосир гувоҳӣ аз он медиҳад, ки талошҳои муташаккилонаи байналмилалӣ таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид ва нақши пешбари он комилан зарур аст, зеро терроризм хислати фаромиллӣ пайдо карда, ба хатари умумиҷаҳонӣ табдил ёфтааст ва мубориза алайҳи он низ бояд тавассути стратегияи глобалии ягона ва самарабахш пиёда гардад.

Вақтҳои охир раванди ба ҳам пайвастани терроризм бо шаклҳои мухталифи ҷиноятҳои фаромиллӣ–гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи аслиҳа, хариду фурӯши одамон, зархаридӣ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба назар мерасад.

Дар ин радиф хатарноктарин навъи дигари ҷиноят қочоқи маводи мухаддир мебошад, ки тибқи маълумоти сершумор яке аз манбаъҳои асосии бо маблағ таъмин намудани амалиётҳои террористӣ гаштааст.

Муборизаи қотеъ бар зидди ин зуҳурот мисли терроризм иқдомоти дастаҷамъонаи ҷомеаи ҷаҳониро тақозо мекунад ва ба таҳияву татбиқи консепсияи ягонаи мубориза алайҳи он ниёз дорад.

Мусаллам аст, ки мубориза бо тамоми ин хатарҳо бояд яке аз самтҳои муҳимтарини ҳамкории байналмилалӣ ва талошҳои муназзами кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ гардад.

Возеҳ аст, ки терроризми муосир, ки хислати оммавӣ ва фаромиллӣ касб кардааст, зимни равандҳои ҷаҳонишавӣ имконпазир гардид. Як қатор омилҳои айние вуҷуд доранд, ки бо ин равандҳо иртиботи ногусастанӣ дошта, ба сурат ва сирати амалиёти терроризми муосир таъсир мегузоранд.

Дар айни замон мусаллам аст, ки амалҳои оммавии террористӣ, зуҳуроти «низои тамаддунҳо» ё худ бархӯрд дар заминаи муносиботи

---

[409]Пономаренков В.А. Сущностная характеристика современного экстремизма / В.А. Пономаренков, М.А. Яворский // Юрид. мир. — 2008. — № 2. — С. 42.

байнимазҳабӣ нестанд. Таърих гувоҳ аст, ки тамаддунҳо ҳеҷ гоҳ байни худ наҷангидаанд.

Терроризм ягон дину мазҳаби мушаххас, пайдоиши этникӣ, миллат ва ҷойгиршавии доимии ҷуғрофӣ надорад. Дар воқеъ кӯшишҳои бо ҳам тавъам донистани терроризм бо дину мазҳаби мушаххасе ба манфиати террористон аст ва бояд қатъиян ин кӯшишҳоро маҳкум кард.

Зарур аст, ки мо ба ҳар гуна зуҳуроти оштинопазирӣ нисбат ба дине ё мазҳабе монеъ шавем ва барои эҷоди ҳусни тафоҳум ва ҳамкории густурда дар асоси арзишҳои умумии кишварҳои гуногунмазҳаб талош намоем.

Воқеан, дини мубини Ислом саршор аз ғояҳои олии инсондӯстӣ, меҳру шафқат ба ҳамдигар, хайру эҳсон, муомилаву муоширати нек, ахлоқи ҳамида ва илму маърифат буда, дар ташаккул ва такомули ахлоқиву маънавии инсон нақши арзишманд доранд.

Маҳз дар чунин шароит баъзе давлатҳо дар қаламрави худ бар зидди терроризм мубориза бурда, ҳамзамон терроризми фаромиллиро дар кишвар ва минтақаҳои дигар ба восита ё бе восита пуштибонӣ менамоянд ва мехоҳанд террористонро ба ҳайси муборизони роҳи озодӣ, истиқлолият ва ҳуввияти миллӣ муаррифӣ созанд.

Тибқи маълумоти аниқи коршиносони ин самт дар ҷаҳони имрӯза зиёда аз 500 созмонҳои экстремистӣ ва террористии пинҳонкор амал мекунанд, ки ҳамасола дар ин самт дар маҷмӯъ аз 5 то 20 миллиард доллари амрикоӣ сарф мегардад. Солҳои охир дар Аврупо, Амрико, Россия, Ховари Миёна, Африқо, кишварҳои Балкан, Осиёи Марказӣ ва дигар давлатҳо ҳамлаҳои даҳшатноки террористӣ ба вуқӯъ пайвастаанд, ки бори дигар ҷомеаи ҷаҳониро аз ин хатари маргбор ҳушдор медиҳад.

Хулоса, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кутоҳтарин муҳлат оиди ин раванд ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста, аз рӯзҳои аввалини давлатдории хеш ин қабил ҷиноятҳоро маҳкум карда, ба қонунҳои амалкунанда тағйироту иловаҳо ворид карда, ба ташкилотҳои байналмилалии давлатию ғайридавлатӣ дар ин раванд ҳамроҳ шуда, ҳамагуна зуҳуроти террористӣ ва экстремистиро қотеъона маҳкум кард[410].

Бо дарназардошти ин таҳдидҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон як узви комилҳуқуқи СММ буда, аз ин проблемаҳои доғи рӯз бетарафӣ намекунад. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие қабул карда шудааст, ки бар зидди терроризм, экстремизм ва дигар ҷиноятҳои муташаккилона равона гардидаанд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм»[411], Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»[412], Қонуни ҶТ «Дар барои мубориза бар зидди

[410] https://www.vkd.tj/index.php/tj/2020-01-18-07-50-18/khatar-oi-zamoni-muosir/30395-zu-uroti-ekstremist-va-terrorist-pajomad-va-ro-oi-peshgir-az-on. (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

[411]Қонуни ҶТ "Дар бораи муқовимат ба экстремизм". [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

[412]Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон с.1999, №11, мод. 275; с.2005, № 3, мод.116; с.2007, №5, мод.355; с.2008, №10, мод.802; с.2012, №8,

ҷинояткории муташаккилона»[413], Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ)[414] ва Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм[415] ба муқобили ин зуҳуроти номатлуб равона карда шудааст.

Терроризм ва экстремизм чунин шаклҳои гурӯҳии ҷинояткор мебошанд, ки ба марги беасоси сокинони осоишта, таллаю тороҷи молу мулк ва тарсонидани онҳо сабаб мешаванд. Собит шудааст, ки мақсади шахсоне, ки ба чунин гурӯҳҳо шомил шудаанд, чӣ дар сатҳи ягон маҳалли муайян ва чӣ дар сатҳи байналхалқӣ ин таҳдид намудан ба бехатарии халқи оддӣ ва харобкорӣ мебошад. Инчунин мақсади чунин гурӯҳҳои бо истифода аз хурофоту таҳдидҳои динӣ тарсонидану ба роҳи каҷ равон намудани мардум, хусусан ҷавонон мебошад. Зеро маҳз ҷавонон, ки ҳоло фикри мустақилона надоранд, метавонанд ба чунин равияҳои беасос тез банд шаванд.

Терроризму экстремизм дар шаклҳои дилхоҳи зоҳиршавии худ ба яке аз муаммоҳои хатарноктарин ва пешгӯинашавандаи ҷаҳони муосир табдил ёфтаанд. Ин шаклҳо ҳарчи бештар ба бехатарии мамлакатҳои зиёди ҷаҳонӣ ва аҳолиашон таҳдид карда истодаанд, ҳамчунин онҳо зарарҳои молиявӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ оварда, ба мардум фишори рӯҳӣ медиҳанд ва ҷони мардуми бегуноҳро ба яғмо мебаранд. Ба андешаи муҳаққиқон манбаи асосии маблағгузории ташкилотҳои террористиву экстремистӣ ин ба даст гирифтани тиҷорати маводи мухаддир, хариду фурӯши яроқ, қиморбозӣ, қочоқ ва ғайраҳо мебошад.

Воқеан, имрӯз ҷавонони мо ҳамчун нерӯи бузурги бунёдгару созандаи мамлакат эътироф шудаанд. Аз ин рӯ, Ҳукумати кишвар ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон намудааст. Зеро имрӯз Тоҷикистон аз назари демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дорад ва аз нисф зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ва табиист, ки бе иштироки фаъолонаи чунин нерӯи бузург рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии давлатамонро тасаввур кардан ғайриимкон мебошад.

**Адабиёт:**

мод.816, с.2013, № 6, мод. 407; с. 2014, № 11, мод. 647, мод. 648 Қонуни ҶТ аз 25.12.15с., № 1266) [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

[413] Қонуни ҶТ «Дар барои мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 12, мод. 882; с. 2014, №11, мод. 650; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., №1286) [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

[414] Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ). [манбаи электронӣ]. // URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32233. – (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

[415]Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм [манбаи электронӣ]. // URL: http://kremlin.ru/supplement/3405 – (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 [манбаи электронӣ]. // URL:http://prezident.tj/node/25005 (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

2. Петрянин А.В. Противодействие преступлениям экстремистской направленности: Уголовно-правовой и криминологический аспекты [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук / А.В. Петрянин. – М., 2014. – 501 с.

3. Хлебушкин А.Г. Преступный экстремизм: понятие, виды, проблемы криминализации и пенализации: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08. – М., 2007. – С. 215.

4.Некрасов Д.Е. Расово-этнический экстремизм: криминологический аспект [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / Д.Е. Некрасов. – Рязань, 2007. – 253 с.

5. Пономаренков В.А. Сущностная характеристика современного экстремизма / В.А. Пономаренков, М.А. Яворский // Юрид. мир. — 2008. — № 2. — С. 41-43.

6. Зуҳуроти экстремистӣ ва террористӣ: Пайомад ва роҳҳои пешгирӣ аз он [манбаи электронӣ]. // URL: https://www.vkd.tj/index.php/tj/2020-01-18-07-50-18/khatar-oi-zamoni-muosir/30395-zu-uroti-ekstremist-va-terrorist-pajomad-va-ro-oi-peshgir-az-on. (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

7. Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм. [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

8. Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон с.1999, №11, мод. 275; с.2005, № 3, мод.116; с.2007, №5, мод.355; с.2008, №10, мод.802; с.2012, №8, мод.816, с.2013, № 6, мод. 407; с. 2014, № 11, мод. 647, мод. 648 Қонуни ҶТ аз 25.12.15с., № 1266) [манбаи электронӣ]. // URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

9. Қонуни ҶТ «Дар барои мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 12, мод. 882; с. 2014, №11, мод. 650; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., №1286) [манбаи электронӣ]. // URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

10. Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгарой). [манбаи электронӣ]. // URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32233. – (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

11. Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм [манбаи электронӣ]. // URL: http://kremlin.ru/supplement/3405 – (санаи истифодабарӣ: 27.09.2022).

# ИНСТИТУТИ МАСУНИЯТҲОИ ҲУҚУҚӢ-БАЙНАЛМИЛАЛӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ ВОБАСТА БА АМАЛИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАКОН

**Камолов Хуршедулло Субҳонқулович**,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: kamolov.kh@icloud.com
Тел: (+992) 554-45-29-29

**Фишурда:** Дар назарияҳои илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи байналмилалии муосир муайян намудани мавқеъ ва хусусиятҳои татбиқи институти масуният, ки фарогирандаи амали қонунгузории ҷиноятӣ дар макон мебошад, муҳим маҳсуб мегардад. Аслан, аз лиҳози этимологӣ «масуният» ин имтиёзҳо, эътино, озод кардан аз ягон чизро ифода менамояд. Институти масуниятҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ дар адабиёти илмӣ ба тарзи гуногун ҳал карда мешавад. Аксарияти олимон ин институтро ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ эътироф мекунанд ва ҷиҳати аз лиҳози назариявӣ асоснок намудани зарурати батанзимдарории он дар қонуни ҷиноятӣ талош меварзанд. Дар мақолаи мазкур институти мазкур аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Қонуни ҷиноятӣ, қисми умумӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, амали қонун, макон, замон, ҷавобгарӣ, масуният, институт, назария, амалия, татбиқнамои,истеҳсолоти судӣ.

# ИНСТИТУТ МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫХ ИММУНИТЕТОВ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ РЕАЛИЗАЦИИ УГОЛОВНОГО ЗАКОНА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА МЕСТА

**Камолов Хуршедулло Субхонқулович,**
ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета
E-mail: kamolov.kh@icloud.com
Тел: (+992) 554-45-29-29

**Аннотация:** В научных теориях уголовного права и современного международного права важно определить положение и особенности реализации института иммунитета, включающего в себя реализацию уголовного законодательства на местах. Собственно говоря, с этимологической точки зрения, «неприкосновенность» означает эти привилегии, внимание, свободу от чего-либо. Институт международно-правовых иммунитетов по-разному решается в научной литературе.

Большинство ученых признают этот уголовно-правовой институт и пытаются теоретически обосновать необходимость его регламентации в уголовном праве. В данной статье данный институт анализируется с теоретической и практической точки зрения.

**Ключевые слова:** Уголовное право, общая часть, международное право, действие права, место, время, ответственность, иммунитет, институт, теория, практика, имплементация, судебное производство.

## INSTITUTION OF INTERNATIONAL LEGAL IMMUNITIES: THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES OF THE IMPLEMENTATION OF THE CRIMINAL LAW OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN OVER THE PLACE

**Kamolov Khurshedullo Subhonqulovich,**
assistant of the department of criminal law and anti-corruption of the law faculty of Tajik National University
E-mail: kamolov.kh@icloud.com
Phone: (+992) 554-45-29-29

**Annotation**: In the scientific theories of criminal law and modern international law, it is important to determine the position and features of the implementation of the institution of immunity, which includes the realization of criminal legislation over the place. Strictly speaking, from an etymological point of view, “immunity” means privileges, attention or free from anything. The institution of international legal immunities is solved differently in the scientific literature. Most scientists recognize this criminal law institution and try to theoretically substantiate the need for its regulation in criminal law. In this article, the above-mentioned institution is analyzed from a theoretical and practical point of view.

**Keywords:** Criminal law, general part, international law, operation of law, place, time, responsibility, immunity, institution, theory, practice, implementation, judicial proceedings.

Муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба масунияти ҳавопаймоҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ аз юрисдиксияи давлати хориҷӣ дар сатҳи меъёрӣ мустаҳкам нашудааст. Он дар шакли одат амал мекунад, ки аз тарафи аксарияти давлатҳо эътироф гардидааст. Дар қиёс бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии баҳрӣ, нисбати ҳавопаймои ҳарбӣ-ҳавоӣ новобаста аз мавқеи ҷойгиршавии чунин ҳавопаймо, қонун ва қоидаҳои танҳо давлати худ паҳн мегардад[416].

Дар ҳолати ҷой доштани юрисдиксияҳои рақобаткунанда, масъалаи татбиқи юрисдиксияи ин ё он давлат дар асоси шартномаҳои

[416] Ниг.: Международное воздушное право. Книга 2 / Отв. Ред. А.П. Мовчан, О.Н. Садиков. – М., 1981. – С. 26.

байналмилалии дахлдор ё одатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳал карда мешавад. Масалан, рақобати юрисдиксияҳо вақте ба миён меояд, ки дар соҳаи юрисдиксияи давлат, дар ҳудуди он мақомоти ҳамкории берунаи давлати хориҷӣ ҷойгиранд ва фаъолият мекунанд: намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ, миссияҳои махсус ва м.и. Масъалаҳои мақоми ҳуқуқии онҳо бо конвенсияҳои умумӣ ва созишномаҳои махсус бо давлати аккредитатсиякунанда (Конвенсия оид ба имтиёзҳо ва масунияти Созмони Милали Муттаҳид аз соли 1946, Конвенсияи Вена оид ба алоқаҳои консулӣ ва протоколи факултативӣ ба он аз соли 1963, Конвенсия оид ба миссияҳои махсус ва пртоколи факултативӣ ба он аз соли 1969, Конвенсияи Вена оид ба намояндагии давлатҳо дар робитаҳои онҳо бо ташкилотҳои байналмилалии хусусияти умумидошта аз соли 1975), конвенсия ва созишномаҳои сершумори дуҷониба оид ба мақоми ҳуқуқии муассисаҳои консулӣ ва намояндагиҳои тиҷоратӣ танзим гардидаанд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалии номбаршуда, алалхусус маҷмуи меъёрҳоро оид ба масуният аз юрисдиксияи ҷиноятии давлати аккредитатсиякунанда дар робита ба ҳар яке аз ин мақомот ва ҳайати шахсии давлати хориҷӣ бо назардошти принсипи масунияти давлатҳо фаро мегирад.

Меъёрҳои мазкур дар Низомнома оид ба намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии давлати хориҷӣ дар қаламрави ИҶШС (аз соли 1966) татбиқ гардида буданд. Дар соҳаи амали ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ муқаррароти ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба масуният аз юрисдиксияи ҷиноятӣ бевосита дар қ. 4 м. 14 КҶ ҶТ бо роҳи муқаррар кардани истиноди мустақим татбиқ (имплементатсия) гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ табиати ҳуқуқии масуният аз юрисдиксияи ҷиноятии давлати сукунат, ки тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ пешниҳод мегардад, баъзан дақиқ шарҳ дода намешавад ва бо фаҳмиши муосири ин масъала дар ҳуқуқи байналмилалӣ мухолифат мекунад.Чунончи З.А. Незнамов чунин мешуморад, ки дар қонуни ҷиноятӣ вобаста ба доираи амали он «принсипи экстерриторалӣ» мустаҳкам шудааст[417].

Ба андешаи Ю.А. Зюбанов масунияти дипломатӣ «дахлнопазирие мебошад, ки ба принсипи ҳуқуқи байналмилалии экстерриториалӣ асос ёфтааст»[418]. Нуқтаи назари ба ин монандро А.Н. Игнатов ҷонибдорӣ менамояд, ки мафҳумҳои «экстеррирориалӣ» ва «масунияти дипломатӣ»-ро шабеҳ меҳисобад[419]. Дар адабиётҳо ҳамчунин қайд мегардад, ки бинои сафорат ва автомобилҳои сафирон, ки таҳти парчами далати аккредитатсия ҳаракат мекунанд, қисми ҳудуди ҳамин давлат ба ҳисоб мераванд[420]. Ҳамон нуқтаи назари консептуалӣ вобаста ба муайян кардани

[417] Уголовное право. Общая часть: учебник / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – С. 45.

[418] Зюбанов Ю.Л. Действие уголовного закона в пространстве (опыт сравнительного анализа уголовного законодательства стран СНГ): Дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 82.

[419] Комментарий к Уголовному Кодексу Российской федерации / Под общ. ред. Ю.И. Скуратова, Б.М. Лебедева. – С. 12.

[420] Ниг.: Уголовное право Российской Федерации: Общая часть: Учебник / Под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай. – М., 2005. – С. 36.

табиати ҳуқуқии масуниятҳо аз юрисдиксияи давлати будубош, дар таҳқиқоти А.М. Медведов мушоҳида мешавад, ки ба андешаи ӯ амали қонуни ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки аз масуният истифода мебаранд, паҳн намегардад[421].

Мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давраҳои гуногун то қабули Асосҳои қонунгузории ҷиноятии Иттиҳои ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттиҳод соли 1958 шахсоне, ки масунияти байналмилалиро соҳиб буданд, ҳамчун истифодабарандагони ҳуқуқи экстерриториалӣ тавсиф карда мешуданд. Аммо, пас аз қабули Асосҳои қонунгузории ҷиноятии аз соли 1958 муқаррарот оид ба ҳуқуқи «экстерриториалӣ»-и онҳо алакай пешбинӣ намегардид. КҶ амалкунандаи ҶТ мафҳуми экстерриториалиро пешбинӣ намекунад ва дар ин масъала ба назарияҳои илмии дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ ҷойдошта ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мухолифат наменамояд. Ба назари мо, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд аз тафсири масуниятҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ҳамчун ҳуқуқи экстеррирориалии гурӯҳи муайяни шахсон ва аз истифодаи худи ҳамин истилоҳи «экстерриториалӣ» нисбати тавсифи мақоми ҳуқуқӣ-ҷиноятии онҳо, инчунин масуниятҳо дар маҷмӯъ, даст кашида шавад.

Ба сифати асоси илмии низоми муосири меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз рӯи ин масъала ду назария баромад мекунанд, ки якдигарро пурра менамоянд: назарияи функсия (ё назарияи функсионалӣ) ва назарияи хусусияти намояндагии сафир. Онҳо дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос ёфтаанд. Масалан, дар дебочаи Конвенсияи Вена оид ба робитаҳои дипломатӣ аз соли 1961 зикр мегардад, ки масуниятҳо на барои манфиати шахсони алоҳида, балки барои таъмини амалисозии самараноки функсияҳои намояндагиҳои дипломатӣ ҳамчун мақомоти намояндагикунандаи давлатҳо пешбинӣ карда мешаванд.

Дар ин ҳол, тавассути назарияи функсия мумкин аст, фарқият дар ҳаҷми масуниятҳо, ки ба ин ё он шахсон, масалан дипломат ё консул[422] пешниҳод мегарданд, тавзеҳ дода шавад, табиати ҳуқуқии масуният бошад, бо назарияи хусусияти намояндагии сафир асоснок карда мешавад. Тибқи назарияи мазкур намояндагии дипломатӣ мақомоти давлати аккредитатсиякунанда мебошад, бинобар ин, ҳам худи миссияи дипломатӣ ва ҳам кормандони он аз юрисдиксияи давлати аккредитатсия бо назардошти принсипи “par in parem non habet jurisdictionem” (баробар бар баробар юрисдиксия надорад) масуният доранд. Мазмуни асосии онро бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст: ҳар як давлат аз юрисдиксияи давлати дигар тибқи принсипи соҳибихтиёрии давлатҳо аз масуният

421 Ниг.: Медведев А.М. Пределы действия Уголовного кодекса Российской Федерации. – М., 1998. – С. 92.

422 Мутобиқи назарияи функсия зарурати пешниҳоди масуният хусусияти тоза функсионалӣ дорад: масуният ба андозаи талабот ба он барои амалисозии функсияҳои намояндагии дипломатӣ ва кормандони он пешниҳод карда мешавад.

истифода мебарад[423]. Аммо, дар айни замон, бояд мазмуни истилоҳҳои дар ин ҷо истифодашаванда муайян карда шаванд.

Аз лиҳози этимологӣ «масуният»-ро чунин муайян намудан мумкин аст: имтиёзҳо, эътино, озод кардан аз ягон чиз (лот. imunitas)[424]. Дар илми ҳуқуқ аксарияти муаллифон истилоҳи баррасишавандаро якхелла тавзеҳ медиҳанд. Масуният ҳамчун итоат накардани юрисдиксияи давлат фаҳмида мешавад[425]. Минбаъд мо ҳамин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ мекунем.

Юрисдиксия, тавре алакай қайд гардида буд, амалисозии ваколатҳои ҳокимиятӣ аз тарафи давлат мебошад, ки ба соҳибихтиёрии он асос ёфтааст[426]. Дар ин ҳол, бояд ҳокимияти қабул кардани қарор ё қоида (юрисдиксияи фармоишӣ ё қонунгузорӣ) ва ҳокимияти андешидани ҳаракатҳои иҷроия бо мақсади амалисозии қарорҳо ва қоидаҳои қабулгардида (юрисдиксияи иҷроия ё ҳуқуқи махсус) фарқ карда шавад. Шахсоне, ки аз масуният бархӯрдоранд, дорои ҳуқуқи экстерриториалӣ намебошанд. Онҳо берун аз кишвари буду бош қарор надоранд ва аз юрисдиксияи он пурра озод намебошанд. Бинобар сабаби бевосита дар меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ зикр гардидан, онҳо таҳти амали қонунҳои кишвари буду бош қарор мегиранд (м. 41 Конвенсияи Вена оид ба робитаҳои дипломатӣ с. 1961, қ. 1 м. 55 Конвенсияи Вена оид ба робитаҳои консулӣ с. 1963), яъне юрисдиксияи фармоишии (қонунгузории) давлати

---

[423] Ниг.: Богуславский М.М. Иммунитет иностранного государства (советская доктрина) // Советский ежегодник международного права. – М., 1980. – С. 229; Ушаков Н.А. Юрисдикционные иммунитеты государств и их собственности. – М., 1993. – С. 9.

[424] Ниг.: Словарь иностранных слов и выражений / Авт.-сост. Е.С. Зеленович. – С. 230.

[425] Ниг.: Колчевский И.Б. Действие уголовного закона по кругу лиц: Дисс. ... канд. юрид. наук / К.Б. Колчевский. – М., 2001. – С. 111; Николаев А. Дипломатические привилегии и иммунитеты // Международная жизнь. – 1983. – №8. – С. 152; Левин Д.Б. Международное право, внешняя политика н дипломатия. – М., 1981. – С. 129; Ушаков Н.А. Юрисдикционные иммунитеты государств и их собственности. – М., 1993. – С. 9.

[426] Масунияти давлат, ба монанди юрисдиксияи давлат ба принсипҳои баробарии соҳибихтиёрӣ асос меёбад: par in parem non habet imperial sen jurisdictionem. Ин принсип дар он ифода меёбад, ки бинобар сабаби баробар будани тамоми давлатҳо, як давлат наметавонад ҳокимияти худро нисбати давлати дигар амалӣ намояд. Асоси ҳуқуқии масунияти намояндагони дипломатӣ, консулӣ, атташеҳои ҳарбӣ, кормандони миссияҳои махсус ва дигар шахсон, ки ба онҳо масуният тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ пешниҳод карда мешавад, баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо мебошад, чунки намояндагиҳои дипломатӣ ва кормандони онҳо таҷассумгари давлат мебошанд. ( Ниг.: Международное право: учеб / Л.И. Ануфриева, К.А. Бекяшев. – М., 2004. – С. 322; Мовчан А.П., Ушаков Н.А. Венская Конвенция по вопросу о дипломатических сношениях и имунитетах // Советское государство и право. – 1962. – № 2. – С. 118). Бинобар ин, масунияти ин шахсон хусусияти маҳсулӣ дорад. Давлати аккредитатсиякунанда ба намояндагони худ аз юрисдиксияи давлати будубош масуният медиҳанд. (Ниг.: Демин Ю.Г. Статус дипломатических представительств и их персонала // Международные отношения. – 1995. – № 5. – С. 21 - 36). Дар робита ба ин, мафҳуми аз ҷониби баъзе олимон пешниҳодшудаи масуният ҳамчун ҳуқуқи махсуси шахс, ки шахсан ба ӯ тааллуқ дорад, чандон дуруст ба назар намерасад (Ниг.: Сандровский К.К. Асари зикршуда. – С. 149; Харламова Ю.Н. Ответственность иностранных граждан по российскому уголовному праву: Дисс. ... канд, юрид. наук. – М., 1998. – С. 62; Лукашук И.И. Международное право. Особенная часть. – М., – 1997. – С. 48-49). Масуният аз юрисдиксияи давлати хориҷӣ ҳуқуқи на шахс, балки ҳуқуқи давлат мебошад. Масуният ҳуқуқи субъективии шахсони мансабдор, ки ҳамин давлатро намояндагӣ мекунанд, намебошад. Онҳо мустақилона аз масуният даст кашида наметавонанд. Дар муносибат масалан, бо намояндагони дипломатӣ ҳуқуқи даст кашидан аз масуният ба давлати аккредитатсиякунанда мансуб мебошад (м. 32 Конвенсияи Вена оид ба робитаҳои дипломатӣ с. 1961). Худдорӣ кардани давлати буду бош аз татбиқи чораҳои маҷбурсозӣ нисбати шахсе, ки масуният дорад, на аз ҳуқуқи субъективии ин шахс, балки аз принсипи эҳтироми соҳибихтиёрии давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ маншаъ мегирад.

аккредитатсия нисбати чунин ашхос паҳн мегардад. Бинобар ин, дар робита ба масуниятҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ сухан танҳо дар хусуси озод кардан аз юрисдиксияи иҷроия ва махсус (юрисдиксия дар маънои маҳдуди ҳуқуқӣ-мурофиавӣ) рафта метавонад ва ба андешаи Н.И. Лукашук «юрисдиксияи маҷбуркунӣ»[427] истисно карда мешавад.

Гуфтаҳои боло ба юрисдиксияи ҷиноятии давлат низ дахл доранд. Масуният амали меъёрҳои ҳуқуқӣ-моддиро нисбати шахси дорандаи он манъ намекунад. Аз ин нуқтаи назар, андешаеро, ки меъёри ҳаволакунандаи пешбининамудаи қ. 4 м. 14 КҶ ҶТ истисноро аз принсипи амали ҳудудии қонуни ҷиноятӣ дар фазо ва доираи шахсон муқаррар менамояд, дуруст ҳисобидан номумкин аст. Меъёрҳои КҶ ҶТ ҳамчуноне, ки барои дигар субъектони ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳатмианд, барои шахсоне, ки тибқи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз масуният бархӯрдоранд, ҳатмӣ мебошанд. Шахсони зикршуда, хусусиятҳои субъекти ҳуқуқи ҷиноятиро соҳиб буда, дар ҳолати аз тарафи онҳо содир шудани ҷиноят дар ҳудуди ҶТ чунин шахсон иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки бо меъёрҳои КҶ миллӣ танзим мешаванд, мегарданд. Аммо, мумкин аст, амалигардии муносибатҳои моддии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба амал наояд.

Ба ин танҳо манъи татбиқи воситаҳои муайяни маҷбурсозии мурофиавӣ, ки бо ҳуқуқи байналмилалӣ[428] муқаррар шудааст, «халал» мерасонад. Вале чунин монеагӣ низ бартараф шуда метавонад. Он мутлақ ва қатъӣ намебошад. Агар давлати аккредитатсия барои даст кашидан аз дахлнопазирии корманди дипломатии хориҷӣ истодагарӣ намояд, давлати аккредитатсиякунанда мумкин аст, чунин дархостро қонеъ гардонад (масалан, чунин ҳолати дасткашӣ аз масуният, аз ҷониби Гурҷистон дар соли 1997 нисбати диплмати худ, вақте ки ӯ дар ҳудуди ИМА ҷинояти нақлиёти автомобилӣ содир карда буд, инчунин аз тарафи Белгия нисбати диплмати худ, ки ҳангоми дар ИМА қарор доштан ду касро ба қатл расонида буд, ҷой дошт[429]).

Бо назардошти мавқеи дар боло асоснокшуда оиди ҳатмияти меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии моддӣ барои шахсоне, ки тибқи муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ дорои масуният мебошанд, бо андешаи Н.Д. Дурманов розӣ шудан номумкин аст. Ба андешаи ӯ, масуният аз юрисдиксияи ҷиноятӣ ҷинояткор ва таҳти ҷазо қарор доштани чунин шахсонро истисно наменамояд; дар ин маврид сухан дар хусуси эҳтимолияти баррасии парвандаи ҷиноятӣ ва маҳкум намудани гунаҳгор аз тарафи суди макони

---

[427] Лукашук И.И. Иммунитет в отношении уголовной юрисдикции // Российская юстиция. – 1998. – № 4. – С. 23.

[428] Масалан, мутобиқи Конвенсияи Вена оид ба робитаҳои дипломатӣ с. 1961 намояндагони (агентҳои) дипломатӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда аз ухдадории додани нишондод ба сифати шоҳид, аз ҳабс ё ягон шакли дастгиркунӣ озод мебошанд; биноИ намояндагии дипломатӣ, манзили истиқоматии намояндаи дипломатӣ ва воситаҳои нақлиёти ба ӯ мансуббуда, инчунин бойгонӣ ва ҳуҷҷатҳои намояндагии дипломатӣ – дахлнопазиранд, яъне аз кофтуков, ҳабс, мусодира ва ҳаракатҳои иҷроия озод мебошанд.

[429] Ниг.: Коробов П.В. Момент возникновения уголовной ответственности // Правоведение. – 2001. – № 2. – С. 149.

буду боши шахсе, ки дорои чунин масуният мебошад, меравад[430]. Ҳамзамон бо ин, бояд нуқтаи назаре, ки тибқи он, масуниятҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ хусусияти на ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, балки мурофиавӣ-ҷиноятӣ доранд, ҷонибдорӣ карда шавад[431].

Андешаҳои овардашуда бояд хулосаҳои муайянро ба вуҷуд оранд, ки бевосита ба мавзӯи ҳамин таҳқиқот дахл доранд. Агар масуниятҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ хусусияти мурофиавӣ дошта бошанд, пас меъёрҳои байналмилалии дахлдор бояд дар доираи ҳуқуқи мурофиавӣ-ҷиноятӣ татбиқ карда шаванд.

Институти масуниятҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ дар адабиёти илмӣ ба таври гуногун ҳал карда мешавад. Аксарияти олимон ин институтро ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ эътироф мекунанд ва ҷиҳати аз лиҳози назариявӣ асоснок намудани зарурати батанзимдарории он дар қонуни ҷиноятӣ талош меварзанд.

Чунончӣ А.В. Наумов чунин мешуморад, ки аҳамияти бевоситаи ҳуқуқӣ-ҷиноятиро, ки мансубияти соҳавии институти баррасишавандаро муайян менамояд, танҳо чунин ҷанбаи масуният, ба монанди озод намудани шахси дорандаи он аз юрисдиксияи давлати буду бош доро мебошад. Танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии масуниятҳо маҳз дар ҳамин ифода меёбад[432]. Аммо, мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ озод намудан аз юрисдиксияи ҷиноятӣ пурра набуда, бо ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-мурофиавӣ маҳдуд мебошад ва озод намудани шахси дорои масуниятро аз амали меъёрҳои ҳуқуқи моддии давлати аккредитатсия фаро намегирад. Дар робита ба ин, мо бо хулосаи муаллиф дар хусуси он, ки формулаи зерини дар ҳуқуқи байналмилалӣ истифодашаванда – «шахси дорои масуният аз юрисдиксияи давлати буду бош озод карда мешавад» худ аз худ зарурати батанзимдарории масуниятҳои байналмилалиро бо меъёрҳои ҷиноятии дохилӣ асоснок менамояд, розӣ шуда наметавонем.

Баъзе мутахассисон чунин меҳисобанд, ки масуниятҳо дар ҳуқуқи мурофиавӣ хусусияти маҳсулӣ доранд. Дар айни замон, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудияти ба истилоҳ «масуниятҳои ибтидоӣ» қайд мегардад, ки ҳамчун асос барои тасвияти онҳо хизмат мекунанд. Масалан, И.Б. Колчевский пешниҳод менамояд, ки масуниятҳо ба мурофиавӣ ва моддӣ ҷудо карда шаванд. Масуниятҳои мурофиавӣ дар хусусияти хоси қабули қарор оид ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва баамалбарории ҳаракатҳои мурофиавӣ нисбати шахси дорандаи масуният (аз ҷумла озод намудан аз ҳабс ва дастгиркунӣ) ифода ёфта, инчунин дахлнопазирии шахсии ҳамин шахс, масуният аз юрисдиксия ва м.и. фаро мегиранд. Барои ҳуқуқи моддӣ танҳо қайди «дахлнопазирии шахсии аз ибтидо муқарраршуда» аҳамият

[430] Ниг.: Дурманов Н.Д. Советский уголовный закон. – М., 1967. – С. 233.
[431] Ниг.: Сандровский К.К. Дипломатическое право. – Киев, 1981. – С. 159; Чучаев А.Н. Уголовный закон. – Ульяновск, 1995. – С. 29; Коробов П.В. Момент возникновения уголовной ответственности // Правоведение. – 2001. – № 2. – С. 150.
[432] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. А.В. Наумов. – М.: Юристъ, 1996. – С. 23.

дорад[433]. Муаллиф дар хусуси «аввалияти» масуниятҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ нисбат ба масуниятҳои мурофиавӣ хулосабарорӣ намуда, қайд мекунад, ки «дахлнопазирии шахсии аз ибтидо муқарраршудаи субъект асос барои амалисозии масуниятҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ мебошад»[434]. Дар чӣ ифода ёфтани фарқияти байни «дахлнопазирии шахсии аз ибтидо муқарраршуда» ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ-моддӣ ва худи «дахлнопазирии шахсӣ» дар маънои мурофиавиро И.Б. Колчевский намекӯшояд.

Он ҳолатеро, ки дахлнопазирии шахсии шахси дорои масуният аҳамияти муайяни ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дорад, мавриди баҳс қарор намедиҳем. Чунончӣ, дар м. 29 Конвенсияи Вена оид ба робитаҳои дипломатӣ ба мафҳуми дахлнопазирии шахсии агенти дипломатӣ ду ҷанба дохил карда шудааст. Якум, ӯ дар ягон шакл таҳти ҳабс ё дастгиркунӣ қарор дода намешавад (тибқи андешаи И.Б. Колчевский он масунияти мурофиавӣ аст, ки мо пурра ҷонибдорем). Дуюм, давлати буду бош уҳдадор аст, нисбати агенти дипломатӣ бо эҳтиром муносибат намуда, тамоми чораҳои дахлдорро барои пешгирии ҳама гуна таҷовуз ба шахсият, озодӣ ё эътибори ӯ андешад. Муқаррароти охир маънои онро дорад, ки давлати буду бош, дар робита ба иҷрои уҳдадории эҳтироми шахсияти намояндагони дипломатӣ, метавонад онҳоро таҳти ҳимояи пурзӯр, аз ҷумла ҳимояи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ қарор диҳад ва дар қонуни ҷиноятӣ барои кирдорҳое, ки муқобили ин ашхос равона шудаанд, ҷазои сахттар пешбинӣ намояд[435].

Аммо хато мебуд агар чунин мешуморидем, ки дахлнопазирии шахсияти намояндаи дипломатӣ дар ҳолати аз тарафи худи намояндаи дипломатӣ содир шудани ҷиноят аҳамияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии масуниятро доро мебошад. Уҳдадории давлати буду бош оиди махсус ҳифз намудани категорияи муайяни шахсон, озод кардани онҳоро аз амали қонуни ҷиноятии дохилии ин давлат талаб намекунад. Дахлнопазирии шахсӣ ба банду басти кирдор таъсир намерасонад, ҷиноят будан ва таҳти ҷазо қарор доштани онро истисно намекунад; дар ҳолати аз миён бардоштани масуният ҷавобгарии ҷиноятии шахсе, ки дахлнопазирии шахсӣ дорад, тибқи асосҳои умумӣ ба вуҷуд меояд.

А.Г. Кибалник ва И.А. Елизаров низ масуниятҳоро дар ҳуқуқи мурофиавӣ маҳсули ҳуқуқи моддӣ меҳисобанд. Онҳо ба хусусияти тобеият доштани муносибатҳои мурофивӣ ишора намуда, мансубияти сарчашмаи ҳуқуқро, ки муносибатҳои асосии ҳуқуқӣ-моддиро доир ба пешниҳоди масуният нодуруст муайян мекунанд. Ба андешаи онҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ-

---

[433] Ниг.: Колчевский И.Б. Действие уголовного закона по кругу лиц: Дисс. ... канд. юрид. наук / К.Б. Колчевский. – М., 2001. – С. 108.

[434] Колчевский И.Б. Асари зикргардида. – С. 109.

[435] Мутобиқи Конвенсия оид пешгирӣ намудан ва ҷазо додан барои ҷиноятҳо ба муқобили ашхоси аз ҳимояи байналмилалӣ истифодабаранда, аз ҷумла агентҳои дипломатӣ с. 1977, давлатҳои иштирокчӣ уҳдадор гардиданд, ки дар қонунгузории дохилии худ барои одамкӯшӣ, одамрабоӣ ё дигар намудҳои ҳамла ба муқобили шахсият ва ё озодии шахси истифодабарандаи ҳимояи байналмилалӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ҷавобгарӣ муқаррар намоянд. Муқаррароти Конвенсияи мазкур дар м. 402 КҶ ҶТ татбиқ гардидааст.

байналмилалӣ, ки масуниятро аз юрисдиксияи давлати буду бош муқаррар менамоянд, ба қонунгузории ҷиноятии дохилӣ ворид карда мешаванд[436]. Аммо, воридшавии меъёрҳои моддии ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонуни ҷиноятии миллӣ ба амал намеояд, онҳо мақоми ҳуқуқӣ-байналмилалиро нигоҳ медоранд ва на низоми ҳуқуқ ё қонунгузорӣ, балки қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҶТ мебошанд (м. 10 Конститутсияи ҶТ). Бинобар ин, муносибатҳои ҳуқуқӣ-мурофиавие, ки бо риояи бартарафсозии масуният алоқаманд мебошанд, ба амалисозии меъёрҳои ҳуқуқӣ-моддии на қонунгузории ҷиноятии дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ равона гардидаанд.

А.Г. Кибалник ва И.А. Елизаров қайд менамоянд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалии ба қонуни ҷиноятӣ воридгардида, «тартиби махсус муқарраршудаи бавуҷудоии ҷавобгарии ҷиноятии» шахсони дорои масуниятро дар бар мегиранд, ки аз он муқаррар намудани ин ё он мамнуният дар баамалбарории ҳаракатҳои мурофиавӣ маншаъ мегирад[437]. Азбаски ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷиноят ва таҳти ҷазо қарор доштани кирдор танҳо дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян шудаанд, тартиби махсуси бавуҷудоии ҷавобгарии ҷиноятӣ хусусияти моддӣ-ҷиноятӣ дорад.

Андешаҳои овардашуда чандон дуруст ба назар намерасанд. Ба мавзӯи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муайян намудани принсипҳо, асосҳо ва ҳудудҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, инчунин асосҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мансуб мебошанд[438]. Чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми «тартиби бавуҷудоии ҷавобгарии ҷиноятӣ» категорияи мурофиавӣ-ҷиноятӣ мебошад, чунки фаъолияти муназзамро доир ба амалисозии талаботи ҳуқуқи моддӣ ифода менамояд. Маҳз фаъолият, чунки ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври объективӣ, новобаста аз шуур ва иродаи одамон ба вуҷуд омада наметавонад. Бинобар ин, дуруст мешавад агар мо на дар хусуси тартиби бавуҷудоии ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки тартиби таъқиби ҷиноятӣ ҳарф занем. Мақсади таъқиби ҷиноятӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани гунаҳгор мебошад[439]. Чунин намуди фаъолият дар хусуси мавҷудияти муносибатҳои мурофиавӣ шаҳодат медиҳад, гарчанде асос барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудан ба мавзӯи танзими ҳуқуқи моддӣ мансуб мебошад[440].

Бояд қайд намуд, ки худи муаллифон ба «тартиби махсус муқарраршудаи бавуҷудоии ҷавобгарии ҷиноятӣ» танҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани шахсони дорои масуниятро дохил мекунанд. Зимнан, пешниҳод мегардад, ки мавҷудияти масуният асоси

[436] Ниг.: Кибальник А.Г. Иммунитет в уголовном праве. – С. 19-20; Елизарова И.А. Международно-правовые иммунитеты в уголовном праве: Дисс. ... канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2004. – С. 56.
[437] Ниг.: Кибальник А.Г. Асари зикргардида. – С. 15; Елизарова И.А. Асари зикршуда. – С. 41-42.
[438] Ниг.:Уголовное право. Обшая часть: Учебник / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – С. 5; Уголовное право Российской Федерации: Общая часть: Учебник / Под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай. – М., 2005. – С. 11.
[439] Ниг.: Королев Г. Начальный момент уголовного преследования // Законность. – 2005. – № 5. – С. 22.
[440] Ниг.: Даев В.Т. Взаимосвязь уголовного права и процесса. – Л., 1982. – С. 51-52.

ғайрисафедкунандаи озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳисобида шавад[441].

Баъзе олимон масуният аз юрисдиксияи ҷиноятиро бо озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ монанд мекунанд. Бо чунин андеша алалхусус, Г.Б. Виттенберг баромад намуд, ки масунияти дипломатиро намуди озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ меҳисобад[442]. И.Б. Колчевский низ нуқтаи назари ба ин монанд дорад, ки тибқи он, муқаррароти қонуни ҷиноятӣ оид ба масунияти намояндаи дипломатӣ яке аз асосҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад[443]. Ин нуқтаи назар чандон дуруст ба назар намерасад. Дар атрофи нодурустии он муфассал истода намегузарем ва танҳо ҳаминро қайд менамоем, ки агар асос барои татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дошта бошад, аммо иҷрои он бинобар ҳолатҳои объективии аз мақомоти тафтишотӣ ё судӣ вобастанабуда ғайриимкон бошад (зарурати бартарафсозии масуният), тафтиши пешакӣ аз рӯи парванда муваққатан боздошта мешавад (м. 230 КМҶ ҶТ). Тахти боздоштани тафтиши пешакӣ фосилаи вақти таваққуф дар истеҳсолот аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ фаҳмида мешавад, ки бинобар сабаби дар парванда иштирок карда натавонистани шахсе, ки кирдори ӯ мавриди тафтиш қарор дорад, ба миён омадааст[444]. Ҷараёни муҳлати мурури ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан боздошта намешавад. Бо гузашти муҳлатҳои мурури ҷавобгарии ҷиноятӣ парвандаи ҷиноятӣ ва таъқиби ҷиноятӣ барои ин ҷиноят қатъ мегардад.

Дар ин ҳолат, бинобар сабаби ҷой надоштани имконияти воқеӣ барои иҷрои он ҷавобгарӣ татбиқ намегардад. Дар робита ба масуниятҳои байналмилалӣ аз юрисдиксияи ҷиноятӣ гуфтаҳои боло маънои онро доранд, ки то бекор кардани масунияти гунаҳгор, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ амалӣ карда намешавад.

Дар фарқият аз ин, озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳама ҳолатҳо ба он вобастагӣ дорад, ки шахс ё кирдори ҷиноятии содиркардаи ӯ хавфнокии ҷамъиятии худро аз даст додааст ва ё хавфнокии ҷамъиятии онҳо хеле паст гардидааст. Татбиқи минбаъдаи чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар чунин вазъият ҳамчун подош (сазо) барои кирдор ба назар мерасад, ки ба мақсад ва вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ мухолифат менамояд[445]. Ҳангоми озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқи воқеии он имконпазир аст, вале ғайримақсаднок ва ғайрисамаранок мебошад, чунки ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои дар қонун ишорашуда, мақсади ҷазо бидуни татбиқи амалии он ба даст омада метавонад.

---

[441] Ниг.: Кибальник А.Г. Асари зикршуда. – С. 18; Елизарова И.А. Асари зикршуда. – С. 138-140.

[442] Ниг.: Виттенберг Г.Б. Вопросы освобождения от уголовной ответственности и наказания с применением мер общественного воздействия. Ч. 1. – Иркутск, 1970. – С. 18.

[443] Ниг.: Колчевский И.Б. Действие уголовного закона по кругу лиц: Дисс ... канд. юрид. наук / И.Б. Колчевский. – М,, 2001. – С. 107.

[444] Ниг.: Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / Под общ. Ред. В. Л. Верина, В.В. Моэякова. – М., 2004. – С. 497; Уголовно-процессуальное прано / Под ред. Г.П. Химичевой, О. В. Химичевой. – С. 318-319.

[445] Ниг.: Уголовное право РФ: Общая часть I Под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай. – М., 2005. – С. 282; Уголовное право РФ. Общая часть / Под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, А.И. Рарога, А.И. Чучаева. – М., 2005. – С. 449; Уголовное право. Общая часть / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – С. 463.

Тавре мебинем, институтҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва масуният аз юрисдиксияи ҷиноятӣ аз рӯи табиати иҷтимоӣ ва ҳуқуқии худ фарқ мекунанд ва монанд буда наметавонанд. Дар робита ба ин, бо андешаи В.С. Егоров розӣ шудан мувофиқи мақсад мебошад, ки тибқи он, «масуният бояд на ҳамчун асоси озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки ҳамчун маҷмӯи маҳдудиятҳо, ки дар қонун барои ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани гурӯҳи муайяни шахсон пешбинӣ шудаанд, баррасӣ карда шавад»[446].

Ҳамин тавр, ба назари мо, дар хусуси мавҷудияти масунияти моддӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, яъне худи масуният дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳарф задан нодуруст аст. Масуният доштани шахси гунаҳгор ҳолате намебошад, ки ҷиноят будани кирдорро истисно намояд. Дар сурати аз тарафи чунин шахс содир гардидани ҷиноят дар ҳудуди Тоҷикистон ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад. КҶ ҶТ чунин асоси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карданро пешбинӣ намекунад.

Масуният аз юрисдиксияи ҷиноятӣ дар худ танҳо озод кардан аз юрисдиксияи иҷроияро фаро мегирад. Истилоҳи юрисдиксия дар ин ҷо пурра мутобиқи мазмуни лотинии он, яъне истеҳсолоти судӣ истифода бурда мешавад. Бинобар ин, консепсияи муосири масуниятҳо, ки тибқи муқарраротн ҳуқуқи байналмилалӣ пешниҳод мегардад, асосан ба ғояи таҳти баррасии судӣ қарор нагирифтани шахсоне, ки дорои чунин масуниятҳо мебошанд, асос меёбад ва худи масуният, тавре А.Ф. Агаев қайд менамояд, «дар муқаррар намудани истисноҳо аз тартиби умумии истеҳсолоти судӣ барои категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандони дохилӣ ва хориҷӣ ифода меёбад»[447].

Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки масуният аз юрисдиксияи давлати буду бошро муқаррар менамоянд, хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ надоранд ва бинобар ин, зарурати дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ татбиқ кардани онҳо ҷой надорад. Ин меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ худиҷрошаванда мебошанд. Барои татбиқи бевоситаи онҳо истиноди дар қ. 4 м. 14 КҶ ҶТ овардашуда кифоя мебошад.

**Адабиёт:**


1. Агаев Ф.А. Иммунитеты в российском уголовном процессе; дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 1997. – 195 с.
2. Богуславский М.М. Иммунитет иностранного государства (советская доктрина) // Советский ежегодник международного права. – М., 1931. – 420 с.
3. Виттенберг Г.Б. Вопросы освобождения от уголовной ответственности и наказания с применением мер общественного воздействия. Ч. 1. – Иркутск, 1970. – 412 с.
4. Даев В.Т. Взаимосвязь уголовного права и процесса. – Л., 1982. – 280 с.


[446] Егоров В.С. Теоретические вопросы освобождения от уголовной ответственности. – М., 2002. – С. 55.
[447] Агаев Ф.А. Иммунитеты в российском уголовном процессе: Дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 1997. – С. 139.

5. Демин Ю.Г. Статус дипломатических представительств и их персонала // Международные отношения. – 1995. – № 5. – С. 21-36.

6. Дурманов Н.Д. Советский уголовный закон. – М., 1967. – 340 с.

7. Егоров В.С. Теоретические вопросы освобождения от уголовной ответственности. – М., 2002. – 350 с.

8. Елизарова И.А. Международно-правовые иммунитеты в уголовном праве: Дисс. ... канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2004. – 210 с.

9. Зюбанов Ю.Л. Действие уголовного закона в пространстве (опыт сравнительного анализа уголовного законодательства стран СНГ): Дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 200l. – 218 с.

10. Кибальник А.Г. Иммунитет в уголовном праве. – 180 с.

11. Колчевский И.Б. Действие уголовного закона по кругу лиц: Дисс ... канд. юрид. наук / И.Б. Колчевский. – М., 2001. – 198 с.

12. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. А.В. Наумов. – М.: Юристъ, 1996. – 345 с.

13. Комментарий к Уголовному Кодексу Российской федерации / Под общ. ред. Ю.И. Скуратова, Б.М. Лебедева. – 700 с.

14. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / Под общ. Ред. В.Л. Верина, В.В. Моэякова. – М., 2004. – 670 с.

15. Коробов П.В. Момент возникновения уголовной ответственности // Правоведение. – 2001. – №2. – С. 149.

16. Королев Г. Начальный момент уголовного преследования // Законность. – 2005. – №5. – С. 22.

17. Левин Д.Б. Международное право, внешняя политика н дипломатия. – М., 1981. – 318 с.

18. Лукашук И.И. Иммунитет в отношении уголовной юрисдикции // Российская юстиция. – 1998. – №4. – С. 22-26.

19. Лукашук И.И. Международное право. Особенная часть. – М., – 1997. – 390 с.

20. Медведев А.М. Пределы действия Уголовного кодекса Российской Федерации. – М., 1998. – 320 с.

21. Международное воздущное право. Книга 2 / Отв. Ред. А.П. Мовчан, О.Н. Садиков. – М., 1981. – 523 с.

22. Международное право: учеб / Л.И. Ануфриева, К.А. Бекяшев. – М., 2004. – 450 с.

23. Мовчан А.П., Ушаков Н.А. Венская Конвенция по вопросу о дипломатических сношениях и имунитетах // Советское государство и право. – 1962. – №2. – С. 116-121.

24. Николаев А. Дипломатические привилегии и иммунитеты // Международная жизнь. – 1983. – №8. – С. 151-155.

25. Сандровский К.К. Дипломатическое право. – Киев, 1981. – 364 с.

26. Словарь иностранных слов и выражений / Авт.-сост. Е.С. Зеленович. – 620 с.

27. Уголовное право Российской Федерации: Общая часть: Учебник / Под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай. – М., 2005. – 468 с.

28. Уголовное право. Обшая часть: Учебник / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – 656 с.

29. Уголовно-процессуальное право / Под ред. Г.П. Химичевой, О. В. Химичевой. – 690 с.

30. Ушаков Н.А. Юрисдикционные иммунитеты государств и их собственности. – М., 1993. – 230 с.

31. Харламова Ю.Н. Ответственность иностранных граждан по российскому уголовному праву: Дисс. ... канд, юрид. наук. – М., 1998. – 198 с.

32. Чучаев А.Н. Уголовный закон. – Ульяновск, 1995. – 230 с.

# МАСОИЛИ МУАЙН КАРДАНИ ОБЪЕКТИ СИРОЯТ КАРДАН БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ

**Қурбонов Сайфиддин Насриддинович,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** +992 988121282
**E-mail:** kurbonov.saifiddin@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои муайян кардани объекти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам, ақидаҳои олимон вобаста ба ин масъала, асосҳои гуруҳбандии объекти ҷинояти зикршуда, хусусиятҳои фарққунандаи объекти ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам аз дигар ҷиноятҳои муқобили саломатии шахс равонашуда, асосҳое, ки ҳангоми муайян кардани объекти ҷинояти мазкур бояд ба назар гирифта шаванд ва дигар ҳолатҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бояд зикр кард, ки саломатӣ арзи олӣ дошта, бе он фаъолияту зиндагӣ кардан ғайриимкон аст. Шахс дар ҳолате метавонад, ки ба фаъолияти муайн машғул гардад, дар ҷомеа накши фаъол дошта бошад, ки агар саломатии хуб дошта бошад. Аз ин рӯ, ҷинояти мазкур ба яке аз арзишҳои муҳимми инсони – саломатӣ зарар мерасонад. Бинобар ин, ҳифзи саломатии шахс ҳамчун арзиши олӣ дар Коститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ин меъёрҳои конститутсиониро боз ҳам мустаҳкамтар мекунанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ иҷозат намедиҳанд, ки ба саломатии шахс зарар расад ва ё саломатии шахс зери хатар қарор гирад. Аз ин сабаб, дар мақолаи маскур таваҷҷуҳро ба самти муайн кардани объекти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам равона намудем. Воқеан, дар масъалаи муайн кардани объекти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам андешаҳо дар байни олимон гуногун аст. Қисме аз олимон объекти ҷиноятӣ мазкурро саломатӣ, қисми дигар онро ҳаёт ва қисмати сеюм бошад, объекти ин ҷиноятро ҳаёт ва саломатӣ ном мебаранд. Дар мақолаи мазкур таваҷҷуҳи бештар ба ҳамин самти масъала равона гардидааст ва дар охир хулосаҳои муаллиф баён шудааст.

**Калидвожаҳо:** Объект, вирус, масуният, сироят кардан, ҷиноят, таркиби ҷиноят, элемент, манфиат, арзиш, шахсият, Конститутсия, Кодекси ҷиноятӣ, ҷавобгарӣ, ҳаёт, саломатӣ.

# ВОПРОСЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ОБЪЕКТА ИНФЕКЦИИ ВИРУСОМ ИММУНОДЕФИЦИТА ЧЕЛОВЕКА

**Курбанов Сайфиддин Насриддинович,**
соискатель кафедры уголовное право и противостояние с коррупции юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** +992 988121282
**E-mail:** kurbonov.saifiddin@mail.ru

**Аннотация**. В данной статье рассмотрены вопросы определения объекта заражения вирусом иммунодефицита человека, мнения ученых по данному вопросу, основания группировки объекта указанного преступления, отличительные признаки объекта преступления заражения вирусом иммунодефицита человека, рассмотрены вирус иммунодефицита человека от иных преступлений, направленных против здоровья человека, основания, которые следует учитывать при определении объекта этого преступления и другие обстоятельства.

Следует отметить, что здоровье имеет большое значение и без него невозможно жить. Человек может играть активную роль в обществе, если у него хорошее здоровье. Следовательно, это преступление наносит вред одной из важнейших человеческих ценностей – здоровью. Поэтому охрана здоровья человека гарантируется как высокая ценность в Конституции Республики Таджикистан, а нормы уголовного законодательства закрепляют эти конституционные нормы и не позволяют каким-либо образом причинять вред или подвергать опасности здоровье человека. По этой причине в настоящей статье мы сосредоточили свое внимание на выявлении объекта заражения вирусом иммунодефицита человека. Собственно, среди ученых существуют разные мнения по вопросу определения объекта заражения вирусом иммунодефицита человека. Часть ученых называет объект этого преступления здоровьем, другая часть называет его жизнью, а третья часть называет объектом этого преступления жизнь и здоровье. В данной статье этому вопросу уделено больше внимания, а в конце представлены выводы автора.

**Ключевые слова**: Объект, вирус, иммунитет, инфекция, преступление, состав преступления, элемент, интерес, значение, личность, Конституция, Уголовный кодекс, ответственность, жизнь, здоровье.

# QUESTIONS OF DETERMINATION OF THE OBJECT OF INFECTION WITH THE HUMAN IMMUNODEFICIENCY VIRUS

**Kurbanov Sayfiddin Nasriddinovich**
postgraduate at the department of the criminal law and confrontation with

corruption, Faculty of Law Tajik National University
**Phone.:** +992 988121282
**E-mail:** kurbonov.saifiddin@mail.ru

**Annotation:** This article discusses the identification of the object of infection with the human immunodeficiency virus, the views of scientists on this issue, the basics of the classification of the object of the crime, the distinguishing features of the object of the human immunodeficiency virus from other crimes against humans. The state of health should be taken into account when determining the object of the crime, as well as other circumstances.

It should be mentioned that health is of great importance and it is impossible to live without it. A person can play an active role in society if he is engaged in certain activities, if he has good health. Therefore, this crime harms one of the most important human values - health. Therefore, the protection of human health is guaranteed as a high value in the Constitution of the Republic of Tajikistan, and the norms of criminal legislation strengthen these constitutional norms and do not allow to harm or endanger the health of a person in any way. For this reason, in the present article, we focused our attention on identifying the object of human immunodeficiency virus infection. Actually, there are different opinions among scientists on the issue of determining the object of infection with the human immunodeficiency virus. Some scientists call the object of this crime health, another part calls it life, and the third part calls the object of this crime life and health. In this article, more attention is directed to this issue, and at the end, the author's conclusions are presented.

**Keywords.** Object, virus, immunity, infection, crime, corpus delicti, element, interest, meaning, personality, Constitution, Criminal Code, responsibility, life, health.

Яке аз элементҳои таркиби ҷиноят – объекти ҷиноят ба ҳисоб меравад. Ин маънои онро дорад, ки ҷиноят бе объект вуҷуд надорад[448]. Объекти ҷиноят – ин манфиатҳои (арзишҳои) мушаххаси аз тарафи қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда мебошад, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба онҳо зарар мерасад ва ё зарар расониданаш мумкин аст[449]. Ба ҳамин тариқ, хусусияти ҷиноят, ба ҷамъият хавфнокии он – пеш аз ҳама, аз рӯи объекте муайян карда мешавад, ки ба он таҷовуз содир мешавад[450]. Интихоби ин ва

---

[448] Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ. Қисми умумӣ. – Душанбе, 2016. – С. 143.

[449] Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ҳ.С. Салимов ва Н.А. Ғаффорова. – Душанбе: Зинат, 2011. – С. 94.

[450] Дурманов Н.Д. Понятие преступления. – М.; Ленинград: Изд-во АН СССР, 1948. – С. 43; Кригер Г.А. К вопросу о понятии объекта преступления в советском уголовном праве. Вып. 1. – М.: Вестник МГУ, 1955. – С. 111; Советское уголовное право: Объект преступления. Часть Общая. Вып. 5 / М.А. Гельфер [и др.]. – М., 1960. – С. 7; Пионтковский А.А. Учение о преступлении. – М.: Юридическая литература, 1961. – С. 134; Фролов Е.А. Спорные вопросы общего учения об объекте преступления // Сб. науч. трудов. Вып. 10. – Свердловск, 1969. – С. 207; Курс уголовного права. Общая часть. Т. I: Учение о преступлении: учебник для вузов / под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М.: ЗЕРКАЛО, 1999. – С. 197–206;

ё он муносибатҳои ҷамъиятӣ, арзишҳо ва ё манфиатҳо ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз тарафи қонунгузор ва хусусияти хоси ҳимояи онҳо бевосита аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҷиноятӣ вобастагӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки саломатии шахс ҳамчун арзиши олӣ дар Конститутсияи ҶТ мавриди ҳифз қарор гирифта, расонидани зарар ба он, асоси ба миён омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад[451]. Маҳз тавассути сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ давлат чорабиниҳои махсуси худро дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ амалӣ мегардонад[452]. Ин вазифаро аз номи давлат асосан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – суд, прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, амният, андозу гумрук ва дигар мақомоти махсусгардонидашудаи алайҳи ҷинояткорӣ ба амал мебароранд.

Яке аз ҷиноятҳои дар замони имрӯза паҳншуда, ин сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи содиршавии он ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо Қонуни ҷиноятӣ (м.125)[453] мавриди ҳифз қарор доранд, таҷовуз мекунад. Ҷинояти мазкур ба объекти муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ – саломатии шахс хавфу хатар дорад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ олимон таснифоти чорзинагии объектҳои ҷиноятро пешниҳод менамоянд. Тибқи таснифоти зикршуда объектҳо ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд: умумӣ, хелӣ, намудӣ, бевосита[454].

Объекти умумии ҷиноят, мувофиқи банди аввали моддаи 2 КҶ ҶТ маҷмӯи манфиату неъматҳое, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зери ҳифзи давлатӣ гирифта шудааст, мебошад. Яъне, объекти умумии ҷиноят, мутобиқи банди 1 м. 2 КҶ ҶТ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва амнияти ҷамъиятӣ, сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сулҳ ва амнияти башарият, дар якҷоягӣ мебошад. Яъне, маҷмӯи ҳамин манфиату неъмату боигариҳое, ки дар ин меъёри Кодекси номбаршуда объекти умумии ҷиноятро ташкил мекунад.

Объекти хелии ҷиноят ин як гурӯҳ якхелаи манфиатҳо ва неъматҳо мебошад, ки ба онҳо кирдорҳои якхела дахолат мекунад. Аз қадимулайём Қисми махсуси Кодексҳои ҷиноятии кишварҳо, аз он ҷумла Қисми махсуси кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси объектҳои хелӣ тартиб дода шудаанд. Бо ин қайд карданием, ки ҳар як бобҳои Қисми махсуси Кодекси ҷинояти ба як гурӯҳ ҷиноятҳое, ки объектҳояш якхела мебошад, бахшида шудааст. Масалан, боби аввали Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 моддаҳоро дар бар мегирад, ки дар онҳо ҷиноятҳои ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон таҷовуз мекунад, яъне дар ҳамаи 26 моддаҳои ин боб таркиби ҷиноятҳо пешбинӣ шудааст, ки ба

---

Полный курс уголовного права: в 5 т. / под ред. д-ра. юр. наук, проф., заслуженного деятеля науки РФ А.И. Коробеева Т. I: Преступление и наказание. СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2008. – С. 325–356; Дрожжина Е.А. О значении обращения к истории становления учения об объекте преступления для совре-менного исследования объекта преступления // Бизнес в законе. 2013. - № 2. – С. 78–81.

[451] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.

[452] Сафарзода А.И., Миралиев Э.Б. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар самти муқовимат бо коррупсия дар Ҷумхурии Тоҷикистон. Маҷмуаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон», – №3 (07). – Душанбе, 2017. – С. 97

[453] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018.

[454] Коржанский Н.И. Объект и предмет уголовно-правовой охраны. – Волгоград: Академия МВД СССР, 1980. – С. 68; Safarzoda A.I., Kamolov Kh.S. Criminal law of Tajikistan. – Dushanbe, 2021. – P. 53

объектҳои якхела – ба ҳаёт ва саломатии одам таҷовуз мекунад. Объекти намудӣ бошад, он муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки дар як боби Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаанд. Объекти бевоситаи ҷиноят он манфиат ё неъмати мушаххасе, ки ба вай дар натиҷаи содир шудани ҷинояти мушаххас зарар расидааст.

Бояд қайд кард, ки ба сифати объекти умумии ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунад, ки таъминкунандаи саломатии инсон мебошанд.

Объекти хелии ҷиноятҳои баррасишаванда саломатии шахсият (фасли VII – Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият) мебошад, чунки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объектҳои хелиро бо назардошти самти таҷовуз, ки дар номи бобҳои қонуни ҷиноятӣ ифода ёфтааст, ном мебаранд. Аз рӯи тартиби ҷойгиршавии объектҳои хелӣ дар сохтори Қисми махсуси Қонуни ҷиноятӣ, «иерархия»-ро дар ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ, арзишҳо ва манфиатҳо аз таҷовузи ҷиноятӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки бо муқаррароти дар м. 2 КҶ ҶТ зикршуда тасдиқ мегардад.

Тавре медонем, дар мундариҷаи Қонуни ҷиноятӣ дар рӯйхати фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ фасли «Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият» дар ҷойи якум меистад, ки ба Конститутсияи ҶТ, меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ комилан мутобиқ мебошад.

Таҳти шахсият дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ инсон фаҳмида мешавад, ки на танҳо ҳамчун фарди биологӣ, балки ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ, иштирокчии (субъекти) муносибатҳои ҷамъиятии мухталиф баррасӣ мегардад. Дар ҷиноятҳои таҳлилшаванда шахсият ба сифати объекти хелӣ баромад мекунад.

Шахсият ҳамчун объекти хелӣ дар худ муносибатҳои ҷамъиятиро фаро мегирад, ки ҳангоми таҷовузи бевосита ба он зарар ба объектҳои намудӣ расонида мешавад: ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ё эътибори инсон, дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон, инчунин манфиатҳои оила ва ноболиғон, ки бо шахсият ҳамчун ҷузъ бо том ва намуд бо хел таносуб доранд.

*Объекти намудии* ҷинояти сироят кардан бо ВНМО ҳаёт ва саломатии инсон мебошад. Ҳамзамон бо ин, дар адабиётҳо объекти намудии ҷиноятҳои баррасишаванда аз тарафи олимон ба таври гуногун муайян карда мешавад. Чунончӣ, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ доир ба ин масъала се нуқтаи назарро ҷудо намудан мумкин аст.

Якум, объекти намудии ҷиноятҳои таҳлилшаванда саломатии шахс мебошад. Ин нуқтаи назарро масалан, С.И. Никулин, С.В. Расторопов ва диг.[455] ҷонибдорӣ менамоянд. Аз миёнаҳои солҳои 50-ум то ибтидои солҳои 70-уми асри XX олимони машҳур барои пешниҳод кардани мафҳуми «саломатӣ» талош варзиданд. Чунончи, профессор А.А. Пионтковский шарҳи зерини мафҳуми мазкурро пешниҳод менамояд: «... саломатӣ –

[455] Прохоров Л.А., Прохорова М.Л. Уголовное право: учебник. – М.: Юристъ, 1999. – С. 281; Уголовное право России. Части Общая и Особенная: учебник. / М. П. Журавлёв [и д.р.]; под ред. А.И. Рарога. – 5-е изд., перераб. и доп. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2006. – С. 302.

томияти ҷисмонӣ ва фаъолияти муътадили узвҳои бадани инсон»[456]. Л.И. Гуревич шарҳи ба ин монандро пешбинӣ мекунад: «... саломатии инсон дар фаъолияти муътадили тамоми организм ифода меёбад, бинобар ин, он бояд аз нуқтаи назари анатомопатологӣ баррасӣ карда шавад»[457]. Қобили зикр аст, ки мафҳуми пешниҳоднамудаи Л.И. Гуревич аз рӯи мазмун бо мафҳуми пешниҳодкардаи А.С. Никофоров шабеҳ мебошад, ки таҳти саломатӣ «вазъияти муътадили организми инсонро дар маҷмӯъ, ки дар фаъолияти дурусти он ифода меёбад»[458], мефаҳмид. Доир ба ин мафҳум, П.А. Дубоветс нуқтаи назари дигар дорад. Ӯ қайд менамояд, ки мафҳуми пешниҳоднамудаи А.С. Никифоров нисбатан маҳдуд мебошад, чунки ба андешаи ӯ, «ҳама гуна бофтаи организми инсон функсияҳои муайянро иҷро менамояд, бинобар ин, вайрон кардани фаъолияти муътадили бофтаҳо ба саломатии инсон зарар мерасонад, гарчанде он боиси вайроншавии вазъияти муътадили организми инсон дар маҷмӯъ нагардад ҳам»[459].

Дар ибтидои солҳои 70-уми қарни гузашта олимони ҳуқуқшинос ба хулоса омаданд, ки мафҳуми «саломатӣ»-ро аз тиб қабул кунанд. Машҳуртарини онҳо мафҳуми пешниҳодкардаи профессори илми тиб М.И. Авдеев мебошад, ки саломатиро ҳамчун – «ҳолати мукаммали функсияҳои тамоми узвҳои организм, ки ҳангоми он ҳеҷ гуна тағйироти беморӣ ҷой надорад»[460], шарҳ дода буд. Дар баробари ин, тибқи таҳқиқотҳои дар солҳои 80-ум анҷомдодаи П.И. Калю зиёда аз 79 мафҳуми мухталифи саломатӣ мавҷуд мебошад, ки дар вақтҳои гуногун дар кишварҳои гуногун ва аз тарафи намояндагони соҳаҳои гуногуни илм ифода ёфтаанд[461].

Мутобиқи Оинномаи Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ «саломатӣ на танҳо ҷой надоштани беморӣ ва нуқсони ҷисмонӣ, балки ҳолати солимии комили ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ мебошад»[462]. Аммо мафҳуми мазкур дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ васеъ истифода бурда намешавад.

Ба гуногунии мафҳумҳо нигоҳ накарда, бо андешаи аксарияти олимон[463] розӣ шудан мумкин аст, ки мафҳуми пешниҳоднамудаи Н.И. Загородников нисбатан мукаммалтар мебошад. Тибқи он «саломатӣ – чунин ҳолати организми инсон мебошад, ки ҳангоми он тамоми қисмҳо, узвҳо ва системаи организм муътадил фаъолият мекунад»[464].

---

456 Пионтковский А.А., Меньшагин В.Д. Курс советского уголовного права. Особенная часть. Т. 1. – М.: Госюриздат, 1955. – С. 569.

457 Гуревич Л.И. Борьба с телесными повреждениями по советскому уголовному праву: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1950. – С. 7–8.

458 Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 12.

459 Дубовец А.П. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Юридическая литература, 1964. – С. 14.

460 Авдеев М.И. Судебно-медицинская экспертиза живых лиц. – М.: Медицина, 1968. – С. 130.

461 Калью П.И. Сущностная характеристика понятия «здоровье» и некоторые вопросы перестройки здравоохранения: обзорная информация. М.: ВНИИМИ, 1988. – С. 53.

462 Преамбула к Уставу (Конституции) Всемирной организации здравоохранения. [Электронный ресурс] // URL: http://apps.who.int/gb/bd/PDF/bd47/RU/constitution-ru.pdf (дата обращения: 14.07.2013).

463 Расторопов С. В. Преступления против здоровья человека по УК РФ 1996 г. М.; Рязань: Русское слово, 2003. – С. 173; Читлов Д.С. Охрана здоровья граждан от тяжких насильственных посягательств. Уголовно-правовое и криминологическое исследование / под ред. проф. И.С. Ноя. Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 1974. – С. 29.

464 Загородников Н.И. Преступления против здоровья. – М.: Юрид. лит., 1969. – С. 16.

Дуюм, ба сифати объекти намудии ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунанд, ки бехатарии саломатии одами дигарро таъмин менамоянд[465]. Мо чунин тавзеҳи маҳдуди объекти намудиро ҷонибдорӣ намекунем.

Сеюм, як қатор муҳақиқон сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одамро ба гурӯҳи ҷиноятҳое мансуб медонанд, ки на танҳо барои саломатӣ, балки барои ҳаёт хатар эҷод мекунанд[466]. Дар ин маврид, криминалистон бо далели алоқамандии зичи байниҳамдигарии ин арзишҳо объектҳои асосӣ ва иловагиро ҷудо намекунанд.

Бо назардошти мавқеи болозикр, объети намудии ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 125 КҶ ҶТ на танҳо саломатӣ, балки ҳаёти инсон[467] мебошад, чунки сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ба саломатии ҷабрдида зарар расонида, метавонад боиси марги одам гардад.

Объекти охирон дар таснифот *объекти бевосита* мебошад, ки таҳти он бояд арзиши мушаххас фаҳмида шавад, ки муқобили он кирдори ҷиноятӣ равона гардидааст. Аҳамияти объекти бевосита пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки «он имкон медиҳад ба таври сареҳ табиат ва хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ин ё он намуди рафтори инсонӣ муайян карда шавад»[468]. Ҳамин тавр, ба андешаи олимон объекти бевоситаи ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ҳаёт ва саломатии инсон мебошад.

Хусусияти фарқкунандаи объекти асосӣ дар он аст, ки он барои таркиби ҷиноят ҳатмӣ мебошад. Дар робита ба ин, мавҷудияти таркиби ҷиноят танҳо дар он ҳолатҳое имконпазир мебошад, ки кирдори мушаххас ба ин объект зарар расонидааст ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд овардааст. Чунин ҳисобида мешавад, ки маҳз объекти асосӣ бештар хавфнокии ҷамъиятии таҷовузро инъикос менамояд. Маҳз онро қонунгузор ҳангоми муқаррар кардани меъёри ҳуқуқии ҷиноятӣ таҳти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ қарор медиҳад. Бинобар ин, бо назардошти гуфтаҳои боло, ба сифати объекти асосии ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам инҳо баромад мекунанд: маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие, ки нигоҳдории ҳаёт ва саломатии инсонро аз таҷовузи ҷиноятӣ

---

465 Уголовное право: Часть Общая. Часть Особенная: учебник / под общ. ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина, С.В. Максимова. – М.: Юриспруденция, 1999. – С. 517; Медведева Н.И. Указ. соч. – С. 19.

466 Кондрашова Т.В. Проблемы уголовной ответственности за преступления против жизни, здоровья, половой свободы и половой неприкосновенности. Екатеринбург: Гуманитарный университет, 2000. – С. 223; Галюкова М.И. Особенности уголовно-правовой защиты человека от заражения ВИЧ-инфекцией // Вестник ОГУ. 2007. № 3. – С. 35; Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть: учебник / под ред. заслуженного деятеля науки Российской Федерации, д-ра юрид. наук, проф. Э.Ф. Побегайло. – М.: Илекса, 2008. – С. 131.

467 Ветров Н.И. Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов. – М.: ЮНИТИ, 2000. – С. 62; Иерусалимская Е.А. Заражение венерическими болезнями: уголовно-правовые и криминологические аспекты: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2002. – С. 19; Плешаков А., Щерба С.П. Уголовная ответственность за заражение СПИДом // Советская юстиция. 1989. № 11. – С. 24-25; Теохаров А.К. Противодействие заражению инфекционными заболеваниями: уголовно-правовой и криминологический аспекты: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2013. – С. 8; Щерба С.П. Социальная опасность и уголовно-правовые последствия заражения ВИЧ-инфекцией // Уголовное право. 1998. № 3. – С. 36.

468 Советское уголовное право. Часть Общая: учебное пособие / под ред. Р.Р. Галиакбарова, М.И. Ковалева, Е.А. Фролова. – Свердловск, 1972. – С. 62.

таъмин менамоянд ва ин таҷовуз дар сироят кардан бо ВНМО ё ин ки зери хатари сирояткунии он қарор додан ифода меёбад.

Дар ҳолатҳое, ки ҷиноят «дуобъекта» мебошад, аҳамияти махсусро дақиқ муқаррар кардани на танҳо объекти асосӣ, балки объекти иловагӣ соҳиб мебошад. Дар ин таркиби ҷиноят дар баробари объекти асосӣ объекти иловагии ҷиноят ҳатман баррасӣ карда мешавад. Аломати фарққунандаи байни онҳо дар он ифода меёбад, ки ҳимояи объекти иловагӣ на мустақилона, балки дар алоқамандии ногусастанӣ бо объекти асосӣ амалӣ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки кирдор дуруст банду баст ва чораи ҷазо одилона муайян карда шавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ инчунин объекти факултативӣ ҷудо карда мешавад, ки ба сифати аломати асосии фарққунандаи он – ҳатмӣ набудани он барои таркиби ҷиноят баромад менамояд. Яъне расонидани зарар ё таҳдиди расонидани зарар ба он барои эътирофи таркиби ҷиноят шарти зарурӣ намебошад.

Дар робита ба таҳти хатари сирояёбӣ бо ВНМО қарор додан бошад, мавқеи Л.А. Можайска начандон дуруст ба назар мерасад. Ба андешаи ӯ, ин таркиби ҷиноят ду объекти бевосита дорад: асосӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсони муайян ба саломатӣ; факултативӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳаёти инсони муайян ҳамчун арзиши асосӣ ва ивазнашавандаи ҳар як инсон[469]. Ба назари мо, азбаски саломатии инсон дар ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам бо ҳаёти ӯ алоқамандии ногусастанӣ дорад, ҷудо намудани онҳо ҳамчун ду объекти бевосита мувофиқи мақсад намебошад.

Нуқтаи назари ба ин монандро В.И. Зубков ва А.С. Никифоров ифода менамоянд. Ба андешаи онҳо объекти ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам – ҳаёт ва саломатии инсон мебошанд[470]. Чунончӣ, масалан аз ВНМО, ки оқибат боиси инкишофи бемории табобатнашавандаи СПИД мегардад.

Гуфтаҳои боло дар шароити муосир нисбати қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ низ мувофиқ мебошанд, чунки дар таҷриба пешгӯӣ намудани оқибати чунин ҷинояти барои ҳаёт ва саломатӣ хатарнок бениҳоят мушкил ва баъзан ҳатто номумкин мебошад: маҳрум шудан аз ҳаёт ва ё танҳо расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида. М. 125 КҶ ҶТ аз ду қисмат иборат мебошад: а) қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ – таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштан; б) қ.қ. 2, 3 м. 125 КҶ ҶТ – сироят бо вируси норасоии масунияти одам.

Ҳамин тавр, бо назардошти гуфтаҳои боло, чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

– ба сифати объекти хелии ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам шахсият баромад мекунад;

---

[469] Можайская Л.А. Социально-правовые проблемы профилактики ВИЧ-инфекции/СПИДа (уголовно-правовой и медицинский аспекты): дис. … канд. юрид. наук. Екатеринбург, 1993. – С. 6-7.

[470] Зубкова В.И. Ответственность за преступления против личности по законодательству России. – М.: Норма, 2005. – С. 151; Никифоров А.С. Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Го-сюриздат, 1959. – С. 7-9.

– объекти намудии таҷовузҳои ба ҷамъият хавфноки зикршуда маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсони мушаххас ба саломатӣ, инчунин муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳаёти инсон ҳамчун арзиши асосӣ ва такрорнашавандаи ҳар як инсон фаҳмида мешавад;

– объекти асосии бевоситаи ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам бо объекти намудии ин ҷиноят мувофиқ мебошад. Дар чунин ҷиноятҳо объекти иловагии бевосита мавҷуд нест;

– ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ҷинояти бидуни предмет мебошад;

– мавқеи қонунгузор дар робита ба ҷойгир намудани ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам дар боби 16, фасли VII «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» асоснок мебошад, ки таҳти хатари воқеӣ на танҳо саломатӣ, балки ҳаёти инсони сироятёфта қарор мегирад.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018.
3. Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ. Қисми умумӣ. – Душанбе, 2016. – 494 с.
4. Safarzoda A.I., Kamolov Kh.S. Criminal law of Tajikistan. – Dushanbe, 2021. – 223 p.
5. Авдеев М.И. Судебно-медицинская экспертиза живых лиц. – М.: Медицина, 1968. – С. 130
6. Ветров Н.И. Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов. – М.: ЮНИТИ, 2000. – С. 62.
7. Галюкова М.И. Особенности уголовно-правовой защиты человека от заражения ВИЧ-инфекцией // Вестник ОГУ. 2007. – № 3. – С. 35.
8. Гуревич Л.И. Борьба с телесными повреждениями по советскому уголовному праву: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1950. – С. 7-8.
9. Дрожжина Е.А. О значении обращения к истории становления учения об объекте преступления для совре-менного исследования объекта преступления // Бизнес в законе. 2013. – № 2. – С. 78-81.
10. Дубовец А.П. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Юридическая литература, 1964. – С. 14.
11. Дурманов Н.Д. Понятие преступления. – М.; Ленинград: Изд-во АН СССР, 1948. – С. 43.
12. Загородников Н.И. Преступления против здоровья. – М.: Юрид.лит., 1969. – С. 16.
13. Зубкова В.И. Ответственность за преступления против личности по законодательству России. – М.: Норма, 2005. – С. 151.

14. Иерусалимская Е.А. Заражение венерическими болезнями: уголовно-правовые и криминологические аспекты: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2002. – С. 19.

15. Калью П.И. Сущностная характеристика понятия «здоровье» и некоторые вопросы перестройки здравоохранения: обзорная информация. – М.: ВНИИМИ, 1988. – С. 53.

16. Кондрашова Т.В. Проблемы уголовной ответственности за преступления против жизни, здоровья, половой свободы и половой неприкосновенности. – Екатеринбург: Гуманитарный университет, 2000. – С. 223.

17. Коржанский Н.И. Объект и предмет уголовно-правовой охраны. Волгоград: Академия МВД СССР, 1980. – С. 68.

18. Кригер Г.А. К вопросу о понятии объекта преступления в советском уголовном праве. Вып. 1. – М.: Вестник МГУ, 1955. – С. 111.

19. Курс уголовного права. Общая часть. Т. I: Учение о преступлении: учебник для вузов / под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М.: ЗЕРКАЛО, 1999. – С. 197-206.

20. Медведева Н.И. Указ. соч. – С. 19

21. Можайская Л.А. Социально-правовые проблемы профилактики ВИЧ-инфекции / СПИДа (уголовно-правовой и медицинский аспекты): дис. … канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 1993. – С. 6-7.

22. Никифоров А.С. Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Го-сюриздат, 1959. – С. 7-9.

23. Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Го-сюриздат, 1959. – С. 12.

24. Пионтковский А.А. Учение о преступлении. – М.: Юридическая литература, 1961. – С. 134.

25. Пионтковский А.А., Меньшагин В.Д. Курс советского уголовного права. Особенная часть. Т. 1. – М.: Госюриздат, 1955. С. 569.

26. Плешаков А., Щерба С.П. Уголовная ответственность за заражение СПИДом // Советская юстиция. 1989. – № 11. – С. 24-25.

27. Полный курс уголовного права: в 5 т. / под ред. д-ра. юр. наук, проф., заслуженного деятеля науки РФ А.И. Коробеева Т. I: Преступление и наказание. – СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2008. – С. 325-356.

28. Преамбула к Уставу (Конституции) Всемирной организации здравоохранения. [Электронный ресурс] // URL: http://apps.who.int/gb/bd/PDF/bd47/RU/constitution-ru.pdf (дата обращения: 14.07.2013).

29. Прохоров Л.А., Прохорова М.Л. Уголовное право: учебник. – М.: Юристъ, 1999. – С. 281.

30. Расторопов С. В. Преступления против здоровья человека по УК РФ 1996 г. – М.; Рязань: Русское слово, 2003. – С. 173.

31. Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть: учебник / под ред. заслуженного деятеля науки Российской Федерации, д-ра юрид. наук, проф. Э.Ф. Побегайло. – М.: Илекса, 2008. – С. 131.

32. Советское уголовное право. Часть Общая: учебное пособие / под ред. Р.Р. Галиакбарова, М.И. Ковалева, Е.А. Фролова. – Свердловск, 1972. – С. 62.

33. Советское уголовное право: Объект преступления. Часть Общая. Вып. 5 / М.А. Гельфер [и др.]. – М., 1960. – С. 7.

34. Теохаров А.К. Противодействие заражению инфекционными заболеваниями: уголовно-правовой и криминологический аспекты: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2013. – С. 8.

35. Уголовное право России. Части Общая и Особенная: учебник. / М.П. Журавлёв [и д.р.]; под ред. А.И. Рарога. – 5-е изд., перераб. и доп. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2006. – С. 302.

36. Уголовное право: Часть Общая. Часть Особенная: учебник / под общ. ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина, С.В. Максимова. – М.: Юриспруденция, 1999. – С. 517.

37. Фролов Е.А. Спорные вопросы общего учения об объекте преступления // Сб. науч. трудов. Вып. 10. – Свердловск, 1969. – С. 207.

38. Читлов Д.С. Охрана здоровья граждан от тяжких насильственных посягательств. Уголовно-правовое и криминологическое исследование / под ред. проф. И.С. Ноя. – Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 1974. – С. 29.

39. Щерба С.П. Социальная опасность и уголовно-правовые последствия заражения ВИЧ-инфекцией // Уголовное право. 1998. – № 3. – С. 10.

40. Сафарзода А.И., Миралиев Э.Б. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар самти муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон», – №3 (07), – Душанбе, 2017. – С. 97.

# ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ ДАСТ ЗАДАН БА ҶИНОЯТ ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

**Хоҷазода Фурқат Файзалӣ,**
адъюнкти Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел**: (992) 980000091
**E-mail**: mrahmonzoda@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Сафарзода А.И., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Оид ба пайдоиш ва ташаккули институти даст задан ба ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои гуногун ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Бархе аз муаллифон танҳо номгӯи намудҳои кирдорҳоеро, ки дар маҷмӯъ дахл доштан ба ҷиноятро ташкил медиҳад, номбар менамоянд. Бархе дигар бошанд, зимни муайян намудани мафҳуми он нишонаҳои ба ақидаи онҳо асосии ин зуҳуротро ҳамчун асос эътироф менамоянд. Чӣ тавре маълум аст, дахл доштан ба ҷиноят муддати зиёд ҳамчун намуди шарикӣ дар ҷиноят эътироф мегардид. Мо пеш аз ҳама диққатамонро ба нишонаҳои дахл доштан ба ҷиноят, ки имкон медиҳад онро аз шарикӣ дар ҷиноят фарқ гузорад, ҷалб менамоем. Ҳамзамон ба фаҳмиши алоқаи ҷинояти асосӣ ва дахл доштан ба он, ҳамчунин хусусияти ақидаи баъзе аз муаллифон ба дахл доштан ба ҷиноят диққати махсус дода мешавад. Алоқаи болозикрро аз он нуқтаи назар баррасӣ намудан лозим аст, ки дар этимологияи худи истилоҳи дахл доштан мафҳуми калидиро (асосиро) расидан, дахлдорӣ, тааллуқият, ба таври дигар – намуди муайяни алоқа ташкил медиҳад.

Ба ақидаи А.С. Жиряев дахл доштан ба ҷиноят «намуди дуюми ҷамъшавии ҷинояткорон» нисбат ба ҳамон як ҷиноят, ки «оид ба ҷинояти аз ҷониби касе содиршуда ва нисбати ӯ» пайдо мешавад, мебошад.

Намудҳои дахл доштан ба ҷиноят «моҳияти ҷинояти иловагӣ». Намуди дуюми ҷамъшавии ҷинояткорон эътироф намудани дахл доштан ба ҷиноят танҳо умумияти «иштирок дар ҷиноят»-ро дар доираи ҷамъшавӣ ва дар як вақт набудани монандии байни дахл доштан ба ҷиноят ва иштирокро тавсиф менамояд. «Намуди дуюм» танҳо он чизе буда метавонад, ки бо «намуди якум» хусусияти умумӣ дорад ва дар як вақт он чизест, ки аз «намуди якум» фарқ дорад. А.С. Жиряев наменависад, ки кадом нишона, хусусият барои иштирок ва дахл доштан ба ҷиноят умумӣ мебошанд. Тахмин кардан мумкин аст, ки асоси муттаҳидкунанда ҷинояти асосӣ мебошад: онро – иштирокчиён содир мекунанд, дахлдоштагон – «даст мерасонанд».

**Калидвожаҳо:** Институти даст задан ба ҷиноят, шарики дар чиноят, иштирок дар чиноят, дахл доштан ба ҷиноят, асосноккунии мантики,

асосноккунии психологӣ, пинхон кардани ҷиноятkop, кирдори ба ҷамъият хавфнок, абстраксияи илмӣ, қонунгузории чиноятии Россия, конунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, ва ғайра.

# ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И СТАНОВЛЕНИЯ ИНСТИТУТА СОВЕРШЕНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЯ

**Ходжазода Фуркат Файзали,**
адъюнкт Академии МВД Республики Таджикистан
**Тел**: (992) 980000091
**E-mail:** mrahmonzoda@mail.ru

**Научный руководитель**: Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент**: Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В уголовно-правовой теории разных стран существуют разные взгляды на зарождение и становление института совершения преступления в уголовном праве. Некоторые авторы перечисляют лишь виды действий, составляющих преступление в целом. Другие, определяя его значение, за основу берут основные черты этого явления. Как известно, прикосновенности к преступлению давно признано соучастием в преступлении.

Обращаем внимание прежде всего на признаки прикосновенности к преступлению, что позволяет отличить его от соучастия в преступлении. При этом особое внимание уделяется пониманию связи основного преступления с его причастностью, а также характеру взглядов некоторых авторов на прикосновенности к преступлению. Рассматривать указанную выше связь необходимо с той точки зрения, что в этимологии самого термина принадлежность ключевое (базовое) понятие достижения, уместности, принадлежности, иными словами – это определенный тип связи.

По мнению А.С. Жиряева прикосновенности к преступлению представляет собой «совокупность второго рода» по отношению к тому же преступлению, которое «совершено лицом и совершено против него». Виды участия в преступлении «сущность дополнительного преступления». Второй вид агрегации, признание причастности к преступлению, описывает лишь общность «участия в преступлении» в контексте агрегации и одновременное отсутствие сходства между причастностью к преступлению и соучастием. «Вторым видом» может быть только то, что имеет что-то общее с «первым видом» и в то же время что-то отличное от «первого типа». А.С. Жиряев не уточняет, какие черты или признаки являются общими для участия и причастности к преступлению.

Можно предположить, что объединяющим фактором является основное преступление: оно совершается участниками, а виновные

«достигаются».

**Ключевые слова:** Институт совершение преступления, соучастие в преступлении, участие в преступлении, причастность к преступлению, логическое обоснование, психологическое оправдание, сокрытие преступного, общественно опасного деяния, научная абстракция, российское уголовное право, таджикское уголовное право и др.

## HISTORY OF THE ORIGIN AND FORMATION OF THE INSTITUTE OF COMMITTING A CRIME

**Khojazoda Furqat Fayzali,**
adjunct of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan
**Тел**:(992)980000091
**E mail:** mrahmonzoda@mail.ru

**Academic adviser:** Sharipov T.SH., Doctor of law, Professor
**Reviewer:** Safarzoda A.I., Doctor of law, Professor

**Annotation:** In the criminal law theory of different countries, there are different views on the origin and development of the institution of committing a crime in the criminal law of Tajikistan. Some authors list only the types of actions that constitute the crime as a whole. Others, defining its meaning, take the main features of this phenomenon as a basis. As you know, involvement in a crime has long been recognized as complicity in a crime. First of all, we pay attention to the signs of involvement in a crime, which makes it possible to distinguish it from complicity in a crime. At the same time, special attention is paid to understanding the connection between the main crime and its involvement, as well as the nature of the views of some authors on the implication of the crime.

It is necessary to consider the above connection from the point of view that in the etymology of the term itself, belonging is the key (basic) concept of achievement, relevance, belonging, in other words, it is a certain type of connection.

According to A.S. Zhiryaev's implication to a crime is a "set of the second kind" in relation to the same crime, which is "committed by a person and committed against him". Types of participation in the crime "essence of additional crime". The second type of aggregation, recognition of involvement in a crime, describes only the generality of "participation in a crime" in the context of aggregation and the simultaneous lack of similarity between involvement in a crime and complicity. The "second kind" can only be something that has something in common with the "first kind" and at the same time something different from the "first kind". Zhiryaev does not specify what traits or signs are common for participation and involvement in a crime.

It can be assumed that the main crime is the unifying factor: it is committed

by the participants, and the perpetrators are "achieved".

**Keywords:** Institution of committing a crime, complicity in a crime, participation in a crime, participation in crime, logical basement, psychological basement, concealing a criminal, public dangerous act, science abstraction, criminal legialtion of Russia, criminal legislation of Tajkistan and etc.

Оид ба пайдоиш ва ташаккули институти даст задан ба ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои гуногун ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Бархе аз муаллифон танҳо номгӯи намудҳои кирдорҳоеро, ки дар маҷмӯъ дахл доштан ба ҷиноятро ташкил медиҳад, номбар менамоянд. Бархе дигар бошанд, зимни муайян намудани мафҳуми он нишонаҳои ба ақидаи онҳо асосии ин зуҳуротро ҳамчун асос эътироф менамоянд. Чӣ тавре маълум аст, дахл доштан ба ҷиноят муддати зиёд ҳамчун намуди шарикӣ дар ҷиноят эътироф мегардид. Мо пеш аз ҳама диққатамонро ба нишонаҳои дахл доштан ба ҷиноят, ки имкон медиҳад онро аз шарикӣ дар ҷиноят фарқ гузорад, ҷалб менамоем. Ҳамзамон ба фаҳмиши алоқаи ҷинояти асосӣ ва дахл доштан ба он, ҳамчунин хусусияти ақидаи баъзе аз муаллифон ба дахл доштан ба ҷиноят диққати махсус дода мешавад. Алоқаи болозикрро аз он нуқтаи назар баррасӣ намудан лозим аст, ки дар этимологияи худи истилоҳи дахл доштан мафҳуми калидиро (асосиро) расидан, дахлдорӣ, тааллуқият, ба таври дигар – намуди муайяни алоқа ташкил медиҳад.

Ба ақидаи А.С. Жиряев дахл доштан ба ҷиноят «намуди дуюми ҷамъшавии ҷинояткорон» нисбат ба ҳамон як ҷиноят, ки «оид ба ҷинояти аз ҷониби касе содиршуда ва нисбати ӯ»[471] пайдо мешавад, мебошад.

Намудҳои дахл доштан ба ҷиноят «моҳияти ҷинояти иловагӣ»[472]. Намуди дуюми ҷамъшавии ҷинояткорон эътироф намудани дахл доштан ба ҷиноят танҳо умумияти «иштирок дар ҷиноят»-ро дар доираи ҷамъшавӣ ва дар як вақт набудани монандии байни дахл доштан ба ҷиноят ва иштирокро тавсиф менамояд. «Намуди дуюм» танҳо он чизе буда метавонад, ки бо «намуди якум» хусусияти умумӣ дорад ва дар як вақт он чизест, ки аз «намуди якум» фарқ дорад. А.С. Жиряев наменависад, ки кадом нишона, хусусият барои иштирок ва дахл доштан ба ҷиноят умумӣ мебошанд. Тахмин кардан мумкин аст, ки асоси муттаҳидкунанда ҷинояти асосӣ мебошад: онро – иштирокчиён содир мекунанд, дахлдоштагон – «даст мерасонанд».

Дар як вақт, маҳз воқеияти иштирок накардани шахси дахлдошта «дар ҷинояти асосӣ», ба ақидаи А.С. Жиряев, «асоснокунии мантиқии» асосии фарқияти дахл доштан ба ҷиноят ва иштирокро ташкил медиҳад. «Асосноккунии психологии» фарқгузорандаро таҳқиқгар «мақсади ирода»-ро меномад: иштирокчиён дар фарқият аз шахсони дахлдошта «иштиёқи бевосита ба ҷиноятро изҳор менамоянд».

[471] Жиряев А.С. О стечении нескольких преступников при одном и том же преступлении. – СПб, Дерпт: Печатано в типографии Г. Лаакманна, 1850. – С. 16.
[472] Ниг.: Колоколов Г.Е. О соучастии в преступлении. – М., 1881. – С. 64; Будзинский С. Начала уголовного права. – Варшава, 1870. – С. 211-214.

Ба ақидаи муаллифи кори тадқиқшаванда дахл доштан ба ҷиноят бо мақсади ё нисбат ба ҷинояти асосӣ содир мегардад. Шояд А.С. Жиряев зери мафҳуми сабаб «ҳодиса, ки пайравӣ ба он омили таҳрикунандаи пайдарҳамии амалҳоро ташкил медиҳад»[473], мефаҳмид ва бо ҷалби диққат ба калимаи «сабаб» мавҷуд набудани сабаб дар ин ҳодисаро таъкид менамояд. Нисбият, дар навбати худ, хусусияти вобастагии дахл доштан ба ҷиноятро ба ҷинояти асосӣ дар назар дошт. Дар ин ҳолат истифодаи истилоҳоти «бо сабаби» ва «нисбат ба» ба А.С. Жиряев имкон медиҳад, оид ба фаҳмиши дахл доштан ба ҷиноят якчанд хулосаҳои муфассал намояд. Якум, истифодаи калимаи «бо сабаби» ва «нисбат ба» ба мавҷудияти шарти зарурӣ (дар намуди ҷинояти асосӣ) ишора менамоял, ки танҳо мавҷудияти он худи дахл доштан ба ҷиноятро имконпазир мегардонад. Дуюм, «нисбият» мавҷудияти алоқаи байни ҷинояти асосӣ ва дахл доштар ба онро қайд менамояд.

Баъдан муаллиф дар бораи хусусияти иловагӣ доштани дахл доштан ба ҷиноят, ки бо аксессорнокии таъмини иҷроиши уҳдадорӣ дар ҳуқуқи гражданӣ монанд аст, сухан меронад. Бинобар эҳтимолияти аз нуқтаи назари мазмун наздик будани истилоҳоти якхела дар ҳамаи соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ ба таҳлили чуқури мазмуни мафҳуми аксессорнокӣ дар ҳуқуқи гражданӣ машғул намешавем. Танҳо ба фаҳмиши он дар ҳуқуқи ҷиноятӣ машғул мегардем.

Аксессорнокӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар мадди аввал, дар доираи «назарияи шарикӣ»[474] баррасӣ мегардад ва ба таври умумӣ маънои онро дорад, ки дар сурати набудани иҷрокунанда – шарикӣ буда наметавонад. Дар хамин намуд вогузор намудани аксессорнокӣ ба муносибати мутақобилаи ҷинояти асосӣ ва дахл доштан ба ҷиноят мавҷудияти ҷинояти асосӣ ва хусусияти ғайриҳатмӣ, иловагӣ доштани дахл доштан ба ҷиноятро талаб менамояд. Бо вуҷуди ин на моҳияти дахл доштан ба ҷиноят ва на алоқаи он бо ҷинояти асосиро инъикос намекунад.

Мафҳуми дахл доштан ба ҷиноятро Н.С. Тагансев пешниҳод накарда, бо таҳлили мафҳуми дар қонунгузории ҷиноятии Руссияи соли 1845 қайдшуда маҳдуд гардидааст[475].

Ба ақидаи Н.Д. Сергеевский дахл доштан ба ҷиноят «фаъолияти ашхос, ки бинобар кирдори ҷиноятӣ аллакай содир кардани он ва муносибати сабабӣ бо кирдори содирнамуда, аз ҷумла иҷро накардани уҳдадориҳои бо қонун вогузоршуда, пешгирӣ намудани кирдорҳои ҷиноятӣ ва ошкор намудани онҳо ба вуҷуд меояд»[476], фаҳмида мешавад. Лаҳзае, ки аз он дахл доштан ба ҷиноят ҷой дошта метавонад, муайян мегардад. Агар дахл доштан ба ҷиноят дар шакли амал содир шавад, пас он танҳо аз лаҳзаи ба охир расидани ҷинояти асосӣ ҷой дошта метавонад. Агар дахл доштан ба ҷиноят дар шакли беамалӣ содир шавад, пас он ҳам

[473] Ниг.: Повод // Общая психология: Словарь / Под общ.ред. А.В. Петровского. – М.: ПЕР СЭ, 2005.
[474] Ниг.: Ковалев М.И. Соучастие в преступлении: Понятие соучастия. – Свердловск, 1960. – С. 98-99.
[475] Таганцев Н.С. Русское уголовное право: Лекции. Часть общая. Том I. – СПб, 1902. – С. 805.
[476] Ниг.: Сергеевский Н.Д. Русское уголовное право. Общая часть (пособие к лекциям). – (издание 4-е). – С.-Пб., тип. М.М. Стасюлевича, 1900. – С. 308.

то оғози анҷом додани тарафи объективии (дар марҳилаи ошкор намудани қасд) ҷинояти асосӣ, ҳам дар ҷараёни содир намудани он ва баъд ба охир расидани ҷиноят содир шуда метавонад. Ҳамин тариқ, Н.Д. Сергеевский бо рад намудани сабабнокии беамалӣ дахл доштан ба ҷиноятро аз шарикӣ бинобар ҷой надоштани «муносибати сабабӣ» байни кирдори шахси дахлдошта ва ҷинояти асосиро содирнамуда фарқ мегузорад.

Дар бораи номутобиқатии мусоидаткунӣ ба ҷиноят ва иштирок, яъне оид ба ғайриимкон будани дар як вақт хам иштирокчӣ дар ҷинояти асосӣ ва ҳам шахси дахлдор ба онро Л.Е. Владимиров қайд менамуд[477]. Чунин номутобиқатӣ дар «пешакӣ», то содир намудани ҷинояти асосӣ ҷой надоштани алоқаи субъективии байни ашхоси ба ҷиноят дахлдошта ва иштирокчиён асос меёбад. Воқеияти он, ки мусоидаткунӣ «дар ҳамаи давраҳои фаъолияти ҷиноятӣ расонида намешавад» ғайриимкон будани мувофиқат дар вақт байни ҷинояти асосӣ ва дахл доштан ба онро инъикос мекунад.

Дахл доштан ба ҷиноятро бо роҳи фарқ гузоштан аз шарикӣ Г.В. Колоколов муайян менамуд. Зимнан чунин фарқгузориро олим бо тарзи хос ба роҳ мондааст: муаллиф дахл доштан ба ҷиноят, ки қаблан ваъда нашудааст кирдори мустақил эълон намудааст ва пешниҳод намудааст, ки «дахлдории» қаблан ваъдашуда ва тибқи маслиҳати пешакӣ иҷрошударо маҷмӯи ҷиноят эътироф гардад: «он ҷое, ки пинҳон доштан бо ваъдаи қаблан додашуда муттаҳид мегардад, ки худи ҷиноятро шарт менамояд, мо бо ду кирдори мустақили гуногун сарукор дорем – пинҳон доштан ва шарикӣ»[478]. Ҳамин тариқ, муҳаққиқ пешниҳод менамояд, ки барои як кирдор ду маротиба ҷазо дода шавад, зеро барои оянда ваъда додан ин ошкор намудани қасд буда, дар ҳаҷми пурра амалӣ намудани он ҷинояти ба охиррасида ба шумор меравад. Чунин фарқгузории аз нуқтаи назари дастоварди илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ сунъии як ҷиноят ба ду қисм барои тадқиқоти мазкур аз дигар ҷанба шавқовар мебошад. Ба ақидаи мо, чунин фарқгузории шартии дахл доштан ба ҷиноят ва шарикӣ бо марҳилаи гузариш дар фаҳмишҳои дахл доштан ба ҷиноят асос ёфтааст. Дахл доштан ба ҷиноят аллакай на ҳамчун намуди шарикӣ, балки падидаи мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ қабул мегардад. Дар чунин шароит назарияҳое, ки мақсади он мусолиҳа намудани консепсияҳои «куҳан» ва «нав» мебошад, пайдо нашуда наметавонистанд.

Баъзе аз муаллифон мафҳуми дахл доштан ба ҷиноятро ба ҷудо кардани намудҳои он меоранд[479]. Яке аз муаллифон мавҷудияти дахл доштан ба ҷиноятро ба сифати зуҳуроти назариявии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ инкор мекард. Ба ақидаи онҳо «бо мақсади роҳ надодан ба хатогӣ зарур аст, то ҳар се намуди зуҳурот, ки пештар зери як мафҳуми дахл доштан муттаҳид

[477] Владимиров Л.Е. Учение об уголовных доказательствах. Учебное пособие. – СПб, издание книжного магазина «Законоведение», 1910. – 331 с.
[478] Ниг.: Колоколов Г.Е. О соучастии в преступлении. – М., 1881. – С. 64
[479] Познышев С.В. Основные начала науки уголовного права. – М.: Изд. А.А. Карцева, 1912. – С. 403.

мегардид, дар алоҳидагӣ омӯхта шавад»[480]. Н. Полетаев меҳисобид, ки дахл доштан ба ҷиноят бояд бо пинҳон доштан маҳдуд гардад, хабар надодан ва саҳлангорӣ бошад, бояд ба рафторҳои милисавӣ шомил гардад[481].

Таҳлилҳои гузаронидашуда имкон медиҳад, аломатҳои хоси дахл доштан ба ҷиноят дар давраи тадқиқшавандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷудо гардад ва он аз шарикӣ фарқ гузошта шавад:

1. Иштирок накардани шахси дахлдошта дар ҷиноят дар ҷинояти асосӣ. Аломати мазкур ба воситаи нишон додани а) мавҷуд набудани алоқаи субъективӣ байни шахси дахлдошта дар ҷиноят бо иштирокчии ҷинояти асосӣ (Н.С. Тагансев, Л.С. Белогритс-Котляревский, Л.Е. Владимиров); б) мавҷуд набудани алоқаи сабабии байни кирдори шахси дахлдошта дар ҷиноят ва ҷинояти асосӣ (Н.Д. Сергеевский); в) самти равонашудаи иродаи шахси дахлдошта дар ҷиноят мушаххас гардонида мешавад. Самти иродаи ҳар гуна буда метавонад, ба истисноי «иштиёқи бевосита ба ҷинояти асосӣ» (А.С. Жиряев).

2. Дахл доштан ба ҷиноят танҳо дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки «сӯиқасди асосӣ ба охир расидааст» (Н.С. Тагансев, Л.Е. Владимиров).

Тафсирҳои таҳлилшуда ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид шуда метавонанд: 1) дахл доштан ба ҷиноят ҳамчун фаъолияти бо ҷинояти асосӣ алоқаманд (А.С. Жиряев, Н.Д. Сергеевский) ва ҳамчун мафҳуме, ки гурӯҳи ҷиноятҳоро дар бар мегирад, (Г.В. Колоколов, С. Будзинский, Л.С. Белогриц-Котляревский, Л.Е. Владимиров, С.В. Познышев) муайян карда мешавад; 2) ба аломатҳои умумиэътирофнамудаи дахл доштан ба ҷиноят инҳо шомиланд: а). дахл доштан ба ҷиноят танҳо дар сурати мавҷудияти ҷинояти асосӣ ҷой дошта метавонад; б). жахл доштан ба ҷиноят шарикӣ дар ҷинояти асосӣ намебошад; в). дахл доштан ба ҷиноят танҳо қасдона содир шуда метавонад.

Дар марҳилаи тадқиқшудаи инкишофи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми дахл доштан ба ҷиноят якчанд давраро аз сар гузаронидааст: якум, дарки беихтиёронаи ин зуҳурот бино бар наздикии вақтӣ ва дар бештар маврид фазоӣ бо ҷинояти асосӣ ба воситаи конструксияи абстрактии шарикӣ. Бо мурури замон, муқаррар намудани фарқияти дарки беихтиёронаи тасвири дахл доштан ба ҷиноят ва шарикӣ аз сари нав дида баромадани муносибат ба дахл доштан ба ҷиноятро ҳамчун намуди шарикӣ тақозо намуд. Дар натиҷа нигоҳи нав ба дахл доштан ба ҷиноят, ки алоқаи қатъиро бо шарикӣ эълон намуд (назарияи А.С. Жиряева, нигоҳи С. Будзинский ва дигарон) ва тафсирҳо, ки ба таври абстрактӣ дахл доштан ба ҷиноятро ҳамчун намуди мустақили фаъолияти ҷиноятӣ қайд намуд, ба миён омаданд (Л.С. Белогритс-Котляревский, Л.Е. Владимиров, С.В. Познишев ва дигарон). То як андоза кӯшиши ба ҳам муттаҳид намудани намудҳои зикргардидаи муносибат ба дахл доштан ба ҷиноятро Г.В. Колоколов намудааст. Ӯ амалан ба мазмуни объективии дахл доштан ба ҷиноят

---

480 Ниг.: Пустарослев П.П. Русское уголовное право. Общая часть. Выпуск 1. – Юрьев, типография К. Маттисена, 1907. – С. 526.

481Ниг.: Полетаев Н. Прикосновенность к преступлению // Журнал министерства юстиции. - СПб., 1862. Т. XIV. – С. 82.

диққат надода, бештар ба формулаҳои абстрактии тайёр рӯ меорад. Истифодаи ин формулаҳо муаллифро ба коркарди тафриқаи расмӣ, ки фарқияти амалии байни дахл доштан ба ҷиноят ва шарикиро инкор мекунад, оварда мерасонад. Баъзе аз муаллифон қайд менамуданд, ки ба сифати зуҳуроти ҳуқуқии мустақил ҷудо намудани дахл доштан ба ҷиноят бефоида аст (П.П. Пусторослев). Бархе дигар бошанд, ба яке аз намудҳои мушаххаси дахл доштан ба ҷиноят, мисол пинҳон доштан маҳдуд мегардиданд (Н. Полетаев).

Дар ин марҳилаи инкишофи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамаи муҳаққиқон бе истисно дахл доштан ба ҷиноятро дар сатҳи муносибати мутақобилаи ҷинояти асосӣ, шарикӣ ва дахл доштан ба ҷиноятро баррасӣ менамуданд, дахл доштан ба ҷиноятро ба таври абстрактӣ баррасӣ намекарданд. Ҳамаи мафҳумҳои пешниҳодгардида бошанд, бештар «ба иттилоот на дар сатҳи мафҳум, балки дар сатҳи тасаввурот» наздиктар мебошанд[482].

Дар даврони шуравии инкишофи муносибатҳои таҳқиқшуда истода хусусиятҳои зеринро олимон нишон медоданд. Масъалан, А.Н. Трайнин навшидааст, ки «дахл доштан ба ҷиноят чунин алоқаи ашхоси сеюмро бо содиркунандаи кирдори ба ҷамъият хавфнок дар бар мегирад, ки ба шиддатнокии шарикӣ намерасад, аммо бо вуҷуди ин берун аз дахолати ҷиноятӣ намемонад…, фаъолияти шахси танҳо дахлдошта ба деликт дар алоқаи сабабӣ бо кирдори содиргардида нест… Фаъолияти онҳо амали ба ҷамъият хавфнокро ба вуҷуд намеорад, бо он танҳо наздикӣ дорад»[483].

Боиси диққат аст, ки мафҳуми мазкур ба таври манфӣ ба роҳ монда шуда, ба тафриқагузории дахл доштан ба ҷиноят аз шарикӣ асос ёфтааст. Шакли манфӣ – «намерасад», «ҷойгир нест» ва «таъсис намедиҳад» – ба дахл доштан ба ҷиноят мансуб будани ин ё он аломатро рад мекунад ва хусусияти сифати худи зуҳуротро дар бар намегирад. Аз тасвияи пешниҳодшуда аломатҳои зерини дахл доштан ба ҷиноятро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Зарурияти фарқ гузоштан ҳамавақт натанҳо мавҷудияти аломатҳои фарқгузоранда, балки мавҷудияти аломатҳои умумӣ барои дахл доштан ба ҷиноят ва шарикиро дар назар дорад. Эҳтимол кардан мумкин аст, ки заминаи муттаҳидкунанда «кумак ба содиркунандаи» ҷинояти асосӣ дар ҳамаи давраҳои инкишофи фаъолияти ҷиноятӣ мебошад. Ҷудо намудан аз шарикӣ ба набудани алоқаи сабабии байни кирдори шахси ба ҷиноят дахлдошта ва «кирдори содиргардида» асос меёбад;
2. Шахси дахлдошта ба ҷиноят бо иштирокчиёни ҷинояти асосӣ алоқаманд мебошад;
3. Фаъоляити шахси дахлдошта ба ҷиноят бо ҳаракатҳои ба ҷамъият хавфноки гунахгорони ҷинояти асосӣ наздик мебошад.

Зери дахл доштан ба ҷиноят баъзе муҳақиқон чунин фаъолияти шахси дар содир кардани ҷиноят иштирок надоштаро мефаҳманд, ки «ба дараҷаи муайян бо ҷинояти содиргардида алоқаманд аст, аммо ҳамзамон мусоидат

[482] Ниг.: Черданцев А.Ф. Логико-языковые феномены в праве, юридической науке и практике. - Екатеринбург, 1993. – С. 22.
[483] Ниг.: Трайнин А.Н. Уголовное право: Общая часть. – М.: Изд-во 1-го МГУ, 1929. – С. 363.

ба содир кардани ҷиноят нест»[484]. Зимни ҳамчун фаъолият муайян кардани дахл доштан ба ҷиноят, муаллифон аломати ягонаи ин зуҳуротро ҷудо менамоянд – мавҷудияти алоқа бо ҷинояти асосии «содиршуда». Шаклҳои изҳор намудани алоқамандӣ бо тарзҳои зерин муайян мегардад: 1) шахс дар содир кардани ҷиноят иштирок накарда, аллакай, баъди содир гардидани он ба фаъолияти ҷиноятии шахсони сеюм ҳамроҳ мешавад ва ба пинҳон гардидани худи онҳо ё пинҳон намудани нишонаҳои ҷинояти содирнамудаи онҳо кумак менамояд; 2) шахс оид ба ҷинояти омодашаванда ё содиргардида маълумоти муътабар дорад, аммо дар ин бора ба мақомоти қудратӣ хабар намедиҳад ва ба онҳо дар пешгирӣ намудан ё ошкор кардани он кумак намерасонад ва билохира; 3) шахсе, ки имконияти монеъ шудан ё пешгирӣ намудани ҷиноятро дошт, онро анҷом намедиҳад[485].

Баъзе муаллифон меҳисобанд, ки дахл доштан ба ҷиноят – ин фаъолияти қасдонаи шахсони дар содир кардани ҷиноят иштирок накардае мебошад, ки ба пинҳон доштани ҷинояти содиршаванда ё содиршудаи шахсони дигар равона шудааст, аз ҷумла беамалии қасдона, ки дар кумак накардан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ошкор намудани ҷиноят ва фош кардани ҷинояткорон ифода меёбад[486]. Тафсири дахл доштан ба ҷиноят дорои хусусиятҳои тарафи субъективӣ мебошад, ба махсусияти дахл доштан ба ҷиноят аз шарикӣ ишора менамояд ва модели амали дахл доштан ба ҷиноят ташкилкунандаро тасвир менамояд.

Ба сифати дахл доштан ба ҷиноят Э.Х. Раал «чунин амал ё беамалии қасдонаи шахсро меномид, ки хусусияти ба ҷамъият хавфнокии он, пеш аз ҳама аз алоқаи ин амал ё беамалӣ бо ҷинояти каси дигар бар меояд, ҳамзамон кирдори шахси дахлдошта ба ҷиноят бояд хусусияти фаъол надошта бошад ё бо ҷинояти каси дигар дар алоқаи сабабӣ қарор надошта бошад ё бояд ҳар ду ин аломат ҷой надошта бошад»[487]. Нуқтаи назари муаллиф нисбати «кирдори … шахс бояд хусусияти фаъол надошта бошад, ё бо ҷинояти каси дигар дар алоқаи сабабӣ қарор надошта бошад» баҳсро ба вуҷуд меорад. Аз ақидаҳои мазкур хулоса кардан мумкин аст, ки дахл доштан ба ҷиноят намуди дилхоҳи шарикӣ, ки дар беамалӣ зоҳир мегардад, эътироф мегардад, зеро чунин кирдор хусусияти фаъол надорад. Ҳамин тариқ, Э.Х. Раал байни дахл доштан ба ҷиноят ва шарикӣ хати амиқи фаркгузорандаро намекашад.

Зери дахл доштан ба ҷиноят Г.Б. Виттенберг ва П.Н. Панченко кирдорҳои ба «ҷамъият» хавфнок ва қасдонаи бо қонунгузории ҷиноятӣ пешбининамуда, ки дар пинҳонкунии пешакӣ ваъда нагардидаи ҷиноят, аз ҷумла хабар надодан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ҷинояти омодашаванда, содиршаванда ё содиршуда (хабар надодан) ё

[484] Ниг.: Гришаев П.И., Кригер Г.А. Соучастие по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 200.
[485]Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 204.
[486]Ниг.: Бушуев И.А. Ответственность за укрывательство преступлений и недоносительство. – М.: Юридическая литература, 1965. – С. 40.
[487]Ниг.: Раал Э.Х. Прикосновенность к преступлению по советскому уголовному праву: Автореф. дис. ... канд юрид. наук. – Тарту, 1956. – С. 9.

наандешидани чораҳои бевосита ё дигар чораҳо барои пешгирии ҷинояти омодашаванда, монеъ шудан ба ҷинояти содиршаванда ва ошкор намудани ҷинояти содиргардида (саҳлангорӣ) ифода мегардадро мефаҳманд»[488]. Таърифи пешниҳодшуда намунаи классикии фаҳмиши дахл доштан ба ҷиноят мебошад.

Оиди бо шарикӣ омехта кардани даст задан бо ҷиноят. Шарикии оддӣ ҳамиштирокчигиро ташкил медиҳад. Шарикӣ зимни мавҷудияти созиши дутарафа оид ба содир кардани ҷиноят қаблан ваъда додани пинҳон доштан, хабар надодан ва саҳлангориро дар бар мегирад. Ба шарикӣ бо алоқаи яктарафаи субъективӣ муаллиф хабар надодан оид ба ҷинояти омодашаванда (содиршаванда) ва саҳлангорӣ ба ҷинояти омодашаванда ё содиршаванда дохил менамояд. Хулосаи дахл доштани хабар надодан оид ба ҷинояти омодашаванда (содиршаванда) ва саҳлангорӣ нисбати ҷинояти омодашаванда ё содиршаванда ба шарикӣ бо муқаррар намудани алоқаи сабабии байни беамалии ашоси дахлдор ва натиҷаи фаъолияти ҷиноятии иштирокчиёни ҷинояти асосӣ асос меёбад. Аломати мазкур имкон медиҳад кирдорҳои мазкурро аз гурӯҳи кирдорҳое, ки дахл доштан ба ҷиноятро ташкил медиҳад, истисно намояд, аммо ҳамзамон асоси кофӣ барои ба кирдорҳои шарикӣ дохил намудани он мавҷуд нест.

Дахл доштан ба ҷиноятро ҳамчунин Б.Т. Разгилдиев кирдори қасдонаи ба ҷамъият хавфноки бо қонунгузории ҷиноятӣ пешбинигардида, ки ба бартараф кардани таъсири ислоҳию меҳнатӣ ба шахсони содирнамудаи ҷиноят ё ба содир кардани ҷинояти ба таври аниқ маълум омодашаванда равона шудааст ва ба манфиатҳои бехатарии иҷтимоӣ дахолат мекунад[489] баҳо медиҳад. Мувофиқан, самти дахл доштан ба ҷиноят ҳамчун ба бартараф намудани таъсири ислоҳию меҳнатӣ равонашуда муайян мегардад.

Дахл доштан ба ҷиноят бинобар фаҳмиши умумиқабулшудаи вақти содир кардани ин кирдор танҳо то ба тасвиб расонидани қарори ниҳоӣ аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ содиршуда метавонад. Баъди қабули ҳуҷҷати мазкур дахл доштан ба ҷиноят аҳамияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии худро аз даст медиҳад. Аз ин лиҳоз, дахл доштан ба ҷиноят ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфнок, ки ба муқовимати ба ҷавобгарӣ кашидани шахси дар ҷинояти асосӣ гунаҳгор равона шудааст, баррасӣ шуда метавонад.

Дахл доштан ба ҷиноятро В.Г. Трифонов ҳамчун «рафтори қаблан ваъданашуда, қасдона, ба ҷамъият хавфнок, зиддиҳуқуқӣ, ки ба фаъолият оид ба пешгирӣ, монеа шудан ва ошкор намудани дигар кирдори ба ҷамъият хавфноки аз ҷониби каси дигар содиршуда ё содиршаванда монеъ мешавад, танҳо бо мавҷудият ва бинобар он имконпазир аст, аммо аз лиҳози сабаб ва гуноҳ содир намудани ин кирдор шарт намешавад»[490],

---

[488] Ниг.: Виттенберг Г.Б., Панченко П.Н. Прикосновенность к преступлению по советскому уголовному праву: Учебное пособие. – Иркутск: Изд-во Иркутского университета, 1976. – С. 11.

[489]Ниг.: Разгильдиев Б.Т. Уголовно-правовые проблемы прикосновенности к преступлению. – Саратов: 1981. – С. 44.

[490]Ниг.: Трифонов В.Г. Заранее не обещанное укрывательство преступлений и несообщение о них как виды прикосновенности к преступлению: Автореф. дис. ... канд. юрид. наук. СПб, 2000. – С. 9; Зарубин А.В. Уголовно-правовое регулирование прикосновенности к преступлению: Автореф. дис. ... канд. юрид.

муайян намудааст. Миёни хусусиятҳои асосии дахл доштан ба ҷиноят, ки аз ҷониби муаллиф номбар шудаанд, аломати ифодакунандаи самти кирдори шахси дахлдошта ба ҷиноятро махсусан қайд намудан лозим аст. Маҳз ҳамин аломат, ба ақидаи мо, кӯшиши инъикос намудани хосиятҳои мазмунии дахл доштан ба ҷиноят мебошад. Алоқаи байни ҷинояти асосӣ ва дахл доштан ба он ба воситаи ишора ба он, ки кирдори шахси дахлдошта ба ҷиноят «танҳо бо мавҷудият ва бинобар» ҷинояти асосӣ содир мешавад, ифода шудааст.

Дахл доштан ба ҷиноятро К.Н. Сережкина дар «маънои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ» ҳамчун «кирдорҳои (амал ё беамалӣ) қасдонаи ба ҷамъият хавфноки қаблан ваъданашудаи шахсони дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок надоштае, ки ба манфиатҳои ҳокимияти давлатӣ сӯиқасд менамоянд ва бо пинҳон доштани ҷинояти асосӣ аз адолати судӣ ё наандешидани чораҳо оид ба пешгирӣ намудани онҳо алоқамандан» муайян намудааст. Дар тафсир ба фарқгузории зуҳуроти муайяншаванда аз шарикӣ диққат ҷалб карда шудааст, самти кирдори шахси дахлдошта ба ҷиноят инъикос карда шудааст, аммо мутаассифона, мазмуни ин кирдорҳо ошкор карда нашудааст. Чунин аломатҳо, ба монанди қасдона, ба ҷамъият хавфнокӣ, сӯиқасд ба манфиатҳои ҳоқимияти давлатӣ барзиёд шуморидан мумкин аст. Ин аломатҳо хусусиятҳои дахл доштан ба ҷиноятро дар муқоиса бо дигар ҷиноятҳо инъикос намекунанд.

Бо хотимаи тадқиқоти мафҳуми дахл доштан ба ҷиноят якчанд хулоса баровардан мумкин аст.

Дар нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX дар илми ҳуқуқӣ ақида оид ба он, ки дахл доштан ба ҷиноят бо шарикӣ монанд нест, ба таври умумӣ эътироф гардид. Ақидаи мазкур бо чунин маҳакҳо, ба монанди, «гуногунсамтии иродаи» иштирокчиён ва шахсони дахлдошта ба ҷиноят; имконият, аммо на ҳатман мавҷуд будани алоқаи субъективии байни шахси дахлдошта ба ҷиноят ва иштирокчии ҷинояти асосӣ асоснок мегардид.

Дар давраҳои шӯравӣ ва муосир аксарияти мутлақи муҳаққиқон бо қайд намудани ҷудоии дахл доштан ба ҷиноят аз шарикӣ хулосаҳои худро бо мавҷуд набудани алоқаи сабабӣ асоснок менамоянд. Бояд байни кирдори шахси дахлдошта ба ҷиноят ва ҷинояти асосӣ алоқаи сабабӣ набошад, дар ҳолати акс, чунин кирдор ё шарикӣ, ё зараррасонии мустақилро ташкил медиҳал. Дар баъзе корҳо асоси фарқгузории дахл доштан ба ҷиноятро аз шарикӣ муаллифон алоқаи субъективии байни ашхосро меноманд. Камбудии маҳаки мазкур дар он аст, ки бе дақиқ намудани самти ирода мавҷуд набудани чунин алоқа аниқ аз набудани шарикӣ шаҳодат медиҳад, аммо на ҳама вақт мавҷудияти дахл доштан ба ҷиноятро тасдиқ менамояд. Баъзе аз олимон дахл доштан ба ҷиноятро аз шарикӣ бо самти иродаашон фарқ мегузоранд. Ба гуфтаи А.С. Жиряев, иродаи шарик ҳамавақт ба содир намудани ҷинояти асосӣ равона шудааст.

наук. – Тюмень, 2004. – С. 7; Уголовное право России. Словарь терминов и определений: учебно-методическое пособие /Зарубин А.В., Шеслер А.В. / Под ред. д.ю.н. проф. А.В. Шеслера. – Тюмень: ООО «РГ Проспект», 2006. – С. 20.

Дар навбати худ, иродаи шахси дахлдошта ба ҷиноят ба мусоидат ба иштирокчии ҷинояти асосӣ дар пинҳон доштани кирдори он равона шудааст (В.Г. Смирнов) ё ба монеъ шудан ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (В.Г. Трифонов).

Дар натиҷа, мо ба мафҳуми дахл доштан ба ҷиноят дохил намудани аломат ва сифатҳое, ки ба гурӯҳи муайяни кирдорҳо ҷудо намудан имкон намедиҳад, муқаррар намудем. Ҳамзамон, аломатҳои умумиэътирофгардидаи дахл доштан ба ҷиноят имкон медиҳад, онро аз дигар падидаҳои монанд ҷудо намоем. Умдан, бояд мафҳуми коркарднашударо, ҳамчун таркиби муҳими конструксияи назариявии дахл доштан ба ҷиноят қайд намоем. Дар натиҷа, конструксияи назариявӣ дар шароити муосир ба муқаррар намудани чаҳорчӯбаи конструксияи меъёрии ҳосилавӣ қодир нест.

19. Eriksson J., Norman L. Political Utilisation of Scholarly Ideas: the ‗Clash of Civilizations' vs. ‗Soft Power' in US Foreign Policy // Review of International Studies 37: – PP. 417-436.

**Books and materials in Russian language:**

1. Белова М.В. Гибкая власть как инструмент формирования позитивного имиджа // Социология. – 2008. – № 2. – С. 228-232.

2. Бжезинский Зб. Еще один шанс. Три президента и кризис американской сверхдержавы. – М.: Междунар. отношения, 2010.

3. Бжезинский Зб. Выбор: Мировое господство или глобальное лидерство. – М.: Международные отношения, 2004.

4. Бжезинский Зб. Великая шахматная доска. Господство Америки и геостратегические императивы. М.: Международные отношения, 1998.

5. Богатуров А.Д. Глобализация как «синдром поглощения» в международной политике // Богатуров А.Д., Косолапов Н.А., Хрусталев М.А. Очерки теории и политического анализа международных отношений. – М., 2002.

6. Боголюбова Н.М., Николаева Ю.В. Межкультурная коммуникация и международный культурный обмен. – СПб: СПбКО, 2009.

7. Бордачѐв Т. Новое евразийство. Как сделать сопряжение работающим [Электронный ресурс] // Россия в глобальной политике. - Режим доступа: http://www.globalaffairs.ru/number/Novoe-evraziistvo-17754 (дата обращения 29.12.2015).

8. Бочаров А.В. Потенциал soft power в политическом концепте «Русский мир»: предпосылки и перспективы исследований // Дискурс-Пи Выпуск № 2-3. Том 11. 2014. – С. 85-91.

9. Бояркина А.В.”Мягкая сила” как политический инструмент реализации внешней политики КНР на рубеже XX - XXI вв. : автореферат

дис. ... кандидата политических наук : 23.00.02 / Дальневост. федер. ун-т. - Владивосток, 2015.

10. Братерский М.В., Скриба А.С. Концепция «мягкой силы» во внешнеполитической стратегии США // Вестник международных организаций. – Т. 9. – № 2 (2014). – С.130-144.

11. Василенко И.А. Евразийская идея как фактор формирования имиджа современной России // Проблемный анализ и государственно-управленческое проектирование. Выпуск – № 6 (44) / том 8 / 2015. – С. 84-90.

12. Великая А. Вызовы гуманитарного сотрудничества России со странами СНГ // Журнал «Армия и общество». Выпуск № 2 (34). 2013.

13. Великая А. Публичная дипломатия как инструмент международного диалога [Электронный ресурс] // Международная жизнь. – Режим доступа: https://interaffairs.ru/jauthor/material/1440 (дата обращения 22.05.2016).

14. Владимирова А.В., Королев В.А., Трунина А.А. Лучшие практики и инструменты «мягкой силы». Страновой брендинг и его отражение в глобальных рейтингах «мягкой силы» // Вестник международных организаций. – Т. 9. – №2 (2014). – С. 209-228.

15. Восканян М.У. Евразийского Союза появляется своя “идеология” [Электронный ресурс] // Newscom. – Режим доступа: http://www.newscom.md/rus/u-evrazijskogo-soyuza-poyavlyaetsyasvoya-ideologiya.html (дата обращения 16.05.2016).

16. Гайнутдинова Л.А. Глобальное гражданское общество и демократизация системы глобального управления / Л.А. Гайнутдинова, Р.И. Гайнутдинов // Конфликтология. – 2010. – № 1. – С. 83-101.

17. Гулевич В. Евразийские ценности [Электронный ресурс] // Международная жизнь. – Режим доступа: https://interaffairs.ru/news/show/10292 (дата обращения 06.01.2016).

18. Гумилев Л.Н. Ритмы Евразии: Эпохи и цивилизации. –М., 2004.

# КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 12.00.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)

## ПРОБЛЕМАҲОИ МУКАМАЛГАРДОНИИ БАТАНЗИМДАРОРИИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ ҶУСТУҶӮӢ

**Давлатзода Комрон Давлат,**
дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 938231823
**E-mail:**Komron231823@gmail. com

**Роҳбари илмӣ:** Назаров А.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар раванди ба танзимдарории ҳуқуқии фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бисёр проблемаҳои амалӣ-назариявӣ ба миён омаданашон мумкин аст. Вобаста ба амалия ва назарияи ҳуқуқтатбиқнамоии проблемаҳои ба танзимдарории ҳуқуқии фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба гуруҳҳои муайян тақсим намудан мумкин аст:

1. Кормандони воҳидҳои мақомотҳои амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар раванди амали намудани чорабиниҳои оперативӣ ҷустуҷӯӣ вобаста ба набудани батанзимдарории ҳуқуқии бархе аз чорабиниҳои оперативӣ ҷустуҷӯӣ ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд.
2. Мушкилоти дигаре ки дар самти амали намуданӣ чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба миён меояд, ин воридсозии оперативӣ мебошад.
3. Проблемаи дигаре, ки дар раванди амали намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯи ба миён меоянд, ин маҳдудиятҳо барои гузаронидани эксперименти оперативӣ мебошад.
4. Дар раванди гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандро маҳдуд мекунанд, як қатор саволҳо ба миён омаданашон мумкин аст. Дар қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» муқарар карда шудаст, ки чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандро маҳдуд мекунанд танҳо бо иҷозати суд гузаронида шуданашон мумкин аст .
5. Дар амалияи ҳуқуқтатбиққуни дар раванди истифода намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мушкилиҳои зиёде аз нигоҳи қонунгузории амалкунанда ба миён омаданашон мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** Батанзимдарорӣ, ҳуқуқ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, кодекс, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, амалҳои тафтишӣ, парвандаи ҷиноятӣ, тафтиши пешакӣ, гирифтани иттилоот, воҳидҳои оперативӣ ҷустуҷӯӣ, гуш кардани сӯҳбатҳои телефони, воридсозии оперативӣ, эксперименти оперативӣ, амнияти ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ, ҷиноятҳои вазнин, ҳуқуқҳои конститутсионӣ, натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҷамъоврии далелҳо, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд.

## ПРОБЛЕМЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Давлатзода Комрон Давлат,**
доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета ТНУ, кандидат юридических наук
**Тел.:** (+992) 938231823
**E-mail:** Komron231823@gail.com

**Научный руководитель:** Назаров А.К., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В процессе правового регулирования оперативно-розыскной деятельности могут возникнуть множество практических и теоретических проблем. В соответствие с практикой и теорией правоприменения, проблемы правового регулирования оперативно-розыскной деятельности можно разделить на следующие группы:

1. Сотрудники подразделений органов оперативно-розыскной деятельности, сталкиваются с трудностями в ходе осуществления оперативно-розыскных мероприятий в связи с отсутствием правового регулирования некоторых оперативно-розыскных мероприятий.
2. Еще одной проблемой, возникающей при осуществлении оперативно-розыскной деятельности, является оперативное включение.
3. Следующей проблемой, возникающей в процессе проведения оперативно-розыскных мероприятий, считается ограничения на проведение оперативного эксперимента.
4. В ходе осуществления оперативно-розыскных мероприятий, ограничивающие конституционные права гражданина, могут возникнуть некоторые вопросы. Законом Республики Таджикистан «Об оперативно-розыскной деятельности» установлено, что оперативно-розыскные мероприятия, ограничивающие конституционные права гражданина, могут проводиться только с разрешения суда.

5. В правоприменительной практике в процессе использования результатов оперативно-розыскных мероприятий, могут возникнуть множество проблем с точки зрения действующего законодательства.

**Ключевые слова:** Регулирование, право, оперативно-розыскная деятельность, кодекс, оперативно-розыскные мероприятия, следственные действия, уголовное дело, предварительное расследование, получение информации, оперативно-розыскные подразделения, прослушивание телефонных переговоров, оперативное включение, оперативный эксперимент, общественная безопасность, здоровье населения, тяжкие преступления, конституционные права, результаты оперативно-розыскных мероприятий, собирание доказательств, следователь, прокурор, суд.

## PROBLEMS OF IMPROVEMENT OF LEGAL REGULATION OF OPERATIONAL SEARCH ACTIVITIES

**Davlatzoda Kjmron Davlat,-**
associate Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Activity of the Law Faculty of the Tajik National University, candidate of Legal Sciences
**Phone.:** (+992) 938231823
**E-mail:** Komron231823@gail.com

**Scientific adviser:** Nazarov A.K., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** In the process of legal regulation of operational-search activities, many practical and theoretical problems can be arising. In accordance with practice and theory of operational-search activity, the problems of legal regulation of operational-search activities can be divided into the following groups:

1. Employees of subdivisions of operational-search activities face difficulties in the course of implementation of operational-search activities due to the lack of legal regulation of some operational-search activities.

2. Another problem that arises in the implementation of operational-search activities is the operational inclusion.

3. The next problem that appears in the process of conducting operational-search activities is the restrictions on conducting an operational experiment.

4. During the implementation of operational-search measures that restrict the constitutional rights of a citizen, some questions may be arising. The Law of the Republic of Tajikistan «On operational-search activities» establishes that operational-search measures that restrict the constitutional rights of a citizen can be carried out only with the permission of the court.

5. In law enforcement practice, in the process of using the results of operational-search activities, many problems may arise from the point of view of the current legislation.

**Keywords:** Regulation, law, operational-search activity, code, operational-search measures, investigative conducts, criminal case, preliminary investigation, obtaining information, operational-search units, wiretapping, operational inclusion, operational experiment, public safety, public health, serious crimes, constitutional rights, results of operational-search measures, collection of evidence, investigator, prosecutor, court.

Мутобиқи сархати якуми моддаи 1 Қонуни Ҷуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – намуди фаъолиятест, ки ба таври ошкоро ё ғайриошкоро аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар доираи салоҳияти худ бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад»[558].

Ба ақидаи бархе аз олимон дар мафҳуми овардашуда норасогиҳо дар қонунгузорӣ дида мешавад[559]. Авалан ин, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ на танҳо аз ҷиноби корманди оперативӣ амали карда мешавад.

Мутобиқи сархати сеюми банди якуми моддаи 41 КМҶ ҶТ Сардори воҳиди таҳқиқ шахси мансабдор буда, тибқи муқаррароти Кодекси мазкур нисбат ба таҳқиқбарандагони тобеи худ ваколатҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалҳои тафтиширо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ гузарониданро дорост (Қонуни ҶТ аз 25.03.2011 № 692). Илова бар ин тибқи банди чоруми моддаи мазкур таҳқиқбаранда вазифадор аст, ки бо супориши сардори мақомоти таҳқиқ дар ҳолатҳои таъхирнопазир парвандаи ҷиноятиро, ки нисбат ба он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист, оғоз намуда, амалҳои тафтишии таъхирнопазир ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронад ва дар ин бора дар муҳлати на дертар аз 24 соат ба прокурор ва мақомоти пешбурди тафтишоти пешакӣ хабар диҳад (Қонуни ҶТ аз 25.03.2011 № 692)[560].

Пас аз ин бармеояд, ки таҳқиқбаранда ҳам ваколатҳои гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва ҳам ваколати гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯро доро аст.

Дуюм ин, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ на танҳо бар зидди ҷинояткорӣ равона карда шудааст, балки дар баъзе мавридҳо барои мушахас намудани шахсияти одамоне ки ба ҷинояткори алоқаманди надорад, равона карда шудааст. Масалан мутобиқи сархати шашуми моддаи 1 Қонуни Ҷуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» **ҷамъоварии маълумот** – гирифтани иттилооте, ки барои ҳалли

[558] http://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-оперативӣ–ҷустуҷӯӣ. (санаи муроҷиат: 25.02.2022).

[559] Агафонов Ю.А. Основы оперативно-розыскной деятельности Органов Внутренних Дел. –Краснодар 2007. – С. 41.

[560] https://majmilli.tj/кодекси-мурофиавии-ҷиноятии-ҷумҳури/ (санаи муроҷиат: 25.02.2022).

вазифаҳои мушаххаси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муҳиманд, тавассути фиристонидани дархост ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки чунин маълумотро дорад ё мумкин дошта бошад, ҳамчунин дастрас намудани он тавассути шиносшавии бевосита бо сарчашмаҳои моддии дахлдор, аз он ҷумла, аз манбаъҳои маълумоти оперативӣ, криминалистӣ ва дигар манбаъҳои маълумотии (баҳисобгирии) системаи иттилоотӣ ва аз дигар сарчашмаҳо[561]. Аз муқаррароти моддаи мазкур бар меояд, ки объекти гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамагуна ашхос новобаста аз содирнамудани ҷиноят баромад мекунад.

Дар раванди ба танзимдарории ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бисёр проблемаҳои амалӣ-назариявӣ ба миён омаданашон мумкин аст. Вобаста ба амалия ва назарияи ҳуқуқтатбиқнамоии проблемаҳои ба танзимдарории ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба гурӯҳҳои муайян тақсим намудан мумкин аст:

1) Кормандони воҳидҳои мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар раванди амали намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вобаста ба набудани батанзимдарории ҳуқуқии бархе аз чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Масалан, ҳангоми дархост равон кардан вобаста ба гирифтани маълумотнома аз шахсони ҳуқуқӣ. Мутобиқи сархати дуюм ва сеюми моддаи 140 КМҶ ҶТ – иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ шуда метавонанд, илова бар ин дар асоси қисми 2 моддаи 143 КМҶ ҶТ шахси мансабдори воситаи ахбори омма, ки иттилоотро дар бораи ҷиноят дарҷ ва 1 пахш кардааст, бо талаби шахси барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ваколатдор вазифадор аст, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва маводи дар ихтиѐраш будаи тасдиққунандаи иттилооти пахшшударо дастрас кунад, инчунин шахси пешниҳод кардаи ин маълумотро, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ин шахс онро бо шарти маҳфуз доштани манбаи иттилоот додааст, номбар кунад. Мутобиқи қисми 5 моддаи 145 КМҶ ҶТ қарор оид ба ариза ва иттилоот дар бораи ҷиноят бояд дар муҳлати на дертар аз се шабонарӯз аз лаҳзаи гирифтани ариза ва иттилоот қабул карда шавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ прокурор барои гирифтани нишондоди иловагии шахси аризадиҳанда, талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии ҷои ҳодиса ин муҳлатро то даҳ шабонарӯз дароз карда метавонад[562]. Аммо мутобиқи қисми 1 моддаи 18 Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» муроҷиатҳои ба мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳодшуда дар давоми сӣ рӯз ва муроҷиатҳое, ки омӯзишу таҳқиқи иловагиро талаб намекунанд, дар муҳлати понздаҳ рӯз аз рӯзи ба қайд гирифта шуданашон баррасӣ карда мешаванд. Дар асоси қисми 3 моддаи 21 қонуни мазкур

---

[561] http://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-оперативӣ–ҷустуҷӯӣ. (санаи муроҷиат: 25.02.2022).

[562] https://majmilli.tj/кодекси-мурофиавии-ҷиноятии-ҷумҳури/ (санаи муроҷиат: 25.02.2022).

муроҷиатҳое, ки нисбат ба қарори суд пешниҳод шудаанд, дар муҳлати се рӯз аз рӯзи ба қайд гирифта шудан ба муроҷиаткунанда, ки онро ирсол намудааст, бо тавзеҳ додани тартиби шикоят овардан нисбат ба қарори суд баргардонида мешаванд[563]. Аммо дар бораи қарори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» чизе гуфта нашудаст, пас аз ин бар меояд ки муроҷиати мақомотҳои амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тибқи муқаррароти умуми дар асоси қонуни мазкур бояд амали карда шавад. Новобаста аз оне, ки кодекси мурофиаи ҷинояти нисбат ба қонуни мазкур бартари дорад ва масъалаҳои тафтиш ва таҳқиқи ҷиноят бо кодекси мазкур мавриди танзим қарор мегирад, аммо дар ин ҷо мухолифти муҳлати ҷавоб ба муроҷиат мавҷуд мебошад.

Масоили дигаре, ки ҳамрадифи мушкилоти болозикршуда мебошад дар раванди амали намудани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба амал омаданашон мумкин аст. Ногуфта намонад, ки дар раванди гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва сабти онҳо тавассути воситаҳои техникӣ гирифтан ва сабт кардани иттилооти акустикии ба воситаи хати алоқаи телефонӣ ё иттилооти яктарафа интиқолшаванда бо мақсади дарёфти маълумот дар бораи фаъолияти ҷиноятии шахси таҳти омӯзиш қарордошта, ошкор намудани алоқаҳои ӯ ва дастрас намудани дигар маълумоте, ки барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат менамоянд, иловатан суҳбати нафари дуюм, ки ба кори ҷиноятӣ робита надоранд, бавосита гуш карда мешавад. Ин боис мешавад, ки ҳуқуқи озодиҳои конститутсионии нафари дуюм поймолкарда шавад. Яъне, иҷозатномаи судӣ танҳо барои гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва сабти онҳо нисбати шахсияти гумонбар гирифта мешавад, аммо дар раванди гуш кардани гуфтугуҳои телефони суҳбати нафароне сабт ва гуш карда мешаванд, ки умуман ба кор робита надоранд. Аз ин саволе ба миён меояд, ки оё барои гуш кардани гуфтугӯҳои телефонии нафарони дуюм ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти ҳуқуқӣ надорад иҷозатномаи судӣ лозим нест?[564]

Дар ҳолати гуш кардани сӯҳбатҳои телефони бо нафари дуюм, ки гумонбар бо ӯ дар бораи тайёри ба ҷиноят сӯҳбат мекунад, оё аз нигоҳи мурофиавӣ ин маълумоти ба дастомада ба сифати далели ҷиноят баромад карда метавонад ё не? Яъне маълумоте, ки нисбати шахси дуюм гирифта шудааст, бе иҷозатномаи судӣ амали карда шудааст, чунки дар иҷозатномаи судӣ танҳо гуш кардани сӯҳбатҳои телефонии гумонбар пешбини карда шудасту тамом. Яъне, чунин мушкилотҳои қонунгузории

---

[563] http://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-оперативӣ–ҷустуҷӯӣ. (санаи муроҷиат: 25.02.2022).

[564] Козловский, И.А. Каталог оперативно-розыскных мероприятий методы их реализации // Молодой ученый. — 2019. — №23. — С. 761-763.

мурофиавӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нисбати амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба миён омаданашон мумкин аст[565].

2) Мушкилоти дигаре, ки дар самти амали намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯи ба миён меояд, ин воридсозии оперативӣ мебошад, яъне ба муҳити ҷиноятӣ ворид намудани корманди мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ё шахсе, ки барои ҳалли вазифаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таври махфиёна ба ӯ мусоидат мекунад[566]. Корманди мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ё шахсе, ки барои ҳалли вазифаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таври махфиёна ба ӯ мусоидат мекунад бо мақсади ба боварии гурӯҳи ҷиноятӣ даромадан сохтакорона ягон кирдори ҷиноятиро ё ҳадиақал ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содир кунад. Илова бар ин дар раванди воридсозии оперативӣ аз тарафи шахси воридкардашуда дар давраи шомили гурӯҳи ҷинояитӣ буданаш эҳтимол ягон ҷиноят ва ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир гардад. Аммо, ин фаъолият дар Кодекси ҷиноятии ҶТ дар боби 8 ҳалатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд пешбинӣ нашудаанд. Албатта, дар мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ санадҳои меъёрие мавҷуданд, ки раванди ин чорабиниро ба танзим медароранд ва ҳамчунин истисно кардани ҷиноят будани кирдорро низ ба танзим медароранд. Вале мутобиқи моддаи 4 Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибати дигари ҳуқуқии ҷиноӣ будани онро танҳо Кодекси ҷиноятӣ муайн мекунад. Аз ин бар меояд, ки ин проблема низ дар қонунгузории ҶТ ҳали худро наёфтааст[567].

3) Проблемаи дигаре, ки дар раванди амали намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯи ба миён меоянд, ин маҳдудиятҳо барои гузаронидани эксперименти оперативӣ мебошад. Мутобиқи сархати 20 моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи фъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» эксперименти оперативӣ – ташкил намудани муҳити сунъии ҳарчи бештар ба воқеият наздик бо мақсади ба вуқӯъ овардани воқеаи муайян ё айнан такрор кардани воқеа ё гузаронидани озмоиши муайян дар шароитҳои пурра идорашаванда ва таҳти назоратбарии мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, бо ҷалб намудани шахсе, ки дар бораи фаъолияти зиддиҳуқуқиаш маълумот мавҷуд аст, бе хабардор намудани ӯ ҷиҳати иштирок дар эксперименти оперативӣ бо мақсади тасдиқи содир намудани ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ аз ҷониби ин шахс ва ҳамчунин огоҳкунӣ, ошкорнамоӣ, пешгирӣ ва кушодани ҷиноят ба муқобили моликият,

[565] Доля Е.А. Использование в доказывании результатов оперативно- розыскной деятельности. – М., 1996. – С. 35-64., Доля Е.А. Формирование доказательств на основе результатов оперативно розыскной деятельности: Монография. – М., 2009. – С.34.

[566] Введенский А.Ю. Законодательное закрепление новых оперативно-розыскных мероприятий – не необходимость, а реальность, продиктованная практикой / А. Ю. Введенский // Рос. следователь. — 2019. – № 5. – С. 46-49.

[567] https://majmilli.tj/кодекси-ҷиноятии-ҷумҳури/ (санаи муроҷиат: 25.02.2022).

тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, ҷиноятҳои вазнин, махсусан вазнин ё ҷиноятҳое, ки метавонанд ба амнияти миллӣ зарар расонанд»[568]. Аз муқаррароти моддаи мазкур бар меояд, ки ин чорабинӣ танҳо нисбати гурӯҳи маҳдуди ҷиноятҳо гузаронида шуданаш мумкин аст:

- ҷиноят ба муқобили моликият ва фаъолияти иқтисодӣ;
- амнияти ҷамъиятӣ;
- саломатии аҳолӣ;
- ҷиноятҳои вазнин, махсусан вазнин;
- ҷиноятҳое, ки метавонанд ба амнияти миллӣ.

Пеш аз ҳама бояд зикр кард, ки дар раванди коркарди оперативӣ бисёр мушкили аст, объекти хелии ҷиноят ва тобеияти кирдори ба ҷамъият хавфнокро ба ин ё он гурӯҳи ҷиноятҳо муқарар намуд. Баъдан чунин маҳдуднамои боис мегардад, ки экспереметни оперативӣ нисбати дигар намуди ҷиноятҳо гузаронида нашавад[569]. Чунки дар ҳоли гузаронидани экспереметни оперативӣ нисбати дагар гурӯҳи ҷиноятҳое, ки дар муқаррароти модда мавҷуд нестанд, натиҷаҳои онҳо дар асоси моддаи 84 КМҶ ҶТ қабул карда намешаванд. Аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки ин маҳдудият барои гузаронидани экспереметни оперативӣ аз Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолиятиӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» бардошта шавад.

4) Дар раванди гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандро маҳдуд мекунанд, як қатор саволҳо ба миён омаданашон мумкин аст. Дар қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» муқарар карда шудаст, ки чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандро маҳдуд мекунанд танҳо бо иҷозати суд гузаронида шуданашон мумкин аст[570].

Дар асоси қисми 2 моддаи 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, ҳамчунин ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро маҳдуд мекунанд, тибқи қарори асосноки мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дархости прокурори ваколатдор ва иҷозати судяи ба он ваколатдодашуда роҳ дода мешавад. (ҚҶТ 26.07.14, № 1090). Инчунин дар асоси қисми 1 моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» баррасии мавод дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои

[568] http://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-оперативӣ–ҷустуҷӯӣ. (санаи муроҷиат: 25.02.2022).

[569] Брэйди, Н. Использование результатов оперативно-розыскных мероприятий в уголовном процессе в свете решений ЕСПЧ по жалобам в отношении РФ // Журнал конституционного правосудия. 2019. № 5.

[570] http://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-оперативӣ–ҷустуҷӯӣ. (санаи муроҷиат: 25.02.2022).

телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигар, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, дахлнопазирии манзил ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби прокурори ваколатдор, судяи ба он ваколатдодашуда, чун қоида, дар ҷои гузаронидани чунин чорабиниҳо ё дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоте, ки гузаронидани онҳоро дархост намудааст, сурат мегирад. Маводи номбурдаро прокурори ваколатдор, судя бе иштироки котиб, шахсан ва фавран баррасӣ менамоянд. Прокурори ваколатдор судяи ба он ваколатдодашуда ҳуқуқ надоранд, ки баррасии чунин маводро дар ҳолати пешниҳод гардидан рад намоянд. (ҚҶТ 26.07.14, № 1090). Мутобиқан ба қисми 3 моддаи 8 қонуни мазкур дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ки мумкин аст боиси содир шудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин гарданд, ҳамчунин дар мавриди мавҷуд будани маълумот дар бораи ҳодисаҳо ё ҳаракатҳое (беҳаракатие), ки ба амнияти ҷамъиятӣ, давлатӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ё экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунанд, дар асоси қарори тасдиқнамудаи яке аз роҳбарони мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур бо ҳатман ба таври хаттӣ хабардор намудани прокурори ваколатдор ва судяи дахлдор дар давоми 24 соат иҷозат дода мешавад. Дар давоми 48 соат аз лаҳзаи оғози гузаронидани чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мақомоти амаликунандаи он уҳдадор аст дар бораи гузаронидани чунин чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо тартиби дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинигардида қарори судяи ба он ваколатдодашударо гирад ё гузаронидани онро қатъ намояд. (ҚҶТ 26.07.14, № 1090)[571]. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки дар раванди таъхирнопазири гузаронидани чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ агар корманди амаликунандаи оперативӣ чорабиниро гузаронад ва пас аз он рӯзҳои истироҳатӣ ва ё рӯзҳои идҳо пешбини шавад, чигуна ӯ дар муҳлати муқараркардаи қонун, яъне дар муҳлати 24 соат ба прокурори вакалатдор ва судияи дахлдор хабарнома мефиристад. Албата ин пробелҳои қонунгузорӣ ба мушкилиҳо ва вайроншавии қонунгузорӣ оварда мерасонад. Амалияи судӣ нишон медиҳад, ки дар низоми судҳои ҶТ ҳолати навбатдории судяҳо пешбини карда шудаанд, аммо дар ин ҷо боз суоле ба миён меояд, ки оё он судяе, ки дар навбатдори мебошад, ба сифати судяи дахлдор баромад карда метавонад ва ин раванд мутобиқи ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровaрда шудааст?. Албате не. Фикр мекунам ки дар чунин ҳолатҳо шубҳа дар бораи қонунан ҷамъовари намудани далелҳо ба миён меояд.

---

571 http://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-оперативӣ–ҷустуҷӯӣ. (санаи муроҷиат: 25.02.2022).

Дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар раванди истифода намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мушкилиҳои зиёде аз нигоҳи қонунгузории амалкунанда ба миён омаданашон мумкин аст[572].

Дар КМҶ ҶТ танҳо як меъёри алоҳида нисбати истифода намудани натиҷаҳои фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешбини шудаасту халос. Дар моддаи 84 КМҶ ҶТ оварда шудааст, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии ба даст овардашуда ба шарте далел эътироф карда мешаванд, ки бо риояи муқаррароти Кодекси мазкур ҷамъоварӣ шуда бошанд.

Дар фасли 3 далелҳо ва исбот, боби 9 далелҳо ва боби 10 исбот, ки тартиби ҷамъоварии далелҳоро ба танзим медарорад, атрофи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дигар чизе гуфта нашудааст. Масоили истифода намудани натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ яке аз проблемаҳои мубрам ба ҳисоб меравад, на дар мурофиаи ҷиноятӣ ва на дар амалияи тафтишӣ ақидаи ягона оид ба истифода намудани натиҷаҳои ФОҶ мавҷуд нест.

Дар илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тарзҳои гуногуни ҳалли ин масъала пешниҳод шудааст, масалан, ба ақидаи В.В. Черновол мумкин аст, натиҷаҳои ФОҶ-ро бевосита ба сифати далел истифода бурд[573]. Чунин ақидаро В. Бозров низ ҷонибдорӣ мекунад[574].

Олими дигари рус Е.А. Доля чунин мешуморад, ки натиҷаҳои ФОҶ-ро имконияти ба вуҷуд омадани далелҳо дар асоси натиҷаҳои ФОҶ истифода намудан мумкин аст[575].

Пеш аз ҳама, бояд мутаносибияти байни натиҷаи ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятии судиро муайян созем. Фарқияти натиҷаҳои ФОҶ аз далелҳо ба ақидаи Е.А. Доля дар табиати ҳуқуқии онҳо инъикос мешавад[576].

Ин ақидаро дастгирӣ кардан мумкин аст, чунки натиҷаҳои ФОҶ бо м. 72 КМҶ ҶТ мутобиқат намекунанд. Илова бар ин, дар м. 84 баръакси ҳол гуфта шудааст. Агар дар м. 72 субъектони ҷамъоварикунандаи далел ба суд, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вобаста бошад, пас дар м. 84 иловатан бо шартҳои муайяне натиҷаҳои ФОҶ-ро ҳамчун далел мешуморанд. Ҳамчунон зикр кардан бамаврид аст, ки дар м. 86 КМҶ ҶТ «Ҷамъ овардани далел» оид ба тарзи ҷамъоварии натиҷаҳои ФОҶ ҳамчун далели ҷиноятӣ чизе гуфта нашудааст. Тибқи қ. 2 сархати 3 м. 86 КМҶ ҶТ таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, инчунин суд ҳуқуқ доранд, аз мақомоте, ки ФОҶ-ро анҷом додааст, пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ва ашёи барои парванда аҳаммиятдоштаро талаб намоянд[577].

---

572 https://majmilli.tj/кодекси-мурофиавии-ҷиноятии-ҷумҳури/ (санаи муроҷиат: 25.02.2022).

573 Черновол В.В. Использование результатов ОРД при расследовании нарушений авторских и смежных прав// Законность, – № 3. – М., 2001.

574 Бозров В. Результатам оперативно- розыскной деятельности статус доказательств в уголовном процессе// Рос.юстиция, – № 4, 2004. – С. 46-48.

575 Доля Е.А. Использование в доказывании результатов оперативно- розыскной деятельности. - М., 1996. – С. 35-64., Доля Е. Правовое значение результатов гласных оперативно-розыскных мероприятий для уголовного дела и реформы уголовного процесса // Законность. — 2018. — № 4. — С. 16-22.

576 Доля Е. Правовое значение результатов гласных оперативно-розыскных мероприятий для уголовного дела и реформы уголовного процесса // Законность. — 2018. — № 4. — С. 16-22.

577 https://majmilli.tj/кодекси-мурофиавии-ҷиноятии-ҷумҳури/ (санаи муроҷиат: 25.02.2022).

Аз ин бармеояд, ки пас аз гирифтани ҳуҷҷатҳо ва ашёҳое, ки барои парванда аҳаммият доранд ва дар шакли мурофиавӣ дарҷ кардани онҳо аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд пас аз ин натиҷаҳои ФОҶ-ро ҳамчун далели ҷиноят эътироф кардан мумкин аст[578].

Моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» пешбинӣ менамояд, ки «Натиҷаҳои ФОҶ мумкин аст ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ хизмат намоянд», аммо м. 140 КМҶ ҶТ инро пешбинӣ намекунад. Масалан асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро барои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷиҳати ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, ошкор ва муайян намудани шахсони тайёркунанда, содиркунанда ё содиркардаи онҳо, ҳамчунин барои ҷустуҷӯи шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳоншуда, аз адои ҷазо саркашинамуда, бедарак гумшуда ва муайян намудани молу мулки мусодирашаванда истифода бурдан мумкин аст. Пас аз ин бар меояд, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба сифати оғози парвандаи ҷиноятӣ баромад мекунад[579].

Мавҷуд набудани меъёри муайянкунандаи мавқеи мурофиавии кормандони амаликунандаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар КМҶ ҶТ боис мешавад, ки натиҷаҳое, ки аз тарафи кормандони амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои тафтишот пешниҳод карда мешаванд шубҳаовар мемонанд, чунки дар раванди тафтиши пешакӣ ҳамчун далел пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустҷӯи дар доираи КМҶ ҶТ танзими меъёрӣ-ҳуқуқии худро наёфтаанд. Аз ин лиҳоз, дар КМҶ ҶТ муқаррар намудани мавқеъи мурофиавии корманди амаликунандаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имконият медиҳад, ки бисёр аз мушкилотҳо оид ба истифода намудани натиҷаҳои фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯиро аз байн барад. Илова бар ин талаботи моддаи 86 КМҶ ҶТ ба моддаи 84 КМҶ ҶТ ва Қонуни ҶТ Дар бораи фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» мухолифат мекунад. Тибқи моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аксарияти чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ҷамъоварии маълумотҳо ва далелҳои ҷиноят равона гаштаанд, дар моддаи 84 КМҶ ҶТ натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардошти тибқи талаботҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҷамъовари карданашон ба сифати далели ҷиноят пешбинӣ карда шудаанд, вале аз чӣ бошад, ки дар моддаи 86 КМҶ ҶТ ба сифати субъектони ҷамъоварии далелҳо танҳо таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ва ҳатто тибқи қисмати сеюми моддаи мазкур ҳимоятгар

---

578 Болдырев А.Н. Некоторые вопросы использования видеозаписи органами внутренних дел при проведении оперативно-розыскных мероприятий в современных условиях // Рос. следователь. — 2018. — № 10. — С. 27-29.

579 Бобровничий И.Н. Некоторые проблемы оперативного эксперимента при осуществлении оперативно-розыскной деятельности // Актуальные вопросы оперативно-розыскной деятельности органов внутренних дел: сб. материалов Всерос. науч.-практ. конф. (Омск, 10 нояб. 2015 г.). — Омск, 2019. — С. 107-115.

пешбини шудаанд, аммо нисбати корманди оперативӣ, ки бо номи ваколатдори оперативӣ маъмул аст, чизе гуфта нашудааст.

**Хулоса ва пешниҳодҳо:**

1. Ба мақсад мувофиқ аст, ки агар дар қонунгузори мурофиави ҷиноятии ҶТ мавқеъи шахсони амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро муайан кард.
2. Дар КМҶ ҶТ бояд фарқият байни таҳқиқбаранадаи ибтидоӣ ва ваколатдори оперативӣ муайан карда шавад.

**Адабиёт:**


1. http://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-оперативӣ–ҷустуҷӯӣ. (санаи муроҷиат: 25.02.2022).
2. https://majmilli.tj/кодекси-мурофиавии-ҷиноятии-ҷумҳури/ (санаи муроҷиат: 25.02.2022).
3. https://majmilli.tj/кодекси-ҷиноятии-ҷумҳури/(санаи муроҷиат: 25.02.2022).
4. https://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/onun-dar-borai-muro-iat-oi-shahsoni-u-u-va-vo-e-bo-telefon-muro-iat-namudanro-imkoniyat-medi-ad/ (санаи муроҷиат: 25.02.2022).
5. Агафонов Ю.А. Основы оперативно-розыскной деятельности Органов Внутренних Дел. – Краснодар 2007. – С. 41.
6. Бобровничий И.Н. Некоторые проблемы оперативного эксперимента при осуществлении оперативно-розыскной деятельности // Актуальные вопросы оперативно-розыскной деятельности органов внутренних дел: сб. материалов Всерос. науч.-практ. конф. (Омск, 10 нояб. 2015 г.). — Омск, 2019. — С. 107-115.
7. Бозров В. Результатам оперативно- розыскной деятельности статус доказательств в уголовном процессе // Рос.юстиция, – № 4, 2004. – С. 46-48.
8. Болдырев А.Н. Некоторые вопросы использования видеозаписи органами внутренних дел при проведении оперативно-розыскных мероприятий в современных условиях // Рос. следователь. — 2018. — № 10. — С. 27-29.
9. Брэйди Н. Использование результатов оперативно-розыскных мероприятий в уголовном процессе в свете решений ЕСПЧ по жалобам в отношении РФ // Журнал конституционного правосудия. 2019. – № 5.
10. Введенский А.Ю. Законодательное закрепление новых оперативно-розыскных мероприятий – не необходимость, а реальность, продиктованная практикой // Рос. следователь. — 2019. — № 5. — С. 46- 49.
11. Доля Е.А. Использование в доказывании результатов оперативно-розыскной деятельности. – М., 1996. – С. 35-64.
12. Доля Е.А. Результатам оперативно- розыскной деятельности нельзя придавать статус доказательств в уголовном процессе // Рос. юстиция, – № 6, 2007. – С. 39.

13. Доля Е.А. Формирование доказательств на основе результатов оперативно розыскной деятельности: – Монография. – М., 2009. – С. 34.
14. Доля Е. Правовое значение результатов гласных оперативно-розыскных мероприятий для уголовного дела и реформы уголовного процесса // Законность. — 2018. — № 4. — С. 16-22.
15. Козловский И.А. Каталог оперативно-розыскных мероприятий методы их реализации // Молодой ученый. — 2019. — №23. — С. 761-763.
16. Черновол В.В. Использование результатов ОРД при расследовании нарушений авторских и смежных прав// Законность, № 3. - М., 2001.

**Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд**

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, Times New Roman Tj, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);
4) ихтисоси илмӣ (рамз) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
5) насаб, ном ва номи падари роҳбари илмии муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
6) тақриз;
7) насаб, ном ва номи падари муқарризи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
8) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);
9) калидвожаҳо (панҷ-ҳафт калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
10) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд, масалан: Ҳамчуноне ки аз ҷониби Ф.М. Шоев ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…»[1].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Ҳаққи қалам барои чопи мақола пардохт намешавад. Аспирантон барои чопи ройгони мақола ҳуқуқ доранд. Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

• таҷдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба таҷдид ва нашр);
• паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу ухдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад. Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйиротҳои вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ). Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи маҷалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

## Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) рецензия;

2) аннотации на русском и английском языках (до 500 знаков каждая, включая пробелы, точки и запятые);

3) ключевые слова (пять – семь основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на русском и английском языках;

4) перевод на английский язык названия статьи;

5) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества автора статьи;

6) электронный адрес автора;

7) указывается научная специальность (код);

8) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества научного руководителя автора статьи;

9) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества рецензента статьи.

10) Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: Как указано Ф.М. Шоевым, «данный эффект проявляется при …»[1].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

• воспроизведение статьи (право на воспроизведение);

• распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных. Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

Ба матбаа 30.09.2022 супорида шуд.
Ба чопаш 05.10.2022 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 35.
Супориши №17. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе кӯчаи Лоҳутӣ, 2.